НИЗОМИИ
ГАНҶАВӢ

# КУЛЛИЁТ

НИЗОМИИ
ГАНҶАВӢ

# КУЛЛИЁТ

ДАР ПАНҶ ҶИЛД

ДУШАНБЕ,
НАШРИЕТИ «ИРФОН»,
1984

НИЗОМИИ
ГАНҶАВӢ

# КУЛЛИЁТ

ҶИЛДИ ПАНҶУМ

## ИҚБОЛНОМА
## МАХЗАН-УЛ-АСРОР
## ДЕВОНИ АШЪОР

ДУШАНБЕ,
НАШРИЕТИ «ИРФОН»,
1984

С (Озар) 1
Н-58

Мураттибони матн | *Баҳром Сирус* |
ва *Ҷобулқо Додалишоев*

Муҳаррири масъул *Аълохон Афсаҳзод*

КИ… НА
ДДОТ Бк … С. АЙНИ
Амвол №

**Низомии Ганҷавӣ**

Н-58 Куллиёт: Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди V. Иқболнома, Махзан-ул-асрор, Девони ашъор. (Мураттибони матн Баҳром Сирус ва Ҷобулқо Додалишоев).— Душанбе: Ирфон, 1984.

480 сах.

**Дар ҷилди панҷуми «Куллиёт» нахустин достони «Хамса» — «Махзан-ул-асрор», қисми дуввуми достони «Искандарнома» —«Иқболнома» ва «Девони ашъор»-и шоири мумтоз гирд оварда шудааст.**

**Низами Ганджави**

Собрание сочинение в пяти томах, том V.

Н $\frac{70403-210}{М\ 501(13)-84}$ — 102 — 84 **С(Озар)1**

© Нашриёти «Ирфон», 1984.

# АНДЕШАҲОИ ҲАКИМОНАИ СУХАНВАР

Ҷилди панҷуми «Қуллиёт»-и Низомии Ганҷавӣ аз ҷилдҳои пешин фарқ дорад. Дар чаҳор ҷилди аввал ҳар як достон як ҷилдро ташкил мекард. Дар ин ҷилд бошад, достонҳои аввалину охирини «Хамса» ва девони шоир ҷой дода шудааст. Хонандаи ин ҷилд ҳам бо эҷодиёти замони ҷавонии пуршӯр ҳам бо офаридаи даврони солории ҳакимона ва инчунин девони шоир, ки ин давраҳоро бо ҳам пайваст мегардонад, шинос шуда, рушди маънавӣ ва камолоти эҷодии суханвари бузурги Ганҷаро мушоҳида намуда, хоҳад фаҳмид, ки Низомӣ ҳамеша шоири тавоно ва инсондӯсти беҳамто будааст.

«Махзан-ул-асрор» аввалин достони «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ буда, 24 рабеъулаввали санаи 572 ҳиҷрӣ, яъне 30 сентябри соли 1176 суруда шудааст ва байтҳои охири достон санаи аниқи таълифи асарро ба таври возеҳ нишон медиҳанд:

Буд ҳақиқат зи шумори дуруст,  
Бисту чаҳорум зи рабеи нахуст.  
Аз гаҳи ҳиҷрат шуда то ин замон  
Пансаду ҳафтоду ду афзун бар он.

Достонро шоир ба ҳокими Арзанҷон малик Фахруддин Баҳромшоҳ ибни Довуд навишта будааст. Ин маъниро аз абёти зер метавон дарёфт:

Шоҳи фалактоҷи сулаймоннишин,
Мафхари офоқ — малик Фахруддин,
Якдилаи шашҷиҳату ҳафтгоҳ,
Нуқтаи нӯҳдоира — Баҳромшоҳ.
Хоскуни мулки ҷаҳон бар умум
Ҳам малики Армaну ҳам шоҳи Рум.

«Махзан-ул-асрор» асари ахлоқӣ ва фалсафӣ буда дар пайравии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноии Ғазнавӣ навишта шудааст. Ҳаҷми достон аз 2264 байт иборат аст.

«Махзан-ул-асрор» сюжети муайян надорад. Аз ҳамин сабаб Низомӣ онро ба 20 боб тақсим намуда, ҳар бобро «мақола» меномад. Бобҳо ба масъалаҳои офариниши олам, ситоиши сухан, ҳақиқати ҳастӣ, ишқ, адолат, усули мамлакатдорӣ, муносибати фард ва ҷомеа, раиятпарварӣ, некӣ, саховат, сабр, одамият ва амсоли инҳо бахшида шудаанд.

Ба замимаи панҷ достони «Хамса» Низомии Ганҷавӣ девони ашъореро ҳам аз худ боқӣ гузоштааст, ки нусхаи хаттӣ ва чопии он дар китобхонаҳои ҷаҳон барҷо ва маҳфузанд. Вале ягонтаи он шакли мураттабкардаи худи Низомиро надорад. Онҳо дар асрҳои охир сурати мавҷударо гирифтаанд. Аммо дар бораи девони ашъори мураттаб доштани Низомӣ шакку шубҳае буда наметавонад. Зеро худи шоир дар достони «Хусрав ва Ширин» ҳангоми тасвири маҷлиси ботантанаи ҳукмрони давр Қизил Арслон чунин хабар медиҳад:

Ғазалҳои Низомиро ғизолон
Зада бар захмаҳои чанг нолон.

Ҳамчунин ӯ дар маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун» дар васфи ҳоли худ мегӯяд:

Рӯзе ба муборакиву шодӣ
Будам ба нишоти кайқубодӣ.
Абрӯи ҳилолият кушода,
Девони Низомиям ниҳода.

Аз ин далелу санадҳо маълум мегардад, ки Низомӣ ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ ба офаридани ғазал, қасида, рубоӣ ва қитъа машғул шуда, дар солҳои 70 ва 80 асри XII девони ӯ омода ва машҳур будааст. Далели дигар ин, ки тамоми тазкираҳои мутақаддимин ва мутааххирин аз хусуси девони ашъор доштани Низомӣ ахбороти муҳимме дарҷ карда, аз он намунаҳое ҳам овардаанд. Лекин таҳлили маълумотҳои доир ба девони Низомӣ овардаи тазкираҳо ва маъхазҳои дигари адабиву таърихӣ, ки аксар ҳамдигарро такрор ва иқтибос кардаанд, нишон медиҳад, ки ҳеҷ кадоми муаллифони онҳо девони Низомиро дар ихтиёри худ надошта, ҳар кас аз рӯи қиёси ақида шиносномае навиштаанд. Яқинан девони пурраи Низомӣ бо сабабҳои ба мо номаълум аз байн рафта, дар асри XVII девони пурраи Низомӣ вуҷуд надоштааст ва ашъори парокандаи лирикии ӯ ба таври пароканда дар маҷмӯаҳо ва сафинаву ҷунгҳо ва маъхазҳои адабиву таърихии дигар мавҷуд будааст. Маҳз дар асри XVII аҳли адаби давр дар Эрону Ҳиндустон дар асоси маъхазҳои адабӣ ва баёзу маҷмӯаҳои мухталиф девони ашъори шоир аз сари нав мураттаб мегардад. Ваҳиди Дастгардӣ, ки аввалин ношири девони ашъори Низомӣ дар асри XX буд, дар ин бора чунин менависад: «Бо ҳамаи кӯшиш ва кунҷковиҳои чандинсола оқибат девони қасида ва ғазали Низомӣ маро ба даст наёмад».

Ваҳиди Дастғардӣ ҳангоми тартиб додани девони ашъори Низомӣ аз тамоми маъхазҳо ва маҷмӯаҳои ашъори то асри XVII (яъне то вақти тартиб ёфтани девони Низомӣ) китобатшуда ва 8 нусхаи девон, ки дар асри XVII ва баъд аз он тадвин ва китобат шудаанд, истифода намуда, дар хусуси ҳусну қубҳи онҳо чунин менависад: «Акси се нусхаи девони Низомӣ аз Берлин ва Лондон ва саводи чаҳор нусха аз Ҳиндустон ва як нусха аз Табрез инак моро дар даст аст, вале ҳеҷ кадом девони ҳақиқии Низомӣ нест ва тамоми ин нусхаҳо як маъхаз дошта ва бар тибқи истифодате, ки аз ин нусхаи Табрезӣ ҳосил шуда, маълум гардид, ки як Ни-

зомии Табрезӣ ҳам вуҷуд дошта, ки мехостааст ба равиши Низомӣ шеър бигӯяд ва девоне ҳам дошт. Шоире ҳам ба номи Низомии Астарободӣ вуҷуд дошта ва маъруф аст. Низомиҳои дигар ҳам дар асри Сафавия будаанд ва Ҳоқонии Маҳаллотӣ дар асри Қоҷория ашъори инонро ба номи Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар дафтаре ҷамъоварӣ карда бо миқдоре аз ашъори маъруфи Низомӣ. Ва аз ин дафтари харобу иштибоҳ чандин нусха нигошта ва дар китобхонаҳои Ҳиндустону Аврупо ба номи Ҳаким Низомии Ганҷавӣ забт шудааст». Аз ин хусус Ваҳиди Дастгардӣ дар натиҷаи мутолиа ва мушоҳидаҳои зиёд, ашъори сараи Низомиро мувофиқи завқу салиқаи хеш аз ин девонҳо ҷудо карда, девони ашъори Ҳаким Низомии Ганҷавиро соли 1318 х./1940 дар Теҳрон ба чоп расонид, таркиби зайлро дорад: Бахши аввал: «Қасида ва ғазалҳои мусалламӣ Низомӣ», бахши дуввум; «Ашъори машкук», бахши саввум; «Ашъоре, ки мусаллам аз Низомиҳои асри Сафавия аст».

Аз рӯи ин тақсимот ашъори Низомӣ дар ин китоб 5 қасида (228 байт), 55 ғазал, 2 қитъа, 9 рубоиро ташкил медиҳад. 29 ғазали ин нашр бо номи «Ашъори машкук», яъне шеърҳое, ки мансубияташон ба Низомӣ шубҳаовар аст, забт шудаанд. Ин ашъор қисман ба Низомии Ганҷавӣ ва қисман ба шоирони пеш ва баъди Низомӣ, аз қабили Лабибӣ, Заҳири Форьёбӣ, Низории Кӯҳистонӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳумоми Табрезӣ, Шайх Ироқӣ ва дигарон тааллуқ дошта, дар девони онҳо низ сабт гардидаанд. 7 қасида, 46 ғазал, 6 қитъа ва 33 рубоии дигари ин чоп ба номи шоироне, ки дар асри Сафавия ба тахаллуси Низомӣ шеър гуфтаанд, оварда шудаанд.

Баъди бист соли Ваҳиди Дастгардӣ олими маъруфи Эрон марҳум Саъиди Нафисӣ аз рӯи нусхаҳои мавҷудаи хаттӣ ва чопӣ девони Низомиро дуюмбора соли 1338 хуршедӣ (1960) дар Теҳрон ба табъ расонид, ки 192 ғазал, як қитъа, 15 байти пароканда, 68 рубоӣ ва 16 қасидаро шомил аст. Саъиди Нафисӣ дар муқаддимаи чопи мазкури девони Низомӣ

менависад: «Вай (Вахиди Дастгардӣ — Ҷ. Д.) дар интишори ашъоре, ки дар ин нусхахо ёфта, коре пеш гирифтааст, ки ман дуруст намедонам, бад-он маънӣ, ки ашъорро ба писанди худ ба се қисмат карда...» ва илова мекунад, ки ин тақсимот аз он ҷиҳат нодуруст аст, ки ҳамаи ашъор чи хубу чи бад бо хам дар нусхахо омадааст. Ҳамчунин, андешаи Вахиди Дастгардиро, ки дар нисбати баъзе аз он ашъор ба Низомӣ шакку шубҳа карда, онхоро ба Низомиҳои давраи Сафавия нисбат додааст, низ ботил донистa, аксарияти он ашъорро, ки пеш аз даврони Сафавия дар сафинахо ва маҷмӯаи ашъори кӯхан сабт гардида, пайдо кардааст. Агар Вахиди Дастгардӣ баъзе ашъори девонро ба сабаби сустии сухан аз Низомии Ганҷавӣ надониста, ба Низомиҳои дигар нисбат дода бошад, Саъиди Нафисӣ акси ин принцип амал карда, мегӯяд, ки ... «Ҳамеша тавaққӯъи шоҳкори дараҷаи аввал аз сарояндагони бузург доштан як гуна аз зиёдаравист ва ҳар марди бузурге мумкин будааст, рӯзе суханн сусте хам гуфта бошад ва он гахе ғассу самин кардани шеър баста ба завқхо ва салиқаҳои мухталиф аст ва бисьёр мешавад, ки касе гуфтаеро меписандид ва дигарӣ онро наменисандад». Аз ин ҷиҳат, Саъиди Нафисӣ ҳар чизеро, ки аз нусхахои хаттии бисьёр китобхонахои ҷаҳон ба номи Низомии Ганҷавӣ ҷамъоварӣ намуда будааст, ба таври ҷомеъ, бидуни ташхиси сараву носара, интишор додааст. Ношир дар ин чоп нусхаҳои хатии девони Низомиро, ки баъди асри XVII китобат шуда, дар китобхонаҳои Алигарх, Деҳлӣ ва Ромпур маҳфуз мебошанд, асоси кори худ қарор дода, нусхаи китобхонаи Алигархро, ки соли китобаташ 1088 х./1601 милодист, дар асоси матн гузошта, онро аз рӯи нусхаҳои фаръӣ таҳрир кардааст.

Дар ҳақиқат, девони Низомии Ганҷавӣ, ки аз тарафи Саъиди Нафисӣ ба чоп расонда шудааст, ҷомеътарин чопи девони Низомӣ буда, нисбат ба девони интишордодаи Вахиди Дастгардӣ 62 ғазал, 4 қасида, 7 қитъа, 26 рубоӣ зиёдтар дорад.

«Иқболнома» — қисми дуввуми достони панчуми «Хамса»-и Низомии Ганчавӣ «Искандарнома» — яъне давоми «Шарафнома» буда, соли таълифаш аниқ муайян нест. Аз ишораи баъзе сарчашмаҳо ва пажӯҳишҳои имрӯза маълум мегардад, ки Низомӣ «Иқболнома»-ро дар охирҳои умраш ба риштаи назм кашидааст. Баъзе санадҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Низомӣ «Иқболнома»-ро соли 1203 ба малики Мавсили Ироқ Изуддин Масъуд ибни Арслон тӯхфа фиристодааст. Аз ин чо ба чунин хулоса омадан мумкин, ки достони мазкур пеш аз ин сол таълиф ёфтааст.

Достон аз 3659 байт иборат буда, баъди достони «Шарафнома» навишта шуда, ба қавли худи Низомӣ дар байни достонҳои «Хамса»-и он беҳтарин асарест ба мисли дуру гавҳар монанд аст.

«Шарафнома»-ро тоза кардам навард,
Сапедобро сохтам лоҷвард.
Дигарбора ин назми чинитароз,
Бубин, то куҷо мекунад турктоз?!
Ба аввал чӣ киштам, ба охир чӣ руст?!
Шикаста чунин кард бояд дуруст!
Басе солҳо шуд, ки гавҳарпараст
Наёвард аз ин гуна гавҳар ба даст.
Фурӯшандаи гавҳар омад падид,
Матоъ аз фурӯшанда бояд харид.

Қисмати «Иқболнома»-и «Искандарнома» сюжети муайян надошта, аз достонҳо, ҳикоятҳои алоҳида танзим ёфтааст. Вале он як бартарии мумтоз дорад. Он беҳтарин ҳикмату андарзҳо, афкори фалсафӣ, андешаҳои инсонӣ, таълимоти ахлоқӣ ва назарияи муаллифро роҷеъ ба давлат ва тарзи давлатдорӣ, зиндагӣ ва принципҳои асосии он, дӯстиву рафоқат, душманӣ ва оқибатҳои онро дарбар мегирад.

«Иқболнома» маҳз ба ҳамин мавзӯъ дар байни достонҳои «Хамса»-и Низомӣ шӯҳрати зиёде касб карда, минбаъд аз тарафи шоирони номӣ, ба мисли Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Вахшии Боф-

қӣ, Абдибеки Шерозӣ ва дигарон татаббӯъ ва истиқбол карда шудааст.

Азбаски Низомӣ «Иқболнома»-ро дар айёми пирӣ навишта буд, дар саросари он мӯхри таҷрибаи ҳаётии ӯ дар масъалаи фалсафаи зиндагии инсон ва мақоми он дар ҷамъият чун ҷавҳари ҳақиқатнамо ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо мисол намеорем, чунки ҳар вараки достон пур аз ҳикмат аст.

Яке аз мавзӯъҳое ки бисьёртар диққати шоирро ба худ ҷалб кардааст, мавзӯъи давлату давлатдорӣ мебошад. Низомӣ зимни ифодаи он тамоми ахлоқи ҷамъиятиро вобастаи усул ва тадбири идораи ҳукумат аз тарафи подшоҳон медонад. Аз ин сабаб шоир тамоми бист мақолати достонро бо навъе ба тарғиби адлу адолат, дӯстиву рафоқат ва танқиди зулму ҷаҳолати подшоҳони давр вобаста менамояд. Масалан, ӯ дар танбеҳи подшоҳони золим, ки раъиятро ба ҳар баҳона ҷабру зулм мекарданд, арзи ақида намуда, онҳоро бар он даъват мекунад, ки дар муносибат бо раъият некхоҳ бошанд ва ба мардуми шаҳру деҳот, зердасту сипоҳиён ҳисси некӣ ва таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд:

Шаҳру сипаҳро чу шавӣ некхоҳ,
Неки ту хоҳад ҳама шаҳру сипоҳ.

Шоир ин фикрашро дар ҷои дигар қувват дода, пойдории давлати шоҳонро аз адлу адолат ва камозорни мардум медонад:

Расми ситам нест ҷаҳон ёфтан,
Мулк ба инсоф тавон ёфтан.
Ҳар чӣ ба адл аст, чӣ додат диҳад,
В-он чи на инсоф, ба бодат диҳад!
Адл баширест хирадшодкун
Қоргарӣ, мамлакат обод кун.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Қори ту аз адли ту гирад қарор.

Шоир дар ҳикояти «Нӯшарвон бо вазир» масъалаи адлу адолат ва аз миён бардоштани зулму ситамро ба таври му-

колама оварда, мегӯяд, ки «ҳар кӣ амали некро оғоз кунад, оқибати давлатдории ӯ мулкро обод гардонда, ёдаш аз синаҳо фаромӯш нахоҳад шуд». Аз ин гузашта Низомӣ ақида дорад, ки некӣ ҳамеша некӣ бар иваз меорад:

Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.

Дар боби «Ҳусни раъияти шоҳ» — Низомӣ барои таквияти гуфтаҳои худ қиссаи машҳури «Достони пиразан бо Султонсанҷар»-ро оварда таъкид мекунад, ки кори адлу дод бо суханҳои баланду фикри махз саранҷому дуруст нахоҳад шуд, бояд дар ин роҳ амал ва кӯшиши зиёд ба харҷ дод:

Узр маёвар, на хиял хостанд,
Ин сухан аст аз ту амал хостанд.

Шоир дар хусуси рафоқату дӯстӣ, ростиву дурустӣ, мардонагиву саховат, рашку ҳасад, танбаливу пурхӯрӣ, душманиву дурӯягӣ, фитнагариву ғаммозӣ ва дигар хислатҳои неку бади инсон андешаҳои хирадмандонаву ҳакимонае пеш гузоштааст, ки дар тамоми давру замонҳо зинда хоҳад монд. Аз ҷумла, ӯ дар хусуси рафтору гуфтори рост мефармояд:

Ростии хеш ниҳон кас накард,
Дар сухани рост зиёд кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз рӯзгор.

Низомӣ барҳақ ягона шоирест, ки бевосита ба мавзӯи дӯстиву рафоқат — яке аз принципҳои асосии ҳамзистӣ ва пойдории сохти ҷамъият дахл намуда, дар ин бора фикру мулохизаҳои муфассалу мукаммал, равшану бепарда, санҷидаву дуруст эрод кардааст.

Дар «Иқболнома» баръакси «Шарафнома» Искандар на чун шахси кишваркушою сарлашкар, балки ҳамчун ҳакиму файласуф ва шахси инсонпарвари мӯътабар тасвир мегардад.

Чунончи, ӯ пас аз фатҳи кишвари Машриқ ба ватанаш Юнон баргашта, аз ҷангҷӯӣ ва харобкорӣ даст мекашад. Ӯ дар андак муддат аз донишҳои андӯхтаи мардумони форсу юнонӣ баҳра бардошта баъди мубоҳисаҳои дуру дароз бо ҳакимону файласуфони ҳамватанаш дуюмбора ба сафар мебарояд ва ин дафъа ҳамчун равнақдиҳандаи илму маърифат, сулҳу осоиши байни қавмҳо ва халқҳо баромад мекунад. Ӯ пас аз мушоҳидаҳои сафари Ҳинду Чин ба тарафи шимол равона мегардад ва дар роҳ ба ҷое мерасад, ки тамоми мардумони он дар зиндагӣ баробарҳуқуқ буда, касе бар касе на аз ҷиҳати дороӣ ва на дар ҳуқуқ имтиёз ва бартарӣ надорад. Низомӣ бо камоли муҳаббат он ҷамъияти мусовот ва саодатмандии аъзоёни онро ба қалам меорад. Ӯ таассуроти Искандарро аз он шаҳр чунин нақл мекунад:

Падидор шуд шаҳре ороста,
Чу фирдавсе аз неъмату хоста.
Чу омад ба дарвозаи шаҳр танг,
Надидаш дари з-оҳану чӯбу санг.
Дар он шаҳр шуд бо тане чанд пир,
Ҳама ғоятандешу ибратпазир.
Дӯконҳо басе ёфт ороста,
Дару қуфл аз он ҷумла бархоста.
Муқимони он шаҳри мардумнавоз
Ба пеш омадандаш ба сад узр боз.

Аз мубоҳисаи Искандар бо сардорони гурӯҳ, маълум мегардад, ки сохти давлатдорие, ки Низомӣ пешниҳод мекунад, иборат аз озодии инсон аз ҳар гуна макру ҳилла, зулму тааддии подшоҳони золим ва баробарҳуқуқии ҳар як фарду қавм мебошад. Аз ин гузашта гражданинҳои он ҷамъият нисбат ба якдигар ғамхор ва мададгоранд. Яке аз бошандагони он кишвар аҳли онро ба Искандар чунин муаррифӣ мекунад:

Гурӯҳи заифони динпарварем,
Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.

Надорем бар пардаи кач басеч,
Ба чуз ростбозӣ надонем хеч.
Дари каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем,
Зи дуньё бад-ин ростӣ растаем...
Чу очиз бувад ёр, ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ расад, бурдборӣ кунем.
Гар аз мо касеро зиёне расад,
В-аз он рахна моро нишоне расад.
Бароремаш аз кисаи хеш ком,
Ба сармояи худ кунемаш тамом.
Надорад зи мо кас зи кас моли беш,
Ҳама росткисмем дар моли хеш...
Набошем касро ба бад рахнамун,
Начӯем фитна, нарезем хун.
Ба ғамхороии якдигар ғам х(в)арем,
Ба шодӣ ҳамон ёри якдигарем.
Фиреби зару симро дар шумор
Наёраму н-ояд касеро ба кор.
Надорем хӯрде як аз як дареғ,
Нахохем чавсанге аз кас ба теғ.

Искандар маҳз баъди мушохидаи ин ҷамъият аз лашкаркашӣ ва ҷангу ҷадалхо даст кашида, ба хулосае меояд, ки кори чахонситонӣ ва кишваркушоии ӯ дар муқобили ахлоқ ва тартибу интизоми аъзоёни ин ҷамъият хеч аст. Аз ин рӯ Искандар низ аз зулму тааддӣ ба куллӣ даст мекашад.

Қайд кардан лозим аст, ки аз тарғиби адлу дод ва подшоҳи одил ба дарки ҷамъияти фозилаи мусовот расидани Низомии Ганҷавӣ ва ин ҳам дар охири умр баъди мушоҳидаи ҷангҳои феодалӣ, ошноӣ бо хокимони чандин кишвархо ва андӯхтани таҷрибаи ғании зиндагӣ дар таҳаввули афкори ӯ гардиши бузург аст. Албатта, кошифӣ аввалини ин ҷамъият Низомӣ набуда, он аз замони Афлотун то Форобӣ бо чандин навъ тарҳ рехта шуда буд. Вале хизмати бузурги Низомӣ дар он аст, ки тавсифи шоиронаи ин ҷамъиятро аз рӯи мушоҳидаи лашкаркаши истилогари ҷаҳонӣ ба нигориш оварда, бартарии онро нисбат ба ҷамъиятҳое ки шоху гадо доранд, аз забони ӯ таъкид менамояд.

Достонхои «Иқболнома» (таҳияи Ҷ. Додалишоев) ва

«Махзан-ул-асрор» (таҳияи Б. Сирус) дар асоси муқоисаю муқобилаи достонҳо, ки мутобиқан солҳои 1313, 1317 ҳ. дар Теҳрон аз тарафи В. Дастгардӣ нашр карда шудаанд[1] ва матнҳои интиқодии достонҳои «Иқболнома» «Махзан-ул-асрор»[2] (1947, 1960) ва як нусхаи хаттии асри XVI «Хамса»-и Низомӣ, ки дар ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон таҳти рақами 756 маҳфуз аст, ба нашр ҳозир карда шуд. Ҳангоми додани фарқу бадалҳои нусхаҳо нашри Ваҳиди Дастгардӣ бо ҳарфи «В», нашрҳои Боку бо ҳарфи «Б» ва дастхат бо ҳарфи «Д» ишора мешавад.

Матни достони «Махзан-ул-асрор» дар тӯли садаҳо нисбат ба маснавиҳои дигари «Хамса» таҳрифу тасҳифи зиёдтаре дида бошад ҳам, нусхаҳои хаттӣ ва чопии он то ҳол ба таври бояду шояд муқоиса нашуда ва матни саҳеҳу комили он тартиб наёфтааст.

Аз мутолиаи «Махзан-ул-асрор» маълум мегардад, ки дар байни нусхаҳо фарқу тафовути зиёд буда, онҳо аксар аз тарафи котибони нусхаҳо ворид карда шудаанд. Дар баъзе мавридҳо ин ихтилофот ба дараҷае мерасад, ки он аз таҳрир ба таҳриф гузаштааст, маъно ва мазмуни матнро ба куллӣ аз байн мебарад. Чунончи, дар нашри Ваҳиди Дастгардӣ ва нусхаи хаттии Душанбе байти 660 дар шакли саҳеҳи «Турки сухан хайма ба саҳро зада, Моҳича хайма ба сурайё зада» омада, дар нусхаи чопи интиқодии Боку ба ҷои ибораи «турки сухан», «Барги сухан» оварда шудааст, ки он ин ҷо аз бедиққатӣ ношир «турк»-ро «барг» хондааст.

Ё худ байти 1319 дар чопи Боку ба шакли

---

[1] Низомии Ганҷавӣ. Иқболнома. Бо ҳавошии комил ва шарҳи луғоту абъёт аз Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1317. Низомии Ганҷавӣ. Махзан-ул-асрор. Бо ҳавошии комил ва шарҳи луғоту абъёт аз Ваҳиди Дастгардӣ, Теҳрон, 1313.

[2] Низомии Ганҷавӣ. Иқболнома. Мураттиби матни илмӣ-интиқодӣ, Ф. Бобоев, Боку, 1947.

[3] Низомии Ганҷавӣ. Махзан-ул-асрор матни илмӣ-интиқодӣ. Бо саъй ва эҳтимоми А. А. Ализода, Боку, 1960.

Ҷисми туро (?) поктар аз ҷон кунӣ,
Чунки чиҳил рӯз ба зиндон кунӣ.

Мисраи аввал аз ҷиҳати мазмун ва вазн халалдор ва аз ҷиҳати мувофиқати шахсу замон нодуруст аст. Нашри Ваҳид ва дастхати Душанбе ба ҷои ибораи «Ҷисми туро» «ҷисмат-ро» овардаанд, ки аз ҷиҳати замону шахс мувофиқат намуда, дар айни ҳол мазмунро пурра ифода мекунад.

Ҳамин гуна ихтилофҳо дар байни нусхаҳои достон зиёд вомехӯрад, ки аз овардани тамоми онҳо дар ин ҷо худдорӣ кардем.

Матни достони «Иқболнома» ба сабаби душвории маъно ва печопечии иборaву калимаҳо баъзе котибонро маҷбур кардааст, ки ба сиҳҳату ғалаташ камтар сарфаҳм раванд ҳам онро суратнавис кунанд. Дар ҳақиқат маонии дур аз зеҳн дар ин достон зиёд вомехӯрад. Аз ин хусус котибони баъзе нусхаҳои хаттӣ ва ноширони чопҳои достон дар аксари мавридҳо байтҳоро партофтаанд ё худ дар шакли таҳриф ё таҳрир гардида навиштаанд. Чунин вазъиятро аз мисолҳои зерин баръало дида метавонем:

Байти 2149:

Ҳиҷобе муғонӣ буд он обро,
Напӯшидӣ аз дидаҳо тобро.

Нусхаи Душанбе ба ҷои «тоб» калимаи «хоб»-ро овардааст ва дар назари аввал варианти нусхаи Душанбе дурусттар менамояд, зеро таносуби калом маҳз калимаи «хоб»-ро талаб мекунад. Вале дар ҳақиқат аз рӯи мантиқ ва рафти воқеа маънии байтро аз «хоб» дида, калимаи «тоб» бештар мекушояд, зеро калимаи «тоб» ин ҷо ба маънии «нур», «оташ» омадааст, ки бо калимаи «муғ» аз ҷиҳати таносубият алоқаманд мебошад. Қотиби нусхаи Душанбе маҳз фирефтаи ҳамин маънои рӯякии байт шуда, калимаи «тоб»-ро ба «хоб» иваз кардааст.

Байти 72:

В-агар кард моҳӣ зи Юнус шикор,
Заминбӯси ӯ кард моҳиву мор.

Нусхаи Душанбе мисраи аввали байтро ин тавр овардааст: «Ва агар кард Юнус зи моҳӣ шикор», ки мухолифи афсонаи Юнусро фурӯ бурдани моҳӣ мебошад.

Байти 105:

Чу шоҳ Арслон рафту дар хок хуфт,
Сухан чун тавон дар чунин ҳол гуфт?!

Чунон ки маълум аст, Низомӣ дар байти мазкур бо таассуф аз вафоти подшоҳи давр Арслон хабар додааст. Нусхаи Душанбе мисраи аввали байтро ба тарзи:

«Сароянда рафту ниюшанда ҳуфт» оварда, ин факти таърихиро вайрон нишон додааст. Айнан чунин таҳрифу тасҳехро дар байти 520 низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Муғаннӣ, биё, з-аввали субҳи бом
Бизан захмаи пухта бар рӯди хом.

Нусхаи Душанбе ин байтро бо чунин таҳриру таҳриф овардааст:

Муғаннӣ, биё, з-аввали субҳгоҳ,
Бизан нағмаи рӯд бар ёди шоҳ.

Ҳамчунин ҳолат дар байти 2225 низ вомехӯрад:

В-аз ин сӯ раҳи пушта бероғ буд,
Тараф то тараф боғ дар боғ буд.

Нусхаи Боку дар мисраи якум ба ҷои калимаи «бе роғ», «бедоғ» ва дар мисраи дуввум ба ҷои ибораи «боғ дар боғ» «доғ бар доғ» овардааст, ки аз ҷиҳати таносуби калом ва рабти воқеа нодуруст ва акси маъноро ифода мекунад.

Байти 2363:



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. АЙНӢ
Амвол №

Бурун аз ватангоҳи он дилкашон
Ба мо кас надодаст дигар нишон.

Нусхаи Боку «дилбарон»-ро бар «дилкашон» тарҷеҳ додааст, ки он ҳам ба мазмун ва ҳам ба қофия халал овардааст.

Дар баъзе мавридҳо котибон муродиф ва муовизи калимаҳоро ба ҷои якдигар нодуруст ва ғалат сабт кардаанд, масалан, байти 254:

Раҳоварди мӯре фиристад ба пил,
Диҳад пашшаро ротиби Ҷабраил.

Нусхаи Боку калимаи «ротиб»-ро, ки маъноящ қут ва хӯроки якрӯза аст, ба калимаи «роят» иваз кардааст, ки ин хатои маҳз аз ин мантиқ дур аст.

Байти 439:

Ҷаро парраи сурхгул рехтӣ,
Ба хори муғелон даровехтӣ?!

Нусхаи Боку ба ҷои «парра» калимаи «тарра» сабт кардааст, ки он аз ҷиҳати маънои мантиқӣ дар ин байт ғунҷоиш надорад.

Ҳамчунин, нусхаи Боку баъзе байтҳо (225, 315, 316, 339, 359, 2546, 2580)-ро, ки аз ҷиҳати мазмуну мантиқ бояд дар матни аслӣ бошанд, нодуруст онҳоро дар поварақӣ ба таври илҳоқ меоварад, ки сиҳҳати матни аслиро мекоҳонад. Баръакс баъзе байтҳои сусту илҳоқироноширони он дар матни аслӣ ҷой кунондаанд. Масалан, баъди байти 2256 ин байтро:

«Ҳавои тару марзе ороста,
Ҷунон к-орзуш аз худо хоста.»

овардааст, ки аз ҷиҳати шеърият ва мантиқи сухан паст буда, аз тарафи котибе ба матн илова шудааст.

Маълум аст, ки Низомӣ бар хилофи шуарои асри хеш

дар рохи ифодаи маъниву тасвири воқеаҳо ба ҷои истилоҳ ва луғати арабӣ аз дороии забони модарияш истифода менамуд ва аксар вақтҳо мекӯшид, ки дар ашъораш бештар каламоти форсии дарии тоҷикиро ба кор барад. Аз ин рӯ баъзе котибони нусхаҳо гоҳе ҳамин нормаи забони шоирро вайрон карда, як калимаро бо дигар калимаи ҳаммаънои он нодуруст иваз мекунанд:

Масалан, дар байти 56 ин ҳолатро мебинем:

Чу аз роҳи хушнудӣ оям барат,
Напечам сар аз гуфти пайғамбарат.

Дар аксар нусхаҳои хаттӣ ва чопӣ калимаи «гуфт»-и форсиро ба «қавл»-и арабӣ иваз кардаанд, ки он дар ҳақиқат ба сабки нигориш ва забони шоир таъсири манфӣ расонидааст.

Байти 824:

Кунун, к-он кифоят ба даст омадаш,
Ба ҷои ниёгон нишаст омадаш.

Нашри Боку ба ҷои ибораи «ниёгон нишаст» «падар ҳамнишаст» овардааст, ки ин қолаби ифодадори шоирро худсарона вайрон кардан аст. Дуюм ин ки калимаи «падар» маънои «ниёгон»-ро ифода карда наметавонад, зеро, «ниёгон» ба маънии аҷдодон, бобоён, аст, на ба маънои «падар».

Гарчанде нусхаи Душанбе шомили нуқсонҳои зиёде бошад ҳам асосан бо нусхаи чопи интиқодии Ваҳиди Дастгардӣ мутобиқати тамом дошта, дар баъзе лаҳзаҳо онро ислоҳ мекунад.

Масалан, байтҳои 3097—3099 дар чопи Ваҳиди Дастгардӣ бо чунин шаклу мазмун омадаанд:

Зи қорураву набз ҷустанд роз,
Ниюшандаро рафтан омад фароз.
Табиб арчи донад, мудово намуд,
Чу муддат намонад мудово чӣ суд?!

Пажӯҳишкунон чора ҷустанд боз,
Наёмад ба каф умри гумгашта боз.

Ба фикри мо, мисраи дуюми байти якум аз ҷиҳати мантиқ ва таносуби калом дар ҷояш наомадааст.

Он бояд ба мисраи дуюми байти сеюм иваз карда шавад, то ки маъно ва қофия дар ҷояш биёянд.

Ҳамин тавр мо ҷои ин байтҳоро дар матни аслӣ мувофиқи нусхаи Душанбе иваз кардем.

Аз мисолҳои оварда маълум мегардад, ки то ҳол матни пурраи илмӣ-интиқодии ин достон тахия ва тартиб наёфтааст ва монанди достонҳои дигари «Хамса» нигарони таҳқиқу танқиду нашри ҷиддӣ ва заҳматҳои тӯлонии матншиносист.

Роҷеъ ба тарзи девони Низомиро тахия ва чоп кардани Ваҳиди Дастгардӣ сухан рондем. Ношири дуввуми девони Низомӣ Саъиди Нафисӣ дар нашри худ аксар принципи пешгирифтаи Ваҳиди Дастгардиро дунбола намуда, дар поварақҳо ашъори машкук ва аз Низомӣ набударо шарҳ дода, дар бисьёр мавридҳо ба кӣ тааллуқ доштани онҳоро гӯшзад мекунад. Ӯ собит менамояд, ки дар девони чопгардидаи Низомии Ганҷавӣ ашъори бисьёр шоирони пешина ва баъдина, ки бо тахаллуси Низомӣ шеър навиштаанд, айнан ва ё бо тағьир омада, бо ашъори асл омехта шудаанд. Акнун аз сабаби мавҷуд набудани нусхаи кӯҳани комил онҳоро аз ҳам ҷудо кардан амри муҳол аст. Аз ин рӯ, дар нашри ҳозира, ки ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ чоп мешавад, дар ташхиси онҳо фақат ба нашри Ваҳиди Дастгардӣ такья карда шуд, зеро он аз рӯи усул ва методи матншиносӣ ба мақсад мувофиқ буда, ношир ашъори сара ва носараро ташхис дода, як навъ матни ғазалҳои хоси Низомиро аз рӯи завқу салиқаи хеш ба вуҷуд овардааст.

Ҳангоми интихоби матни мунтахаб мо аз ҳар ду нашр истифода кардаем, зеро дар рафти муқоиса маълум шуд, ки он ғазалҳое, ки мусаллам аз Низомианд дар нашри аввал саҳеҳтар ва камғалаттар омадаанд.

Маълум аст, ки дар давоми қарнҳо шоирони ҳамном ва котибон ба ашъори Низомӣ таҳриф ва иловаҳои зиёде дохил кардаанд. Яқин аст, ки аксари ашъоре, ки дар нусхаҳои баъди асри XV тахияшуда ба номи Низомӣ омадааст, моли шоир нестанд. Вале аксари ғазалҳои нашри дуюм, ки моли шоирони дигар мебошанд, бидуни таҳқиқ дар девони Низомӣ ҷой дода шудаанд. Ҳатто он ғазалхоеро, ки Ваҳиди Дастгардӣ мусаллам аз Низомӣ медонад, дар нашри дуюмини девон бо баъзе тахрифу таҳрирҳо чоп шудаанд. Масалан, ғазали 44 нашри Ваҳиди Дастгардӣ, ки аз 4 байт иборат аст, дар нашри Саъиди Нафисӣ ба 7 байт расидааст. Лекин он иловаҳо на ҳама вақт мувофиқанд, зеро онҳо асосан такрори мазмуни байтҳои худи Низомии Ганҷавӣ мебошанд. Масалан, баъди матлаи ғазали мазкур дар нашри дуюм байти:

Ноҳуфтани ин шабҳо зоеъ нашавад, донам,
Ҳам сабр кунам, к-охир бар кор шавад рӯзе

илова шудааст, як навъ такрори мазмуни байти баъди он аст:

Ҳам боз шавад ин дар, ҳам рӯз шавад ин шаб,
Дилбар на чунин монад, дилдор шавад рӯзе.

Ҳамчунон, ғазали 46-уми нашри Ваҳиди Дастгардӣ, ки аз 5 байт иборат буда, бо мақтаи зерин ба итмом мерасад:

Хӯрӣ хуноба сад сол ар дар ин роҳ,
Ҳама бод аст, агар як дил бихастӣ.

Байти

«Расидӣ, эй Низомӣ ту бад-ин ҷо.
Буту бутхонаро дарҳам шикастӣ».

-ро касе ба ин ғазали шоир афзудааст. Маълум аст, ки Низомӣ на ҳама вақт мақтаъро бо тахаллус ба охир мерасо-

над. Баъзе ғазалҳои ӯ, ки ҳаҷман аз 3 байт то 9 байтро дар бар мегиранд, бе зикри тахаллус омадаанд, чунки зикри ҳатмии тахаллус, яъне ҳусни тахаллус, дар даврай Низомӣ ҳанӯз ба ҳукми анъанаи қатъӣ надаромада буд. Бар зимми ин дар замони Низомӣ ғазалҳое буданд, ки дар онҳо тахаллуси шоир пеш аз байти мақтаъ оварда шудаанд. Ин ҳодиса аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асри XII—XIII тахаллусро дар мақтаи ғазал овардан низ ҳанӯз ҳатмӣ набудааст. Чунин иловаву такрорҳо дар бахши қасоиди девони Низомӣ бештар ба назар расида, махсусан дар қасидае ба номи мушадар, ки аз 52 мисраъ иборат аст тасарруфи нусхабардорҳо зиёдтар дида мешавад. Ин қасида дар нашри Ваҳиди Дастгардӣ 27 байт буда, чуноне ки ӯ мегӯяд: «Дар ин қасида сақолӣ ва таҳрифу афтодагии абьёт фаровон аст ва барои такмилу тасҳеҳ василае нест».

Дар ҳақиқат, дар нашри аввалаи девони ашъори Низомӣ ин қасида аз ҷиҳати мазмун норасоӣ дошта, дар он афтодагии абьёт баръало ҳис карда мешуд. Аз ин рӯ мо ба нашри дуюми он муроҷиат кардем. Қасидаи мазкур дар ин нашр аз 27 байт ба 52 байт расида, аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм пурра карда шудааст. Вале, мутаассифона, баъзе байтҳои илова гардидаи нашри сонӣ аз ҷиҳати мазмун ва шакл якхела буда, ҳамдигарро такрор кардаанд. Масалан, баъди байти дуюми қасидаи мазкур дар нашри сонӣ байти

Хокрези кураи об ташаннуҷ гирад, —
— Об гирди кураи хок музаввар гардад,

омада, баъди чанд байт ба шакли:

Об гирди кураи хок тарашшуҳ гирад, —
— Бод зери кураи нор мунаввар гардад,

такроран сабт ёфтааст.

Ё худ, баъди байти чоруми нашри Ваҳиди Дастгардӣ дар нашри сонӣ, ин байт омада:

Курраи хок чу бар гов ниҳодаст бино,
Ҳар биное, ки бар ин хок ниҳӣ, даргардад,

ки айнан мазмуни байтхои болоро ифода мекунад.

Ҳамчунин байти:

«Нафас ар пир шавад, саҳл набошад, з-он рӯй,
Қ-аждаҳо гардад море, ки куҳантар гардад,»

дар ҷои дигар ба ин шаклу мазмун такрор шуда омадааст:

Кӯш, то шаҳвати худро ба ҷавонӣ шиканӣ,
К-аждаҳо гардад море, ки муаммар гардад.

Аз ин рӯ, мо ҳангоми тасҳеҳ ва такмили ин қасида аз овардани чунин такрорҳо худдорӣ кардем.

Ҳамчунин, аз нашри дуюми девони ашъори Низомӣ ба ғазалҳои 39-ум байти охир, 44-ум мақтаъ, 45-ум ду байти охир ва 46-ум мақтаъро, ки дар ҳақиқат бе иловаи онҳо мазмун нокис буд, изофа намудем.

Ғайр аз иловаҳо дар ҳар ду нашри ашъори лирикии Низомӣ фарқу бадалҳои зиёде мавҷуд аст, ки баъзе вақтҳо нусхабардорҳо ба ҷои таҳрир онро ба тахриф бурда расонидаанд. Масалан, тахрири мисраи байти сеюми ғазали 17-ро дар харду нашр аз назар гузаронем. Дар нашри Ваҳиди Дастгардӣ: «Ошиқон хӯранд май, з-он муфлисон гаштанд маст». Дар нашри Саъиди Нафисӣ ин мисраъ аз ҷиҳати матлаб каме мубҳам ва ториктар шудааст: «Ошиқон мастанд, аз ин пас оқилон растанд беҳ».

Ё худ, тахрифи байти дуюм аз ғазали 46-ум:

Шароби шавқ андар ҷамъи мардон
Чу карди нӯш, фориғ шав зи хастӣ.

Дар нашри сонӣ ба ҷои «андар» ибораи «хӯр дар» овардааст, ки он синоними ибораи «нӯш кардӣ» мебошад.

Чуноне ки пеш ҳам гуфта будем, нашри якуми девони ашъори Низомӣ низ аз ғалатҳо холӣ нест.

Масалан, матлаи ғазали 20-ум дар нашри Вахиди Дастгардӣ чунин омадааст:

Боз ба чашми ошиқон шер шикор мекунад,
Шердилони ишқро бедилу ёр мекунад.

Маълум аст, ки байт аз рӯи маъно торик ва мубҳам аст. Дар нашри Саъиди Нафисӣ ин байт ба ин шаклу мазмун омада:

Боз ба чашми оҳувон шер шикор мекунад,
Шердилони ишқро бо ғам ёр мекунад.

Мо ин вариантро сахехтар шумурда, онро дар матн ҷой додем.

Хулоса, то ҳол матни саҳеху пурраи девони ашъори Низомии Ганҷавӣ тартибу танзим нашуда, интизори мусаҳеҳу мураттиби оянда мебошад. Яъне то пайдо шудани нусхаи кӯхану мукаммал тартибу тасҳеҳи он аз имконият берун аст.

Дар республикаи мо аз ин девон ғайр аз 2 қасида, 47 ғазал ва 9 рубой, ки соли 1977 дар китоби «Гулшани адаб» чоп шуда буд, то ҳол чизи дигаре ба алифбои ҳозираи тоҷикӣ чоп нашудааст. Инак, қисмати дастраси девони ашъори лирикии Низомӣ дар асоси муқоисаи ду нашр — яъне нашри Ваҳиди Дастгардӣ ва чопи Саъиди Нафисӣ омода гардид. Ҳангоми додани фарқу бадали нашрҳо онҳо бо аломатҳои «ВД» (яъне нашри Ваҳиди Дастгардӣ) ва СН (чопи Саъиди Нафисӣ) ишора шудааст.

Акнун бо гирифтани ин ҷилд хонандагони азиз мероси бузурги Низомии Ганҷавӣ тамоми осори боқигузоштаю дастрасшудаи ӯро дар ихтиёр доранд. Бигузор аз он ганҷинаи бузург ҳар мухлисе барои худ дурдонаҳои писандидаашро ба ёдгор гирад ва дар гирудори зиндагӣ аз онҳо баҳраёб гардад.

*Ҷобул Додалишоев*

# ИҚБОЛНОМА

## БО НОМИ ЭЗИДИ БАХШОЯНДА

Хирад ҳар куҷо ганҷе орад падид,
Зи номи худо созад онро калид.
Худои хирадбахши бихраднавоз
Ҳамон нохирадмандро ҷорасоз.
Қушояндаи[1] бастагони сухун,
Тавонокуни нотавононкун.
Ниҳон — ошкоро, даруну бурун
Хирадро ба даргоҳи ӯ раҳнамун.
Барорандаи сақфи ин боргоҳ,
Нигорандаи нақши ин коргоҳ.
Зи донистанаш[2] ақлро ногузир,
Бузургиву донояш дилпазир.
Ба ҳукм ошкоро, ба ҳикмат нуҳуфт,
Ситоянда[3] ҳайрон аз ӯ вақти гуфт.
Сазои парастиш парастандаро,
Тавалло бад-ӯ мурдаву зиндаро[4].
Варои ҳама будаӣ[5] буди ӯ,
Ҳама риштаи гавҳаромуди[6] ӯ,

Яке к-аз дуӣ ҳазраташ ҳаст пок,
На аз обу[7] оташ на аз боду[8] хок.
Ҳама офаридаст дар ҳафт пӯст.
Бад-ӯ[9] офарин, к-офаринанда ӯст.
Ҳама будро ҳаст аз ӯ ногузир,
Ба буди кас ӯ нест нисбатпазир.
Бад-ӯ ҳеҷ[10] пӯяндаро роҳ нест,
Хирадманд аз ин ҳикмат[11] огоҳ нест.
Гарат мазҳаб ин шуд, ки боло бувад,
Зи таъзими ӯ зер танҳо бувад.
Ва гар зоти ӯ зер гӯӣ, ки ҳаст,
Худоро нахонад касе зердаст.
Чу аз зоти маъбуд рони сухун,
Ба зеру ба боло далерӣ макун[12].
Чу дар[13] қудрат ояд сухан з-он далер,
Ки бе қудраташ нест болову зер.
Ба ҳар-ч орад аз зеру боло падид,
Сар аз хатти фармон набояд[14] кашид[15].
Якеро зи гардун диҳад боргоҳ,
Якеро зи кайвон[16] дарорад ба чоҳ.
Дилеро фурӯзон кунад чун чароғ,
Ниҳад бар дили[17] дигар аз дард доғ.
Ҳама бешие[18] пеши ӯ андакест,
Бузургиву хурдӣ ба пешаш[19] якест.
Чӣ кӯҳе бар ӯ, чӣ як коҳбарг,
Чӣ бо амри ӯ зиндагонӣ, чӣ марг!
На гӯяндахоке кас орад ба даст,
На бар об нақше тавон низ баст.
Ҷуз ӯ кист, к-аз хок одам сиришт,
Бар об инчунин нақш донад[20] навишт?
Чу раҳ ёва гардад, намоянда ӯст,
Чу дар баста бошад, кушоянда ӯст.
Тавоност бар ҳар чӣ ӯ мумкин аст,
Гар он чиз ҷунбанда ё сокин аст.

Тануманд аз ӯ ҷумлаи коинот,
Бад-ӯ зинда ҳар кас, ки дорад ҳаёт.
Ҳама будӣ аз буди ӯ ҳаст ном[21],
Тамом ӯст дигар ҳама нотамом.

## НИЁИШ БА ДАРГОҲИ БОРИ ТАОЛО

Худоё, туӣ бандаро дастгир,
Бувад бандаро аз худо ногузир.
Туӣ[22] холиқи будаву[23] буданӣ[24],
Бубахшой бар хоки бахшуданӣ.
Ба бахшоиши хеш ёрим деҳ,
Зи ғавғои худ растагорим деҳ.
Туро хоҳам аз ҳар муроде, ки ҳаст,
Ки ояд ба ту ҳар муроде ба даст.
Дилеро, ки аз худ накардӣ гумаш,
На аз чарх тарсад на аз анҷумаш.
Чу ту ҳастӣ аз чарху анҷум чӣ бок,
Чу ҳаст осмон бар замин рез-хок.
Ҷаҳоне чунин хубу хуррам сиришт,
Ҳаволат чаро шуд бақо бар биҳишт?
Аз ин хубтар худ набошад дигар,
Чу он хубтар гуфтӣ, он хубтар.
Дар он равзаи хуб кун ҷои мо,
Бубар нақши нохубӣ аз рои мо.
На ман чораи хеш донам на кас,
Ту донӣ чунон кун, ки дониву бас.
Талабгори ту, ҳар касе бар умед,
Яке дар сиёҳу яке дар сапед.
Бад-он то зи боғи ту ёбад баре,
Тазарруъкунон ҳар касе[25] бар даре.
Набинам ман он заҳра дар хештан,
Ки гӯям туро ину он деҳ ба ман.

Кунам хоҷат аз ҳар касе ҷустуҷӯй,
Чу ёбам ту бахшанда бошӣ,
на ӯй.
Ту мустағнӣ аз ҳар чӣ дар роҳи туст,
Ниёзи ҳама сӯи даргоҳи туст.
Сурӯши маро девмардум макун,
Сари ришта аз роҳи худ гум макун.
Чу бар ошноӣ кушодӣ дарам,
Макун хоки бегонагӣ бар сарам.
Ба чашми ман аз худ фурӯғе расон,
Ки ёбам фароғе зи чашми[26] касон.
Чу парвонаи шабчароғи туам,
Чунон дон,
ки мурғе зи боғи туам.
Мабин[27] гарчи хурдам мани[28] зердаст,
Бузургам[29] кун охир,
бузургит ҳаст?!
Ман он зарраи хурдам аз дида дур,
Ки нерӯи ту бар ман афганд нур.
Ба нерӯи ту чун падид омадам,
Дари ганҷҳоро калид омадам.
Ба сар бурдам аввал бисоти сухан,
Дигар раҳ кунам тоза дурҷи куҳан.
Ба аввал сухан додиям дастгоҳ,
Ба охир қадам низ бинмой роҳ.
Сафое деҳ ин хоки торикро,
Ки беҳ бинад ин[30] роҳи борикро.
Бар онам,
к-ин раҳ бад-ин тангной.
Ба хушнудии ту занам дасту пой.
Ҳифозат чунон бод дар кори ман,
Ки хушнуд гардӣ зи гуфтори[31] ман.
Чу аз роҳи хушнудӣ оям барат,
Напечам сар
аз қавли[32] пайғамбарат.

## ДАР НАЪТИ ПАЙҒАМБАРИ АКРАМ

Муҳаммад, ки бе даъвии тахту тоҷ
Зи шоҳон ба шамшер бистад хироҷ.
Ғалат гуфтам он шоҳи сидрасарир,
Ки ҳам тоҷвар буду ҳам тахтгир.
Танаш маҳрами тахти афлок буд,
Сараш соҳиби тоҷи лавлок буд.
Фариштанамудор, эзидшинос,
Ки моро бад-ӯ ҳаст аз эзид сипос.
Расонанда моро ба хуррамбиҳишт,
Раҳонанда аз дӯзахи тангзишт.
Сапедадамӣ дар шаби коинот
Сиёҳинишинӣ чу оби ҳаёт.
Гар ӯ барнакардӣ сар аз тоқи арш,
Ки бурқаъ даридӣ бар ин сабзфарш[33].
Раҳанҷоми рӯҳонӣ ӯ додамон,
Раҳоварди арш ӯ фиристодамон.
Наярзад ба хоки сари кӯи ӯ,
Сари мо ҳама як сари мӯи ӯ.
Зи мо ранҷаву роҳатандӯзи мо,
Чароғи шабу машъали рӯзи мо.
Дурустидиҳи ҳар диле, к-ӯ[34] шикаст
Шифоаткуни ҳар гуноҳе, ки ҳаст.
Саромадтарини ҳама сарварон,
Гузидатари ҷумла пайғамбарон[35].
Гар Одам зи мину даромад ба хок,
Шуд он[36] ганҷи хокӣ ба минуӣ пок.
Гар омад бурун моҳи Юсуф зи чоҳ,
Шуд он чашма аз чоҳ бар авҷи моҳ,
Агар Хизр бар Оби ҳайвон гузашт,
Муҳаммад зи сарчашмаи ҷон гузашт[37].
В-агар кард моҳӣ зи Юнус шикор,
Заминбӯси ӯ кард моҳиву мор.

Зи Довуд агар давр диръе гузошт.
Муҳаммад зи дурроа сад диръ дошт,
Сулаймон агар тахт бар бод баст.
Муҳаммад зи бозичаи бод раст.
В-агар торами Мусӣ аз Тур буд,
Саропардаи Аҳмад аз нур буд,
В-агар маҳди Исо ба гардун расид,
Муҳаммад худ аз маҳд берун парид[38].
Зиҳӣ равғани ҳар чароғе, ки ҳаст,
Ба дарьюзаи шамъи ту чарбдаст.
Ту он чашмаӣ, к-оби ту ҳаст пок,
Бад-он об шуста шуда рӯи хок.
Замин хок шуд, бӯи тибаш туӣ,
Ҷаҳон дардзад шуд, табибаш туӣ.
Табиби биҳирӯй бо обу ранг
Зи ҳукми худо нӯшдору ба чанг[39].
Туӣ чашмравшанкуни хокиён,
Навозандаи ҷони афлокиён.
Тирози сухан сиккаи номи туст,
Бақои абад ҷуръаи ҷоми туст.
Қасе, к-ӯ зи ҷоми ту як ҷуръа х(в)ард,
Ҳамасола эмин шуд аз доғу дард.
Мабодо, к-аз он шарбати хушгувор,
Набошад чу ман хокие ҷуръахор.

## ТОЗА КАРДАНИ ДОСТОН ВА ЁДИ ДӮСТОН

Ба ҳар муддате гардиши рӯзгор,
Зи тарзе дигар хоҳад омӯзгор.
Сароҳанги пешина качрав кунад,
Навое дигар дар ҷаҳон нав кунад.
Ба бозӣ дароянд чу бозигаре,
Зи парда бурун оварад пайкаре.

Бад-он пайкар аз роҳи афсунгарӣ
Кунад муддате халқро дилбарӣ.
Чу пирӣ дар он пайкар орад[40] шикаст,
Ҷавонпайкаре дигар орад ба даст.
Бад-ин гуна бар навхатони сухан,
Кунад тоза пирояҳои[41] куҳан.
Замон то замон хомаи нахлбанд
Сари нахли дигар барорад баланд.
Чу кам гардад аз гавҳаре обу ранг,
Дигар гавҳаре сар барорад зи санг,
Арӯси маро пеши пайкаршинос
Ҳамин тозарӯӣ бас аст аз қиёс,
Қ-аз[42] ин нома ҳам гар нарафтӣ баюс,
Сухан гуфтани тоза будӣ фусус[43].
Ман он тавсанам, к-аз риёзатгарӣ
Расидам[44] зи тундӣ ба фармонбарӣ.
Чӣ ганҷ аст, к-он армуғоним нест,
Дареғо ҷавонӣ, ҷавоним нест!
Ҷавонро чу гул нахл бар абраш аст,
Чу пирӣ расад наъл бар оташ аст.
Дар он кӯра, к-ойина равшан кунанд,
Чу бишкаст аз ойина ҷавшан кунанд.
Дили ҳар киро, к-ӯ сухангустар аст,
Сурӯше, сароянда ёригар аст.
Аз ин пештар, к-он суханҳои нағз,
Баровардӣ андеша аз хуни мағз.
Сароядае доштам дар нуҳуфт,
Ки бо ман суханҳои пӯшида гуфт.
Кунун он сароянда хомӯш гашт,
Маро низ гуфтан фаромӯш гашт.
Нияшандае низ, к-он мешунид,
Ҳам аз шуққае кор шуд нопадид.
Чу шоҳ Арслон рафту дар хок[45] хуфт,
Сухан чун тавон дар чунин ҳол[46] гуфт?
Магар давлати шаҳ кунад[47] ёрие.

Дарорад[48] ба ман тозагуфторие.
Дар андешаи ин[49] гузарҳои танг
Ҳам аз тан тавон шуд, ҳам аз рӯй ранг.
Чу тӯфони андеша роҳам гирифт,
Шаб омад дари хобгоҳам гирифт.
Шабе аз дили танг ториктар,
Раҳе аз сари мӯй бориктар,
Дар он шаб чӣ гуна тавон кард роҳ,
Дар ин раҳ чӣ гуна тавон дид чоҳ?
Фалак посгаҳро барандуда нил,
Сари посбон монда дар пои пил.
Бар ин сабзаи оҳуангехта
Зи нофи замин нофаҳо рехта[50].
На шамъе, ки бошад зи парвона дур,
На парвонае дошт парвои нур.
Ман он шаб нишаста саводе ба чанг,
Сияҳтар зи савдои он шаб ба ранг.
Ба ғаввосии баҳр дур сохтан,
Гаҳ андӯхтан, гоҳе андохтан[51].
Чу посе гузашт аз шаби дербоз,
Ду поси дигар монд[52] ҳар як дароз.
Шитоби фалакро так оҳиста шуд,
Хурӯсони шабро забон баста шуд.
Ман аз гуллаи шаб дар ин дайри танг
Ҳамебофтам ҳуллаи ҳафтранг[53].
Масеҳосифат з-ин хуми лоҷвард
Гаҳ азрақ баровардаму гоҳ зард.
Маро, к-аввал ин парвариш кор буд,
Валинеъматӣ дар диҳиш ёр буд.
Имоди Хӯй хоҷаи арҷманд,
Ки шуд қадди қоид бад-ӯ сарбаланд.
Ҷаҳонро зи ганҷи сахо карда пур,
Зи дурҷи сухан бар сахо баста дур.
Надидам касе дар сарои куҳан,
Ки ҳиндуи ғам рахташ аз хона бурд.

Уторид, ки бинад дар ӯ Муштарӣ,
Бад-ин мӯҳр бардорад ангуштарӣ.
Бувад мудбире, к-он ҷинонро ҷаҳон,
Ба найранги худ дорад аз ман ниҳон.
Фурӯбастакоре, паёпайғаме,
На кас ғамгусоре, на кас ҳамдаме,
Зи як қобила чанд зояд сухун,
Чӣ хурмо кушояд зи як нахлбун?[54]
Ман он шаб тиҳӣ монда аз хобу х(в)ард,
Шиновар дар ин биркаи лоҷвард.
Шабеву чӣ шаб? Чун яке жарфчоҳ,
Фитода дар ӯ рахти хуршеду моҳ.
Шабе, к-аз сиёҳӣ бад-он поя буд,
Қ-аз ӯ нур дар тӯҳмати соя буд.
Ман аз давлати шаҳ каманде ба даст,
Гирифта басе оҳуи ширмаст.
Дарафканда тарҳе ба дарьёи жарф,
Ба тарҳ андарун моҳиёни шигарф.
Расад баста бар толеъи шаҳриёр,
Сухан карда бо соати нек ёр.
Бад-он то кунам шоҳро пешкаш,
Баромехта[55] хайли Чин бо Ҳабаш.
Ба манзил расонда, раҳанҷомро,
Гарав бурда ҳам субҳу ҳам шомро.
Дар он ваҳшатободи фитратпазир[56],
Шуда давлати[57] шаҳ маро дастгир.
Гуҳарҷӯйиро теша бар кон расид
Ҷигар хӯрдани дил ба поён расид.
Чу заррин саропардаи офтоб
Ба харпуштаи кӯҳ барзад таноб[58].
Мани шабнаёсуда, бархостам,
Ба осудагӣ базме[59] оростам.
Сарире ба ойини султониён
Задам бар сари кӯи рӯҳониён

Бисоте кашидам ба тартиби нав,
Бар ӯ кардам андешаро пешрав.
Маю нуқлу райҳон маро ҳамнафас,
Забону замиру сухан буду бас.
Сарам чун зи май тоби мастӣ гирифт,
Сухан бо саҳо ҳамнишастӣ гирифт.
Даромад ба ғурридан абри баланд,
Фурӯ рехт гавҳар ба гавҳарписанд.
Дилам оташу толеъам шер буд,
Забонам дар он шуғл шамшер буд.
Ду ҷо мардро буд бояд далер,
Яке назди оташ, яке назди шер.
Магар оташу шер ҳамгавҳаранд,
Ки аз дому дад ҳар чӣ бошад х(в)аранд.
Чу бар[60] дасти ман дод некахтарӣ,
Дафи зӯҳраву дафтари Муштарӣ.
Гаҳ аз лутф барсохтам зеваре,
Гаҳ аз ганҷи ҳикмат кушодам даре.
Ҷаҳоне ба гавҳар баранбоштам[61],
Ки чун шоҳ гавҳархаре доштам[62].
Дигарбора бар кон кушодам камин,
Барандохтам мағзи ганҷ аз замин.
Ба даъвӣ, дурӯғе набояд намуд,
Зару оташ инак тавон озмуд.
«Шарафнома»-ро тоза кардам наворд,
Сапедобро сохтам лоҷвард.
Дигарбора ин назми чинитароз
Бубин то куҷо мекунад турктоз?
Ба аввал чӣ киштам ба охир чӣ руст,
Шикаста чунин кард бояд дуруст.
Басе солҳо шуд,
ки гавҳарпараст
Наёвард аз ин гуна гавҳар ба даст.
Фурӯшандаи гавҳар омад падид,
Матоъ аз фурӯшанда бояд харид[63].

Чу фармуд шаҳ боғе оростан,
Суман киштану сарв перостан.
Ба сарсабзии шоҳи равшанзамир,
Ба нерӯи фарҳанги фармонпазир[64],
Яке сарв перостам дар чаман,
Ки бар ёди ӯ май хӯрад анҷуман.
Сухан з-ин намат ҳар чӣ дорад навӣ,
Бад-ин шеваи нав кунад пайравӣ.
Диле бояд андешаро тезу тунд,
Буриш барнаёяд зи шамшери кунд[65].
Сухан гуфтан осон бар он кас бувад,
Ки назме тиҳиш аз сухан бас бувад.
Қасе, к-ӯ ҷавоҳир барорад зи санг,
Ба душворӣ орад суханро ба чанг.
Ғалаткории ин хаёлоти нағз
Баровард ҷӯши диламро ба мағз,
Зи гармӣ сарамро пур аз дуд кард,
Зи хушкӣ танамро намаксӯд кард.
Ба тартиби ин бикри шавҳарфиреб,
Маро собирӣ боду шаҳро шикеб.
Сухан бин куҷо боргаҳ мезанад?
Чӣ мегӯям ӯ худ,
чӣ раҳ мезанад?
Нандонам, ки ин ҷодуиҳои чуст,
Чӣ гуна дар ин Бобулиҷоҳ руст?
Кӣ омӯхт ин Зӯҳраро Зерзанд,
Кӣ созад навоҳои Ҳорутбанд?
Бад-ин сеҳр к-ӯ оби[66] Зардушт бурд,
Басо Зандро, к-оташи зинда мурд.
Куҷо қатра то дур ба дарьё барад,
Хар орад в-аз ин Басра хурмо барад.
Ман он абрам ин тарфи шаштоқро.
Қи об аз ҷигар бахшам офоқро.
Ҳама чун гиё ҷуръахорони ман,
Зи ман сабзу ташна ба борони ман.

Чу соя, ки ҳанҷор дорад зи нур,
В-аз ӯ дорад омезиши хеш дур.
Зи ман гарчи шӯрида шуд хобашон,
Ҳам аз файзи ҷӯи ман аст обашон.
Ҳама сирфхорони сарфи мананд,
Қаболанависони ҳарфи мананд[67].
Ман идрори ин файз аз он ёфтам,
Ки рӯй аз дигар чашмаҳо тофтам.
Ба хилват зидудам зи пӯлод занг,
Ки мино пазирад зи ёқут ранг[68].
Чу ман кардам оинаро тобнок,
Пазирандаи пок, шуд ҷои пок.
Нахондӣ, ки аз сақли чиниҳисор
Чӣ гуна ситад румиёнро нигор?[69]
Чу хоҳӣ, ки бар ганҷ ёбӣ калид,
Набояд инон аз риёзат кашид.
Масал зад дар ин он[70] ки фарзона буд,
Ки барн-ояд аз ҳеҷ вайрона дуд.
Басо хоб,
к-аввал бувад ҳавлнок,
Нишот оварад чун шавад рӯз пок.
Басо чиз, к-ӯ дар дил орад ҳарос,
Саранҷом аз он кард бояд сипос.
Ҷаҳон пур шуд аз даъвӣ ангехтан,
Бар ин натъ тарсам зи хун рехтан.
Чу борон фаровон бувад дар тамуз,
Ҳаво сард гардад чу бардалаҷуз[71].
Чу борон ҳаво тар намояд зи[72] об,
Насӯзонад он чиркро офтоб.
Чу бар одати худ дарояд хариф,
Ҳаво дур бошад зи боди латиф.
Вабо хезад аз таррии обу абр,
Ки бошад нафасро гузаргаҳ ситабр.
Бибояд яке оташ афрӯхтан,
Бар ӯ сандалу уду гул сӯхтан.

Ман он уд сӯзам, ки дар базми шоҳ
Надорам ҷуз ин як васиқат нигоҳ.
Худой аз паи бандагим офарид,
Ба ҷуз бандагӣ н-ояд аз ман падид.
Ба неку ба бад марди омӯзгор
Напечад сар аз гардиши рӯзгор,
Ба ҳар ҷ-иш расад созгорӣ кунад,
Фалак бар ситезанда хорӣ кунад[73].
Надорад ҷаҳон хӯи созандагон,
Насозад наво бо навозандагон.
Чу абрешиме баста бинад ба соз,
Қунад дасти худ бар буридан дароз[74].
Ду кирм аст,
к-он дар бирешимкашӣ
Қунад даъвии обиву оташӣ.
Яке коргоҳи бирешим танад,
Яке корвони бирешим занад.
Ду бошад магас ангубинхонаро,
Фиребанда, чун шамъъ парвонаро.
Қунад як магас мояи хӯрду хуфт,
Ба дуздӣ хӯрад дигаре дар нуҳуфт.
Яке з-он магас к-ангубингар бувад,
Беҳ аз сад магас к-ангубинх(в)ар бувад.
Аз он пеш, к-орад шабехун шитоб,
Чу дурроҷ дардеҳ салои кабоб.
Зи ҳирсӣ, чӣ бояд талаб кард ком,
Қи гаҳ сӯхта дорадат гоҳ хом[75].
Агар ҷӯш гирӣ, бисӯзӣ зи дард,
В-агар барнаҷӯшӣ шавӣ хому сард.
Сипеҳр аждаҳоест бо ҳафт сар,
Ба захме кай андозад аз маҳ сипар.
Дар ин ташти ғирболии обгун
Ту ғирболи хокӣ, фалак ташти хун,
Гар ӯ бо ту чун ташт шуд обрез,
Ту бо ӯ чу ғирбол шав хокбез,

Қуҷо хокдон бошаду обгир,
Зи ғирболу таште бувад ногузир.
Фусунгар хум аст ин хуми нилгун,
Ки сад гуна ранг ояд аз вай бурун.
Агар ҷодуе бар хуме шуд савор,
Хуме бин бар ӯ ҷодувон сад ҳазор.
Ҳисоби фалакро раҳо кун зи даст
Ки пастӣ[76] баландду баландист паст.
Гаҳе зери мо,
гоҳ болои мост,
Агар зеру болош хонӣ равост.
Дар ин парда бо осмон ҷанг нест,
Ки ин парда бо кас ҳамоҳанг нест.
Чӣ бозича, к-ин чархи бозичаранг
Набозад дар ин чордевори танг.
Қасеро, ки гардан[77] барорад баланд,
Ҳамаш боз дар гардан орад каманд.
Чу рубоҳи сурх ар кулоҳаш диҳад,
Ба хӯрди сагони сиёҳаш диҳад[78].
Дар[79] ин чорсӯ чанд созем ҷой,
Шикам чорсӯ карда чун чорпой.
Сар онгоҳ бар чорболиш ниҳем,
К-аз ин кундаи[80] чорболиш раҳем.
Работе дудар дорад ин дайрхок,
Даре дар гарева даре дар магок.
Наёмад касе з-он дар ин ҷо фароз,
К-аз ин дар бурунаш накарданд боз.
Фусурда касе, к-ӯ дар ин чоҳи паст,
Чу барф андар афтоду чун ях бубаст.
Хунукбарф, к-ӯ ҷон ба гармӣ супурд,
Ба як лаҳза зоду ба як лаҳза мурд.
На афсурдашамъе, ки чун барфурӯхт,
Шабе чанд ҷон канду онгоҳ сӯхт.
Қасеро, ки киштӣ набошад дуруст,
Шиновар шудан воҷиб ояд нахуст.

Набиний, ки моҳӣ ба дарьёи жарф
Наяндешад аз ҳеҷ борону барф.
Шитобандаро аспи саҳрохиром
Яракдода з-он беҳ,
ки бошад ҷимом.
Ҷаҳон он ҷаҳон шуд,
ки аз макру фан
Гаҳ оби ту резад,
гаҳе хуни ман.
Сипеҳр он сипеҳр аст,
к-аз доғу дард
Гаҳ азрақ кунад ранги мо гоҳ зард[81].
Дар[82] ин раҳ касе парда донад навохт,
Ки ҳанҷори ин раҳ тавонад шинохт.
Ба раҳбар тавон роҳ бурдан ба сар,
Сари роҳ дорам,
куҷо роҳбар?
Чунон вақти вақт оядам марг пеш,
Ки уммед бардорам аз умри хеш,
Дигарбора ғафлат сипоҳ оварад,
Сарам бар сари хобгоҳ оварад.
Хаёле ба хобе бадар мебарам,
Ба афсона умре ба сар мебарам.
Ба ин пар куҷо бартавонам парид?
Ба пое чунин дар чӣ донам расид?
Бад[83]-ин чорсӯи мухолифравон
Наям раста гар пираму гар ҷавон.
Агар вақъи пирон дорорам ба кор,
Ҷудо монам аз мардуми рӯзгор[84].
Ва гар бо чунин тан ҷавонӣ кунам,
Ба ҷони касон зиндагонӣ кунам.
Ҳамон беҳ, ки бо ҳар куҳан тозае
Намоям ба қадри вай андозае.
Магар торҳо кардан ин бандро,
Наёзорам ин ҳамраҳе чандро.

# ДАР АНДОЗА ҲАР КОРЕ НИГАҲ ДОШТАН

Чу файёзи дарьё даромад ба мавҷ,
Зи коми садаф дур дарорад ба авҷ.
Аз он абр, к-оташ дар об афканад,
Замин соя бар офтоб афканад[85].
Дигарбора давлат даромад ба кор,
Дили давлатӣ бо сухан гашт ёр.
Фурӯ рафт шаб, рӯзи равшан расид,
Шабоҳангро субҳи содиқ дамид.
Дигарбора бахтам сабукхез шуд,
Нишоти дилам бар сухан тез шуд.
Чу давлат диҳад бар кушоиш калид,
Зи санги сияҳ гавҳар ояд падид.
Ҳама рӯзро рӯзгор аст ном,
Яке рӯз дона-сту як рӯз дом[86].
Чу фармондеҳи нақши паргоркун,
Ба фармони ман кард мулки сухан.
Барандохте кардам аз рои чуст,
Ки ин мамлакат бар кӣ ояд дуруст.
Дар ин шаҳр, к-иқбол ёрӣ кунад,
Кӣ бошад, ки ӯ шаҳриёрӣ кунад?
Хирад гуфт, к-он кас бувад шаҳриёр,
Ки бошад писандида дар ҳар диёр.
Ба доду диҳиш чирабозу бувад,
Ҷаҳонбахши беҳамтарозу бувад.
Ба мӯр он диҳад, к-ӯ бувад мӯрхор,
Диҳад пилро тӯъмаи пилвор.
На чун хомкоре, ки мастӣ кунад,
Ба хома задан,
хомдастӣ кунад.
Раҳоварди мӯре фиристад ба пил,
Диҳад пашшаро ротиби Ҷабраил.
Ҳама кори шоҳони шӯридаоб,

Аз андоза нашнохтан шуд хароб,
Ки як раҳ сар аз найза нашнохтанд,
Ба мастӣ кулоҳе барандохтанд[87].
Бузург андаку хурд бисьёр бурд,
Шукӯҳи бузургон аз ин гашт хурд.
Сахое, ки бедониш ояд ба ҷӯш,
Зи табли дарида барорад хурӯш.
Маротиб нигаҳ дор то вақти кор,
Шумурдан тавонӣ яке то ҳазор.
Қаму беши коло чунон бармасанҷ,
Ки ҳаммол ҳар соат ояд ба ранҷ.
Макаш бар кӯҳан шоҳи навхезро,
К-аз ин кушт Ширӯя Парвизро.
Мазан арра бар солхӯрда дарахт,
Ки Заҳҳок аз ин гашт бе тоҷу тахт.
Ҷаҳондор чун абру чун офтоб,
Ба андоза бахшад ҳам оташ ҳам об.
Ба дарьё расад дур фишонад зи даст,
Кунад гурдаи кӯҳро лаълбаст.
Ба ҳар ҷо, ки роят барорад баланд,
Сари кисаро баркушояд зи банд.
Биҳамдуллаҳ ин шоҳи бисьёрҳӯш,
Ки нозишхар асту навозишфурӯш[88].
Зи барсахтани кӯҳ то барги коҳ,
Шиносад ҳама чизро пойгоҳ.
Ба андозае ҳар киро[89] мояе,
Даҳову диҳишро диҳад пояе.
Аз он шуд бар ӯ офарин ҷойгир,
Ки дар офариниш надорад назир.
Зи ман ҳар кас ин номаро боз ҷуст,
Ба унвони ӯ нома омад дуруст.
Ҷуз ӯ ҳар киро дидам аз хусравон,
Надидам дар ӯ ҷои хилват равон.
Саре дидам аз мағз пардохта,
Басе сар ба нопокӣ андохта.

Даре пур зи даъвиву хоне тиҳӣ,
Ҳама лоғариҳои бефарбеҳӣ,
Ҳама сайрафитабъи бозорагон,
Ҷигархораи ҷомагихорагон,
Ҳамин риштаро дидам аз лаъл пур,
Замире чу дарьёву лафзе чу дур,
Харидоре алҳақ чунин арҷманд,
Суханҳои ман чун набошад баланд?[90]

## ДАР СИТОИШИ МАМДУҲ

Шунидам, ки болои ин сабзфарш
Хурӯсе сапед аст дар зери арш.
Чу ӯ барзанад табли худро дувол,
Хурӯсони дигар бикӯбанд бол.
Ҳамоно,
ки он мурғи аршӣ манам,
Ки ҳар бомдоде навое занам[91].
Бар овози ман ҷумла мурғони шаҳр
Бароранд бонг ин-т гӯеи даҳр.
Низомӣ зи ганҷина бикшой банд,
Гирифтории Ганҷа то чанд, чанд?
Бурун ор агар сайде афкандаӣ,
Равон кун агар ганҷе огандаӣ.
Чунин нузле[92] ар[93] бахт рӯзӣ бувад,
Сазовори гетифурӯзе бувад.
Чу бар сиккаи шоҳ бастӣ зараш,
Ҳамон хутба хон боз бар[94] минбараш.
Шаҳе, к-он чи дар даври айёми ӯст,
Бар ӯ хутбаву сиккаи номи ӯст.
Сари сарфарозону гарданкашон
Малик Иззудин, қоҳири шаҳнишон.
Тарафдори Мавсул ба фарзонагӣ,
Қадархони шоҳон ба мардонагӣ[95].

Чу Маҳмуд бо фарру фарҳангу шарм,
Чу Довуд аз ӯ гашта пӯлод нарм.
Ба туғрои давлат зи маҳмудиён,
Ба тавқеъи нисбат зи довудиён.
Баҳорест ҳам мева ҳам гул бар[96] ӯ,
Сароянда қумриву булбул бар[97] ӯ.
Набинӣ, ки дар базми чун навбаҳор
Дирам резаду дур намояд нисор.
Чу дар ҷом резад май солх(в)ард,
Шабехун барад лаъл бар лоҷвард.
Чу шамшераш оташ барорад зи об,
Миёнҷӣ кунад абр бар офтоб[98].
Куҷо гашт шоҳини ӯ сайдгир,
Зи шоҳини гардун барорад нафир.
Уқобаш чу пар барзанад бар сипеҳр,
Шикораш набошад магар моҳу меҳр.
Кӣ бошад касе то ба даврони ӯ
Кунад дуздии сирату сони ӯ.
Сару рӯи он дузд гардад хароб,
Ки худро расан созад[99] аз моҳтоб.
Сароб аз сари об нашнохтан,
Кушад ташнаро дар таку тохтан[100].
Кулича гумон бурдан[101] аз қурси моҳ,
Фигандаст бисьёр касро ба чоҳ.
Диҳад дев акси фаришта зи дур,
Валек он зи зулмат бувад ин зи нур.
Дар ин меҳрубоншоҳи эзидпараст
Зи меҳру вафо ҳар чӣ хоҳанд, ҳаст.
На ман мондаам хира дар кори ӯ,
Ки гуфт,
офарине сазовори ӯ?
Чаро пешгин хонад ӯро сипеҳр,
Ки ҳаст аз чунон хусравон бешмеҳр.
Агар пешгин барнависанд рост,
Бувад Қайпашин ҳарф бар вай гувост[102].

Сазад гар бувад номи ӯ Қайпашин,
Ки ҳам кайнишон асту ҳам кайнишин.
Ба эҳьёи ӯ зинда шуд мулки даҳр,
Гувоҳи ман он кас, ки ӯрост баҳр.
Аз он зилзила, к-осмонро дарид,
Шуд он шаҳрҳо дар замин нопадид.
Чунон ларза афтод бар кӯҳу дашт,
Ки гард аз гиребони гардун гузашт.
Замин гашта чун осмон беқарор,
Муаллақзан аз бозии рӯзгор[103].
Баромад яке садма аз нафхи сур,
Ки моҳӣ шуд аз кӯҳаи гов дур.
Фалакро салосил зи ҳам баргусаст,
Заминро мафосил баҳам даршикаст.
Дар аъзои хок обро баста кард,
Зи бас куфтан кӯҳро хаста кард.
Рухи юсуфонро баромуд мил,
Дари мисриёнро барандуд Нил.
Намонда яке дида бар ҷои хеш,
Ҷаҳон дар ҷаҳон сурма з-андоза беш.
Заминро чунон[104] дарҳам афшурд сахт,
Қ-аз афсурдагӣ кӯҳ шуд лахт, лахт.
На як риштаро мӯҳра бар кор монд,
На як мӯҳра дар ҳеҷ девор монд[105].
Зи бас ганҷ, к-он рӯз бар бод рафт,
Шаби шанберо Ганҷа аз ёд рафт.
Зи чандон зану марду барнову пир
Бурун н-омад овозае ҷуз нафир.
Чу монд ин яке риштагавҳар ба ҷой,
Дигар раҳ шуд он ришта гавҳаргирой.
Ба иқболи ин гавҳари гавҳарӣ
Аз он доира дур шуд доварӣ.
Ба каммуддат он марзи вайронабум
Ба фарри вай ободтар шуд зи Рум.
Дар он рахна мангар, ки аз печу[106] тоб.

Шуд аз малакат дур акнун хароб.
Нигар то бад-ин шоҳи гардунсарир
Дигарбора чун шуд иморатпазир?
Гилинборӯяшро зи бас баргу соз
Ба девори заррин бадал кард боз.
Баророст вайронаеро ба ганҷ,
Зи теморӣ мамлакат бурд ранҷ.
Зи ҳар ганҷе ангехт сад гуна боғ,
Барафрӯхт бар[107] хонае сад чароғ[108].
Чу з-ободӣ он мулкро нур дод,
Харобӣ зи даргоҳи ӯ дур бод!

## ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Зиҳӣ офтобе, ки аз дурдаст
Ба нури ту бинем дар[109] ҳар чӣ ҳаст.
Чароғ арчи бошад ҳам аз ҷинси нур,
Ҷуз ӯро ба ӯ дид натвон зи дур.
На он шуд кулаҳдории подшоҳ,
Ки дорад ба ганҷина-дар сад кулоҳ.
Кулаҳдорӣ он шуд, ки бар ҳар саре
Ниҳад ҳар замон аз кулоҳ афсаре.
Димоғе, ки он дар сар орад ғурур,
Зи сарҳо ту кардӣ ба шамшер дур.
Чу олӣ бувад рояту рои шоҳ,
Ҳамаш базм фаррух бувад ҳам сипоҳ.
Туӣ роят аз нусрат ороста,
Тараддуд зи[110] рои ту бархоста.
Қаён гар гузаштанд аз ин базмгоҳ,
Ба сарсабзӣ онгаҳ ту дорӣ кулоҳ.
Ту имрӯз бар халқ фармондеҳӣ,
Ба нафси худ аз офариниш беҳӣ.
Кулаҳдори олам туӣ дар ҷаҳон,
Ки аз туст бар сар кулоҳи меҳон.

Зи Қовусу Кайхусраву Кайқубод,
Туӣ бешдодӣ беҳ аз пешдод.
Чу дар дод бешиву пешит ҳаст,
Сазад гар шавӣ бар каён пешдаст.
Барои бар ин ҳафт пирӯзакох,
Қунӣ пардаи танги ҳастӣ фарох.
Зи косӣ[111] Низомӣ яке тоси май
Хӯрӣ ҳам[112] ба оини Қовуси Кай.
Ситонӣ бад-он тоси тӯсинавоз
Ҳақи «Шоҳнома» зи Маҳмуд боз.
Ду ворис шумор аз ду кони куҳан,
Туро дар сахову маро дар сухан.
Ба воме[113], ки нодода бошад нахуст,
Ҳақи ворис аз ворис ояд дуруст.
Ман он гуфтаам, к-он чунон кас нагуфт,
Ту он кун, ки он низ натвон нуҳуфт.
Ба гуфтан маро ақл тавфиқ дод,
Ба хондан туро низ тавфиқ бод![114]
Чу тавфиқи мо ҳарду ҳамраҳ шавад,
Суханро яке поя дар даҳ шавад.
Ба ин гул, ки райҳони боғи ман аст,
Дар айвони ту шабчароғи ман аст.
Баророй маҷлис,
барафрӯз ҷом,
Ки ҷуллоб пухтаст дар хуни хом.
Ту май хӯр, баҳона зи дар дур дор,
Маро лаб ба мӯҳр аст, маъзур дор.
Ба он ҷом, к-орад дар андеша ҳӯш,
Ҳама сола май хӯрданат бод нӯш!
Дилат тоза бодову давлат ҷавон,
Ту бодӣ ҷаҳонро ҷаҳонпаҳлавон.
Қирони[115] ту дар гардиши рӯзгор,
Маяфтод чун чархи гардон зи кор.
Баландит бодо, чу чархи кабуд,
Ки чарх аз баландӣ наёяд фурӯд[116].

Ду теғе тар аз субҳи шамшери ту,
Сипеҳр аз замин ромтар зери ту.
Дурафшанда теғат адӯсӯз бод!
Дурафши каён аз ту фирӯз бод!
Агарчи ман аз баҳри коре[117] бузург
Фиристодамат ёдгоре[118] бузург.
Мабодо зи ту ҷуз ту кас[119] ёдгор,
В-аз ин ёдгор, ин сухан ёд дор!

## ОҒОЗИ ДОСТОН

Сари файласуфони юнонгурӯҳ
Ҷавоҳир чунин орад аз кони кӯҳ,
Ки чун як раҳ он шоҳи гетинавард
Зи гардиш ба гардун баровард гард.
Ба Юнонзамин омад аз роҳи дур,
Ватангоҳи пешинаро[120] дод нур.
Зи ромиш сӯи дониш овард рой,
Пажӯҳишгарӣ кард бо раҳнамой.
Димоғи фалакро ба андеша суфт,
Дари бастагиҳо кушод аз нуҳуфт.
Суханро нишон ҷуст бар раҳбарӣ,
Зи юнониву паҳлавиву дарӣ.
Аз он порсидафтари хусравон,
Ки бар ёд будаш чу оби равон,
Зи дигар забонҳои ҳар марзу бум,
Чӣ аз ҷинси Юнон,
чӣ аз ҷинси Рум,
Бифармуд то файласуфон ҳама
Кунанд он чи дониш бувад, тарҷума.
Зи ҳар дар ба дониш дуре даркашид,
В-аз он ҷумла дарьёе омад падид.
Садаф чун зи ҳар гавҳаре гашт пур,
Падид омад аз Рум дарьёи дур[121].

Нахустин тарозе, ки баст аз қиёс,
Китобест, к-он ҳаст гетишинос.
Дигар дафтари рамзи рӯҳониён,
Қ-аз ӯ зинда монанд юнониён.
Ҳамон сифри[122] Искандарӣ, к-аҳли Рум
Бад-ӯ нарм карданд оҳан чу мум.
Хабар ёфтанд аз раҳи кину меҳр,
Ки дар ҳафт гунбад, чӣ дорад сипеҳр?
Қунун з-он садафҳои гавҳарфишон
Бурун з-Интиёхис набинӣ нишон[123].
Чунин чанд навбоваи ақлу рой
Падид омад аз шоҳи кишваркушой.
Бад-он[124] кордониву корогаҳӣ
Чу биншаст бар тахти шоҳаншаҳӣ,
Ишорат чунон шуд зи тахти баланд,
Ки доност наздики мо арҷманд.
Наҷӯяд касе бар касе бартарӣ[125],
Магар, к-аз тариқи ҳунарпарварӣ,
Зи ҳар пойгоҳе, ки воло бувад,
Ҳунармандро поя боло бувад.
Қарор он чунон шуд, ки наздики шоҳ
Ба дониш бувад мардро пойгоҳ.
Чу давлат ба дониш равон кард маҳд,
Меҳон сӯи дониш намуданд ҷаҳд.
Ҳама рух ба дониш барафрӯхтанд,
Зи фарзонагон дониш омӯхтанд.
Зи фарҳанги он шоҳи донишписанд.
Шуд овози Юнон ба дониш баланд.
Қунун, к-он навоҳӣ варақ дарнавашт,
Замон гашту з-ӯ номи дониш нагашт.
Сари навбатӣ, гарчи бар чарх баст,
Ба тоатгаҳаш буд доим[126] нишаст.
Ниҳонхонае доштӣ аз адим,
Бар ӯ ҳеҷ банде на аз зарру сим.

Яке хиргаҳ аз шӯшаи сурхбед,
Дар он хиргаҳ афшонда хоки сапед.
Дилаш чун шудӣ сер аз ин домгоҳ,
Дар он хиргаҳ овардӣ оромгоҳ.
Ниҳодӣ кулоҳи каёнӣ зи сар,
Ба хидматгарӣ чуст бастӣ камар.
Задӣ рӯй бар рӯи он хоки пок,
Баровардӣ аз дил даме дарднок.
Зи рафта сипосе барорости,
Ба оянда ҳам ёрие хостӣ.
Ҳар он фатҳ, к-иқболаш овард пеш,
Зи фазли худо дид,
и-аз ҷаҳди хеш.
Дуо карданаш бин чи дар парда буд,
Ҳамоно, ки шоҳе дуо карда буд.
Дуо, к-ояд аз роҳи олудагӣ,
Наёрад магар магзи полудагӣ?[127]
Чу софе бувад марди мақсудхоҳ,
Дуо зуд ёбад ба мақсуд роҳ.
Сикандар, ки он подшоҳӣ гирифт,
Ҷаҳонро бад-ин некроҳӣ гирифт.
На з-он гофилон[128] буд, к-аз рӯду май,
Баду некро барнагиранд пай.
Ба кас бар ҷаве ҷавр нагзоштӣ,
Ҷаҳонро ба мизон нигаҳ доштӣ.
Агар пиразан буду гар тифли хурд,
Гаҳи додхоҳӣ бад-ӯ роҳ бурд.
Бад-ин ростӣ буд паймони ӯ,
Ки шуд ҳафт кишвар ба фармони ӯ.
Ба тадбири корогаҳон дам кушод,
Зи корогаҳӣ кори олам кушод.
Вагарна яке турки руминкулоҳ
Ба Ҳинду ба Чин кай[129] задӣ боргоҳ?
Шунидам, ки ҳар ҷо, ки рондӣ чу кӯҳ
Набудӣ дараш холӣ аз шаш гурӯҳ.

Зи пӯлодхоёни шамшерзан
Камар баста будӣ ҳазор анҷуман.
Зи[130] афсунгарон чанд ҷодуи чуст[131]
К-аз эшон шудӣ банди Ҳорут суст[132].
Забоноварone,
ки вақти шитоб
Кулича рабудандӣ аз офтоб.
Ҳакимони борикбини беш аз он,
Ки ранҷонам андешаи хеш аз он.
Зи пирони зоҳир басе некмард,
Ки дар шаб дуое тавонанд кард.
Ба пайғамбарон низ будаш паноҳ,
В-аз ин ҷумла холӣ набудаш сипоҳ.
Чу коре гиреҳ пешбоз омадӣ,
Ба мушкил кушодан ниёз омадӣ.
Зи шаш кавкаба саф барористӣ,
Зи ҳар кавкабе ёрие хостӣ.
Ба андозаи ҷаҳди худ ҳар касе
Дар он кор ёрӣ намудӣ басе.
Ба чандин рақибони ёригараш
Кушода шудӣ он гиреҳ бар дараш.
Ба тадбири пирони бисьёрсол
Ба дастурии ахтари некфол,
Чу з-ин гуна тадбир соз омадӣ,
Дуаспаш ғараз пешбоз омадӣ.
Куҷо душмане ёфтӣ сахткӯш,
Ки печидӣ аз сахткӯшиш гӯш[133].
Ба пайғом аввал зар андохтӣ,
Ба зар кори худро чу зар сохтӣ.
Агар душмани зар будӣ душманаш,
Ба оҳан шудӣ кори чун оҳанаш.
Гар оҳан набудӣ бар он дар калид,
Ба афсунгарон чора кардӣ падид.
Гар афсунгар аз чора сар тофтӣ,
Ба марди забондон фараҷ ёфтӣ.

Чу захми забон ҳам набудӣ писанд,
Зи рои ҳакимон шудӣ баҳраманд.
Зи чора ҳаким ар[134] ҳаросон шудӣ,
Ба зӯҳду дуо сахтӣ осон шудӣ.
Гар аз зоҳидон будӣ он кор беш,
Ба пайғамбарон бурдӣ он кор пеш.
В-агар з-ин ҳама беш будӣ шумор,
Ба эзид паноҳидӣ анҷоми кор.
Паноҳандаи бахти бедори ӯ
Шудӣ ёри ӯ, сохтӣ кори ӯ.
Зи ҳар ибра,
к-андар шумор омадаш,
Намудори ибрат ба кор омадаш[135].
Зи базми тараб то ба шуғли шикор
Надидӣ ба бозича дар ҳеҷ кор.
Яке рӯз май хӯрдан оғоз кард,
Дари хуррамӣ бар ҷаҳон боз кард.
Ба ромиш нишастанд ромишгарон,
Қашиданд базме карон то карон.
Сарояндае буд дар базми шоҳ,
Ки шаҳро дар ӯ беш будӣ нигоҳ.
Вашиҷомае доштӣ ҳафтранг,
Чу гул торупудаш баровbooarда танг.
Тамошои он ҷомаи нағзбоф,
Дили шоҳро дода бар вай тавоф.
Бар он ҷомаи чун гул афрӯхта,
Зи карбоси хом остар дӯхта.
Худованди он ҷомаи нағзкор,
Гаронҷома з-ӯ[136] то басе рӯзгор,
Зи бас захмаи дуду тороҷи гард,
Вашипӯшро ҷома шуд солх(в)ард.
Чу хандид бар якдигар тору пуд,
Сароянадаро охир омад суруд[137].
Қуҳанҷомаро дод созе дигар,
Вашӣ зер кард, остар бар забар.

Чу дар чашми шоҳ омад он ранги зишт
Бад-ӯ гуфт,
к-эй мудбири бадсиришт,
Чаро парраи сурхгул рехтӣ,
Ба хори муғелон даровехтӣ.
Ҳарират чаро гашт бар тан палос,
Чӣ дорӣ шабаҳ пеши гавҳаршинос?
Замин бӯса дод
он сарояндамард,
Ба ҷону сари шоҳ савганд х(в)ард,
Ки: — Ин ҷома буд,
он ки буд аз нахуст.
Зи бумаш дигаргуна нақше наруст.
Ҷуз он нест,
к-аз ту амал кардаам,
Дарунро ба берун бадал кардаам.
Халақ буд[138] берун нуҳуфтам зи шоҳ
Халақтар шудам чун дарун ёфт роҳ.
Шаҳ аз посухи марди дастонсарой
Фурӯ монд саргашта лахте ба ҷой.
Аз он пас ки хулқони ӯ тоза кард,
Ба хулқаш карам
беш аз андоза кард.
Зи гирья бипечиду
дар гирья гуфт,
Ки пӯшида беҳ рози мо дар нуҳуфт.
Гар аз рози мо баркушоянд банд,
Бигирад ҷаҳон дар ҷаҳон бӯи ганд.
Чу аз нақши дебои рӯмитироз
Сари айба[139] з-ин сон кушоянд боз.
Беҳ ар мо дар ин миҷмари нуқрапӯш
Чу уди сияҳ барнадорем ҷӯш,
Ки хубон ба хокистари уду бед
Кунанд аз сари ханда
дандон сафед.

## ДАР ИН КИ ЧАРО ИСКАНДАРРО ЗУЛҚАРНАЙН ГӮЯНД?

### МУҒАННИНОМА

Бисоз[140], эй муғаннӣ раҳи дилписанд,
Бар авторп ин арғунуни баланд,
Раҳе, к-он зи меҳнат раҳоӣ диҳад,
Ба торикшаб рушноӣ диҳад.

### ДОСТОН

Суханро нигорандаи чарбдаст
Ба номи Сикандар чунин нақш баст,
Ки соҳибдуқарнаш бад-он буд ном,
Ки бар машриқу мағриб овард гом.
Ба қавли дигар он ки бар ҷоми Ҷам
Дудастӣ задӣ теғ чун субҳдам,
Ба қавли[141] дигар, к-ӯ басечида дошт,
Ду гесӯ паси[142] пушт печида дошт.
Ҳамон қавли дигар, ки дар вақти хоб
Ду қарни фалак бистад аз офтоб.
Дигар достоне зад омӯзгор,
Ки умраш ду қарн омад аз рӯзгор.
Дигаргуна гӯяд[143] ҷаҳонфайласуф, —
Абӯ Маъшар андар китоби «Улуф»,
Ки — Чун бар Сикандар саромад замон,
Набуд он[144] халал халқро дар гумон.
Зи мӯҳраш[145], ки юнониён доштанд
Ба коғаз — бараш нақш бингоштанд.
Чу бар ҷои худ килки суратгараш
Баророст ороише дарх(в)араш.
Ду нақши дигар баст пайкарнигор,
Яке бар ямину яке бар ясор.

Ду қарн аз сарӣ ҳайкал ангехта,
Ба ӯ лоҷварду зар омехта.
Лақаб кардашон марди ҳайатшинос,
Ду фаррухфаришта зи рӯи қиёс,
Ки дар[146] пайкаре, к-эзид оросташ,
Фаришта бувад бар чапу росташ.
Чу он ҳар се пайкар бад-он дилбарӣ,
Ки бурд аз ду пайкар беҳипайкарӣ.
Зи Юнон ба дигар савод уфтод,
Ҳадиси Сикандар бад-ӯ кард ёд.
Сано рафт аз эшон ба ҳар марзу бум,
Ба ороиши дасткорони Рум.
Араб[147] чун бад[148]-он дида бигмоштанд,
Сикандар дигар сурат ангоштанд.
Гумон будашон, к-он чи қарнаш дар аст,
На фаррухфаришта, ки Искандар аст.
Аз ин рӯи дар шубҳат афтодаанд,
Ки соҳибдуқарнаш лақаб додаанд[149].
Ҷуз ин гуфт бо ман худованди ҳуш,
Ки берун аз[150] андоза будаш ду гӯш.
Бар он гӯш чун тоҷи ангехта,
Зи зар[151] доштӣ тавқе овехта.
Зи зар гӯшро ганҷдон доштӣ,
Чу ганҷаш зи мардум ниҳон доштӣ.
Ба ҷуз сартароше,
ки будаш ғулом,
Сӯи гӯши ӯ кас накардӣ[152] паём.
Магар к-он ғулом аз ҷаҳон даргузашт,
Ба дигар тарошанда мӯҳтоҷ гашт.
Тарошанда устоде омад фароз,
Ба пӯшидагӣ мӯи ӯ кард боз.
Чу мӯй аз сари марзбон боз кард,
Бад-ӯ марзбон нармак овоз кард,
Ки-гар рози ин гӯши пиряпӯш
Ба гӯш оварам к-оварад кас ба гӯш,

Чунонат диҳам гӯшмоли нафас,
Ки ногуфтаниро нагӯӣ[153] ба кас.
Шуд он марду он ҳалқа дар гӯш кард,
Сухан не, забонро[154] фаромӯш кард.
Нагуфт ин сухан бо касе дар ҷаҳон,
Чу куфраш ҳамедошт дар дил ниҳон.
Зи пӯшидани роз шуд рӯйзард,
Ки пушидарозӣ дил орад ба дард.
Яке рӯз пинҳон бурун шуд зи[155] кох,
Зи дилтангӣ омад ба даште фарох.
Ба пайғулае дид чоҳе шигарф,
Фиганд он суханро дар он чоҳи жарф,
Ки Шоҳи ҷаҳонро дароз аст гӯш,
Чу гуфт ин сухан,
дил тиҳӣ шуд зи ҷӯш.
Сӯи хона омад ба оҳистагӣ,
Нигаҳ дошт мӯҳри забонбастагӣ.
Ханида чунин шуд, к-аз он чоҳи чуст,
Бар оҳанги он нола, ноле бируст[156].
Зи чаҳ сар бароварду боло кашид,
Ҳамон дасти дузде ба коло кашид.
Шубоне биёбонӣ омад зи роҳ,
Нае дид барруста аз қаъри[157] чоҳ.
Ба расми шубонон аз ӯ неша сохт,
Нахусташ[158] бизад захм в-онгаҳ навохт.
Дили худ дар андеша нагзоштӣ,
Ба он най дили хеш хуш доштӣ[159].
Бурун рафта буд шоҳ рӯзе ба дашт,
Дар он дашт бар марди чӯпон гузашт.
Нае дид, к-аз дур мезад шубон,
Шуд он марз шӯрида бар марзбон.
Чунон буд[160] дар нолаи[161] най ба роз,
Ки Дорад Сикандар ду гӯши дароз.
Дар он доварӣ соате пай фушурд,
Ба оҳанги сомони ӯ пай набурд[162].

Шубонро ба худ хонду пурсид роз,
Шубон рози он[163] най бад-ӯ гуфт боз,
Ки-Ин най зи чоҳе баромад баланд,
Ки ширинтар аст аз наистони қанд,
Ба захми худаш кардам аз захм[164] пок,
Нашуд захмазан то нашуд захмнок.
Дар ӯ ҷон наю ишқи ҷони ман аст,
Бад-ин безабонӣ, забони ман аст[165].
Шигифт омад ин достон шоҳро.
Ба сар бурд сӯи ватан роҳро.
Чу биншаст хилват[166] фиристод кас
Тарошандаро сӯи худ хонду бас.
Бад-ӯ гуфт, к-Эй марди оҳистарой
Суханҳои сарбастаро сар кушой?[167]
Ки рози маро бо кӣ пардохтӣ?
Суханро ба гӯши кӣ андохтӣ?
Агар гуфтӣ, озодӣ аз тундмеғ,
В-агар на саратро бурад сели теғ.
Тарошанда, к-ин достонро шунид,
Беҳ аз рост гуфтан[168] ҷавобе надид.
Нахустин ба нӯги мижа роҳ руфт,
Дуо карду бо он дуокарда гуфт:
Ки-Чун шоҳ бо ман чунон кард аҳд,
Ки бурқаъ кашам бар арӯсони маҳд,
Аз он рози пинҳон дилам суфта шуд,
Ҳикоят ба чоҳе фурӯ гуфта шуд.
Нагуфтам ҷуз ин бо кас, эй некрой,
В-агар гуфтаам, бод хасмам худой!
Чу шаҳ дид рози ҷигарсуфти ӯ,
Дурустӣ талаб кард бар гуфти ӯ.
Бифармуд, к-орад рақибе шигарф
Наи нолапарвард аз он чоҳи жарф,
Чу дар пардаи най нафас ёфт роҳ,
Ҳамон рози пӯшида бишнид шоҳ.

Шуд огаҳ, ки дар арзгоҳи ҷаҳон
Нуҳуфтидан кас намонд ниҳон.
Ба некӣ сарояндаро ёд кард,
Шуд озоду аз теғаш озод кард.
Чунон дон, ки аз ғунчаи лаълу дур
Шукуфа кунад ҳар чӣ он гашт пур.
Бухоре, ки дар санги хоро шавад,
Саранҷоми кор ошкоро шавад.

## ДОСТОНИ ИСКАНДАР БО ШУБОНИ ДОНО

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биё з-аввали субҳи бом[169]
Бизан захмаи пухта бар руди хом[170].
Аз он захма, к-ӯ рӯди[171] об оварад,
Зи савдои беҳуда хоб оварад.

### ДОСТОН

Чунин гӯяд он нағзгӯянда пир,
Ки дар файласуфон набудаш назир,
Ки румикамар шоҳи чиникулоҳ,
Нишаст аз бари гоҳ рӯзе пагоҳ,
Ба тоқи ду абрӯ бароварда хам,
Гиреҳ баста бар хандаи Ҷоми Ҷам.
Маҳе дошт тобанда чун офтоб,
Зи бӯҳрони таб ёфта ранҷу тоб.
Шикаста ҷаҳон ком дар коми ӯ,
Расида ба навмедӣ анҷоми ӯ.
Дили шаҳ, ки оинае буд пок,
Аз он дардмандӣ шуда дарднок.

Бифармуд то кордонони Рум
Хироманд наздаш зи ҳар марзу бум.
Магар чораи он париваш кунанд,
Дили нохуши шоҳро х(в)аш кунанд.
Қасоне, ки дар парда маҳрам шуданд,
Дар он доваригаҳ фароҳам шуданд.
Дар он таб басе чораҳо сохтанд,
Танашро зи тобиш напардохтанд.
На он сурхсеб аз табаш гашт беҳ,
На з-абрӯи шаҳ дур гашт он гиреҳ,
Аз он ҷо, ки шаҳ дил дар ӯ баста буд,
Зи темори бемор дилхаста буд.
Фурӯд омад аз тахту баршуд ба бом,
Ки шӯрида камтар пазирад мақом.
Яке лаҳза пиромуни бом гашт,
Назар кард аз он бом бар[172] кӯҳу дашт,
Дар он пастӣ аз боми қасри[173] баланд
Шубон диду дар пеши ӯ гӯсфанд.
Ҳумоюн[174] яке пири бо фарру ҳӯш,
Қулоҳу еараш ҳарду кофурпӯш.
Дар он дашт мегашт бемашғала,
Гаҳаш дар гиё рӯю гаҳ дар гала.
Дилаш з-он шӯбон андаке баркушод,
Ки зебоманиш буду зиракниҳод.
Фиристод, к-оранд аз ҷои паст
Бар он хусраве боми олинишаст.
Рақибон ба фармони шаҳ тохтанд,
Шубонро ба хондан сар афрохтанд.
Даромад[175] шубона ба наздики шоҳ,
Саропардае дид бар авҷи моҳ.
Хабар дошт, к-он Садди Искандарист,
Намудори фолаш баландахтарист.
Замин бӯса додаш,
ки парварда буд,
Дигар хидмати хусравон карда буд.

Чу афканда будаш чу сарви равон,
Фурӯҳишт буркаъ ба рӯи ҷавон.
Сӯи хонаи худ ба як турктоз
Ба чашми фурӯбасташ овард боз.
Ниҳонхонае дошт дар зери хок,
Нишондаш дар он хона андӯҳнок.
Яке з-устуворон бар ӯ баргумошт,
Қ-аз ӯ рози пӯшида, пӯшида[183] дошт.
Ба обеву ноне қаноат намуд,
В-аз ин беш чизиш рухсат набуд.
Маликзода зиндониву мустаманд,
Дилу дидаву даст ҳар се ба банд,
Фурӯ монд саргашта дар кори хеш,
Ки норафта чун омад он роҳ[184] пеш.
Ҷавонмард, к-ӯ буд ғамхори ӯ,
Қамар баст дар чораи кори ӯ.
Арӯси табишдидаро чора сохт,
Дилашро ба садгуна шарбат навохт.
Табибе талаб кард иллатшинос,
Гаронмояро дошт якчанд пос.
Парирух зи дармони он чирадаст
Аз[185] он тобу он таб ба якбора раст.
Ҳамон обу рангаш даромад, ки буд,
Тамошо талаб карду шодӣ намуд.
Чу гашт аз даво ёфтан тандуруст,
Давои дили хешро боз ҷуст[186].
Ҷавонмард чун дид, к-он хубчеҳр,
Маликзодаро ҷӯяд аз баҳри[187] меҳр.
Шабе хона аз уд пуртиб кард,
Яке базми шоҳона тартиб кард.
Чу орост он базми чун навбаҳор,
Нишонд [188] он гули сурхро бар канор.
Шуд, овард шоҳи назарбастаро,
Маҳе аз дами аждаҳо растаро.

Зи рух банди бурқаъ барандохташ,
Дар он базмгаҳ бурду бинвохташ.
Маликзода чун як замон бингарид,
Маю маҷлису нуқлу[189] маъшуқа дид.
Аз он дӯзахи тангу торику зишт
Ҳамаш ҳур ҳосил шуда,
ҳам биҳишт.
Чи гӯям,
ки чун буд аз ин хуррамӣ,
Бувад шарҳ аз ин беш номаҳрамӣ[190].
Шаҳаншаҳ чу гуфти шубон[191] кард гӯш
Ба мағзи рамида баровард ҳуш.
Баросӯд аз он ранҷу ором ёфт,
Қ-аз он пири пухта маи хом ёфт.
Дар ин буд хусрав,
ки аз базми хос
Бурун омад овозае бар халос,
Ки он меҳрубонмоҳи хусравпараст
Ба иқболи шаҳ атсае доду раст.
Шубон чун ба шаҳ некхоҳӣ расонд,
Мудорон шоҳаш ба шоҳӣ расонд.
Қасеро,
ки покӣ бувад дар сиришт,
Чунин қиссаҳо з-ӯ тавон дарнавишт.
Ҳунар тобад аз мардуми гавҳарӣ,
Чу нур аз маҳу тобиш аз муштарӣ.
Шиносанда гар нест шӯридамағз,
Набаҳра шиносад зи диnори нағз.
Қасе,
к-ӯ сухан бо ту нагз оварад,
Ба дил бишнаваш,
к-он зи мағз оварад[192].
Забоне,
ки дорад[193] сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд ҷавоб[194].

# АФСОНАИ АРШИМЕДИС БО ҚАНИЗАКИ ЧИНӢ

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ яке нағма[195] бинвоз[196] зуд,
Қ-аз андеша дар мағзам афтод дуд.
Чунон баркаш он нағмаи нағзро,
Ки сокин кунӣ дар сар ин мағзро.

## ДОСТОН

Ҳам аз файласуфони он марзу бум,
Чунин гуфт пире зи пирони Рум,
Ки буд аз надимони хусравхиром
Ҳунарпешае, Аршимедис ба ном.
Зи юнониён муҳташамзодае
Надида чу ӯ[197] гетӣ озодае.
Хазина басе дошт хубӣ басе,
Ба Юнон набуд хубтар з-ӯ касе.
Хирадманду бо рою фарҳангу ҳуш
Ба таълими доно, кушояндагӯш
Арастуш фарзанди худ ном кард,
Ба таълими ӯ хона бадром кард[198].
Сикандар бад-ӯ дод девони хос,
Қ-аз ӯ дид ғамхорагонро халос.
Қанизе, ки хоқон[199] бад-ӯ дода буд,
Ба Рус он ҳама размаш афтода буд.
Бад-он хубрӯи ҳунарпеша дод
Ҳунарпешаро дил ба андеша дод.
Чу сайёдро оҳу омад ба даст,
Нашуд сер аз он оҳуи[200] ширмаст.
Бад-он[201] турки чинӣ чунон дил супурд,
Ки ҳиндуи ғам рахташ аз хона бурд.





Зи машғулии ӯ[202] басе рӯзгор
Наёмад ба таълими омӯзгор.
Сароянда устодро рӯзи дарс
Зи таълими[203] ӯ дар дил афтод тарс,
Ки, гӯӣ чӣ раҳ зад ҳунарпешаро,
Чӣ шӯрид дар мағзаш[204] андешаро?
Ба таълими ӯ буд шогирд сад,
Ки омӯхтандӣ аз ӯ неку бад.
Агар Аршимедис набудӣ ба ҷой,
Навадиуҳ будандӣ бад-ӯ раҳнамой.
Сарояндаро баста гаштӣ сухан,
Қ-аз он сикка нав буд нақши куҳан[205].
Ва гар будӣ ӯ яктана ёдгир,
Сухангӯйро баркушодӣ замир.
Нилюшанда яктан, ки бихрад бувад,
Зи нобихрадон беҳтар аз сад бувад[206].
Ҳунарпешаро пеш хонд устод,
Ки чун аст, к-аз мо наёрӣ ту ёд?
Чӣ машғулӣ аз донишат боз дошт,
Ба бедонишӣ умр натвон гузошт.
Чунин боз дод Аршимедис ҷавоб,
Ки бар ташнаи роҳ зад ҷӯи об.
Маро бештар з-он ки бинвохт шоҳ,
Ба ман дод чиниканизе чу моҳ.
Ҷавоневу з-он сон буте хубчеҳр
Бад-он меҳрубон чун набошам ба меҳр?
Бад-он сайд вомондаам з-ин шикор,
Ки якдил набошад диле дар ду кор[207].
Чу донист устод,
к-он тезҳуш
Ба шаҳватпарастӣ баровард ҷӯш.
Бигуфт он парирӯйро пеши ман
Бибояд фиристод беанҷуман.
Бубинам, ки тороҷи он турктоз
Туро аз сари илм чун дошт боз[208].

Шуд он бутпарастанда фармонпазир,
Фиристод бутро ба донои пир.
Баромехт доно яке талхҷом,
Ки аз тан бурун оварад хилти хом.
На хилте, ки ҷонро гизоиш кунад,
Вале[209] он ки[210] хунро физоиш кунад[211].
Бипардохт аз шахси ӯ[212] мояро,
Дуто кард сарви саҳисояро,
Физуле, к-аз он моя омад ба зер,
Ба таште дарандохт доно далер.
Чу пур кард аз ахлот он мояташт,
Бути хуб дар дида нохуб гашт.
Тароват шуд аз рӯю равнақ зи ранг,
Шуд аз нуқраи зайбақӣ обу санг.
Бихонд он ҷавони ҳунармандро,
Бад-ӯ дод маъшуқи дилбандро,
Ки бистон дилороми худро ба ноз,
Бибар шодмона сӯи хона боз.
Ҷавонмард чун дар санам бингарист
Ба устод гуфт: «Ин зани зишт кист?
Куҷо он ки ман дӯстдораш будам?
Ҳамасола дар банди кораш будам?»
Бифармуд доно, ки аз ҷои хеш
Биёрандаш он ташти пӯшида пеш.
Сари ташти пӯшидаро баргирифт,
Дар он доварӣ монд гетӣ шигифт.
Бад-ӯ гуфт, к-Ин буд дилороми ту,
Бад-ин буд машгулии коми ту.
Далел он ки то пайкари ин каниз
Аз ин буд пур,
буд пешат азиз.
Чу ин моя дар тан намедонияш,
Ба сурат зани зишт мехонияш.
Чӣ бояд зи хун хилт пардохтан,
Бад-ин хилту хун ошиқӣ сохтан[213].

Марез оби худро дар ин тирахок,
Қ-аз ин об шуд одамӣ тобнок.
Дар ин қатраи оби норехта,
Басе хуррамиҳост омехта.
Ба чандин канизони ваҳшинажод[214]
Мадеҳ хирмани умри худро ба бод.
Яке ҷуфти танҳо[215] туро бас бувад,
Ки бисьёркас марди бекас бувад[216].
Аз он мухталифранг шуд рӯзгор,
Ки дорад падар ҳафту модар чаҳор.
Чу якранг хоҳӣ, ки бошад писар,
Чу дил бош якмодару якпадар.
Чу дид Аршимедис, ки донои Рум
Чи гуна кашид ангубинро зи мум?
Ба узре чунин пои ӯ бӯса дод,
В-аз он пас назар сӯи дониш ниҳод,
Валекин дилаш майли он моҳ дошт,
Ки алҳақ фиребанда дилхоҳ дошт.
Дигарраҳ чу сабзӣ даромад ба шох,
Саҳисарвро гашт майдон фарох.
Бунафша дигарбора шуд мушкпӯш,
Сари наргис омад зи мастӣ ба ҷӯш.
Гули рӯи он туркчинӣ шукуфт,
Шамол омаду роҳи майхона руфт.
Дили Аршимедис даромад ба кор,
Чу мурғони парранда бар шохсор[217].
Зи таълими доно фурӯ баст гӯш,
Дари айш бикшод бар нозу нӯш.
Паривор бо он паричеҳра зист,
Чӣ эмин касе,
к-ӯ ниҳон чун парист.
Итоби худ устод аз ӯ дур дошт,
Диларо бад-он ишқ маъзур дошт[218].
Чу бигзашт аз ин достон як-ду сол,
Ғизола шуд аз чашми чиниғизол.

Гули сурх бар домани хок рехт,
Сароянда булбул зи бӯстон гурехт.
Фурӯ хӯрд хок он паризодаро,
Чунон чун паризодагон бодаро.
Фалак пештар з-ин ки озода буд,
Аз он беҳ канизе маро дода буд.
Ҳамон меҳру хидматгарӣ пеша дошт,
Ҳамон кордонӣ дар андеша дошт.
Пиёда ниҳода рухаш моҳро,
Фарас тарк карда басе шоҳро.
Хуҷастагуле хуни ман х(в)ард ӯ,
Ба ҷуз ман на кас дар ҷаҳон мард ӯ.
Чу чашми маро чашмаи нур кард,
Зи чашми манаш чашми бад дур кард.
Рабояндачарх он чунонаш рабуд,
Қи гуфтӣ, ки то буд ҳаргиз набуд.
Ба хушнудие,
к-он маро буд аз ӯ,
Чӣ гӯям худо бод хушнуд аз ӯ.
Маро толие турфа ҳаст аз сухан,
Қи чун нав кунам достони куҳан?
Дар он ид,
к-он шакарафшон кунам,
Арӯсе шакарханда қурбон кунам.
Чу ҳалвои «Ширин» ҳаме сохтам,
Зи ҳалвогарӣ хона пардохтам.
Чу бар ганҷи «Лайлӣ» кашидам ҳисор,
Дигар гавҳаре кардам он ҷо нисор.
Қунун низ чун шуд арӯсӣ ба сар,
Ба ризвон супурдам арӯсе дигар.
Надонам,
ки бо доги чандин арӯс
Чи гуна кунам қиссаи Руму Рус[219].
Беҳ ар п-орам андӯҳи пешина пеш,
Бад-ин достон хуш кунам вақти хеш.

# АФСОНАИ МОРИЯИ ҚИБТИЯ

## МУТРИБНОМА

Муғаннӣ, «Раҳи бостонӣ» бизан,
Муғона, «Навои муғонӣ» бизан.
Мани бенаворо ба он як наво,
Гиромӣ куну гармтар кун ҳаво.

## ДОСТОН

Гузинфайласуфи ҷаҳонозмой
Суханро чунин кард буркаъкушой,
Ки қибтизане буд дар мулки Шом
Зи мирӣ иадар Морьяш карда ном,
Басе қалъаи номвар дошта,
Зи бедоди бадхоҳ бигзошта.
Бад-ӯ гашта бадхоҳи ӯ чирадаст,
Ба кораш дароварда гетӣ шикаст[220],
Чу кораш зи душман ба ҷон омада,
Ба даргоҳи шоҳи ҷаҳон омада.
Бад-он то бихоҳад зи шаҳ доди хеш,
Шавад хуррам аз мулки ободи хеш.
Ба дастури шаҳ бурд худро паноҳ,
Бад-он доварӣ гашт аз ӯ додхоҳ.
Чу дидаш[221],
ки дастури донишпажӯҳ,
Диҳад дарси дониш ба чандин гурӯҳ
Аз он додхоҳӣ ҳаросон шуда,
Бар ӯ донишомӯзӣ осон шуда[222].
Дил аз қиссаи доду бедод шуст,
Ба таълими дониш камар баст чуст.
Ба хидматгарӣ пеши донои даҳр
Парастандае гашт густохбаҳр.

Зи дигар канизони[223] поинпараст
Ҷуз ӯ кас нашуд маҳрами обдаст.
Зи парҳезкорӣ, ки буд устод,
Назар баст ҳар гаҳ, ки ӯ рух кушод.
Зи дасте чунон к-об аз ӯ мечакид,
Ҷуз обе, ки бар дасташ омад, надид.
Чу зан дид, к-устоди парҳезгор
Ки кофури ӯ гашт кофурхор.
Зи майле, ки бошад занонро ба мард,
Ҳавои дилаш гашт якбора сард.
Маниш дод дар дониш омӯхтан,
Ба сомон шуд аз дониш-андӯхтан[224].
Арастуи доно бад-он дилнавоз,
Дари дониши хеш бикшод боз.
Басе дур бар он дурри носуфта суфт,
Басе гуфтаниҳои ногуфта, гуфт.
Аз он илм,
к-осон наёяд ба даст,
Якояк хабар додаш аз ҳар чӣ ҳаст.
Зани донишомӯзи донишсиришт
Чу лавҳе зи ҳар донише дарнабишт.
Сӯи кишвари хештан кард рой,
Ки расми ниёро биёрад ба ҷой.
Бад-он доварӣ дастгоҳе надошт,
Ба оини худ барги роҳе надошт.
Чу дастури доно чунин дид кор.
Ки беганҷ натвон шудан шаҳриёр.
Бар он ҷавҳар андохт иксири зар,
Ба иксири худ кардаш иксиргар.
Бад-он кимиё Морья мир гашт,
Лақабномаи илми иксир гашт.
Чу аз дониши хеш дастури шоҳ
Ба ганҷе чунон додаш он дастгоҳ.
Ба дастурии шаҳ сӯи кишвараш,
Фиристод бо ганҷу бо лашкараш.

Шитобанда чун сӯи кишвар шитофт,
Ба оҳистагӣ мамлакат боз ёфт.
Чунон гашт мустағнӣ аз сову боҷ,
Қи бардошт аз кишвари худ хироҷ.
Ба иксиркорӣ чунон шуд тамом,
Ки кардӣ зари пухта аз сими хом.
Зи бас зар, ки он симтан соз кард,
Дари ганҷ бар хокиён боз кард.
Чӣ зар, дар тарозуи он кас, чӣ санг,
Қӣ орад[225] зари бетарозу ба ҷанг?
Зи лашкаргаҳаш кас наёмад ба даст,
Қи бар борагӣ наъле аз зар набаст.
Ба даргоҳи ӯ ҳар кӣ сар доштӣ,
Агар хар будӣ, зини зар доштӣ.
Зи бас зар, ки бар зевар анбоштанд,
Сагонро ба занҷири зар доштанд.
Гурӯҳе, ҳакимони донишпараст
Зи асбоби дунъё шуда тангдаст[226].
Аз он ганҷи пинҳон хабар ёфтанд,
Ба дидори ганҷина биштофтанд.
Намуданд хоҳиш бад-он[227] кони ганҷ,
Қи дарвешӣ овард моро ба ранҷ,
Надонем чун дигарон пешае,
Магар дар ҷаҳон кардан андешае.
Зи касби ҷаҳон доман афшондаем,
Ба қути яке рӯз дар мондаем.
Тавонад, ки бонуи оҷизнавоз
Кушояд ба мо-бар дари ганҷ боз.
Даромӯзад аз рою тадбири хеш
Ба мо чизе аз илми иксири хеш.
Ҷаҳонро чунин ганҷи гавҳар басест,
Қалиди дари ганҷ бо ҳар касест.
Магар қутро чорасозӣ кунем,
Зи халқи ҷаҳон бениёзӣ кунем.

Зани корпирои равшанзамир
Бад-он хоста гашт хоҳишпазир,
Яке манзаре буд бо обу ранг,
Муқарнас баровардa аз хорасанг[228].
Арӯсона баршуд бар он ҷилвагоҳ,
Паранде сияҳ баста бар гирди моҳ.
Баромуда[229] чун наргису мушкбед
Ба мӯи сияҳ мӯҳраҳои сапед.
Салибе ду гесӯи мушкинкаманд
Дар он мӯҳра оварда бо печу банд.
Ба наззорагон гуфт: «Гесӯи ман
Бубинед дар тоқи абрӯи ман.
Намудори иксири пинҳониям,
Бубинед дар субҳи[230] пешониям».
Ниюшандагонро дар он доварӣ
Ғалат шуд забон з-он забоноварӣ.
Яке гуфт ишорат бад-он мӯҳра буд,
Ки шаффофу тобанда чун Зӯҳра буд.
Яке рози пӯшида аз мӯй ҷуст,
Ки он мӯҳра бо мӯй дид аз нахуст.
Гирифтанд ҳар як пай он пешаро,
Хилофе падид омад андешаро.
Аз он қисса ҳар як даме мешумурд,
Ба фарҳанги доно касе пай набурд.
Дигар рӯз хоҳиш барoростанд,
Дар он боб фасле дигар хостанд[231].
Парирӯй бар тоқи манзар нишаст,
Нишонд он тане чандро зери даст.
Сухан ронд аз ганҷи дархоста,
Чу сарбаста ганҷе барoроста.
Ҳадиси сари кӯҳу мардумгиё,
Ки созанд аз ӯ зиракон кимиё,
Ҳамон санги аъзам, ки кони зар аст,
Сухан бин,
ки чун кимиёпарвар аст?

Ба пӯшидагӣ кард рамзе падид
Дар ӯ оҳанинқуфли задринкалид.
Ба доно расид ин сухан ганҷ ёфт,
Ба нодон расид андӯҳу ранҷ ёфт.
Гар он кимиёро гуҳар дар гиёст,
Гиёи қалам гавҳари кимиёст.
Аз он кимиё бо ҳама чарбдаст,
Дареғе начандон ки хоҳанд, ҳаст[232].
Қасеро бувад кимиё дарнавард,
Қи ӯ ишваи кимиёгар нах(в)ард.

## АФСОНАИ ХУРОСОНӢ ВА ФИРЕБ ДОДАНИ ХАЛИФА

Шунидам хуросоние буд чуст,
Ба Бағдод шуд, чун шудаш кор суст.
Даме чанд бар кор кард, эй шигифт,
Хуросонӣ омад дамаш даргирифт.
Аз он дам[233], ки аҳли Хуросон кунанд,
Ба бағдодиён бозӣ осон кунанд.
Ҳазораш адад буд мисрӣ чу мум,
Заре, к-он чунон зар набошад ба Рум.
Ба суҳон якояк ҳама хурд суд,
Баромехташ бо гили сурх зуд.
В-аз он сурхгил мӯҳрае чанд сохт,
Ба он мӯҳраҳо бин, ки чун мӯҳра бохт?
Ба атторе он мӯҳраҳо баршумурд,
Ба мӯҳри худ он мӯҳра ӯро супурд.
Ки ин мӯҳра дар ҳуққае неҳ ба роз,
Зиҳӣ мӯҳрадузду зиҳӣ мӯҳрабоз!
Ба диноре ин бар ту бифрӯхтам,
В-аз ӯ кисаи суд[234] бардӯхтам.
Чу вақт ояд инро, ки дорӣ ба ранҷ,
Ба даҳ боз харрам, зиҳӣ кони ганҷ!

Бипурсид аттор, к-инро чӣ ном?
Бигуфто: «Табарик». Сухан шуд тамом.
Зи дукони аттор чун боз гашт,
Ба афсунгарӣ кимиёсоз гашт.
Ба дорулхилофа хабар боз дод,
Ки иксирие омадаст устод.
Манам восили кимиё дар нуҳуфт,
Ба гавҳаршиносӣ касам нест чуфт.
Амалҳои ман чун дарояд ба кор,
Яке даҳ кунад, даҳ саду сад ҳазор.
Дурустӣ садам дод бояд нахуст,
Ки гардад ҳазор аз ман он сад дуруст.
Ҳамон устуворони мардумшинос
Ба ман баргуморанду доранд пос.
Гар ояд зи ман дасткоре шигарф,
Наёранд бо ман дар ин кор ҳарф.
Ва гар хоҳам аз ростӣ даргузашт,
Зи ман хуну сар в-аз шумо теғу ташт.
Халифа чу иксирсозӣ шунид,
Ба ишва заре доду зарқе харид[235].
Ба афсуни рубоҳӣ, он шермард
Зари пухтаро бар маи хом х(в)ард.
Чу даҳгонае монд аз он зар ба ҷой,
Дар он дасткорӣ бияфшурд пой.
Яке кӯрае сохт[236] чун заргарон,
Зи ҳар доруе кард чизе дар он.
Фиристод дар шаҳр болову паст,
Табарьяк талаб карду н-омад ба даст.
Ҳам охир рақибони он коргоҳ,
Ба аттори пешина бурданд роҳ.
Гили сурхи ӯро ба динори зард
Хариданду бурданд наздики мард.
Хуросонӣ он мӯҳраҳо кард хурд,
Намуд ошкоро яке дастбурд.

Ба кӯра дарафканду[237] оташ дамид,
Ба ҷо монд зар в-он дигарҳо рамид.
Сабика фурӯ рехт дар нои танг,
Баромад зари сурхи ёқутранг.
Ба гӯши халифа расид ин сухан,
Ки нақли нав омад зи кони куҳан.
Заре дид бо суд ҳамраҳ шуда,
Дар он кадхудоӣ яке даҳ шуда.
Ба уммеди ганҷе чунон гавҳарӣ
Басе кард бо ӯ навозишгарӣ.
Аз он мағрибизарри мисрииёр
Фиристод наздики ӯ даҳ ҳазор,
Ки инро ба кор овар, эй некрой,
Ки ман ҳаққи он бо ту орам ба ҷой.
Кашанд устуворони мо аз ту даст,
Ки наздики мо устуворит ҳаст.
Дар он озмоиш чу[238] чуст омадӣ,
Ба мизони маънӣ дуруст омадӣ.
Хуросонӣ он ганҷ бистад ба ноз,
Чу ҳинду камар баст бар турктоз.
Гурезон раҳи хонаро пай гирифт,
Шабе чанд бо омилон май гирифт.
Бихуфту ба хуфтан бихуспондашон,
Чу бархост бар хок бииншондашон[239].
Сутурони тозӣ,
ғуломони кор,
Ба андоза бихриду барбаст бор.
Ба роҳе, ки дида нишонаш надид,
Чунон шуд, ки кас дар ҷаҳонаш надид.
Халифа чу огоҳ шуд з-ин фиреб,
Ки бурд он[240] хуросонӣ он зарру зеб.
Ҳадиси «табарьяк» ба ёд омадаш,
Ҷуз он ҳар чӣ бишнид бод омадаш.
Хабар боз ҷуст аз табарьякфурӯш,
Бихандид, к-он танзаш омад ба гӯш.

«Табарьяк» чу тасҳиф созад дабир,
Биёмӯз маъниву маъниш гир.
Ҳар афсун, к-аз афсунгаре бишнавӣ,
Нигар то ба афсуни ӯ награвӣ.
Дар ин доварӣ ҳеҷ кас дам назад,
Ки дар бозии кимиё кам назад?[241]

## БОЗГАШТИ ФАСОНА

Сикандар ба Юнон хабардор шуд,
Ки бар ганҷи зар Морья мор шуд.
Ба шаҳ боз гуфтанд, к-он модашер
Ба сайдафканӣ гашт хоҳад далер.
Зане кордон асту сомоншинос
Надонад касе сими ӯро қиёс?
Зи пӯшидаганҷе хабар доштаст,
Ба он ганҷ гетӣ биянбоштаст[242].
Ба афсунгарӣ сангро зар кунад,
Садафрезаро лӯълӯи тар кунад,
Аз он бештар ганҷи зар сохтаст,
Ки Қорун ба хок андар андохтаст.
Гараш сар набуррад сари теғи шоҳ,
Ҷаҳон зуд гирад ба ганҷу сипоҳ.
Сипоҳ оварад душманонро ба ранҷ,
Сипоҳӣ нагардад магар гирди ганҷ?
Ба озори ӯ шаҳ шитобанда гашт,
Зи гармӣ чу хуршеди тобанда гашт.
Ба тадбири он шуд, к-аз ҷони пок
Ба тадбири душман барорад ҳалок.
Чу аз оташи хашми шоҳаншаҳӣ
Ба дастури доно расид огаҳӣ.
Бисечид[243] бар хидмати шаҳриёр,
Басе чарбӣ овард бо ӯ ба кор,

Ки он зан,
зане порсогавҳар аст,
Ҷаҳонҷӯйиро камтарин чокар аст.
Камарбастаи туст дар мулки Шом,
Ба гавҳар канизу[244] ба хидмат ғулом.
Басе гашт чун чокарон гирди ман,
Ба чандин ҳунар гашт шогирди ман.
Манаш дил ба дониш барафрӯхтам,
Ниҳонӣ дар ӯ чизе омӯхтам,
Ки чандон ба даст орад аз баргу соз,
Ки гардад зи халқи ҷаҳон бениёз.
Бар ӯ толие дидам ороста,
Хабар дода аз ганҷу аз хоста.
Ҷуз ӯ ҳар кӣ ин санъат орад ба кор,
Ҷаве н-орад аз ганҷи ӯ дар шумор.
Ба ҳушьёрии толеи молсанҷ
Ба ҷуз Морья кас нашуд мори ганҷ.
Кунун, к-он кифоят ба даст омадаш,
Ба ҷои ниёгон нишаст омадаш.
Чу шаҳ пӯзиши рои дастур ёфт[245],
Дили хеш аз он доварӣ дур ёфт[246].
Чу дастур гард аз дили шаҳ рабуд,
Сӯи Морья кас фиристод зуд.
Бифармуд то узри шоҳ оварад,
Ҳамон қосиде сар ба роҳ оварад.
Зани кордон чун шунид ин сухан,
Кушод аз зари тоза ганҷи куҳан.
Фиристодаеро баророст кор,
Фиристод ганҷе сӯи[247] шаҳриёр,
Ки чандин тарозуи ганҷинасанҷ
Ба як ҷой чандон надидаст ганҷ.
Чу бар ганҷ додан дилаш роҳ бурд,
Ҳалок[248] аз худу кина аз шоҳ бурд.
Дирам додан оташ кушад кинаро,
Нишонад зи дил хашми деринаро.

# АФСОНАИ НОНВОИ БЕНАВО ВА ТАВОНГАРИИ ВАЙ БА ТОЛЕИ ПИСАР

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биёр он навои ғариб,
Навоинтар аз нолаи андалиб.
Навое, ки дар вай навоӣ бувад,
Навое, на к-аз бенавоӣ бувад.

## ДОСТОН

Ханида чунин шуд дар ақсои Рум,
Ки бесиме омад зи бегонабум,
Ба кам муддате шуд чунон симсанҷ,
Ки шуд хоҷаи корвонҳои ганҷ.
Қас огаҳ на к-он ганҷи дарьёшукӯҳ,
Зи дарьё бар ӯ ҷамъ шуд ё зи кӯҳ.
Яке номаш аз конканӣ мекушод,
Яке тӯҳмати раҳзанӣ мениҳод.
Саранҷомаш озод нагзоштанд,
Ба шоҳи ҷаҳон қисса бардоштанд,
Ки омад тиҳидасте аз роҳи дур,
На дар киса равнақ, на дар коса нур.
Ба таърихи як сол ё бешу кам
Ба даст оваридаст чандин дирам,
Ки гар шаҳ гуморад бар он даҳ дабир,
Зи тафсири он оҷиз оянд замир.
Яке нонвомард буд бенаво,
На обе равону на ноне раво.
Кунун лаълу гавҳарфурӯшӣ кунад,
Хирад кай дар ин раҳ хамӯшӣ кунад.

На пеша, на бозоргонӣ, на заръ,
Чунин мояро[249] чун бувад аслу фаръ[250].
Савоб[251] ончунон шуд, ки шоҳи ҷаҳон
Аз аҳволи ӯ боз ҷӯяд ниҳон.
Ҷаҳондор фармуд, к-он зодмард
Фурӯ шӯяд аз домани хеш гард.
Ба хилват кунад шоҳро дастбӯс
Зи ташнеъ барп-орад овои кӯс[252].
Дирамдори муқбил ба фармони шоҳ
Ба хидмат равон шуд сӯи боргоҳ.
Дарун рафту бӯсид шаҳро замин,
Заминбӯс чун кард, хонд офарин.
Чу шоҳи ҷаҳонаш ҷавон дид бахт,
Ҷавонбахтро хонд наздики тахт.
Басе неку бад мардро кард ёд,
Суханҳо, к-аз ӯ ганҷ шояд кушод,
Ки марде азизиву озодчеҳр,
Ба фархундагӣ дар ту дида сипеҳр.
Шунидам, чу ин ҷо ватан сохтӣ,
Ба якрӯза, рӯзӣ напардохтӣ.
Кунун рахту бунгоҳат он ҷо расид,
Ки натвонадаш корвонҳо[253] кашид.
Бибояд чунин ганҷро дастранҷ
В-агарна ман авлотар оям ба ганҷ.
Агар рост гуфтӣ, ки чун аст ҳол,
Зи ман эминӣ ҳам ба сар ҳам ба мол,
В-агар бар дурӯғ афканӣ ин асос,
Сару мол бистонам аз носипос[254].
Ниюшанда чун дид, к-аз хашми шоҳ,
Ба ҷуз ростӣ нест ӯро паноҳ.
Заминбӯси шаҳ тозатар кард боз,
Чунин гуфт, к-Эй шоҳи ҷизнавоз[255],
Надида ҷаҳон нақши бедоди ту,
Ба некӣ шуда дар ҷаҳон ёди ту.

Раият зи додат чунон дилхушанд,
Ки гар ҷон бихоҳӣ ба пешат кашанд.
Маро молу неъмат заминзоди туст,
Ҳам аз додаи ту ҳам аз доди туст.
Агар меназирӣ зи ман ҳар чӣ ҳаст,
Бигӯ то барафшонам аз ҷумла даст.
Ба камтар ғуломе диҳам шоҳро,
Занам бӯса ин хоки даргоҳро.
Чу шаҳ гуфт,
к-Аҳволи худ боз гӯй
Бигӯям, ки ин об чун шуд ба ҷӯй?
Ман аввал, ки ин ҷо расидам фароз,
Тиҳидаст будам зи ҳар баргу соз.
Диламро гами бенавой шикаст,
Гирифтам раҳи нонвой ба даст.
В-аз[256] он пеша низам навое набуд,
Ки дар кору касбам вафое набуд.
Ба шаҳре, ки довар бувад пайфарох,
Шавад дахл бар нонво хушкшох[257].
Зи ҳар сӯ саросема метохтам,
Ба бебаргӣ он барг месохтам.
Зане доштам қонеъу созгор,
Қазоро шуд он зан зи ман бордор.
Ба сахтӣ ҳаме гашт бар мо сипеҳр,
Шуд аз меҳри гарданда якбора меҳр.
Зани покдомантар аз бӯи мушк,
Шикебанда бо ман ба як нони хушк.
Чу омад гаҳи зодан ӯро фароз,
Ба кашкинаи гармаш омад ниёз.
Зи чизе, ки дорад ба хӯрдан басеч,
Набудаш ба ҷуз хун дар он хона ҳеч[258].
Ману зан дар он хона танҳову бас[259],
Маро гуфт, к-Эй шӯи фарьёдрас,
Агар шӯрбое ба чанг оварӣ,
Мани мурдаро боз ранг оварӣ.

В-агар на чунон дон, ки рафтам зи даст,
Ситамкора шуд боду киштӣ шикаст.
Чу ман дидам он нозанинро чунон,
Бурун рафтам аз хона зорикунон.
Зи сомон ба сомон ҳама кӯю шаҳр
Давидам, магар ёбам аз тӯша баҳр.
Надидам даре,
к-он на дарбаста буд,
Ки сахтӣ ба ман сахт пайваста буд.
Расидам ба вайронае дурдаст,
Дару даргаҳе бо замин гашта паст.
Басе гирди вайрона кардам тавоф,
Шитобанда чун дев дар ҳар шикоф.
Сарое куҳан ёфтам солх(в)ард
Даре, дарнишаста бар ӯ дуду гард.
Дар ӯ оташе равшан афрӯхта,
Бар ӯ ҳима[260] харворҳо сӯхта.
Сияҳзангие дидам оташпараст,
Сафолинсабӯе пур аз май ба даст,
Бар оташ ниҳода лавиде фарох,
Намаксуди фарбеҳ дар ӯ шох-шох[261].
Чу зангӣ маро дид барҷаст зуд,
Бипечид бар худ ба кирдори дуд,
Ба ман бонг барзад, ки — Эй девзод,
Шабехуни ман чун-т омад ба ёд?
Ту duздиву ман низ дузд, ин равост
Ба дуздӣ шудан пеши[262] дуздон хатост.
Ман аз ҳавли зангиву тимори хеш
Фурӯ мондам ошуфта дар кори хеш.
Забон баркушодам ба оини занг,
Дуо гуфтам овардам ӯро ба чанг,
Ки аз бенавоиву бемоягӣ
Гирифтам дар ин соя[263] ҳамсоягӣ.
Ҷавонмардии чун ту шерафкане
Шунидам ба афсона аз ҳар тане[264].

Нахонда, ба меҳмони ту[265] тохтам,
Сари хеш дар поят андохтам.
Магар, к-аз ту корам ба ҷое расад,
Дар ин бенавоӣ, навое расад.
Чу занги забони маро чарб дид,
В-аз он гуна гуфтори ширин шунид,
Аз он чарбу ширин раҳо кард ҳарб,
Ки душманфиреб аст ширину чарб.
Бигуфто хӯрӣ бода, донӣ суруд?!
Бигуфтам бале, пешам овард руд.
Аз ӯ бистадам руди ошиқнавоз,
Зи бесозияш парда бастам ба соз.
Сари захма бар руд бигмоштам,
Суруде фиребанда бардоштам.
Даровардам ӯро ба бонгу хурӯш,
Чу деге, ки аз гармӣ ояд ба ҷӯш.
Гаҳе хӯрд райҳоние з-он сафол,
Гаҳе кӯфт пое ба уммеди мол[266].
Задам захмае чанд зангифиреб,
Бурун бурдам аз ҷони зангӣ шикеб.
Ҳарифона бо ман даромад ба кор,
Чу сармаст шуд,
кард роз ошкор,
Ки имшаб дар ин кохи вайронаранг
Ба уммеди моле гирифтам даранг.
Дигар зангие ҳаст ҳамзоди ман,
Ки май хӯрданаш нест бе ёди ман[267].
Яке ганҷдон ёфтем аз нуҳуфт,
Ки ҳеҷ аждаҳоеш бар сар нахуфт.
Магар мо, ки ҳастем, чун аждаҳо,
Зи дил карда озарм ҳар кас раҳо.
Бувад соле акнун, к-аз он кони ганҷ,
Хӯрему надорем худро ба ранҷ.
Ман ин ҷо нишастам, чунин беҳамол,
Дигар зангие рафта ҷӯён мол.

Зи ганҷинаи он ҳама симу зар
Ҳамоно, ки як пушта монда дигар.
Чу имшаб расидӣ ту меҳмони мо,
Равон аст ҳукми ту бар ҷони мо.
Ба шарте, ки чун ояд он раҳнаворд
Кашад гавҳари сурху ёқути зард.
Ту дар кунҷи кошона пинҳон шавӣ,
Шикебанда чун шахси беҷон шавӣ,
Ки ман дар дил он дорам, эй хушманд,
Ки он аждаҳоро расонам газанд.
Ҳар он ганҷ, к-орад ба танҳо барам,
Ба кунҷе нишинам ба танҳо х(в)арам.
Туро низ аз он қисмате бомдод
Диҳам то дилат гардад аз ганҷ шод[268].
Ману зангӣ андар сухан гармрой,
Ки ногаҳ ба гӯш омад овози пой.
Зи ҷо ҷастаму дархазидам ба кунҷ,
Гаҳе хор дар хотирам, гаҳ турунҷ.
Даромад сияҳчеҳрае чун зугол,
Ба пушт андар оварда як пушта мол.
Ниҳодаш ба сахтӣ зи гардан ба зер,
Бар ӯ гардане сахт чун тундшер[269].
Аз он пеш, к-он пуштаро боз кард,
Яке нима з-он шӯрбо боз х(в)ард.
Нигаҳ кард ҳамзоди ӯ хуфта буд,
Ҳамон кард бо ӯ, ки ӯ гуфта буд.
Бизад теғи пӯлод бар гарданаш,
Сарашро бияфканд дар доманаш.
Ман аз бим аз он сон, ки афтам зи пой,
Дигарбора худро гирифтам ба ҷой.
Чу зангӣ сари ёри худро бурид,
Танашро ба ханҷар зи ҳам бардарид.
Яке нима дарбасту барзад ба дӯш
Бурун рафту ман монда беақлу[270] ҳӯш

Пас аз муддате, к-он баромад дароз,
Нигаҳ кардам омад дигарбора боз.
Дигар нимаро ҳамчунон кард хурд,
Ба оини пешина дарбасту бурд.
Чу дидам, ки ханҷори ӯ дур буд,
Шаб аз ҷумла шабҳои дайҷур буд.
Бад-он ганҷ пӯён шудам чун уқоб,
Суи пуштаи мол кардам шитоб[271].
Ба пушт андар овардам он пуштаро
Чу зангӣ, дигар зангии куштаро.
В-аз он шӯрбо соғаре гармҷӯш
Рабудам сӯи хона, рафтам хамӯш.
Чунон омадам сӯи айвони хеш,
Ки ҷуз давлатам кас наяфтод пеш.
Чу дар хона рафтам ба нерӯи бахт,
Ниҳодам зи дил бору аз пушт рахт.
Ба гӯш омад овози навзоди ман,
В-аз он шодтар шуд дили шоди ман.
Ба зан додам он шӯрборо бих(в)ард,
Пас аз сабр кардан басе шукр кард.
Зи фарзанди фархунда додам хабар,
Писар буду бошад писар тоҷи сар,
Кушодам гиреҳ рахти сарбастаро
Ба марҳам расондам дили хастаро.
Чӣ дидам яке ганҷ коне дар ӯ,
Зи ёқуту зар ҳар чӣ донӣ дар ӯ.
Ба ганҷе чунон кони гавҳар шудам,
В-аз он шаб чу дарьё тавонгар шудам.
Ба фарзанди Фаррух дилам шод гашт,
Ки бо гавҳару ганҷ ҳамзод гашт.
Ҳама моли ман з-он шаб омад падид,
Ки шаб бо гуҳар буд,
гуҳар бо калид.
Чунин буд гӯяндаро саргузашт,
Сухан, к-омад он ҷо варақ дарнавашт.

Шаҳ аз вақти мавлуди фарзанди ӯ,
Хабар ҷусту аз ҳоли пайванди ӯ.
Шуд он гавҳаримарду аз ҷои хеш
Намудори он толеъ овард пеш.
Шаҳ он нусхаро ҳам бад-он сон, ки буд
Ба Волиси доно фиристод зуд,
Ки аҳволи ин толеъ аз ҳар чӣ ҳаст
Чунон кун,
ки аз ахтар орӣ ба даст.
Баду неки ӯро ниҳонӣ биҷӯй,
Чу ёбӣ ниҳон ошкоро бигӯй[272].
Чу омад ба Волис фармони шоҳ,
Сӯи ахтарон кард некӯ нигоҳ.
Назар кардани ҳар яке боз ҷуст,
Шуд аҳволи пӯшида бар вай дуруст.
Набишту фиристод аз он ҷо ки дид,
На з-он ҷо,
ки аз кас ҳикоят шунид.
Чу шаҳ номаи ҳукми Волис хонд,
Дар он ҳукмнома шигифте бимонд.
Намудори толеъ чунон карда буд,
Аз он нақшҳо,
к-аз паси парда буд,
Ки ин бонаво нонвозодаест,
Ки аз нури давлат навододаест[273].
Ба бебаргӣ аз модар андохта,
Чу зода фалак барги ӯ сохта.
Падар гашта фаррух зи парвози ӯ,
Тавонгар зи пирӯзии рози ӯ.
Ҳамоно, ки чун зода бошад ба ҷой,
Ниҳода бувад бар сари ганҷ пой.
Зи ғайрат шаҳ омад чу дарьё ба ҷӯш,
Лутаф кард бо марди гавҳарфурӯш.
Пас онгоҳ бисьёр бинвохташ,
Яке аз надимони худ сохташ.

# ИНКОР КАРДАНИ ҲАФТОД ҲАКИМ СУХАНИ ҲИРМИСРО ВА ҲАЛОК ШУДАН

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ бар оҳанги худ соз гир,
Яке парда з-онҳанги худ боз гир,
Ки моро сари пардаи танг нест,
Ба ҷуз пайфарохӣ дар оҳанг нест.

## АФСОНА

Ба ҳар муддате файласуфони Рум
Фароҳам шуданди зи ҳар марзу бум.
Бароростандӣ ба фарҳангу рой
Суханҳои дилпарвару ҷонфизой.
Касеро[274], ки ҳуҷҷат қавитар шудӣ,
Ба ҳуҷҷат бар он сарварон сар шудӣ.
Дар он доварӣ Ҳирмиси тезмағз
Ба ҳақ гуфтан андешае дошт нағз.
Зи ҳар кас,
ки ӯ ҳуҷҷате пеш дошт,
Суханҳои ӯ парвариш беш дошт.
Зи бас гуфтани рози рӯҳониён,
Бар ӯ рашк бурданд юнониён,
Ба ҳам[275] ҷамъ гаштанд ҳафтод тан,
Ба инкори ӯ сохтанд анҷуман,
Ки ҳар-ч ӯ бигӯяд бад-ӯ награвем,
Сухан гарчи зебо бувад, нашнавем.
Тағайир диҳемаш ба инкори хеш,
Ба инкор натвон сухан бурд пеш.
Чунон аҳд бастанд бо якдигар,
Ки чун Ҳирмис аз кон барорад гуҳар.

Зи дарьёи ӯ обрезӣ кунанд,
Бар он ганҷдон хокбезӣ кунанд.
Ба ҳақ гуфтанаш дарнаёранд ҳӯш,
Бигиранд аз инкори гӯянда гӯш[276].
Чу Ҳирмис сухан гуфтан оғоз кард,
Дари дониши эзидӣ боз кард.
Ба ҳар нуктае ҳуҷҷате боз баст,
Ки чун нур дар дидаву дил нишаст.
Надид он суханро бар эшон писанд,
Ҷуз инкор кардан ба бонги баланд.
Дигарбора ганҷинаи нав кушод,
Асосе дигаргуна аз нав ниҳод.
Баёне чунон равшану дилпазир,
Ки дар дил на, дар санг шуд ҷойгир[277].
Дигарраҳ надид он суханро шукӯҳ,
Ба инкори худ дидашон ҳамгурӯҳ.
Савумбора аз рои мушкилкушой
Намуд он чи бошад ҳақиқатнамой.
Суханҳои зебандаи дилнавоз
Бар эшон фурӯ хонд фасле дароз.
Зи ҷунбондани бонги чандонҷарас
Саре дар самоаш наҷунбонд кас[278].
Чу гӯянда оҷиз шуд аз гуфти хеш,
Забон гашта ҳайрон,
гулӯ гашта реш.
Хабар дошт[279], к-аз роҳи нобихрадӣ
Ситезанд бо ҳуҷҷати эзадӣ.
Чу дар кас зи ҷунбиш нишоне наёфт,
Бинҷунбиду рӯй аз рақибон битофт[280].
Бар эшон яке бонг барзад, ки ҳой,
Маҷунбед кас то қиёмат зи ҷой.
Ҳамон лаҳза бар ҷой ҳафтод мард
Зи ҷунбиш фитоданду гаштанд сард.
Чу дар пардаи рост каҷ бохтанд,
Аз ин пардашон рахт пардохтанд.

Сарафканда чун оби дарьёи хеш,
Зи сардӣ фисурданд бар ҷони хеш.
Сикандар чу з-ин ҳолат огоҳ гашт,
Чу анҷум бар он анҷуман баргузашт[281].
Аз он бешаи сарв бо бӯи мушк
Яке сарви тар монда, ҳафтод хушк.
Бипурсиду Ҳирмис бад-ӯ гуфт роз,
Ки — Ҳиммат дари осмон кард боз.
Сикандар бар ӯ офаринсоз гашт,
В-аз он ҷо ба даргоҳи худ боз гашт.
Ба хилват чу биншаст бо ҳар касе,
Аз[282] он достон, достон зад басе,
Ки — Ҳирмис ба тӯфони ҳафтод кас,
Ба мавҷе ҳамемонду ҳафтод хас.
Гурӯҳеш, к-аз ҳақ гирифтанд гӯш,
Бимурданд чу ёфа карданд ҳӯш.
Зи пӯшидани дарси омӯзгор,
Қафан бин, ки пӯшидашон рӯзгор.
Баёне, ки бошад ба ҳуҷҷат қавӣ,
Зи нофаррухӣ бошад ар нашнавӣ.
Дуреро ки ӯ тоҷи торак бувад,
Задан бар замин номуборак бувад.
Ҳунар нест рӯй аз ҳунар тофтан,
Шақоиқ даридан хашин бофтан.
Хирадмандро чун мадоро кунӣ,
Ҳунарҳои хеш ошкоро кунӣ[283].

## АҒОНИ СОХТАНИ АФЛОТУН БАР МОЛИШИ АРАСТУ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ самое барангез гарм,
Суруде баровар ба овози нарм.

Магар гармтар з-ин шавад кори ман,
Касодӣ гурезад зи бозори ман.

## ДОСТОН

Духулзан чу зад бар духӯл догчарм,
Ҳавои шаби сардро кард гарм.
Фурӯ монд зоғи сияҳ ноумед,
Ба гуфтан даромад хурӯси сапед[284].
Сикандар нишаст аз бари тахти Рум,
Забоне чу оташ димоғе чу мум.
Ҳама файласуфон сада дар сада[285]
Ба поингаҳи тахти ӯ саф зада.
Ба миқдори ҳар донише бешу кам
Ҳаме рафташон гуфтугӯе ба ҳам.
Яке аз табиӣ сухан соз кард,
Яке аз илоҳӣ гиреҳ боз кард,
Яке аз риёзӣ барафрохт ёл,
Яке ҳандасӣ баркушод аз хаёл,
Яке сикка бар нақди фарҳанг зад,
Яке лофи номӯсу найранг зад,
Тафохуркунон ҳар яке дар фане
Ба фарҳанги худ олиме ҳар тане.
Арасту ба дилгармии пушти шоҳ
Барафзуд бар ҳар яке[286] пойгоҳ,
Ки аҳли хирадро[287] манам чорасоз,
Зи илми дигар бихрадон бениёз.
Ҳамон нақди ҳикмат ба ман шуд раво,
Ба ҳикмат манам бар ҳама пешво.
Фалон илми хуб аз ман омад падид,
Фалон кас,
фалон нукта аз ман шунид.
Дурӯғе нагӯям дар ин доварӣ,
Ба ҳуҷҷат занам лофи номоварӣ[288].

Зи баҳри дили шоҳу тамкини ӯ
Забонҳо мувофиқ ба таҳсини ӯ.
Фалотун барошуфт аз он анҷуман,
Ки устодӣ ӯ дошт дар ҷумла фан.
Чу ҳар донише,
к-он ки андӯхтанд,
Нахустин варақ з-ӯ даромӯхтанд.
Бурун рафту рӯй аз ҷаҳон даркашид,
Чу Анқо шуд аз базми шаҳ нопадид.
Шабу рӯз аз андеша чандон нахуфт,
Қ-«Ағонӣ» бурун оварид аз нуҳуфт.
Ба хум даршуд аз халқ пай кард гум,
Нишон ҷуст аз овози ин ҳафт хум.
Қасе, к-ӯ самоъе на дилкаш кунад,
Садои хум овози ӯ х(в)аш кунад.
Магар, к-он ғиносози овозрӯд
Дар он хум бад-ин узр гуфт он суруд[289].
Чу соҳибрасад ҷой дар хум гирифт,
Паи чарху дунболи анҷум гирифт.
Бар оҳанги он нола, к-он ҷо шунид,
Намудорӣ овард ин[290] ҷо падид.
Чу оно ноларо нисбат аз руд ёфт,
Дар он пардагаҳ[291] рудгар рӯд бофт.
Қадуи тиҳиро ба вақти суруд
Ба чарм андароварду барбаст руд
Чу бар чарми оҳу барандуд мушк,
Навое тар ангехт аз рӯди хушк[292].
Пас он гаҳ бар он расму ҳайат, ки хост
Яке ҳайкал аз арғунун кард рост.
Дар ӯ нағмаву нолаҳои дуруст,
Ба автори нисбат фурӯ баст чуст.
Ба зеру бами нолаи рудхез
Гаҳе нарм зад захмаву гоҳ тез
Зи нармиву тезӣ зи болову зер,
Наво сохт бар нолаи гову[293] шер.

Чунон нисбати нолиш[294] омад ба даст[295],
Ки ҳар ҷо, ки зад[296] ҳар дуро пой баст.
Ҳамон нисбати одамӣ то дада
Бар он рудҳо шуд якояк зада.
Чунон, к-одамизодро з-он наво
Ба рақсу тараб чира гаштӣ ҳаво.
Сибоъу баҳоим бар он соз ҷуфт,
Яке гашт бедору дигар бихуфт.
Чу бар нисбати нолаи ҳар касе,
Ба даст омадаш роҳи дастон басе.
Зи мусиқӣ овард созе бурун,
Ки онро нашуд кас ҷуз ӯ раҳнамун
Чунон сохт ҳар нисбатеро хурӯш,
Ки ноландаро дил дарорад ба ҷӯш,
Ба ҷое расонд он навогар навохт,
Ки доно бад-ӯ айбу иллат шинохт.
Ба Қонун аз он нолаи хиргаҳӣ
Зи ҳар иллате ёфт ақл огаҳӣ[297].
Чу атвори[298] он арғунун шуд тамом,
Шуд он уди пухта беҳ аз уди хом.
Бурун шуд ба саҳрову бинвохташ,
Ба ҳар нисбат андозае сохташ.
Хате чорсӯ гирди худ даркашид,
Нишаст андар он хат наво баркашид,
Даду домро аз биёбону кӯҳ
Давонид бар худ гурӯҳо-гурӯҳ.
Давиданд ҳар як ба овози ӯ,
Ниҳоданд сар бар хати сози ӯ.
Ҳама як-як аз ҳуш рафтанд пок,
Фитоданд чун мурда бар рӯи хок.
На гурги ҷавон кард бар меш зӯр,
На шери жиён дошт парвои гӯр.
Дигар нисбатеро,
ки, донист боз,
Даровард нағма ба он ҷуфт соз.

Чунон к-он дадон дар хурӯш омаданд,
1055 Аз он беҳушӣ боз ҳӯш омаданд.
Пароканда гаштанд бар рӯи дашт,
Кӣ дорад ба ёд ин чунин саргузашт?[299]
Ба гирди ҷаҳон ин хабар гашт фош,
Ки шуд кони ёқут, ёқутпош.
Фалотун чунин парда барсохтаст,
Ки ҷуз вай кас он парда нашнохтаст.
Барангехт овозе аз хушкруд,
Ки аз таррӣ орад фалакро фуруд[300].
Чу бар нисбате ронд ангушти х(в)ад,
1060 Бихуспад бар овози ӯ дому дад.
Чу бар нисбате дигар орад шитоб,
Ба ҳуш орад он ҳуфтагонро зи хоб.
Шуд овоза бар даргаҳи шоҳ тез,
Ки Ҳорут бо Зӯҳра шуд ҳамситез.
Арасту чу бишнид, к-он ҳушманд
Барангехт з-ин гуна коре баланд.
Фурӯ монд аз он зиракӣ тангдил,
Чу хасме, ки гардад зи хасме хиҷил.
Ба андеша биншаст бар кунҷи ках,
1065 Дили тангро дод майдон фарох.
Ба таълиқи он дарси пинҳоннавис
Ки нақше аҷаб буду нақде нафис[301].
Дар он кори улвӣ басе ранҷ бурд,
Басе рӯзу шабро ба фикрат супурд.
Ҳам охир пас аз ранҷҳои дароз
Сари риштаи розро ёфт боз.
Бурун оварид аз назарҳои тез,
Ки чун бошад он нолаи рудхез.
Чӣ гуна расонад наво сӯи гӯш,
1070 Барад ҳушу орад дигарраҳ ба[302] ҳӯш
Ҳамон нисбат оварду рояш ба даст,
Ки донои пешина бар парда баст.

Ба саҳро шуду пардаро соз кард,
Тилисмоти беҳушӣ оғоз кард.
Чу аз ҳушмандон ситад ҳӯшро,
Дигаргуна зад руди хомӯшро.
Дар он нисбаташ бахт ёрӣ надод,
Ки беҳушро орад аз ҳуш ёд.
Бикӯшид то дар хурӯш оварад,
Навое, ки дар хуфта ҳӯш оварад.
Надонист чандон, ки нисбат гирифт
Дар он кори сарғашта монд, эй шигифт!
Чу оҷиз шуд аз роҳи ноёфтан,
Зи раҳбар нашоист сар тофтан.
Шуд аз роҳи рагбат ба таълими ӯ,
Инон дод як раҳ[303] ба таслими ӯ.
Бипурсид, к-он нисбати дилписанд,
Ки ҳушрафтагонро кунад ҳушманд.
Надонам, ки дар парда овози ӯ
Чӣ гунасту чун парварам сози ӯ.
Фалотун чу донист,
к-он сарфароз
Ба таълими ӯ гашт соҳибниёз.
Бурун шуд, хате гирди худ даркашид,
Наво сохт[304], то нисбат омад падид.
Ҳама рӯи саҳро зи гӯру паланг
Бар он хат кашиданд паргор танг[305].
Ба беҳушӣ аз нисбати аввалаш
Ниҳоданд сар бар хати мандалаш.
Навое дигарбора барзад чу нӯш,
Қ-Арастуи доно тиҳӣ шуд зи ҳӯш
Чу беҳуш буд ӯ ба як роҳи нағз,
Даду домро кард бедормағз.
Дигарбора зад нисбати ҳушбахш,
Қ-Арасту зи ҷо ҷаст ҳамчун дурахш.
Фурӯ монд саргашта бар ҷои х(в)ад,
Ки чун бехабар буд аз он дому дад.

Аз он беҳушӣ чун ба ҳӯш омаданд,
Чӣ буд он к-аз ӯ дар хурӯш омаданд?
Шуд огаҳ, ки донои дастоннавоз
Ба дастон бар[306] ӯ дошт пӯшида роз.
Сано гуфту чандон аз ӯ узр хост,
Ки он пардаи каж бад-ӯ гашт рост.
Чу шуд ҳарфи он нисбат ӯро дуруст,
Набишт они ӯ они худро бишуст.
Ба иқрори ӯ мағзро тоза кард,
Мадорои ӯ беш аз андоза кард.
Сикандар чу донист,
к-аз ҳар улум
Фалотун шуд устоди дониш ба Рум.
Барафзуд пояш дар он сарварӣ,
Ба назди худаш дод болотарӣ.

## ҲИКОЯТИ АНГУШТАРӢ ВА ШУБОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биё чангро соз кун,
Ба гуфтан гулӯро хушовоз кун!
Маро аз навозидани чанги хеш
Навозишгарӣ кун ба оҳанги хеш.

### ДОСТОН

Чу рӯзи дигар субҳи гетифурӯз
Ба пирӯзӣ овард шабро ба рӯз.
Баромад гул аз чашмаи офтоб,
Фурӯ бурд маҳ сар чу моҳӣ дар[307] об[303],
Бар авранги зар шуд шаҳи тоҷвар,
Зада бар миён гавҳарогин камар.

Нишаста ҳама зиракон зери тахт,
Фалотун ба боло барафканда рахт.
Шаҳ аз нисбате, к-ӯ дар он парда сохт,
Аҷаб монд, к-он пардаро чун шинохт.
Бипурсид аз ӯ,
к-Эй ҷаҳондидапир,
Бароварда макнуни ғайб аз замир,
Шумоед бар қуфли дониш калид,
Зи рои шумо дониш омад падид,
Зи донандагон хондаӣ ҳеҷ кас?
Ки будаш фузун аз шумо дастрас?!
Хаёле барангехт з-ин коргоҳ,
Ки рои шуморо бад-он нест роҳ[309].
Фалотун пас аз офарини тамом,
Чунин гуфт, к-Ин чархи фирузафом
Аз он бештар сохт афсунгарӣ,
Ки ёбад дили мо бад-он раҳбарӣ.
Гар онҳо, ки пешинагон сохтанд,
Ба найрангу афсун барафрохтанд.
Яке гӯям аз сад дар ин рӯзгор
Надонад касе рози омӯзгор.
Агар шоҳ фармоядам андаке
Бигӯям на аз даҳ, ки аз сад яке.
Иҷозат расид аз сари ростон,
Ки доно фуру гӯяд он достон.
Ҷаҳондида донои равшанзамир
Чунин гуфт, к-Эй шоҳи донишпазир[310],
Шунидам бухоре ба гармӣ шитофт,
Ба хасфи[311] шукуфа заминро шикофт.
Барандохт ҳомун кулух аз мағок,
Тилисме падид омад аз зери хок.
Зи рӯю зи[312] мис қолабе рехта,
В-аз он сурати асбе ангехта.
Кушода зи паҳлуи аспи баланд
Яке рахна чун рахнаи обканд.

Чу хуршед аз он рахна дартофтӣ,
Назар нақши пӯшида дарьёфтӣ.
Шубоне бар он жарфводӣ гузашт,
Маѓоке тиҳӣ дид бар содадашт.
Тилисме дурафшанда дар вай падид,
Шӯбона дар он жарфводӣ расид.
Сутуре мисин дид дар пайкараш,
Яке рахна бо колбуд дарх(в)араш.
Дар он рахна аз[313] нури тобандахур
Нигаҳ кард сар то сурини сутур.
Бар[314] ӯ хуфтае дид деринасол,
Нагашта яке мӯи, мӯяш зи ҳол.
Ба дасташ — дар аз ранг ангуштарӣ
Нигине фурӯзанда чун Муштарӣ.
Бар ӯ дасти худро сабуктоз кард,
В-аз ангушташ ангуштарӣ боз кард.
Чу ангуштарӣ дид дар мушти хеш,
Ниҳодаш ба зудӣ дар ангушти хеш.
Дигар накди шоҳона он ҷо наёфт,
Сутудон раҳо карду берун шитофт.
Гала пеш даркарду мерафт шод,
Шикебанда мебуд то бомдод.
Чу аз рояти ширпайкар сипеҳр
Баровард манҷуқи тобандамеҳр.
Шубон рафт наздики соҳибгала,
Гала кард бар кӯҳу саҳро яла.
Бад-он то нигинро ниҳад пеши ӯ,
Бидонад баҳои каму беши ӯ.
Чу соҳибгала дид, к-омад шубон
Кушод аз сари чарбгӯй забон.
Бипурсид аз ӯ ҳоли мешу бара,
Ниюшанда додаш ҷавобе сара.
Шубона ба ҳангоми гуфтушунид
Замон то замон гашт аз ӯ нопадид
Дигаррах падидор гашт аз нуҳуфт,





Галасоҳибаш барзад овозу гуфт,
Ки — Ҳар дам чаро гардӣ аз ман ниҳон,
Дигарбора пайдо шавӣ ногаҳон?
Нигар то чӣ афсун даромӯхтӣ,
Ки бар худ чунин бурқаъе дӯхтӣ?
Шубона аҷаб монд аз он доварӣ.
Дар он кор ҷуст аз хирад ёварӣ
Чунон буд, к-он марди хотампараст
Ба хотам ҳамекард бозӣ ба даст.
Нигиндони ӯро чӣ зуду чӣ дер
Гаҳе кард боло гаҳе кард зер.
Нигин то ба боло гирифтӣ қарор,
Шубон пеши бинанда буд ошкор.
Чу сӯи кафи даст гардон шудӣ,
Шубона зи бинанда пинҳон шудӣ.
Ниҳоди нигинро чунон буд ҳисоб,
Ки дорандаро доштӣ дар ҳиҷоб.
Шубон чун аз ин бозӣ огоҳ гашт,
Шуд ин озмун кард бар кӯҳу дашт.
Даромад ба бозигарӣ сохтан,
Чу гардун ба ангуштарӣ бохтан.
Куҷо рои пинҳон шудан доштӣ
Нигинро зи каф дур нагзоштӣ.
Чу кардӣ ба пайдо шудан рои хеш,
Нигинро задӣ нақш бар ҷои хеш[315].
Ба пайдову пинҳон шудан гирди шаҳр,
Зи ҳар-ч орзу дошт, бардошт баҳр.
Яке рӯз бархост пинҳон ба роз,
Нигинро ба каф даркашид аз фароз.
Бараҳна яке теғи ҳиндӣ ба даст
Сӯи подшаҳ рафту пинҳон нишаст.
Чу холӣ шуд аз хосагон анҷуман,
Бар ӯ кард пайдо тани хештан.
Дили подшоро ба худ бим кард,
Бад-ӯ подшо шуғл таслим кард.

Ба зинҳор ғуфташ, ки коми ту чист?
Фиристандаи ту бад-ин ҷой кист?
Шубон гуфт: «Пайғамбарам зуд бош,
Ба ман биграв,
аз бахт хушнуд бош!
Чу хоҳам набинад маро ҳеҷ кас,
Бад-ин даъватам мӯъҷиз он асту бас».
Бад-ӯ подшо бигравид аз ҳарос,
Ҳамон мардуми шаҳр беш аз қиёс.
Шубон он чунон гарданафроз гашт,
Ки он подшоҳӣ бад-ӯ боз гашт.
Нигин бин, ки аз мӯҳри ангуштарӣ
Чӣ гуна расондаш ба пайғамбарӣ?
Ҳакимон нигар,
к-он нигин сохтанд,
Ба ҳикмат чӣ гуна барандохтанд?
Чунон бояд ангехт найрангу соз,
Ки мо дарнаёбем аз он парда роз.
Басе кардам андешаро раҳнамун,
Наёвардам ин бастагиро бурун.
Сано гуфт бар вай чу шоҳ ин шунид,
Бар он низ,
к-он нақш аз ӯ шуд падид.
Ҳама посдорони он остон
Гирифтанд ибрат бад-ин достон.

## АҲВОЛИ СУҚРОТ БО ИСКАНДАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бад-он сози тиморсӯз
Нишоти маро як замон барфурӯз[316].
Магар з-он навои бирешимнавоз
Бирешим кашам Румро дар Тароз.

Чунин гӯяд он кордон файласуф,
Ки бар кори офоқ будаш вуқуф,
Ки юнонинишинони он рӯзгор
Сӯи зӯҳд буданд омӯзгор.
Зи дунъё начустандӣ осоише,
Наярзидашон шаҳват олоише.
Накарданд илло риёзатгарӣ,
Ба бисьёрдониву андакх(в)арӣ.
Қасе, к-ӯ ба худ — бар тавон доштӣ
Зи табъ орзуҳо ниҳон доштӣ.
Накардӣ таматтӯъ, нахӯрдӣ набид,
Қ-аз ин ҳар ду гардад хирад нопадид.
Зи гирд омадан сар дарояд ба гард,
Чу сар боядат гирди офат магард?[317]
Бад-он ҷо расиданд аз он расму рой,
Ки бархост буньёдашон з-ин сарой.
Зи хушкӣ ба дарьё кашиданд бор,
Зи пайванд гаштанд парҳезгор.
Занонро зи мардон бипардохтанд,
Ҷудогонашон киштие сохтанд.
Ба мардонагӣ хуни худ рехтанд,
Бимурданду бо зан наёмехтанд.
Ба гетӣ чунин буд буньёдашон,
Ки тухма ба[318] гетӣ барафтодашон.
Яке рӯзи фархунда аз субҳгоҳ,
Зи фарзонагон базме орост шоҳ.
Чунон дод фармон ба солори бор,
Ки бо ман надорад кас имрӯз кор,
Фиристеду хонед Суқротро,
Нигаҳбони таркибу ахлотро.
Фиристода Суқротро боз ҷуст,
Зи шаҳ ёд кардаш, ки ҷӯеи туст.

Замоне, ба даргоҳи хусрав хиром,
Баророй ҷома, барафрӯз ҷом.
Фиреби в-аро пири доно нах(в)ард,
Фиребандагиро иҷобат накард.
Бад-ӯ гуфт: «Рав бо Сикандар бигӯй,
Ки ҳар ч-андар ин раҳ наёбӣ, маҷӯй!
Ман онҷоиям в-ин сухан равшан аст,
Гар инҷо хаёлест он бе ман аст.
Маро гар ба даст орад эзидпараст,
Ҳам аз даргаҳи эзид оям ба даст».
Ҷавобе, ки он кони фарҳанг суфт,
Фиристода шуд бо фиристанда гуфт.
Шаҳаншоҳро гашт равшан чу рӯз,
Ки Суқрот шамъест хилватфурӯз.
Наёбад ба дидори он шамъ роҳ,
Ҷуз он кас, ки шабхез бошад чу моҳ.
Сикандар, ки дорандаи тоҷ буд,
Ба дониш ҳамасола мӯҳтоҷ буд.
Замоне набудӣ, ки фарзонае
Зи гавҳар надодӣ бад-ӯ донае.
Зи ҳар донише, к-он зи донандагон,
Расондандӣ ӯро расонандагон.
Суханҳои Суқроти бедорҳӯш
Писанд омадӣ марзбонро ба гӯш[319].
Бар он шуд дили донишандеши ӯ,
Ки оранд Суқротро пеши ӯ.
Намуданд, к-он пири хилватпаноҳ,
Бароmадшуди халқ барбаст роҳ.
Сар аз шуғли дунъё чунон тофтаст,
Ки дар гӯр, гӯй, даре ёфтаст[320].
Зи хешону ёрон ҷудой гирифт,
Ба кунҷе хароб[321] ошной гирифт.
Ҷаҳон гарчи кораш ба ҷон овар
На мумкин,
ки сар дар ҷаҳон овар

Зи хун хӯрдани ҷонвар хӯ бурид,
Палосе бипӯшиду дебо дарид.
Қафе пист аз он ҷо, ки ғоят бувад,
Шабонрӯзӣ ӯро кифоят бувад.
Ҷуз эзид парастиданаш кор нест,
Ба наздики ӯ халқро бор нест.
Низомисифат бо хирад хӯ гирифт,
Низомӣ магар,
к-ин сифат з-ӯ гирифт?
Ба шарҳе, ки доданд аз он динпаноҳ,
Гироядатар шуд бад-ӯ меҳри шоҳ.
Чунин омадаст одамиро ниҳод,
Ки орад фаромӯшкунонро ба ёд[322].
Қасе, к-ӯ зи мардум гурезандатар,
Бад-ӯ майли мардум ситезандатар.
Чу Суқрот меҳри худ аз халқ шуст,
Ҳама халқ Суқротро боз ҷуст.
Басе хонд шоҳаш бари хештан,
Нашуд шоҳи анҷум бар он анҷуман.
Чу з-андоза шуд хоҳиши шаҳриёр,
Дили кордон дарнаёмад ба кор.
Зи нози ҳунарманди турконаваш
Раманда нашуд давлати нозкаш.
Шаҳ аз ҷумлаи устуворони хеш
Яке маҳрами хосро хонд пеш,
Фиристод наздики доно фароз,
Басе қиссаҳо гуфт бо ӯ ба роз,
Ки наздики худ хондамат борҳо,
Ниҳон доштам бо ту гуфторҳо.
Иҷобат накардӣ чӣ буд аз қиёс,
Навозандаро ношудан ҳақшинос.
Чароӣ зи даргоҳи мо гӯшагир,
Биё ё бигӯ ҳуҷҷате дилпазир?
Ба маъзурии хеш ҳуҷҷат намой,
В-агар нест ҳуҷҷат ба хоҷат бипой[323].

Фиристодаи паймуборак зи роҳ
Ба Суқрот шуд, дод пайғоми шоҳ.
Ҷаҳондида, донои ҳозирҷавоб
Чунин дод посух ба рои савоб,
Ки: Гар шаҳ маро хонд наздики х(в)ад,
Хирад чизҳо донад аз неку бад.
Намояд, ки рафтан бад-ӯ рой нест,
Ки меҳри туро дар дилаш ҷой нест.
Чу дарношудан ҳаст чандин далел,
Ба бозӣ нашуд кас пеши Ҷабраил
Маро рағбат онгаҳ падид омадӣ,
Ки пайғоми шаҳ бо калид омадӣ.
Чу дар нофа мушк ошноӣ диҳад,
Бар ӯ бӯи хуш баргувоӣ диҳад.
Дилеро, ки бар дӯстӣ раҳбар аст,
Бурун аз забон ҳуҷҷате дигар аст.
Даруне, ки меҳр ошкоро кунад,
Мадоро фузун аз мадоро кунад.
Қасоне, ки наздики шаҳ маҳраманд,
Ба базм андарун шоҳро ҳамдаманд.
Сӯи ман набинанд бо обу санг,
Сутури маро пой аз ин ҷост ланг[324].
Чунон менамояд, ки дар базмгоҳ
Ба некӣ маро ёд н-овард шоҳ,
Ки он роздорон,
ки хидматгаранд
Ба дилдӯстӣ сӯи ман нангаранд.
Дили шоҳро марди мардумшинос
Ҳам аз мардуми шоҳ гирад қиёс.
Агар хосагонро забон ҳаст нарм,
Ба уммеди шаҳ дил тавон кард гарм.
В-агар нарм н-ояд зи гӯянда гуфт,
Дурриштӣ бувад шоҳро дар нуҳуфт.
Ғиносози гунбад чу бошад дуруст,
Садои хуш орад ба автори суст.

Зи гунбад чу як рукн гардад хароб,
Хушовозро нохуш ояд ҷавоб.
Ҳар он неку бад, к-ояд аз дар бурун,
Ба дорои-даргаҳ бувад раҳнамун.
Ту хонӣ маро пардадорони роз,
Ба сарҳангӣ аз парда доранд боз.
Нигар то ба тӯфон зи дарьёи об,
Дар ин кашмакаш чун намоям шитоб?
Мисол он чунон шуд, ки дарьёи жарф
Намояд, ки дурҳост моро шигарф.
Наҳангони дарьё кушоянд чанг,
Кӣ ҷӯяд гуҳар дар даҳони наҳанг?[325]
Чӣ гуна шавам бар даре нурпош,
Ки бошад бар ӯ ин ҳама дурбош?
Бари шоҳ агар суратам бад кунанд,
Ҳалокат на бар ман, ки бар х(в)ад кунанд.
Зи халқи ҷаҳон бандаеро чӣ бок,
Ки бандад камар пеши яздони пок.
Дар ин бандагӣ ҳоҷатошам туро,
Гар оям ба ту,
банда бошам туро!!
Бубин, эй Сикандар, ба тақвим рост,
Ки ин нуктаро иртифоъ аз куҷост?
Фиристодаи шаҳриёр аз бараш
Бари шоҳ шуд, хонд дарс азбараш.
Табақпӯш бардошт аз хони дур,
Зи дур домани шоҳро кард пур.
Шаҳ аз гавҳарафшони он кони ганҷ
Зи гавҳар баромудан омад ба ранҷ.
Писанд омадаш, к-он суханҳои чуст,
Ба даъвигаҳи ҳуҷҷат омад дуруст.
Чу донист, к-ӯ ҳаст хилватгирой,
Пиёда ба хилватгаҳаш кард рой.
Зи шуғли ҷаҳон гашта машғули хоб,
Баросуда аз тобиши офтоб.

Шуд, он ганҷро дид дар гӯшае,
Зи бетӯшаӣ сохта тӯшае
Тамошои ӯ дар дилаш кор[326] кард,
Ба пояш биҷунбонду бедор[327] кард.
Бад-ӯ гуфт; «Бархезу бо ман бисоз,
Ки то аз ҷаҳонат кунам бениёз.»
Бихандид доно, к-аз ин доварӣ,
Беҳ ар ҷуз манеро ба даст оварӣ.
Қасе, к-ӯ ниҳад дил ба муште гиё,
Нагардад ба гирди ту чун осиё.
Чу қурси ҷавин ҳаст ҷонпарварам,
Ғами гирдаи гандумин чун х(в)арам
Бар он роҳрав нимҷав бор нест,
Ки ӯро яке ҷав дар анбор нест.
Маро, к-оям аз коҳбарге сутӯҳ,
Чӣ бояд гаронбор гаштан чу кӯҳ?
Дигарбора шаҳ гуфт, Қ-аз молу ҷоҳ
Таманно чӣ дорӣ, ту эй некхоҳ!?
Ҷавобаш чунин дод донои давр,
Ки — Бо чун манӣ бармаянбор[328] ҷавр.
Ман аз ту ба ҳиммат тавонгартарам,
Ки ту бешхорӣ, ман андакх(в)арам[329].
Ту бо ин ки дорӣ ҷаҳоне чунин,
Наӣ сердил ҳам зи хоне чунин?
Маро ин яке жандаи солх(в)ард
Гаронастӣ ар нестӣ гарму сард.
Ту бо ин гаронӣ,
ки дар бори туст,
Талабгории ман куҷо кори туст?
Дигар бора пурсид аз ӯ шаҳриёр,
Ки — Ту кистӣ, ман киям дар шумор?!
Чунин дод посух сухангӯи пир,
Ки — Фармондеҳам ман, ту фармонпазир!
Барошуфт шаҳ з-он ҳадиси дуруст,
Ниҳонӣ суханро дарун боз ҷуст.

Хирадманд посух чунин дод боз,
Ки — Бар шаҳ кушоям дари баста боз.
Маро бандае ҳаст номаш Ҳаво,
Дили ман бад-он банда фармонраво.
Ту онӣ, ки он бандаро бандаӣ
Парастори моро, парастандаӣ!
Шаҳ аз рои донои борикбин
Зи хиҷлат сарафканда шуд бар замин.
Бад-ӯ гуфт; «Худ нури симои ман
Гувоҳ аст бар покии рои ман.
Зи покон чу покӣ ҷудоӣ макун,
Намурда, заминозмоӣ макун».
Дигарраҳ ҷавобеш чун сим дод,
Ки симоб дар гӯш натвон ниҳод.
Чу покиву покизароӣ кунӣ,
Чаро даъвии чорпоӣ кунӣ?
Ки ҳар чорпое, ки орад шитоб,
Ба пой андарорад касеро зи хоб.
Чу ман хуфтаеро, ту бедормард
Набоист аз ин гуна бедор кард.
Ту, к-аз хоб моро барошуфтаӣ,
Кунӣ хуфта бедору худ хуфтаӣ.
Бад-ин хоби харгӯшу хӯи паланг,
Зи шерони бедор бардор чанг.
Шикоре талаб, к-афтад аз тири ту
Ҳижабре чу ман нест нахчири ту.
Дили шаҳ бад-он достонҳои гарм
Чу мум аз пазирандагӣ гашт нарм.
Ба хоҳиш чунон хост он ҳӯшманд
Зи пандаш диҳад ҳалқаи гӯш банд.
Шуд он талхӣ аз пири парҳезгор[330],
Ба ширинзабонӣ даромад ба кор.
Аз он панд, к-ӯ сарбаландӣ диҳад,
Бигуфт он чи ӯ судмандӣ диҳад,

Ки чун оҳани дастпирои ту
Пазирои сурат шуд аз рои ту.
Тавонӣ, ки равшан кунӣ синаро
Дар ӯ ори оини ойинаро.
Чу бурдан тавонӣ зи оҳан ту занг,
Ки то ҷой гирад дар ӯ нақшу ранг[331].
Дили покро зангпардоз кун,
Бар ӯ рози рӯҳониён боз кун.
Сияҳ кун равони бадандешро,
Бишӯй аз сиёҳӣ дили хешро.
Забонист, ҳар к-ӯ сияҳдил бувад,
На ҳар зангие хоҷамуқбил бувад.
Ба савдои зангӣ машав раҳнамун,
Муфарраҳ нигар, к-аз лаб орад бурун.
Сиёҳӣ кунӣ,
сӯхта шав чу бед,
Ки дандон бад-ӯ кард зангӣ сапед.
Магар к-оинаи зангӣ аз оҳан аст,
Ки бо он сиёҳӣ дилаш равшан аст?
Аз он ҷо хабар дод корозмой,
Ки нӯшобро дар сиёҳист ҷой.
Бурун ой чун нуқра з-олудагӣ,
Зи нуқра биёмӯз полудагӣ.
Димоғе, к-аз олудагӣ гашт пок,
Бичарбад бар ин гунбади дуднок.
Ниҳонхонаи субҳгоҳӣ шавад,
Ҳарамгоҳи сирри илоҳӣ шавад.
Зи ту дур кардан зи равзан ниқоб,
Ба равзан дарафтодан аз офтоб.
Чароғе ба дарьюза баркарда гир,
Қафое зи боди саҳар х(в)арда гир.
Аморикаши нури хуршед бош,
Зи турки аморӣ бар уммед бош.
Ту дар пок мекун зи хошоку хор,
Талабгори султон машав зинҳор.

Чу султон шавад[332] сӯи нахчиргоҳ,
Даре руфта бинад, фурӯ шуста роҳ.
Чу донӣ, ки омад ба меҳмон фурӯд,
Ба нохондамеҳмон бар аз мо дуруд.
Гар ой бар ин дар, далерӣ макун,
Таманнои болову зерӣ макун.
Ба ҷон шав пазирандаи базми хос,
Ки танро зи дарбон набинӣ халос.
Ба кафши гилолуда бар тахти шоҳ
Нашояд шудан кафш бифкан ба роҳ.
Чу ҳамкосаи шоҳ хоҳӣ нишаст,
Бипирой нохун, фурӯ шӯй даст.
Қиро заҳра, гар худ бувад шарзашер[333],
Ки бар тахти султон хиромад далер,
Ки шере, ки бар тахти ӯ бахта шуд,
Ҳам аз ҳайбати тахти ӯ тахта шуд.
Қасе, к-ӯ дарояд ба даргоҳи ту
Хӯрад силӣ ар гум кунад роҳи ту.
Бубин то туро сар ба даргоҳи кист?
Дили тарснокат назаргоҳи кист?
Гар ин дар занӣ камтарин банда бош,
Гар ин пой дорӣ, сарафканда бош.
В-агарна, ту худ шоҳиву шаҳриёр
Туро бо саги посбонон чӣ кор?
Ту гармӣ макун, гар ман аз хӯи гарм
Нагуфтам туро гуфтаниҳои нарм[334].
Дили тофта,
к-ӯ зи ман тафта буд,
Ба ҷосусии осмон рафта буд.
Қунун, к-омад аз осмон бар замин,
Раҳовардаш он буду раҳбурдаш ин.
Чу гуфт ин суханҳои парварда пир,
Сухан[335] дар дили шоҳ шуд ҷойгир.
Барафрӯхта рӯй чун офтоб,
Сӯи базми худ кард хусрав шитоб.

Бифармуд то марди котибсиришт,
Ба оби зар он нуктаҳоро навишт.

## ГУФТОРИ ҲАКИМИ ҲИНД БО ИСКАНДАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, ғиноро даровар ба ҷӯш,
Ки дар боғ булбул набояд хамӯш.
Магар хотирамро ба ҷӯш оварӣ.
Мани гунгро дар хурӯш оварӣ.

### ДОСТОН

Ҳамон файласуфи ҷаҳондида гуфт,
Ки — Чун дониш омад, раҳи шоҳ руфт.
Даҳан мӯҳр кард аз маи хушгувор,
Ки буньёди шодӣ надид устувор.
Яке рӯз, к-аз субҳи зарринниқоб
Ба наззорагон рух намуд офтоб.
Сикандар ба оини фарҳанги хеш
Мулукона баршуд бар авранги хеш.
Даромад рақибе, ки инак зи роҳ
Фиристодаи ҳинду омад ба шоҳ.
Намояд, ки дар ҳазрати шаҳриёр
Паёмоварам, боз хоҳед бор[336].
Бифармуд шаҳ то шитоб оваранд,
Муғонро сӯи офтоб оваранд.
Ба фармони шаҳ сӯи муғ тохтанд,
Раҳаш боз доданду бинвохтанд.
Даромад муғи хидматомӯхта,
Муғона чу оташ барафрӯхта.

Чу тобандахуршедро дид зуд,
Ба расми муғонаш парастиш намуд.
Ба фармони шоҳаш рақибони даст[337]
Нишонданд ҷое, ки шояд нишаст[336].
Сухан мешуд аз ҳар даре дилписанд,
Зи хоки замин то ба чархи[339] баланд.
Ба андоза ҳар кас ҳунар менамуд,
Ба гуфтори худ қадри худ мефузуд.
Чу дар ҳинду омад нишоти сухан,
Гули тоза руст аз дарахти куҳан.
Басе нуктаҳои гиреҳбаста гуфт,
Ки он дурри носуфтаро кас насуфт.
Фалакро зи лаб ҳуққа пурнӯш кард,
Ҷаҳонро зи дур ҳалқа дар гӯш кард.
Саної ҷаҳондори гетипаноҳ
Чунон гуфт, к-афрӯхт он боргоҳ.
Чу гашт аз саҳо пири пардохта,
Ниқоби сухан шуд барандохта.
Ки торикпарвонае сӯи боғ,
Равон шуд ба уммеди равшанчароғ,
Магар, к-он чароғ ошноӣ диҳад,
Мани тираро рушноӣ диҳад.
Манам пешвои ҳама ҳиндувон,
Ба андеша пиру ба қувват ҷавон.
Суханҳои сарбаста дорам басе,
Ки накшояд он бастаро ҳар касе.
Шунидам,
к-аз ин даври омӯзгор,
Саромад туӣ бар ҳама рӯзгор.
Хирад риштаи дурри яктои туст,
Дирафши гиреҳбозкун рои туст[340].
Агарчи худованди тоҷиву тахт,
Бари донишат низ додаст бахт.
Агар гуфтаро аз ту ёбам ҷавоб.
Парастиш бигардонам аз офтоб.

В-агар н-ояд аз шаҳ ҷавобе ба даст,
Дигарбора бар хар тавон рахт баст,
Валекин нахоҳам, ки ҷуз шаҳриёр
Равад дар сухан ҳеҷ касро шумор.
Зи ман пурсишу посух ояд зи ту,
Ҷавоби сухан фаррух ояд зи ту.
Ҷаҳондор гуфто: «Баҳона маҷӯй,
Сухан ҳар чӣ пӯшида дорӣ, бигӯй!»
Ҷаҳондида-ҳинду замин бӯса дод,
Забоне чу шамшери ҳиндӣ кушод.
Чу кард офарине сазовори шоҳ,
Бипурсидаш аз кори гетипаноҳ,
Ки чун[341] ман зи худ рахт берун барам,
Сӯи офаринанда раҳ чун барам?
Яке офаринанда донам, ки ҳаст
Куҷо ҷӯямаш, чун шавам раҳбадаст?
Нишонаш падид асту ӯ[342] нопадид,
Дари бастаро аз кӣ ҷӯям калид?
Вуҷудаш, ки соҳибмаонӣ шудаст,
Заминист ё осмонӣ шудаст.
Дар андеша ё дар назар ҷӯямаш?
Чу пурсанд ҷояш куҷо гӯямаш?
Куҷо ҷой дорад зи болову зер
Ба ҳуҷҷат шавад марди пурсанда сер».
Ҷаҳондор посух чунин дод боз,
Ки ҳам кутаҳ аст ин сухан ҳам дароз.
Чу аз хештан рӯй бартофтӣ,
Ба эзид чунон дон, ки раҳ ёфтӣ.
Талаб кардани ҷои ӯ рой нест,
Ки ҷойофаринандаро ҷой нест.
На кас рози ӯро тавонад шумурд,
На андеша донад бад-ӯ роҳ бурд.
Бад-он чизҳо дорад андеша роҳ,
Ки бошад бад-ӯ дидаро дастгоҳ[343].

Худоро нашояд дар андеша ҷуст,
Ки дев аст ҳар ч-он зи андеша руст,
Ҳар андешае, к-он бувад дар замир,
Хаёле бувад офаринишпазир.
Ҳар он-ч ӯ надорад дар андеша ҷой,
Сӯи офариканда шуд раҳнамой.
Ба ғафлат нашояд шуд ин роҳро,
Ки абр аз ту[344] пинҳон кунад моҳро.
Нишон бас бувад карда бар кирдигор,
Чу ин ҷо расидӣ ҳам ин ҷо бидор.
Ба эзидшиносӣ ҳамин шуд қиёс,
Аз ин нагзарад марди эзидшинос.
Чу ҳинду ҷавоби Сикандар шунид,
Ба шаббозии дигар омад падид,
Ки ҳар ч-аз замин бошаду осмон
Ниҳоятгаҳе бошадаш бегумон.
Хабар деҳ,
ки берун аз ин боргоҳ
Ба чизе дигар ҳаст ё нест роҳ.
Агар ҳаст чун з-он кас огоҳ нест,
В-агар нест бар нестӣ роҳ нест.
Ҷаҳондор гуфт: — «Аз ҳисоби куҳан,
Ба озармтар сикка зан бар сухан.
Бурун з-осмону замин барматоз,
Ки н-ой ба сарриштаи хеш боз.
Фалак бар ту з-он ҳафт мандал кашид,
Ки берун зи мандал нашояд давид.
Аз ин мандалӣ[345] хун нашояд гузашт,
Ки чарх йстодаст бо теғу ташт.
Ҳисорест ин боргоҳи баланд,
Дар ӯ гашта андешаҳо шаҳрбанд.
Чу андеша з-ин парда дарнагзарад,
Паси пардаи роз пай чун барад?
Наҷӯяд дигар пардаи розро,
Хабарҳои анҷому оғозро.

Бад-ин достонҳо занад раҳнамой,
Қи нодидаро нест андеша ҷой.
Гар андешӣ онро[346], ки нодидай,
Чу некӯ бубинӣ, хато дидай.
Басо кас, ки ман дида ангоштам,
Хаёлаш дар андеша бинигоштам[347].
Саранҷом чун дидамаш вақти кор,
На он буд,
к-аз вай гирифтам шумор,
Ҷаҳоне дигар ҳаст пӯшидарӯй,
Ба он ҷо тавон кардан ин ҷустуҷӯй.
Дигарбора гуфтанаш ба ман гӯй рост,
Қи мулки ҷаҳон бар ду қисмат, ҷарост?
Ҷаҳоне бад-ин хубӣ оростан,
Чи бояд ҷаҳоне дигар хостан?
Чу пайдост, к-ин ҷо тавонем зист,
Ба он ҷо сафар кардан аз баҳри чист?
Чу он ҷо нишастангаҳ омад дуруст?
Ба ин ҷо гузаштан, чӣ бояд нахуст?»
Хирадмандшаҳ гуфт, к-Эй содамард,
Чунин дону аз дил фурӯ шӯй гард,
Қи эзид ду гетӣ бад-он офарид,
Қи он ҷо бувад ганҷу ин ҷо калид.
Дар ин ҷо кунӣ кишту кори навӣ.
Дар он ҷо бари киштаро бидравӣ.
Дар ин гардад аз ҳоли худ ҳар чӣ ҳаст,
Дар он бар яке ҳол бояд нишаст.
Ду паргор барзад ҷаҳонофарин,
Дар ин офариниш дар он офарин.
Пул аст ину бар пул бибояд гузашт,
Ба дарьё бувад селро бозгашт.
Чу чашма равон гардад аз кӯҳсор
Ба дарьёш бояд гирифтан қарор[348].
Дигарбора пурсид ҳиндуи пир,
Қи — Ҷон чист дар пайкари ҷонпазир?

Намояд маро, к-оташе тофтаст
Шароре аз ӯ колбад ёфтаст.
Фурӯ мурдани ҷону оташ якест,
Дар ин бад бувад гар касеро шакест.
Чу оташ дар ӯ гармдил гашт шоҳ,
Ба тундӣ дар ӯ кард лахте нигоҳ.
Бад-ӯ гуфт, к — Аҳриманӣ-сони туст,
Агар ҷонӣ, оташ бувад, ҷони туст!
Нахондӣ, ки ҷон чун сафарсоз гашт,
Аз он кас, ки омад бад-ӯ боз гашт.
Чу з-оташ бувад ҷунбиши ҷон нахуст,
Ба дӯзах тавон ҷои ӯ боз ҷуст.
Дигар он ки гуфтӣ ба вақти фароғ,
Фурӯ мурдани ҷон бувад чун чароғ.
Ғалат гуфтаӣ ҷони улвигирой,
Намирад, валекин шавад боз ҷой.
Ҳикоят зи шахсе, ки ӯ ҷон супурд,
Чӣ гӯянд, ҷон дод ё ҷон бимурд?
Бигӯянд ҷон доду ин нест зарқ,
Зи дода[349] бувад то фурӯмурда фарқ[350].
Зи ҷон даргузар, к-он фурӯғест пок,
Зи нури илоҳӣ, на аз обу хок.
Дигаргуна ҳинду сухан кард соз,
Ба пурсидани хобаш омад ниёз,
Ки — Бинандаи хобро дар хаёл,
Чӣ неру бурун оварад парру бол?
Ки манзил ба манзил равад кӯҳу дашт,
Бубинад ҷаҳон дар ҷаҳон саргузашт.
Чу бинанда он ҷост ин хуфта кист?
В-агар нақшбанд он шуд, ин нақш чист?
Ба посух дигарбора шуд шоҳ тез,
Ки хоб аз хаёлӣ бувад хонахез.
Хаёли ҳама хобҳо хонагист,
Дар он ошноӣ на бегонагист.

Агар мурда гар зинда бинӣ ба хоб,
Зи шамъи ту мехезад он нуру тоб.
Намоянда андешаи поки туст,
Намуда, таманнои идроки туст.
Гарат дар дил ояд, ки рози нуҳуфт
Чаро гашт пайдо бар он кас, ки хуфт?
Равон чун бараҳна шавад дар хаёл,
Напӯшад бар ӯ сурати ҳеҷ ҳол.
Набинӣ касе, к-ӯ риёзатгар аст,
Ба бедорӣ он ганчро раҳбар аст.
Ҳамон бинад он марди бедорҳӯш,
Ки дигар кас аз хобу хоб аз сурӯш.
Дигарбора ҳинду даромад ба гуфт,
Гуҳар кард бо нӯги алмос ҷуфт,
Ки — Бе чашми бад шоҳие деҳ маро,
Зи чашми бад огоҳие деҳ маро.
Чӣ нерӯст дар ҷунбиши чашми бад,
Ки некӯи худро кунад чашмзад?
Аз ӯ коргартар, ҷаҳонозмой
Надидаст бинандаи ҷонгазой[3] [1].
Ҳама чизро, к-озмоиш расад,
Чу дида писандад физоиш расад.
Ҷуз ӯро, ки ҳар ч-ӯ писанд оварад,
Сару горданаш зери банд оварад,
Ба ҳар ҳирфате дар ки дидем жарф,
Дурустӣ надидем дар ҳеҷ ҳарф.
Ҳамин як камондор шуд, к-аз нахуст
Ба омоҷгаҳ тири ӯ шуд дуруст.
Бигӯ то чӣ нерӯст, нерӯи ӯ?
Сипанд аз чӣ бурд офат аз хӯи ӯ?
Чӣ донам,
ки ман чашми бад дидаам,
Писандида ё нописандидаам.
Ҷаҳондор гуфташ, ки соҳибқиёс
Чунин орад аз рои маънишинос,

Ки — Бар ҳар чӣ гардад назар ҷойгир,
Гузар бар ҳавое кунад ногузир.
Бар он чиз, к-орад ҳаме тохтан,
Кунад бо ҳаво рои дам сохтан.
Буна чун дарорад бад-он рахнагоҳ,
Ҳаво низ ёбад дар он рахна роҳ,
Ҳаво гар ҳавое бувад судманд,
Дар аркони он чиз н-ояд газанд.
Мизоҷи ҳаво чун[352] бувад заҳрнок,
Бияндозад он чизро дар мағок.
Ҳавои бад аст он ки бар чашмзад,
Бад орад ба ҳамроҳии чашмбад,
Валекин ба наздики ман дар нуҳуфт,
Ҷуз ин иллате ҳаст,
к-он кас нагуфт.
На чашми бад аст он чунон коргар,
Ки нақши равандаст пеши назар.
Чу бинад аҷабкорие дар хаёл,
Ба таъдиб чашмаш[353] диҳад гӯшмол.
Тааҷҷуб раво нест дар роҳи ӯ,
Набояд ҷуз ӯ дар назаргоҳи ӯ.
Чу нақши ҳарифе шигифт оядаш,
Дағобохтан дар гирифт оядаш.
Гирифторкунро[354] диҳад печ-печ,
Бад-он то нагардад гирифтор ҳеҷ.
Қасеро, ки чашме расад ногаҳон,
Даҳандаррааш уфтад дар даҳон.
Расонандаи чашмро ҷӯши хун
Бухоре зи пешонӣ орад бурун.
Ба ин ҳар ду маънӣ шиносанду бас,
Ки ин чашмзан буду он чашмрас.
Сипанд аз паи он шуд афрӯхта,
Ки офат ба оташ шавад сӯхта.
Фусунгар дигаргуна гуфтаст роз,
Ки чун бо сипанд оташ омад фароз.

Агар мурда гар зинда бинӣ ба хоб,
Зи шамъи ту мехезад он нуру тоб.
Намоянда андешаи поки туст,
Намуда, таманнои идроки туст.
Гарат дар дил ояд, ки рози нуҳуфт
Чаро гашт пайдо бар он кас, ки хуфт?
Равон чун бараҳна шавад дар хаёл,
Напӯшад бар ӯ сурати ҳеҷ ҳол.
Набинӣ касе, к-ӯ риёзатгар аст,
Ба бедорӣ он ганҷро раҳбар аст.
Ҳамон бинад он марди бедорҳӯш,
Ки дигар кас аз хобу хоб аз сурӯш.
Дигарбора ҳинду даромад ба гуфт,
Гуҳар кард бо нӯги алмос ҷуфт,
Ки — Бе чашми бад шоҳие деҳ маро,
Зи чашми бад огоҳие деҳ маро.
Чӣ нерӯст дар ҷунбиши чашми бад,
Ки некӯи худро кунад чашмзад?
Аз ӯ коргартар, ҷаҳонозмой
Надидаст бинандаи ҷонгазой[3] [1].
Ҳама чизро, к-озмоиш расад,
Чу дида писандад физоиш расад.
Ҷуз ӯро, ки ҳар ч-ӯ писанд оварад,
Сару гарданаш зери банд оварад,
Ба ҳар ҳирфате дар ки дидем жарф,
Дурустӣ надидем дар ҳеҷ ҳарф.
Ҳамин як камондор шуд, к-аз нахуст
Ба омоҷгаҳ тири ӯ шуд дуруст.
Бигӯ то чӣ нерӯст, нерӯи ӯ?
Сипанд аз чӣ бурд офат аз хӯи ӯ?
Чӣ донам,
　　　　ки ман чашми бад дидаам,
Писандида ё нописандидаам.
Ҷаҳондор гуфташ, ки соҳибқиёс
Чунин орад аз рои маънишинос,

Ки — Бар ҳар чӣ гардад назар ҷойгир,
Гузар бар ҳавое кунад ногузир.
Бар он чиз, к-орад ҳаме тохтан,
Кунад бо ҳаво рои дам сохтан.
Буна чун дарорад бад-он рахнагоҳ,
Ҳаво низ ёбад дар он рахна роҳ,
Ҳаво гар ҳавое бувад судманд,
Дар аркони он чиз н-ояд газанд.
Мизоҷи ҳаво чун[352] бувад заҳрнок,
Бияндозад он чизро дар мағок.
Ҳавои бад аст он ки бар чашмзад,
Бад орад ба ҳамроҳии чашмбад,
Валекин ба наздики ман дар нуҳуфт,
Ҷуз ин иллате ҳаст,
к-он кас нагуфт.
На чашми бад аст он чунон коргар,
Ки накши равандаст пеши назар.
Чу бинад аҷабкорие дар хаёл,
Ба таъдиб чашмаш[353] диҳад гӯшмол.
Тааҷҷуб раво нест дар роҳи ӯ,
Набояд ҷуз ӯ дар назаргоҳи ӯ.
Чу накши ҳарифе шигифт оядаш,
Дағобохтан дар гирифт оядаш.
Гирифторкунро[354] диҳад печ-печ,
Бад-он то нагардад гирифтор ҳеҷ.
Қасеро, ки чашме расад ногаҳон,
Даҳандарраамаш уфтад дар даҳон.
Расонандаи чашмро ҷӯши хун
Бухоре зи пешонӣ орад бурун.
Ба ин ҳар ду маънӣ шиносанду бас,
Ки ин чашмзан буду он чашмрас.
Сипанд аз паи он шуд афрӯхта,
Ки офат ба оташ шавад сӯхта.
Фусунгар дигаргуна гуфтаст роз,
Ки чун бо сипанд оташ омад фароз.

Расад бар фалак дуди мушкинсипанд,
Фалак худ зи раҳ боз дорад газанд.
Дигарбора ҳиндуи румипараст
Даровард пӯлоди ҳиндӣ ба даст,
Ки — Аз неку бад марди ахтарсигол
Хабар чун диҳад чун занад нақши фол?
Зи нақше, ки аз кор н-ояд бурун,
Ба неку ба бад чун шавад раҳнамун[355].
Чунин гуфташ он мояи эзадӣ
Ки ҳар-ч он зи некӣ расад ё бадӣ,
Ҳар оина дар нақши ин гунбад аст
Агар нек, нек аст, агар бад, бад аст.
Сиголандаи фол чун қуръа ронд,
Зи толеъ тавонад ҳаме нақш хонд.
Намудори толеъ намояд дуруст,
Зи тухме, ки хоҳад дар он заръ руст[356].
Худое, ки ҳаст офаринишпаноҳ,
Чу бинад ниёзе дар ин арзагоҳ,
Ба андозаи он ки бошад ниёз,
Намояд ба мо буданиҳои роз.
Фиристад сурӯшеву бо ӯ калид,
Кунад рози сарбаста бар мо падид.
Аз он бода ҳинду чунон маст шуд,
Ки якбора шамшераш аз даст шуд.
Дигарбора пурсид,
к-аз Чину Занг
Варақхои сурат чаро шуд дуранг?
Чу яксон бувад рангхо дар лавед,
Чаро: — «Ин сияҳ гашту он шуд сапед?»
Чаҳондор гуфт: «Ин гироядагӯӣ
Дуранг аст, якрангӣ аз вай мачӯй.
Дурӯяст хуршеди оинаваш,
Яке рӯй дар Чин, яке дар Ҳабаш.
Ба рӯе кунад рӯйҳоро чу моҳ,
Ба рӯе дигар рӯйҳоро сиёҳ.»

Чу ҳиндуи доно ба чандин савол
Забун шуд зи фарҳанги донишсигол.
Ба таслими шаҳ бӯса бар хок зад,
Шаҳ аз хуррамӣ сар бар афлок зад.
Ҳама зиракон бар чунон ҳушу рой
Дамиданду хонданд номи худой.

## ХИЛВАТ СОХТАНИ ИСКАНДАР БО ҲАФТ ҲАКИМ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, биёр он Раҳи бостон,
Маро ёрие деҳ дар ин достон.
Зи дастони гетӣ магар чон барам,
Бар ин достон раҳ ба поён барам.

### ДОСТОН

Чунин омад аз файласуф ин сухан,
Ки чун шуд ба шаҳ тоза рӯзи куҳан.
Ба фирӯзии бахти фархундафол
Даромад ба бахшидани мулку мол.
Зи бас бахшиши ӯ дар он марзу бум
Барафтод дарвешӣ аз аҳли Рум.
Ниҳоданд сар хусравон бар дараш,
Ба фармондиҳӣ гашта фармонбараш.
Ба фархундагӣ шоҳи фирӯзбахт
Яке рӯз баршуд ба фирӯзатахт.
Сухан ронд аз инсофу аз дину дод,
Гаҳе дурҷ мебасту гаҳ мекушод.
Чу лахте сухан гуфт аз он дар ки буд,
Ба хилватгаҳи хеш рағбат намуд.

Аз он файласуфон гузин кард ҳафт,
Ки бар хотири кас хатое нарафт.
Балиноси барнову Суқроти пир,
Арасту ки буд мамлакатро вазир,
Фалотуну Волису Фарфуриюс,
Ки рӯҳулқудус кардашон дастбӯс.
Ҳамон ҳафтумин Ҳирмиси некрой,
Ки бар ҳафтумин осмон кард ҷой.
Чунин ҳафт паргор бар гирди шоҳ,
Дар он доира шаҳ шуда нуқтагоҳ.
Тарозандабазме, чу тобандаҳур[357].
Ҳам аз бода холӣ ҳам аз бод дур.
Дили шаҳ дар он маҷлиси тангбор.
Ба абрӯфароҳӣ даромад ба кор.
Ба донандагон роз бикшоду гуфт,
Ки — То кай бувад рози мо дар нуҳуфт?
Басе шаб ба мастӣ шуду бех(в)адӣ
Гузорем як рӯз дар бихрадӣ.
Як имрӯз бинем дар моҳу меҳр,
Кушоем сари бастаҳои сипеҳр.
Чӣ гуна даромад ба хоки дурушт?
Бидонем, к-ин хиргаҳи говдушт
Чунин буд то буд болову зер,
Бад-он сон ки буд,
гуфт бояд далер.
Чунон воҷиб омад ба рои дуруст,
Ки таркиби аввал чӣ буд, аз нахуст?
Чӣ афзоишу коҳиши нав ба нав,
Ба нобуди пешина шуд пешрав.
Нахустин сабабро дар ин тору пуд,
Биҷӯем аз аҷроми чархи кабуд.
Бад-ин зиракӣ ҷамъе омӯзгор
Наёрад ба ҳам баъд аз ин рӯзгор,
Надонем аз мо дар ин роҳи ранҷ,
Киро пой хоҳад фурӯ шуд ба ганҷ?

Бигӯед ҳар як ба фарҳанги хеш,
Ки ин кор аз оғоз чун буд пеш?
Ба тақдиру ҳукми ҷаҳонофарин
Нахуст осмон карда шуд ё замин?
Биё то бурун оварем аз нуҳуфт,
Ки — Аввалбаҳори ҷаҳон чун шукуфт?
Чӣ гуна ниҳодаш биногар бино?
Чӣ бонг омад аз сози аввалғино?
Чу шоҳ ин суханро сароғоз кард,
Чунон ганҷи сарбастро боз кард.
Зи таърихи он коргоҳи куҳан,
Фурӯ баст бар файласуфон сухан,
Сухан воҷиб омад ба фикри савоб.
Валекин ниюшандаро дар ҷавоб
Чунон рафт рухсат ба рои дуруст,
К-Арасту кунад пешвоӣ нахуст[358].

## ГУФТОРИ АРАСТУ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Арастуи равшандили ҳушманд
Сано гуфт бар тоҷдори баланд,
Ки доим ба дониш гироянда бош,
Дари бастагиро кушоянда бош,
Ба нерӯи додофарин шод зӣ,
Зи банде, ки нakшояд, озод зӣ!
Чу фармон чунин ояд аз шаҳриёр,
К-аз оғози ҳастӣ намоям шумор.
Нахустин яке ҷунбише буд фард,
Биҷунбид чандон ки ҷунбиш ду кард
Чу он ҳар ду ҷунбиш ба як ҷо фитод,
Зи ҳар ҷунбише, ҷунбише нав бизод.
Ба ҷуз он ки он ҷунбише фард буд,
Се ҷунбиш ба як ҷой дарх(в)ард буд.

Се хат з-он се ҷунбиш падидор шуд,
Се давре дар он хат гирифтор шуд.
Чу гашт он се давре зи марказ аён,
Тануманд шуд ҷавҳаре дар миён.
Чу он ҷавҳар омад бурун аз навард,
Хирад номи ӯ ҷисми ҷунбанда кард.
Дар он ҷисми ҷунбанда н-омад қарор,
Ҳаме буд ҷунбон басе рӯзгор.
Аз он ҷисм чандон, ки тобанда буд,
Ба болои марказ шитобанда буд.
Чу гарданда гашт он чи боло давид,
Сукунат гирифт он чи зер орамид.
Аз он ҷисми гардандаи тобнок
Равон шуд сипеҳри дурафшони пок.
Зи майле, ки бар маркази хеш дид,
Сӯи доира майли худ беш дид.
Ба он майл,
к-аввл гироянда буд,
Ҳамасола ҷунбиш намоянда буд,
Чу паргори аввал чунон баст банд,
Қ-аз ӯ созвар шуд сипеҳри баланд.
Зи гашти сипеҳр оташ омад падид,
Ки оташ зи нерӯи гардиш дамид.
Зи нерӯи оташ ҳавое кушод,
Ки монанди ӯ гарм дорад ниҳод.
Ба таррӣ гироянда шуд гавҳараш,
Ки гардандагӣ дур буд аз бараш.
Чакид аз ҳаво таррие дар мағок,
Падид омад обе хушу нағзу пок.
Чу осуда гашт обу дурде нишаст,
Аз он дурд пайдо шуд ин хоки паст.
Чу ҳар чор ҷавҳар ба амри худой
Гирифтанд бар маркази хеш ҷой.
Мизоҷи ҳама дар ҳам омехтанд,
В-аз ӯ рустаниҳо барангехтанд.

В-аз он рустаниҳои пардохта,
Зи ҳар гуна шуд ҷонвар сохта.
Ба андозаи ақли нисбатшинос
Аз ин беш натвон намудан қиёс.

## ГУФТОРИ ВОЛИС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чунин ронд Волиси доносухан,
Ки нав бод шаҳ,
дар ҷаҳони куҳан!
Ба таълими дониш тануманд бод,
Ба донишпажӯҳӣ баруманд бод!
Чу фармуд солори гарданкашон,
Ки ҳар кас диҳад
з-он чи дорад нишон.
Чунин гашт бар ман ба дониш дуруст,
Ки чуз оби ҷавҳар набуд аз нахуст!
Зи ҷунбиш намудан ба ҷое расид,
Қ-аз ӯ оташе дар тахалхул дамид.
Чу оташ бурун ронд барқ аз бухор,
Ҳавое фурӯ монд аз ӯ обдор.
Такосуф гирифт об аз оҳистагӣ,
Замин созвар гашт
аз он бастагӣ.
Чу ҳар ҷавҳари хос ҷое гирифт,
Ҷаҳон аз табиат навое гирифт.
Зи лутфе,
ки сарҷӯши он ҷумла буд,
Гиреҳ баст гардуну ҷунбиш намуд.
Ниюшогар инро нахоҳад шунид,
Қ-аз обе чунин пайкар омад падид.
Намудори нутфа бари ростон,
Далелест қатъӣ бар ин достон.

## ГУФТОРИ БАЛИНОС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Балиноси доно ба зону нишаст,
Заминро тилисми заминбӯсӣ баст,
Ки чандон, ки ҳаст офариниш ба ҷой,
Шаҳо, бар ту бод офарини худой!
Зи дониш мабодо дили шоҳ дур,
Ки бо нур беҳ дида бо дида нур.
Чу фарҳанги хусрав чунон боз ҷуст,
Ки пайдо кунам розҳои нахуст.
Нахустин тилисме, ки пардохтанд,
Замин буду таркиб аз ӯ сохтанд.
Чу нерӯи ҷунбиш дар ӯ кард кор,
Ба афсурдагӣ з-ӯ баромад бухор.
Аз ӯ ҳар чӣ рахшандаву пок буд,
Сазовори аҷроми афлок буд.
Дигар бахшҳо, к-он баландӣ надошт,
Ба ҳар марказе мояе мегузошт.
Яке бахш аз ӯ оташи равшан аст,
Ки болотари тоқи ин гулшан аст.
Дувум бахш аз ӯ боди ҷунбандахӯст,
Ки то ӯ наҷунбад,
надонанд, к-ӯст.
Савум бахш аз ӯ оби равнақпазир,
Ки ҳасташ зи ровақгарӣ ногузир.
Ҳамон қисмати чорумин ҳаст хок,
Зи саркӯби гардиш шуда гарднок.

## ГУФТОРИ СУҚРОТ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу Сукротро дод навбат сухун,
Рутабрез шуд хӯшаи нахлбун,

Ҷаҳонҷӯйро гуфт, поянда бош,
Ба дину ба дониш гироянда бош!
Ҳама орзуҳо шикори ту бод!
Нуҳуфти ҷаҳон ошкори ту бод!
Зи пурсидаи шаҳриёри ҷаҳон,
Кӣ донад, кӣ ҳаст ин пажӯҳиш ниҳон?
Валекин ба андозаи рои хеш
Кунад ҳар касе арзи колои хеш.
Нахустин варақ, к-офариниш набуд,
Ҷуз эзид худованди биниш набуд.
Зи ҳайбат барангехт абре баланд,
Ҳамон барқу[359] борони ӯ судманд.
Зи борони ӯ гашт пайдо сипеҳр,
Падид омад аз барқи ӯ моҳу меҳр.
Зи моҳияте, к-аз бухор уфтод,
Замин гашту бар ҷои хеш истод.
Аз ин бештар раҳнамун раҳ набурд,
Газофасухан барнашояд шумурд.

## ГУФТОРИ ФАРФУРИУС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Пас он гаҳ, ки хоки замин дод бӯс,
Чунин посух овард Фарфуриус,
Ки то давр бошад хиромишпазир,
Ту бодӣ, ҷаҳондовари давргир!
Сар аз доди ту барматобод даҳр,
Ки доди ту бедодро кард қаҳр.
Зи пурсидани шоҳи эзидшинос
Чунон дар дил омад маро аз қиёс,
К-аз он пештар, к-ин ҷаҳон шуд падид,
Ҷаҳонофарин, ҷавҳаре офарид.
Зи парвардани файзи парвардигор,
Ба обе шуд он ҷавҳари обдор.

Дунима шуд он оби ҷавҳаркушой,
Яке зеру дигар забар ёфт ҷой.
Ба табъ он дунима чу кофуру мушк,
Яке нима тар гашту як нима хушк.
Зи таррӣ яке нима ҷунбишпазир,
Зи хушкӣ дигар нима оромгир.
Шуд он оби ҷунбишпазир осмон,
Шуд ин орамида замин дарзамон.
Хирад то бад-ин ҷост кӯшиш намой,
Бурун з-ин хат андешаро нест ҷой[360].

## ГУФТОРИ ҲИРМИС ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу қуфлозмоӣ ба Ҳирмис расид,
Ба занҷирхоӣ даромад калид.
Аз он бештар, к-он гиреҳ боз кард,
Сухан бар дуои шаҳ оғоз кард,
Ки бар ҳар чӣ шояд кушодан зи банд,
Дилу рои шаҳ бод фирӯзманд!
Фалак бод гарданда бар коми ӯ,
Магардод аз ин хусравӣ номи ӯ.
Чу шаҳро чунин омадаст ихтиёр,
Ки нахле диҳад шохи ҳар мева бор.
Маро ҳам зи фармон набояд гузашт,
Кунун сӯи пурсиш кунам бозгашт.
Аз он гаҳ, ки бурдам ба андеша роҳ,
Дар ин тоқи пирӯза кардам нигоҳ.
Бар онам, ки ин тоқи дарьёшукӯҳ
Муаллақ чу дудест бар авҷи[361] кӯҳ.
Ба болои дуде чунин ҳавлнок
Фурӯзанда нурест софеву пок.
Ниқобест ин ду дар пеши нур,
Дарича, дарича зи ҳам гашта дур.

Зи ҳар рахна, к-аз дуд раҳ ёфтаст,
Ба андоза нуре бурун тофтаст.
Ҳамон анҷум аз моҳ то офтоб
Фурӯғест, к-ояд бурун аз[362] никоб.
Вуҷудофаринаш бидонам дуруст,
Надонам, ки чун офарид аз нахуст.

## ГУФТОРИ АФЛОТУН ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Фалотун, ки бар ҷумла буд устод,
Зи дарьёи дил ганҷи гавҳар кушод,
Ки равшанхирад подшоҳи ҷаҳон
Мабод аз дилаш ҳеҷ розе ниҳон.
Зи давлат ба ҳар кор ёриш бод,
Гузар бар раҳи растагориш бод.
Ҳадисе, ки пурсад дили поки ӯ,
Бигӯему тарсем аз идроки ӯ.
Зи ҳарфи[363] хато чун надорем тарс,
Ки аз лавҳи нодида хонем дарс?
Дар андешаи ман чунон шуд дуруст,
Ки ночиз буд офариниш нахуст.
Гар аз чиз, чиз офаридӣ, худой,
Азал то абад моя будӣ ба ҷой!
Таваллуд бувад ҳар чӣ аз моя хост,
Худой ҷудо, кадхудой ҷудост.
Қасеро, ки хонад[364] хирад корсоз,
Ба чандин таваллуд набошад ниёз.
Ҷудогона ҳар гавҳареро нигошт,
Ки дар ҳеҷ гавҳар миёнҷӣ надошт.
Чу гавҳар ба гавҳар шуд ороста,
Хилоф аз миён гашт бархоста.
Аз он саркашони мухолифгирой[365]
Бад-ин сарварӣ кард шахсе ба пой.

Агар гирӣ аз парри мӯре қиёс,
Тавон шуд бад-он ибрат эзидшинос.[366]

## ГУФТОРИ ИСКАНДАР ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Чу хатми сухан қуръа бар шоҳ зад,
Сухан сиккаи қадр бар моҳ зад.
Сикандар, ки хуршеди офоқ буд,
Ба равшандилӣ дар ҷаҳон тоқ буд,
Аз он равшанӣ буд, к-он равшанон
Бар ӯ анҷуман сохтандончунон.
Чу зирак бувад шоҳи омӯзгор,
Ҳама зиракон орад он рӯзгор.
Чу шаҳ гуфт он зиракон гӯш кард,
Ҷудогона ҳар ҷомро нӯш кард.
Бар он файласуфони мушкилкушой
Басе офарин тоза кард аз худой.
Пас он гоҳ гуфт:—«Эй ҳунарпарварон,
Басе кардам андеша дар ахтарон.
Бар онам, ки ин сурат аз худ наруст,
Нигорандае будашон аз нахуст.
Нигоранда донам, ки ҳаст аз дарун,
Нигориданашро надонам, ки чун?
Зи чункарди ӯ гар бидонистаме,
Ҳамон к-ӯ кунад, ман тавонистаме.
Ҳар он сурате, к-ояд андар замир,
Ту аз карданаш дар амал ногузир.
Чу мо лавҳи[367] хилқат надонем хонд,
Таҷассус дар ӯ чун тавонем ронд?
Шумо, к-осмонро варақ хондаед,
Сухан бин, ки чун мухталиф рондаед.
Аз ин беш гуфтан набошад писанд,
Ки нақши ҷаҳон нест бенақшбанд.

## ГУФТОРИ ҲАКИМ НИЗОМӢ ДАР ОФАРИНИШИ НАХУСТ

Низомӣ бар ин дар маҷунбон калид,
Ки нақши азалбастаро кас надид.
Бузург офаринандае ҳар чӣ ҳаст,
Зи ҳар-ч офаридаст болову паст,
Нахустин хирадро падидор кард,
Зи нури худаш дида бедор кард.
Бар[368] он нақш, к-аз килки қудрат нигошт,
Зи чашми хирад ҳеҷ пинҳон надошт.
Магар нақши аввал, к-аз оғоз баст,
Қ-аз он парда чашми хирад боз баст.
Чу шуд баста нақши нахустинтароз
Исоба зи чашми хирад кард боз.
Ҳар он ганҷи пӯшида, к-омад падид,
Ба дасти хирад боз додаш калид.
Ҷуз аввал ҳисобе, ки сарбаста буд
В-аз он ҷо хирад чашм барбаста буд.
Дигар ҷо, ки пинҳон набуд аз хирад,
Хирадро чу пурсӣ бад-ӯ раҳ барад.
В-аз он ҷода[369], к-ӯ бар хирад баст роҳ
Ҳикоят макун, з-ӯ ҳикоят махоҳ.
Ба он ҷо тавонад хирад роҳ бурд,
Ки фарсангу манзил тавонад шумурд?
Раҳи ғайб аз он дуртар шуд басе,
Ки андеша он ҷо расонад касе.
Хирадмандӣ онрост, к-аз ҳар чӣ ҳаст,
Чу нодиданӣ буд[370] аз ӯ дида баст.
Чу санъат ба сонеъ туро раҳ намуд,
Навое бар ин парда натвон фузуд.
Сухан бин, ки бо маркаби нимланг,
Чӣ гуна бурун омад аз роҳи танг?
Ҳамоно, ки он ҳотифи Хизр ном,
Ки хорошикоф асту хузрохиром.

Дурудам расониду баъд аз дуруд,
Ба кохи ман омад зи гунбад фуруд.
Димоғи маро бар сухан кард гарм,
Сухан гуфт бо ман ба овози нарм,
Қи чандин суханҳои хилватсигол
Ҳаволат макун бар забонҳои лол.
Ту мехорӣ ин сарвро беху бун,
Бар он файласуфон чӣ бандӣ сухун?
Чаро баст бояд суханҳои нағз,
Бар он устухонҳои пӯсидамағз.
Ба хони касон бармахӯр нони хеш,
Шакина бинеҳ бар сари хони хеш.
Бале мардуми давр номардуманд
На бар анҷуман, фитна бар анҷуманд.
На хокӣ, вале чун замин хокдӯст,
На хокодамӣ, балки хокӣ накӯст[371].
Мушаъбад шуд ин хоки найрангсоз,
Қи ҳам мӯҳрадузд асту ҳам мӯҳрабоз.
Қунад мӯҳраеро ба каф дар ниҳон,
Дигарбора орад бурун аз даҳон.
Фурӯ бурданаш ҳаст зарнихи зард,
Бароварданаш нил бо лоҷвард.
Ба вақти хазон мехӯрад уди хушк,
Ба фасли баҳор оварад нофи[372] мушк.
Тани одамиро, ки хоҳад фушурд,
Надонам, ки чун боз хоҳад супурд?
Тани мо, ки дар хокаш огандагист,
На дар нестӣ,
дар парокандагист.
Парокандае, к-ӯ бувад ҷойгир,
Гар ояд фароҳам бувад дилпазир.
Чу ҳар ч-он бувад бар замин рехта,
Дигарбора гардад барангехта.
Зари судаpo гар бувад рез-рез,
Ба симоб ҷамъ оварад хокбез.





Чу зарри парокандаро чорасоз,
Ба симоби дигар раҳ орад фароз.
Гар аҷзои моро, ки будаш равон,
Дигарбора ҷамъе бувад метавон[373].

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ПАЙҒАМБАРӢ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, саҳаргоҳ бар бонги руд
Ба ёд овар он «Паҳлавонӣ» суруд
Нишоти ғино дар ман овар падид,
Фароғат диҳам з-он чи натвон шунид.

### ДОСТОН

Ҳамон файласуфи муҳандисниҳод
Зи таърихи Рум инчунин кард ёд,
Ки чун пешвои баландахтарон,
Сикандар ҷаҳондори соҳибқирон,
Зи таълими дониш ба ҷое расид,
Ки додаш хирад бар кушоиш калид.
Басе рахнаро бастан оғоз кард,
Басе бастаҳоро гиреҳ боз кард.
Ба донистани илмҳои ниҳон
Тамомӣ ҷуз ӯро набуд аз ҷаҳон,
Чу барзад ҳама илмҳоро руқум,
Чӣ бо аҳли Юнон, чӣ бо аҳли Рум[374].
Гузашт аз расадбандии ахтарон,
Набуд он чи мақсуд будаш дар он.
Сарираш, ки тоҷ аз табоҳӣ раҳонд,
Амома ба тоҷи илоҳӣ расонд.

Назад дигар аз офариниш нафас,
Ҷаҳонофаринро талаб карду бас.
Дар он кашф кӯшид, к-аз рӯи роз
Барандозад ин ҳафткӯҳлӣ тароз.
Чунон бинад он диданиро, ки ҳаст
Ба даст орад онро, ки н-ояд ба даст.
Дар ин ваъда мекард шабҳо ба рӯз,
Шабе толеаш гашт гетифурӯз.
Сурӯш омад аз ҳазрати эзидӣ,
Хабар додаш аз худ дар он бехудӣ.
Сурӯши дурафшон чу тобандаҳур
Зи васвоси деви фиребанда дур.
Нуҳуфта бад-он гавҳари тобнок,
Расонид ваҳй аз худованди пок.
Чунин гуфт, к-афзунтар аз кӯҳу рӯд
Ҷаҳонофаринат расонад дуруд.
Бурун з-он ки дод ӯ ҷаҳонбоният,
Ба пайғамбарӣ дошт арзоният.
Ба фармонбарӣ чун туӣ шаҳриёр,
Чунин аст фармони парвадигор,
Ки бардорӣ ором аз оромгоҳ,
Дар ин доварӣ сар напечӣ зи роҳ.
Барой ба гирди ҷаҳон чун сипеҳр,
Дарорӣ сари ваҳшиёнро ба[375] меҳр.
Кунӣ халқро даъват аз роҳи бад,
Ба дорандаи давлату дини х(в)ад.
Бино нав кунӣ ин куҳантоқро,
Зи ғафлат фурӯ шӯӣ офоқро.
Раҳонӣ ҷаҳонро зи бедоддев,
Гирониш намоӣ ба кайҳонхидев.
Сари хуфтагонро барорӣ зи хоб,
Зи рӯи хирад баркушоӣ ниқоб.
Туӣ ганҷи раҳмат зи яздони пок
Фиристода бар бенасибони хок.

Такопӯй кун гирди паргори даҳр,
Ки то хокиён аз ту ёбанд баҳр.
Чу бар мулки[376] ин оламат даст хаст,
Беҳ ар мулки[377] он олам орӣ ба даст
Дар ин доварӣ, к-оварӣ роҳ пеш,
Ризои худо бин на озарми хеш.
Ба бахшоиши ҷонвар кун басеҷ,
Ба ноҷонвар бармабахшой ҳеҷ.
Гар аз ҷонвар низ ёбӣ газанд,
Замонаш мадеҳ, ё бикуш, ё бибанд[378].
Сикандар бад-он рӯйбастасурӯш
Чунин гуфт, к-эй ҳотифи тезҳӯш,
Чу фармон чунин омад аз кирдигор,
Ки берун занам навбатӣ з-ин ҳисор.
Зи машриқ ба мағриб шабехун кунам,
Хумор аз сари халқ берун кунам.
Ба ҳар марз агар худ шавам марзбон.
Чӣ гӯям чу касро надонам забон?
Чӣ донам, ки эшон чӣ гӯянд низ?
В-аз инам батар ҳаст бисьёр чиз.
Яке он ки дар лашкарам вақти пос
Зи дужхим тарсам, ки ояд ҳарос,
Дигар он ки бар қасди чандин гурӯҳ
Сипаҳ чун кашам дар биёбону кӯҳ?
Гурӯҳе фаровонтар аз хоку об,
Чӣ гуна кунам ҳар якеро азоб?
Гар он кӯрчашмон ба ман награванд,
Зи каррӣ суханҳои ман нашнаванд,
Дар он ҷои бегона аз хушку тар,
Чӣ дармон кунам хоса бо кӯру кар?
В-агар даъвӣ орам ба пайғамбарӣ
Чӣ ҳуҷҷат кунад халқро раҳбарӣ?[379]
Чӣ мӯъҷиз бувад дар сухан ёварам,
Ки доранд бинандагон боварам.

Даромӯз аввал ба ман расму роҳ,
Пас он гаҳ зи ман роҳ рафтан бихоҳ.
Баромудагоне чу дарьё ба дур,
Сару мағзе аз хештан гашта пур.
Чӣ гуна тавон дод полағзашон,
Ки он кибр кам гардад аз мағзашон.
Сурӯши сароянда корсоз
Ҷавоби Сикандар чунин дод боз,
Ки ҳукми ту бар чор ҳадди ҷаҳон
Равандаст[380] бар ошкору ниҳон.
Ба мағриб гурӯҳест саҳрохиром,
Маносик раҳо карда носик ба ном
Ба машриқ гурӯҳе фариштасиришт,
Ки ҷуз мансакаш ном натвон навишт.
Гурӯҳе чу дарьё ҷанубигирой,
Ки будаст[381] Ҳобил-шон раҳнамой.
Гурӯҳе шимолест иқлимашон,
Ки Қобил хонӣ зи таъзимашон.
Чу ту борагӣ сӯи роҳ оварӣ,
Гузар бар сапеду сиёҳ оварӣ.
Зи носик ба мансак дарорӣ сипоҳ,
Зи Ҳобил ёбӣ ба Қобил роҳ.
Ҳама пеши ҳукмат мусаххар шаванд,
В-агар сар кашанд аз ту дар сар шаванд.
Надорад кас аз саркашон пои ту,
Нагирад касе дар ҷаҳон ҷои ту.
Ту он шабчароғӣ ба некахтарӣ,
Шабафрӯз чун моҳу чун муштарӣ,
Ки[382] ҳар ҷо ки тобӣ ба авҷи баланд,
Кушоӣ зи ганҷинаҳо қулфу банд.
Чунон кун, ки чун сар ба роҳ оварӣ,
Ба дорандаи худ паноҳ оварӣ.
Ба ҳар ҷо,
ки мавкаб[383] дарорӣ ба роҳ,
Кунӣ довари доваронро паноҳ.

Наёрад ҷаҳон офате бар сарат,
Газанде на бар ту на бар лашкарат.
В-агар з-он ки дар раҳгузарҳои нав
Қасе боядат пасраву пешрав.
Ба ҳар ҷо гироиш кунад ҷони ту,
Бувад нуру зулмат ба фармони ту.
Бувад[384] нурат аз пешу зулмат зи пас,
Ту бинӣ, набинад туро ҳеҷ кас.
Қасе, к-ӯ набошад, зи аҳди ту дур,
Аз он рӯшноӣ бад-ӯ бахш нур.
Қасе, к-оварад бо ту дар сар хумор,
Бар ӯ зулмати хешро баргумор.
Бидон то чу соя дар он тирагӣ
Фурӯ мирад аз хориву хирагӣ.
Дигар чун инон сӯи роҳ оварӣ,
Ба кишвар кушудан сипоҳ оварӣ.
Ба ҳар тоифа, к-оварӣ рӯи хеш
Луғатҳои бегон-т оранд пеш.
Ба илҳоми ёридиҳи раҳнамун
Луғатҳои ҳар қавме орӣ бурун.
Забондон шавӣ дар ҳама кишваре,
Напӯшад сухан бар ту аз ҳар даре.
Ту низ он чӣ гӯӣ ба румизабон
Бидонад ниюшанда бетарҷумон.
Ба бурҳони ин мӯъҷизи эзадӣ
Ту некиву ёбад мухолиф бадӣ[385].
Чу шаҳ дид, к-он гуфт байғора нест,
Зи фармонбарӣ бандаро чора нест.
Пазируфт аз орандае он паём,
Ки ҳаст ӯ худованду мо банда ном.
В-аз он рӯз ғофил набуд аз басеҷ,
Ҷуз он шуғл дар дил наёвард ҳеҷ.
Зи шуғли дигар[386] даст кӯтоҳ кард.
Ба азми сафар тӯшаи роҳ кард.

Бурун з-он ки пайғоми фаррухсурӯш
Хабарҳои нусрат расондаш ба гӯш.
Зи ҳар донише чорае ҷуст боз,
Ки фаррух бувад мардуми чорасоз.
Сиголишгариҳои хотирписанд,
Ки аз раҳравон боз дорад газанд,
Ба ҷуз Сифри Аъзам, ки дар бихрадӣ
Нишоне буд аз мояи[387] эзадӣ.
Се фарҳангнома зи фаррухдабир,
Ба мушки сияҳ нақш зад бар ҳарир.
Арасту нахустин варақ дарнавишт,
Хабар додаш аз гавҳари хубу зишт.
Фалотун дигар номаро нақш баст,
Зи ҳар донише, к-омад ӯро ба даст.
Савум дурҷро кард Суқрот банд,
Зи ҳар ҷавҳаре, к-он бувад дилписанд.
Чу гашт ин се феҳраст пардохта,
Суханҳои боякдигар сохта.
Шаҳ он номаҳоро ҳама мӯҳр кард,
Бипечиду бинҳод дар як навард.
Чу ҳангоми ҳоҷат расидӣ фароз,
Ба он дурҷҳо даст кардӣ дароз.
Зи ганчинаи ҳар варақпорае
Талаб кардӣ он шуғлро чорае.
Чу оҷиз шудӣ рояш аз доварӣ,
Зи файзи худо хостӣ ёварӣ[388].
Нишаст аввалин рӯз бар тахти оч,
Ба торак бароварда пирӯзатоҷ.
Чунон дод фармон ба фаррухвазир,
Ки пеш оварад килки фармонпазир.
Нависад яке номаи судманд,
Ба таъйиди фарҳангу рои баланд.
Мусалсал ба андарзҳои бузург,
Қ-аз ӯ созгорӣ кунад мешу гург.

Бурун шуд вазир аз бари шаҳриёр,
Зи шаҳ гуфтаро гашт пазруфтагор.
Хирадро ба тадбир шуд раҳнамун,
Бад-он то зи кон гавҳар орад бурун[389].
Сари килкро чун забон тез кард,
Ба коғаз-бар аз най шакаррез кард.

## ХИРАДНОМАИ АРАСТУ

Чунин буд дар номаи раҳнамой,
Аз он пас ки буд офарини худой,
Ки — Шоҳо ба дониш дил обод дор,
Зи бедонишон дур шав, ёд дор,
Дареро, ки бандаш бувад нопадид,
Зи доно тавон боз ҷустан калид.
Ба ҳар давлате,
к-оварӣ дар шумор,
Суҷуде бикун пеши парвардигор.
Ба пирӯзии худ қавидил мабош,
Зи тарси худо ҳеҷ ғофил мабош!
Худотарсро созгор аст бахт,
Бувад нохудотарсро кор сахт.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ тануманду шод,
Сипанде баоташ фикан бомдод.
Мабош эмин аз дидани чашми бад,
На аз чашми бад, балки аз чашми х(в)ад.
Чунин зад масал марди гавҳаршинос,
Ки — гар хубӣ, аз хештан дарҳарос!
Зи бод он дарахте наёбад газанд,
Ки аз хок сар барнаёрад баланд.
Душохакушоёни нахчиргоҳ
Ба фаҳлони нахчир ёбанд роҳ.
Сабақбурди худро так оҳиста дор,
Ҳасадро ба худ роҳ барбаста дор.

Ҳасад мардро дил ба дард оварад,
Миёни ду озода гард оварад.
Ба кина мабар ҳеҷ касро зи ҷой,
Чу аз ҷой бурдӣ, дарораш зи пой.
Гарат бо касе ҳаст кини куҳун,
Нажодаш макан яксар аз беху бун.
Маҳоҳ аз касе кини обои ӯ,
Назар беш кун дар муҳобои ӯ,
Зи хуршед то соя мӯе бувад,
Ки ин равшан он тирарӯе бувад.
Зи хурмо ба дасте бувад то ба хор,
Ки ин гулшакар бошад он ногувор.
Садаф гарчи ҳамсоя шуд бо наҳанг,
Дури тоҷ дорад на шамшери ҷанг[390].
Бародар ба ҷурми бародар магир,
Ки бас фарқ бошад зи хун то ба шир.
Мазан дар кас аз баҳри кас нешро.
Ба пои худ овез ҳар мешро.
Чу омурзиши эзадӣ боядат,
Набояд, ки расми бадӣ оядат.
Бадонро бад ояд зи чархи кабуд,
Ба некон ҳама некӣ ояд фурӯд.
Макун ҷуз ба некӣ гироянд агӣ,
Ки дар некномист, пояндагӣ.
Манеҳ бар дили некномон ғубор,
Ки бадномӣ орад саранҷоми кор.
Макун кори бадгавҳаронро баланд,
Ки парвардани гургат орад газанд.
Маёмез дар ҳеҷ бадгавҳаре,
Мадеҳ кимиёе ба хокистаре.
Чу бадгавҳарӣ сар барорад зи мард,
Кунад гавҳари сурхро рӯйзард.
Задан бо худованди фарҳанг рой,
Ба фарҳанг бошад туро раҳнамой.

Чу суди дирам беш хоҳӣ, на кам,
Мазан рой бо мардуми бедирам.
Қушиш ҷустан аз мардуми сусткӯш,
Ҷавоҳирхарӣ бошад аз ҷавфурӯш?[391]
Ҳама ҷинсе аз гӯру гову паланг,
Ба ҷинсият оранд шодӣ ба чанг.
Чу дар парда ноҷинс бошад ҳамол,
Зи тӯҳмат басе нақш бандад хаёл.
Ду оинаро чун ба ҳам барниҳӣ,
Шавад ҳар ду аз ориятҳо тиҳӣ.
Машав бо забунафканон говдил,
Ки монӣ дар андӯҳ чун хар ба гил.
Ҷавонмардии шер бо одамӣ,
Зи мардумрамӣ дон на аз мардумӣ.
Барон кас, ки бо сахтрӯӣ бувад.
Дуруштӣ беҳ аз нармхӯӣ бувад.
Ситезандаро чун бувад сахт кор,
Ба нармӣ талаб кун ба сахтӣ бидор.
Сари хасм чун гардад аз фитна пур,
Ба чарбӣ биёвар, ба тезӣ бибур[392].
Чу афтӣ миёни ду бадхоҳи хом
Парокандашон кун лагом аз лагом,
Дарафкан ба ҳам гургро бо паланг,
Ту бар ордро аз миёни ду санг.
Қасеро, ки бошад зи деҳқону шоҳ,
Ба андозаи поя неҳ пойгоҳ.
Ба сӯи тавоно,
тавоно фирист,
Ба доно ҳам аз ҷинси доно фирист.
Фиристодаро чун бувад чорасоз,
Ба андарз кардан набошад ниёз.
Ба ҷое, ки оҳан дарояд ба занг,
Ба зар додан оҳан баровар[393] зи санг.
Хазина зи баҳри зар огандан аст,
Зар аз баҳри душман парокандан аст.

Ба чарбӣ тавон пои рубоҳ баст,
Ба ҳалво диҳад тифл чизе зи даст.
Чу мутриб ба сури касон шод бош,
Зи банди худ ар сарвӣ, озод бош.
Ҷаҳонро чу субҳи саҳархоста
Биёрой, то гардӣ ороста[394].
Маорой худро чу райҳони боғ,
Ба дасти касон хубтар шуд чароғ.
Хазина, ки бо туст бар туст бор,
Чу додӣ ба додан шавӣ растагор.
Зар он оташе нест, ки оганданист,
Шарорест, к-аз худ пароканданист.
Магӯ, к-аз зару соҳиби зар, ки беҳ,
Гиреҳ бадтар аз банду банд аз гиреҳ.
Чунин гуфт бо оташ, оташпараст,
Ки — Аз мо кӣ беҳтар ба ҷое кӣ ҳаст?
Бигуфт оташ ар хоҳӣ омӯхтан,
Туро кушт бояд, маро сӯхтан.
Фарохостин шав, к-аз ин сабзшох
Фитад мева дар остини фарох.
Зи серӣ мабош он чунон шодком,
Ки аз ҳеза заҳре дарафтад ба ҷом.
Ба ганҷинае муфлисе роҳ бурд,
Бияфтоду аз шодмонӣ бимурд.
Ҳамон ташнаи гармро оби сард,
Паёпай нашояд ба якбора х(в)ард.
Ба ҳар манзиле, к-оварӣ тохтан,
Нашояд дар ӯ хобгаҳ сохтан.
Махӯр оби ноозмуда нахуст,
Ба дигар даҳоне кун он бозчуст[395].
На он мевае,
к-ӯ ғариб оядат,
Қ-аз ӯ нотавонӣ насиб оядат.
Ба вақти хӯриш ҳар кӣ бошад табиб
Бипарҳезад аз хӯрдҳои ғариб.

Бар он раҳ, ки норафта бошад касе,
Марав гарчи ҳамроҳ дорӣ басе.
Раҳе, к-ӯ бувад дур аз андеша пок,
Беҳ аз роҳи наздики андешанок.
Гаронбории мол чандон маҷӯй,
Ки афтад ба лашкаргаҳат[396] гуфтугӯй.
Зи ҳар ғорату мол, к-орӣ ба даст,
Ба дарвеш деҳ ҳар як[397] аз ҳар чӣ ҳаст.
Ниҳонӣ ба хоҳандагон чиз деҳ,
Ки хушнудии эзид аз чиз беҳ.
Диҳиш, к-аз назарҳо ниҳонӣ бувад,
Ҳисори бади осмонӣ бувад.
Сипаҳро ба андоза деҳ[398] пойгоҳ
Мадеҳ бештар моле аз харҷи роҳ.
Шикамбандаро чун шикам гашт сер,
Кунад баддилӣ, гарчи бошад далер.
На серӣ чунон деҳ, ки гарданд маст,
На бигзорашон аз хӯриш тангдаст.
Чунон зӣ, ки ҳангоми сахтиву ноз,
Бувад лашкар аз ҷуз туӣ бениёз.
Ба рӯзе ду навбат баророй хон,
Сарони сипаҳро якояк бихон.
Махӯр бода дар ҳеҷ бегонабум,
Таносон машав то набошӣ ба Рум.
Ба равшантарин кас вадиат супор,
Ки аз оби равшан наёяд ғубор.
Чу равшантар аст офтоб аз гурӯҳ,
Амонат бад-ӯ дод дарьёву кӯҳ.
Агар муқбилӣ муқбилонро шинос,
Ки иқболро дорад иқбол пос.
Мадеҳ мудбиронро сӯи хеш роҳ,
Ки ангур аз ангур гардад сиёҳ.
Вафо хислати модаровардп туст,
Магар аз сиришге,
ки буд аз нахуст

Чу мардум бигардонад оину ҳол,
Бигардад бар ӯ сиккаи мулку мол.
Зи хӯи қадимӣ нашояд гузашт,
Ки натвон ба хӯи дигар боз гашт.
Манеҳ хӯи аслӣ чу фарзонагон,
Машав пайрави хӯи бегонагон.
Пиёда, ки ӯ ростоин шавад,
Нагунсор гардад чу фарзин шавад.
Агар соҳибиқбол бинӣ касе,
Набинам, ки бо ӯ бикӯшӣ басе!
Ба ҳар гардише бо сипеҳри баланд,
Ситеза мабар, то наёбӣ газанд.
Бинеҳ дил ба ҳар-ч оварад рӯзгор,
Магардон сар аз панди омӯзгор.
Агар нозе аз давлат ояд падид,
Сар аз нози давлат набояд кашид.
Ба нозе, ки давлат намояд, маранҷ,
Ки дар нози давлат бувад кони ганҷ.
Чу ҳангоми нози ту ояд фароз,
Қашад давлат он рӯз низ аз ту ноз.
Садаф з-он ҳама тан шудаст устухон,
Ки мағзе чу дур дорад андар миён[399].
Аз он сахт шуд кони гавҳар чу санг,
Ки н-ояд гуҳар ҷуз ба сахтӣ ба чанг.
Ба сахтӣ дар ахтар машав бадгумон,
Ки фаррухтар ояд замон то замон.
Зи пирӯзагун гунбад андӯҳ мадор,
Ки пирӯз бошад саранҷоми кор.
Машав ноумед, ар шавад[400] кор сахт,
Дили худ қавӣ кун ба нерӯи бахт.
Барандоз санге ба боло далер,
Дигаргун бувад[401] кор,
к-ояд ба зер.
Раҳо кун ситамро ба якборагӣ,
Ки камумрӣ орад ситамкорагӣ.

Шаҳ аз доди худ гар пушаймон шавад,
Вилоят зи бедод вайрон шавад.
Туро эзид аз баҳри адл офарид,
Ситам н-ояд аз шоҳи одил падид.
Накӯрой чун ройро бад кунад
Чунон дон, ки бад дар ҳаққи х(в)ад кунад.
Чу гардад ҷаҳон гоҳ-гоҳ аз навард,
Ба гармои гарму ба сармои сард.
Дар он гарму сардӣ саломат маҷӯй,
Ки гардонад аз одати хеш рӯй.
Чунон беҳ,
ки ҳар фасле аз фасли сол
Ба хосияти худ намояд хисол.
Рабеъ аз рабеъӣ намояд сиришт,
Тамуз аз тамуз оварад сарнабишт.
Чу ҳар ч-ӯ бигардад зи тартиби кор,
Бигардад бар ӯ гардиши рӯзгор.
Ба ҷои ту гар бад кунад нокасе,
Ту низ ар кунӣ некӯӣ бо касе.
Ҳамонро, ҳаминро фаромӯш кун,
Забон аз баду нек[402] хомӯш кун.
Мижа дар нахуфтан чу алмос дор,
Ба бедорӣ офоқро пос дор.
Чунин зад масал кордони бузург,
Ки поси шубон аст побанди гург.
Чу ёбӣ тавоноие дар сиришт,
Мазан ханда, к-он ҷо бувад ханда зишт.
В-агар нотавонӣ дарояд ба кор,
Макун оҷизӣ бар касе ошкор[403].
Лаб аз хандаи хуррамӣ дармабанд,
Ғамин бош пинҳону пайдо биханд,
Ба ҳар ҷо, ки ҳарбе фароз оядат,
Ба ҳарбозмоён ниёз оядат.
Ҳазимат пазир аз дигар ҳарбгоҳ,
Набояд, ки ёбад дар он ҳарб роҳ.

Гурезанда чун раҳ ба даст оварад,
Ба кушандагон — дар шикаст оварад.
Чу хоҳӣ, ки бошад зафар ёри ту,
Зафардида бояд сипаҳдори ту.
Ба фаррухрикобони фирӯзманд
Инони азимат баровар баланд.
Ба ҳар-ч орӣ аз неку аз бад ба ҷой,
Бад аз хештан бину нек аз худой.
Чу ин номаи номвар шуд тамом,
Ба шаҳ доду шаҳ гашт аз ӯ шодком.

## ХИРАДНОМАИ АФЛОТУН

Дигар рӯз,
к-аз атсаи офтоб
Дамиданд кофур бар мушки ноб.
Фиристод шаҳ то ба равшанзамир
Фалотун ниҳад хомаро бар ҳарир.
Нигорад яке номаи дилнавоз,
Ки хонандагонро бувад корсоз.
Ба фармони шаҳ пири дарьёшукӯҳ,
Ҷавоҳир бурун[404] рехт аз кони кӯҳ.
Зи гавҳарфишон килки фармонбараш
Набишта чунин буд дар дафтараш,
Ки — Бодо фузун з-осмону замин
Зи мо офаринандаро офарин!
Пас аз офарин кардани кирдигор,
Бисоти сухан кард гавҳарнигор,
Ки шоҳи ҷаҳон аз ҷаҳон бартар аст,
Ҷаҳон кони гавҳар шуд ӯ гавҳар аст.
Чу гавҳарниҳод асту гавҳарнажод,
Хатарнокии гавҳар орад ба ёд,
Намудор агар нек агар бад кунад,
Ба андозаи гавҳари х(в)ад кунад.

Камингоҳи дуздон шуд ин марҳила,
Нашояд дар ӯ рахт кардан яла.
Дар ин посгаҳ, ҳар кӣ бедор нест,
Ҷаҳонбонӣ ӯро сазовор нест.
Ҷаҳонгир чун сар барорад ба меғ,
Ба тадбир гирад ҷаҳонро[405] чу[406] теғ.
Ҳамон теғи мардон, ки хунрез шуд,
Ба тадбири фарзонагон тез шуд.
Ба рӯзу ба шаб базми шоҳаншаҳӣ
Зи доно набояд,
ки бошад тиҳӣ.
Шаҳ он беҳ, ки бар дониш орад шитоб,
Набояд, ки бифребадаш хӯрду хоб.
Ду офат бувад шоҳро ҳамнафас,
Ки дарвешро нест он дастрас.
Як офат зи таббохаи чарбдаст,
Ки шаҳро кунад чарбу ширинпараст.
Дигар офат аз ҷуфти зебо бувад,
К-аз ӯ орзу ношикебо бувад.
Аз ин ҳар ду шаҳро набошад биҳӣ,
Ки он пур кунад табъу ин тан тиҳӣ.
На бисьёркун шав на бисьёрхор,
К-аз он сустӣ ояд в-аз ин ногувор.
Ҷаҳонро, ки бинӣ чунин сурху зард,
Бисоте фиребанда шуд дар навард.
Ҷаҳон аждаҳоест маъшуқ ном,
Аз он ком не, ҷон барояд зи ком.
Нагӯям, ки дунъё на аз баҳри мост
Ки ҳамшаҳрии мову ҳам шаҳри мост.
Набошем аз ин гуна дунъёпараст,
Ки орем хоне зи хуне ба даст.
Ниҳоде, ки бардошт аз хун кунад,
Фурӯдоште беҷигар чун кунад?
Аз ин чор таркиби[467] ороста,
Зи ҳар гавҳаре орият хоста.

Инон беҳ, ки печем[408] аз он пештар,
Ки эшон зи мо боз печанд сар.
Агар об дур, хок анбар шавад,
Саранҷом гавҳар ба гавҳар шавад.
Харе обкаш буду хикаш дарид,
Қиробанда ғам хӯрду хар медавид.
Ҷаҳон хордарпушту мо хорпушт,
Ба ҳам лоиқ аст, ин дурушт, он дурушт.
Ду бева ба ҳам гуфтугӯ сохтанд,
Суханро ба таъна дарандохтанд.
Яке гуфт, к-аз зиштии рӯи ту
Нагардад касе дар ҷаҳон шӯи ту.
Дигар гуфт, некӯ сухан рондай,
Ту дар хона аз некӯӣ мондай[409].
Чӣ хусбем чандин бар ин остон,
Ки бо марг шуд хоб ҳамдостон.
Қасе, к-ӯ надонад, ки дар вақти хоб
Дигар раҳ ба бедорӣ орад шитоб.
Зи хуфтан чу мурдан бувад дар ҳарос,
Ки монад ба ҳам хобу марг аз қиёс.
Дар ин раҳ ҷуз ин хоби харгӯш нест,
Ки хуспандаи маргро ҳӯш нест.
Чӣ будӣ, к-аз ин хоби зиракфиреб
Шикебо шудӣ, дидаи ношикеб.
Магар дидӣ аҳволи нодидаро,
Писандидаву нописандидаро.
В-аз ин[410] беҳуда доварӣ сохтан,
Замоне баросудӣ аз тохтан,
Чаро аз паи як шикамвор нон
Қиробанда тобад ба ҳар сӯ инон?
Шитоб оваридан ба дарьёву дашт,
Чаро чун ба ноне[411] бувад бозгашт?
Шитобандагоне,
ки соҳибдиланд,
Талабгори осоиши манзиланд,

Гузоранд гетӣ ҳама зери[412] пой,
Ҳам охир ба осоиш оранд рой[413].
Ҳама раҳравон, пешбинандагон,
Кунанд офарин бар нишинандагон.
Саломат дар иқлими осудагист,
Қ-аз ин бигзарӣ, ҷумла беҳудагист.
Чӣ бояд дар ин оташи ҳафтҷӯш
Ба сайди кабобе шудан сахткӯш.
Саранҷоми ҳар бози кӯшиданӣ,
Ба ҷуз хӯрданӣ несту пӯшиданӣ.
Чу пӯшиданӣ бошаду хӯрданӣ,
Ҳисобе дигар ҳаст нокарданӣ.
Ба дарьё — дар он кас, ки ҷон меканад,
Ҳам он кас, ки дар кӯҳ кон меканад,
Қас аз рӯзии хеш дарнагзарад,
Ба андозаи хеш рӯзӣ х(в)арад.
Ҳавас бин, ки чандин ҳазор одамӣ
Ниҳанд оз дар ҷону зар дар замӣ.
Зароган, ки ӯ хок бар зар кунад,
Хӯрад хоку ҳам хок бар сар кунад.
Ҷаҳон он касерост, к-ӯ дар ҷаҳон
Хӯрад тӯшаи роҳ бо ҳамраҳон.
Зи киса ба чарбӣ бурад бандро,
Диҳад фарбеҳӣ лоғаре чандро.
Ба як ҷав, ки чарбанда шуд санги хом,
Бад-он хушкияш чарб карданд ном[414].
Раҳе дуру барге дар он роҳ не,
Зи поёни манзил кас огоҳ не.
Набояд ғунудан чунон бехабар,
Ки ногоҳ силӣ дарояд ба сар[415].
На будан чунон низ бехобу х(в)ард,
Ки тан нотавон гардаду рӯй зард.
Куҷо азми роҳ оварад роҳҷӯй,
Наронад чу ошуфтагон пӯй-пӯй.

Нигаҳбон барангезад он роҳро,
Кунад бар худ эмин гузаргоҳро.
Шабу рӯз бедор бошад ба кор,
Ки бар хуфтагон раҳ занад рӯзгор.
Пасу пеш бинад ба фарҳангу ҳӯш,
Надорад ба гуфтори бегона гӯш.
Чу лашкаркаше бошадаш раҳшинос,
Зи душвории раҳ надорад ҳарос.
Гузар гар ба ҳомун кунад гар ба кӯҳ,
Парокандагӣ н-оварад дар гурӯҳ.
Ба мавкаб хиромад чу борону барф,
Ба ҳайбат нишинад чу дарьёи жарф.
Заминхези он бумро як-ду мард
Ба даст ораду сер дорад ба х(в)ард.
В-аз эшон ниҳонӣ кунад бозҷуст,
Ки бе об тухм аз замин барнаруст.
Ба осонӣ он кор гардад тамом,
Зи сахтӣ набояд кашидан лагом.
Чу ояд зи яксар саломат падид,
Сари чанд касро набояд бурид.
Дар он раҳ, ки дасте қавитар бувад,
Задан пой пеш офати сар бувад.[416]
Нашояд[417] дар он доварӣ пай фушурд,
Ки даъвӣ нашояд дар ӯ пеш бурд.
Чу бар риштаи коре афтад гиреҳ,
Шикебой аз ҷаҳди беҳуда беҳ.
Ҳама корҳо аз фурубастагӣ
Кушояд, валекин ба оҳистагӣ.
Фурӯ бастани кор дар раҳ бувад,
Кушоиш дар он низ ногаҳ бувад.
Сухан гарчи шуд гуфта бар ҷои хеш,
Сухандонии шоҳ аз ин ҳаст беш.
Ба ҳар ҷо,
ки ронад ба некахтарӣ
Хирад худ кунад шоҳро раҳбарӣ.

Касеро, ки яздон бувад корсоз,
Бувад з-одаму одамӣ бениёз.
Дилеро, ки орад фаришта дуруд,
Ба андешаи кас наёяд фурӯд.
Агар ман ба фармони шоҳи ҷаҳон
Мисоле набиштам чу корогаҳон.
Наёвардам илло парастиш ба ҷой,
Ки иқбол шуд шоҳро раҳнамой.
Нашуд хотири шоҳ мӯҳтоҷи кас,
Худову хирад ёвари шоҳ бас.
Хирад бод дар неку бад ёри ӯ,
Худо боз созандаи кори ӯ!
Хирадманд чун номаро кард соз,
Ба шоҳи ҷаҳон доду бурдаш намоз.
Дили шаҳ зи банди ғам озод гашт,
Аз он номаи номвар шод[418] гашт.

## ХИРАДНОМАИ СУҚРОТ

Савум рӯз, к-ин тоқи бозичаранг
Баровард бозичаи руму занг.
Ба Суқрот фармуд донои Рум,
Ки мӯхре зи хотам дарорад ба мум.
Нависад хираднома и арҷманд[419],
Зи ҳар навъи дониш, зи ҳар гуна панд.
Хирадманд рӯй аз пазириш натофт,
Ба ғаввоси дур ба дарьё шитофт,
Чунин ронд бар когази симсой,
Саводи суханро ба фарҳангу рой,
Ки феҳрасти ҳар нақшро[420] нақшбанд
Ба номи худо сар барорад баланд.
Ҷаҳонофарин, эзиди корсоз,
Ки дорад бад-ӯ офариниш ниёз.

Пас аз номи яздони гетипаноҳ,
Тирози сухан баст бар номи шоҳ,
Ки шоҳо, дар ин ҷоҳи тимсолпӯш
Машав ҷуз ба фармони фарҳангу ҳӯш.
Туро, к-аз басе гавҳар омехтанд,
На аз баҳри бозӣ барангехтанд.
Паланг аст дар раҳ ниҳон гуфтамат,
Далерӣ макун, ҳон-ҳон гуфтамат.
Ба ҳар ҷо, ки бошӣ зи пайкору сур
Мабош аз рафиқе сазовор дур.
Чу дар базми шодӣ нишаст оварӣ,
Беҳ ар ёри хандон ба даст оварӣ.
Макун дар руҳи[421] ҳеҷ ғамгин нигоҳ,
Ки то бар ту шодӣ нагардад табоҳ.
Чу рӯзи сиёсат диҳӣ бори ом,
Маяфкан назар бар ҳарифони хом.
Набояд, к-аз он лаҳви густохкун,
Равад бо ту густохие дар сухун!
Чу дарьё макун хӯ ба танҳохӯрӣ,
Ки талх аст ҳар-ч он чу дарьё хӯрӣ.
Ба ҳар кас бидеҳ баҳра чун оби ҷӯӣ
Ки то пешмират шавад ҳар сабӯй.
Таоме, ки дар хона дорӣ ба банд,
Ба ҳафтод хона расад бӯи ганд.
Чу аз хона берун фиристӣ ба кӯй,
Дару даргаҳатро кунад мушкбӯй.
Бунафша чу дар гул бувад ношукуфт,
Уфунат бувад бӯи ӯ дар нуҳуфт.
Сари зулфро чун дарорад ба гӯш,
Кунад хокро бод анбарфурӯш[422].
Ҳарисӣ макун,
к-ин сарои[423] ту нест,
В-аз ӯ ҷуз яке нон барои ту нест.
Ба як қурса қонеъ шав аз хоку об,
Наӣ, беҳтар охир ту аз офтоб.

Худоист, рӯй аз хӯриш тофтан,
Ки дар гову хар шояд ин ёфтан.
Қасе, к-ӯ шикамбанда шуд чун сутур,
Сутуре бурун ояд аз нофи гӯр.
Чу бояд қиёмат тарозу ба даст.
Зи гове ба хар боядаш барнишаст
Зи камхорагӣ кам шавад ранҷи мард,
На бисьёр монд, он ки бисьёр х(в)ард.
Ҳамеша лаби марди бисьёрхор
Дар оруғи бад бошад аз ногувор.
Чу шерон ба андаккхӯрӣ хӯй гир,
Ки баддил бувад гови бисьёршир.
Хари коҳилонро, ки дум мекашанд,
Аз он аст, к-обе ба хум мекашанд.
Ба қатра ситон оби дарьё чу меғ,
Ба ҳангоми додан бидеҳ, бедареғ,
Ҳамон машки саққо ки пур мешавад,
Аз афшондани об пур мешавад.
Чунон хӯр тару хушки ин хӯрдгоҳ
Ки андозаи табъ дорӣ нигоҳ[425].
Бубахшу бихӯр боз мон андаке,
Ки бар ҷои хеш аст аз ин ҳар яке.
Чу додиву хӯрдиву мондӣ ба ҷой,
Ҷаҳонро туӣ беҳтарин кадхудой.
Зи ҳар тӯъмае хушгувориш бин,
Ҳаловат мабин, созгориш бин.
Чу бо сирка созӣ, машав ширхор,
Ки бо шир, сирка бувад ногувор.
Мадеҳ тан ба осониву лаҳву ноз,
Сафар бину асбоби рафтан бисоз.
Ба кор андарой,
ин чӣ пажмурдагист?
Ки поёни бекорӣ афсурдагист.
Ба дасти касон кони гавҳар макан,
Агар зиндаӣ дасту пое бизан.

Туро дасту пой он парастишгаранд,
Ки то нагзарӣ аз ту дарнагзаранд.
Парастандагон гарчи дорӣ ҳазор,
Парастишгаронро маяфкан зи кор.
Чу ту хидмати пою нерӯи даст,
Ҳаволат кунӣ сӯи поинпараст.
Чу поинпарастат намонад ба ҷой,
На он гаҳ бимонӣ ту бе дасту пой?
Чу ёбӣ парастандаи нағзгӯй[426],
Аз ӯ беш аз он меҳрубонӣ маҷӯй.
Парастори бадмеҳри ширинзабон,
Беҳ аз бадхӯе,
к-ӯ бувад меҳрубон.
Ба гуфтори хуш меҳр шояд намуд,
Забон нохушу меҳрубонӣ чӣ суд?
Сухан то тавонӣ ба озарм гӯй,
Ки то мустамеъ гардад озармҷӯй.
Сухан гуфтани нарм фарзонагист,
Дуруштӣ намудан зи девонагист.
Суханро, ки гӯянда бадгӯ бувад,
На некӯ бувад гарчи некӯ бувад.
Зи гуфтори бад беҳ бувад фармушӣ,
Пушаймон нагардад кас аз хомӯшӣ.
Зи шуғле, к-аз ӯ[427] шармсорӣ расад[428],
Ба соҳибамал ранҷу хорӣ расад[429].
Зи ҳар-ч он наёбӣ шикебанда бош,
Ба уммед худро фирebанда бош.
Умеди хӯриш беҳтар аст аз х(в)ариш
Ба ваъда бувад зираро парвариш.
Набинӣ, ки дар гармии офтоб
Ҳаром аст бар зира ҷуз зираоб.
Чу зира ба оби даҳан мешикеб,
Ба оби даҳан зираро мефиреб.
Гиле, к-аз нами абр хобаш барад,
Чу борон ба сел ояд, обаш барад.

Ситамкорагонро макун ёварӣ,
Ки пурсанд рӯзет аз ин доварӣ.
Ба хун рехтан камтар овар басеч,
Дарандеш аз ин кундаи пойпеч.
Чӣ хоҳӣ зи чандин сар андохтан,
Бад-ин гӯй то кай гарав бохтан[430].
Басо, оби дида, ки дар меғи туст,
Басо хун, ки дар гардани теғи туст,
Натарсӣ, ки шамшери гарданзанат
Бигирад ба хуни касе гарданат.
Қажова чунон рон, ки то як-ду мил
Наяндозадат ноқа дар пои пил.
Бубин, то чӣ хун дар ҷаҳон рехтӣ,
Чӣ сарҳо ба гардан даровехтӣ?
Басо мамлакатро, ки кардӣ хароб
Чу пурсанд, чун дод хоҳӣ ҷавоб?
Бад-ин рост н-ояд, к-аз ин сабзбоғ
Гуле чандро сар дарорӣ ба доғ.
Манеҳ дил бар ин сабзхинги шамус,
Ки ҳаст аждаҳое ба рух чун арӯс.
Диле дорад аз меҳрубонӣ таҳӣ
Чӣ дил, к-аз танаш нест низ огаҳӣ?
Чу хок аз сукунат камарбаста бош,
Шитобон фалак шуд, ту оҳиста бош.
Ту шоҳӣ, чу шоҳин машав тезпар,
Ба оҳистагӣ кӯш чун шери нар.
Инон каш давонаспи[431] андешаро,
Ки дар раҳ хасакҳост[432] ин бешаро.
Ба коре, ки ғамро диҳӣ бастагӣ,
Шитобандагӣ кун на оҳистагӣ.
Чу бо бегунаҳ рои ҷанг оварӣ,
Беҳ ар дар миёна даранг оварӣ.
Ба ҷуз хуниву дузди олудадаст,
Бубахшой бар ҳар гуноҳе, ки ҳаст.

Зи дунон нигаҳ дор пархошро,
Далерӣ мадеҳ бар худ авбошро.
Чу шаҳ бо раият ба довар[433] шавад,
Раият ба шаҳ-бар диловар шавад.
Машав нармгуфтор бо зердаст,
Ки алмос аз арзиз гирад шикаст.
Гилеми касонро мабар сар ба зер,
Гилеми худ аз пашми худ кун чу шер.
Қафаи ҳулла шуд кирми бодомаро,
Ки абрешим аз ҷон танад ҷомаро.
Зи пӯшидагон роз пӯшида дор,
В-аз эшон сухан нонилюшида дор.
Маёвар ба афсӯс умре ба сар,
Ки афсӯс бошад, бар афсӯсгар.
Сухан з-ин намат гарчи дорам басе,
Нагӯям, ки беҳ з-ин нагӯяд касе.
Туро, к-ояти осмонӣ бувад,
Аз ин беш гуфтан зиёне бувад[434].
Гарам тез шуд теғ бар ман магир,
Зи тезӣ бувад теғро ногузир.
Ба теғе чунин тез бозуи шоҳ
Қавӣ бод, ҳар ҷо,
ки ронад сипоҳ!
Чу пардохт з-ин дурҷи дур хомаро,
Пазируфт шоҳ он хирадномаро.

## ҶАҲОНГАРДИИ ИСКАНДАР БА ДАЪВИИ ПАЙҒАМБАРӢ

## (ШИКВАИ НИЗОМӢ АЗ РӮЗГОРИ ПИРӢ)

Саҳаргаҳ, ки сар баргирифтам зи хоб,
Барафрӯхтам чеҳра чун офтоб.

Сарири сухан баркашидам баланд,
Парокандам аз дил бар оташ сипанд.
Ба пероиши номаи хусравӣ
Қуҳансарвро боз додам навӣ.
Зи ганҷи сухан мӯҳр бардоштам,
Дар ӯ дурри носуфта нагзоштам,
Сари килкам аз гавҳар андохтан,
Фалакро шикам хост пардохтан.
Даромад хиромон сумансинае.
Ба ман дод теғе дар оинае,
Ки ошуфтаи хеш чандин мабош,
Бубин хештан,
хештанбин мабош.
Назар чун дар оина андохтам,
Дар ӯ сурати хеш бишнохтам.
Дигаргуна дидам дар он сабзбоғ,
Ки чун парниён буд дар парри зоғ.
Зи наргис тиҳӣ ёфтам хобро,
Нидидам ҷавонсарви шодобро.
Суман бар[435] бунафша камин карда буд,
Гули сурхро зардӣ озурда буд.
Аз он сиккаи рафта рафтам зи ҷой,
Фурӯ мондам андар сухан сустрой.
На пое, ки худро сабукрав кунам,
На дасте,
ки нақши куҳан нав кунам.
Хиҷил гаштам аз рӯи беранги[436] хеш,
Навое гирифтам ба оҳанги хеш.
Ҳаросидам аз давлати тезгом,
Ки бигзорад ин нақшро нотамом.
Аз он пеш,
к-ояд шабехуни хоб,
Ба буньёди ин хона кардам шитоб.
Магар хобгоҳе ба даст оварам,
Ки ҷовид дар вай нишаст оварам.

Пажуҳандаи даври гардандаҳол
Чунин гӯяд аз гардиши моҳу сол,
Ки — Чун номаи ҳукми искандарӣ
Мусаҷҷал шуд аз ваҳйи пайғамбарӣ.
Зи девон фурӯ шуст унвони ганҷ,
Ки номаш баромад ба девони ранҷ.
Бифармуд то ибраи Руму Рус
Набиштанд бар номи Искандарус.
Аз он пеш, к-аз тахти худ рахт бурд,
Бад-ӯ доду ӯро ба модар супурд.
Ба андарз бикшод мӯҳр аз забон,
Чунин гуфт бо модари меҳрубон,
Ки — Ман рафтам инак ту аз доду дин
Чунон кун, ки гӯянд, бодо чунин!
Падарвор бо бандагони худой
Чу модар шудӣ, меҳри модар намой.
Ба парвардани доду дин зинҳор,
Нигаҳ дор фармони парвардигор.
Ба фармонбарӣ кӯш, к-орад беҳӣ,
Ки фармонбарӣ беҳ зи фармондеҳӣ.
Зарурат маро рафтанӣ шуд ба роҳ
Супурдам ба ту шуғли дайҳиму гоҳ.
Гирифтам раҳе дурфарсанг пеш,
Надонам, ки оям бар авранги хеш?
Гар оям чунон кун, ки аз чашми бад,
На ту хира бошӣ,
на ман чашмзад.
В-агар з-омадан ҳол берун бувад,
Ба ҳуш бош, то оқибат чун бувад.
Чунон кун, ки фардо дар он доварӣ
Нагирад забонат ба узроварӣ.
Сухан чун ба сар бурд, бардошт рахт,
Раҳо кард бар модар он тоҷу тахт.

Бифармуд то лашкари Руму Шом,
Бар ӯ арза карданд худро тамом.
Аз он лашкар он-ч ихтиёр омадаш,
Писандидатар садҳазор омадаш.
Гузин кард ҳар марде аз кишваре,
Ба мардонагӣ ҳар яке[437] лашкаре,
Чаҳораш ҳазор уштур аз баҳри бор,
Пасу пеши лашкар кашида қатор.
Ҳазори[438] нахустин аз ӯ бейсурок,
Ба гарданкашӣ[439] кӯҳро карда хок.
Ҳазори дигар бухтии боркаш,
Ҳама борҳошон хӯришҳои х(в)аш.
Ҳазори савум ноқаи раҳнаворд,
Ба зери зару зевари сурху зард.
Ҳазори чаҳорум наҷибони тез
Чу оҳу гаҳи тохтан гармхез.
Зи ҳар пеша, к-ояд ҷаҳонро ба кор
Гузин кард сад-сад ҳама пешакор.
Бад-ин созмандӣ,
чаҳонгиршоҳ
Барафрохт роят зи моҳӣ ба моҳ.
Зи Мақдуния рӯй дар роҳ кард,
Ба Искандария гузаргоҳ кард.
Сарири ҷаҳондорӣ он ҷо ниҳод,
Бар ӯ рӯзаке чанд биншаст шод.
Ба оини Кайхусрави тахтгир,
Ки бурд аз ҷаҳон тахти худ бар сарир,
Бифармуд, миле барафрохтан,
Бар ӯ равшаноинае сохтан,
Ки аз рӯи дарьё ба якмоҳа роҳ
Нишон боз дод аз сапеду сиёҳ.
Бад-он то бувад дидабонгоҳи тахт[440],
Бар ӯ дидабонони бедорбахт.
Чу з-оина бинанд пӯшида роз,
Ба доранда тахт гӯянд боз.

Агар душмане турктозӣ кунад,
Рақиби ҳарам чорасозӣ кунад.
Чу фориғ шуд аз тахтгоҳе чунон
Нишаст аз бари бӯри олиинон.
Нахустин қадам сӯи мағриб ниҳод,
Ба Миср омад он ҷо ду рӯз истод.
В-аз он ҷо бурун шуд ба азми дуруст,
Ба фармони эзид миён баст чуст.
Чу лахте заминро тараф дарнавашт,
Зи паҳлӯи водӣ даромад ба дашт.
Зи Муқдис тане чанд ғамёфта,
Зи бедоди довар ситам ёфта,
Тазаллумкунон сӯи роҳ омаданд,
Иноngирӣ инсофи шоҳ омаданд,
Ки чун аз ту покӣ пазируфт хок,
Бикун хонаи покро низ пок.
Ба Муқдис расон рояти хешро,
Барафкан зи гетӣ бадандешро.
Дар он ҷои покон аҳриман аст,
Ки бо дӯстони худо душман аст.
Мутеони он хонаи арҷманд
Набинанд аз ӯ ҷуз гудозу газанд.
Тариқи парастиш раҳо мекунад,
Парастандагонро ҷафо мекунад.
Ба хун рехтан сар барафрохтаст,
Басеро ба ноҳақ сар андохтаст.
Ҳама дар ҳаросем аз ин девзод,
Туӣ девбанд аз ту хоҳем дод!
Сикандар чу дид он чунин зорие,
В-аз он сон бар эшон ситамкорие,
Ситамдидаро гашт фарьёдрас,
Ба фарьёд н-омад зи фарьёди кас.
Чу аз қудсиён ин ҳикоят шунид,
Инон сӯи Байт-ул-муқаддас кашид.

Ҳисори ҷаҳонро, ки сар боз кард,
Зи Байт-ул-Муқаддас сар оғоз кард.
Сикандар ба Қудс омад аз марзи Рум,
Бад-он то барад фитна з-он марзу бум.
Чу бедодгардушман огоҳ гашт,
Ки овози дод омад аз кӯҳу дашт.
Камар басту омад ба пайкори ӯ,
Набуд огаҳ аз бахти бедори ӯ.
Ба аввал шабехун, ки овард шоҳ,
Бар он роҳзандев барбаст роҳ.
Чу бедодгар дид хун рехташ,
Зи дарвозаи Муқдис овехташ.
Мунодӣ барангехт, то дарзамон
Зи бедоди ӯ баркушояд забон,
Ки ҳар к-ӯ бад-ин хона бедод кард,
Бад-ин гуна бахти бадаш ёд кард.
Чу з-ӯ бистад он хонаи покро,
Ба анбар баромехт он хокро.
Баросуд аз он ҷои осудагон,
Фурӯ шуст аз ӯ ғарди олудагон.
Ҷафои ситамкора з-ӯ боз дошт,
Ба тоатгарон ҷои тоат гузошт.
Аз-ӯ кори Муқдис чу босоз гашт,
Сӯи мулки мағриб инонтоз гашт.
Бар Афранҷа овард аз он ҷо сипоҳ,
В-аз Афранҷа бар Андалус кард роҳ.
Чу омад гаҳи даъвию доварӣ,
Ба донишнамоиву динпарварӣ,
Қас аз донишу дини ӯ сар натофт,
Раҳе дид равшан бад-он раҳ шитофт.
Чу омӯхт бар ҳар касе дину дод,
Ба ҳар буқъа тоатгаҳе нав ниҳод.
Ба рафтан дигарбора лашкар кашид,
Ба оламкушоӣ алам баркашид.

Ба таъҷил меронд бар кӯҳу рӯд,
Куҷо сабзае дид омад фурӯд.
Чу аз моидагӣ гашт пардохта,
Дигарбора шуд азмро сохта.
Намуд аз биёбон ба дарьё шитоб,
Дарафканд киштӣ ба дарьёи об.
Се маҳ бар сари оби дарьё нишаст,
Биёвард сайде зи дарьё ба даст.
Аз он сӯ, ки хуршед мешуд ниҳон,
Такопӯй мекард бо ҳамраҳон.
Ҷазира басе дид беодамӣ,
Бурун рафту мешуд замӣ бар[441] замӣ.
Басе пешбоз[442] омадаш ҷонвар,
Ҳам аз одамӣ ҳам зи ҷинси дигар.
Дар ӯ ҳеҷ аз эшон наёмехтанд,
В-аз ӯ кӯҳ бар кӯҳ бигрехтанд.
Саранҷом чун рафт роҳе дароз,
Нишеби замин дигар[443] омад фароз.
Биёбоне аз реги рахшанда зард,
Ки ҷуз тини асфар наянгехт гард.
Бар он реги бум ар касе тохтӣ,
Замин зераш оташ барандохтӣ[444].
Ҳамоно,
ки бар ҷои таркиби хок,
Зи таркиби гӯгирд бувад он мағок.
Чу як маҳ дар он бодия тохтанд,
Аз ӯ низ ҳам рахт пардохтанд.
Чу поёни он водӣ омад падид,
Сикандар ба дарьёи аъзам расид.
Дар он жарфдарьё шигифте бимонд,
Ки юнонияш уқьёнус хонд.
Муҳити ҷаҳон мавҷи ҳайбат намуд,
Аз он бештар ҷои рафтан набуд.
Фурӯ рафтани офтоб аз ҷаҳон,
Дар он жарфдарьё набудӣ ниҳон.

Ҳиҷобе муғонӣ буд он обро,
Напӯшидӣ аз дидаҳо тобро[445].
Фалак ҳар шабонрӯзӣ аз чашми[446] дур
Ба дарьё дарафканӣ аз чашма нур.
Ба мо дар фурӯ рафтани офтоб
Ишорат ба чашма-сту дарьёи об.
Ҳамон чашмаи гарм к-ӯрост ҷой,
Ба дарьё ҳаволат кунад раҳнамой.
Чу обе ба якҷо муҳайё шавад,
Шавад ҳавзаву дар ба дарьё шавад.
Муайиб бувад то бувад дар мағок
Муаллақ бувад, чун бувад гирди хок.
Дар он баҳр, к-ӯро муҳитаст ном
Муаллақ бувад оби дарьё мудом.
Чу хуршед пӯшад ҷамол аз ҷаҳон,
Паси атфи он об гардад ниҳон.
Ба вақти раҳил офтоби баланд
Зи паргори он баҳр пӯшад паранд.
Алам чун ба зер орад аз авҷи ӯ,
Тавон диданаш дар паси мавҷи ӯ,
Чу лахте равад дар сар орад ҳиҷоб,
Ки ояд наварди замин дар ҳисоб.
Ба дониш чунин менамояд қиёс,
Дигар раҳбаре ҳаст бар раҳ шинос. [447]
Чу он чашмаи гармро дид шоҳ,
Нашуд чашми ӯ гарм дар хобгоҳ.
Зи доно бипурсид, к-ин чашма чист?
Ҳамэдун нигаҳбони ин чашма кист?
Чунин гуфт доно, ки — Ин оби гарм
Басо дидаҳоро,
ки бурд оби шарм.
Дар ин парда бисьёр ҷустанд роз,
Наёмад ба каф ҳеҷ сарришта боз.
Ман ин қисса пурсидам аз чанд пир,
Ҷавобе надодаст кас дилпазир.

Диҳад ҳар касе шарҳи он нури пок,
Яке гирди марказ яке зери хок.
Кӣ донад, ки берун аз ин ҷилвагоҳ
Куҷо мекунад ҷилва хуршеду моҳ?
Сикандар бар он соҳил ором ҷуст,
Сӯи оби дарьё шуд ором суст.
Чу симоб дид оби дарьё ситабр,
Гузар баста бар қатрадуздони абр.
Дар обе чунон киштӣ осон нарафт,
В-агар рафт бе раҳшиносон нарафт,
Шаҳ аз раҳшиносон бипурсид роз,
Ба санҷидани кору тартиби соз,
Ки киштӣ бад-ин об чун афканам?
Чӣ гуна буна з-ӯ бурун афканам?
Надиданд корозмоён савоб,
Ки шоҳ афканад киштӣ он ҷо бар об.
Намуданд шаҳро, ки сад раҳнамун
Аз ин об киштӣ наёрад бурун.
Дигар, к-андар ин оби симобфом
Наҳанг аждаҳоест Қассоса ном,
Сиёҳу ситамкораву саҳмнок,
Чу дуде,
ки ояд бурун аз мағок.
Сиёсат чунон дорад он ҷонвар,
Ки бинанда чун бинадаш як назар,
Диҳад ҷону дигар наҷунбад зи ҷой,
Ки бошад ба роҳе чунин раҳнамой.
Батар з-ин ҳама он к-аз ин хона дур
Яке фурза бинӣ чу тобанда нур.
Басе санги рангин дар он мавҷгоҳ
Ҳама азрақу сурху зарду сиёҳ.
Фурӯзанда чун марқашишои зар,
Маневу ду ман камтару бештар.
Чу бинад дар ӯ дидаи одамӣ,
Бихандад зи бас шодиву хуррамӣ.



В-аз он хуррамӣ ҷон диҳад дар замон
Ҳамон дидану додани ҷон ҳамон,
Вале ҳар чӣ бошад зи мисқол кам,
Зи хосият афтад в-агар сад ба ҳам,
Зи бӯҳтони ҷон бурданаш раҳнамой
Ҳамехонадаш паҳнаи ҷонгазой.
Чу шуд гуфта ин достон, шаҳриёр
Фиристоду кард озмоиш ба кор.
Чунон буд, к-он пири гӯянда гуфт,
Тане чанд аз он санг бар хок ҳуфт.
Бифармуд то бар ҳаюнони маст[448]
Ба он санги рангин расонанд даст[449].
Ҳама дидаҳо боз бананд чуст,
Кунанд он гаҳ он сангро бозҷуст.
В-аз он санг, чандон ки ояд ба даст
Барандаш ба пушти[450] ҳаюнони маст.
Ҳама зеркарбосҳо карда банд,
Лифофа бар ӯ боз печида чанд[451].
Кунанд он ҳаюнон аз он санг бор,
Намонанд худро дар он сангсор.
Ба фармонпазирӣ рақибони роҳ,
Ба ҷой овариданд фармони шоҳ.
Шаҳу лашкар аз биму чандон ҳалок
Гузаштанд чун бод аз он зардхок[452].
Бифармуд шаҳ то аз он хоки зард
Шутурбон сад уштур гарон бор кард.
Чу омад ба ҷое,
ки буд обгир,
Бару буми он ҷо иморатпазир,
Ба фармони ӯ сангҳо рехтанд,
В-аз он санг буньёде ангехтанд.
Ҳама ҳамчунон карда карбоспеч,
Қ-аз эшон яке боз накшод ҳеҷ.
Ба таркиби он сангҳо банд, банд,
Баровард бедар ҳисоре баланд.

Баровард кохе чу бодоммағз,
Ҳама як ба дигар бароварда нағз.
Гиле кард гӯянд аз он зардхок,
Буруни биноро барандуд пок.
Дарунро[453] наяндуду холӣ гузошт,
Ки розе дар он парда пӯшида дошт.
Ханида[454] чунин аст аз омӯзгор,
Ки чун муддате шуд бар он рӯзгор,
Фурӯ рехт карбос аз[455] рӯи санг,
Падид омад он гавҳари ҳафтранг.
Буруни бино монд бар ҷои хеш,
Қ-аз андудиши гил ҳарам дошт пеш.
Дарунмондагон хирқа андохтанд,
Бар он хирқа бисьёр ҷон бохтанд.
Ҳар он роҳрав, к-омад он ҷо фароз,
Ба дидории он ҳиснаш омад ниёз.
Талаб кард бар бора чун раҳ надид,
Қаманде барафканду боло давид.
Чу бар бора шуд сангро дид зуд,
Чу оҳанрубо зуд аз ӯ ҷон[456] рабуд.
Зи санге, ки дар як манаш хун бувад,
Чу кӯҳе ба ҳам барниҳӣ, чун бувад?
Шунидам зи шоҳон як озодмард
Шунид ин суханрову бовар накард.
Фиристоду ин қиссаро боз ҷуст,
Бар ӯ қисса шуд з-озмоиш дуруст.
Чу шоҳ он бино кард аз ӯ рӯй тофт,
Зи дарьё ба сӯи биёбон шитофт.
Чу шашмоҳи дигар бипаймуд роҳ,
Сутӯҳ омад аз ранҷи рафтан сипоҳ.
Аз он раҳ,
ки дар пои пил омадаш,
Гузаргаҳ сӯи рӯди Нил омадаш.
Ба сарчашмаи Нил рағбат намуд,
Ки он пояро дида нодида буд.

Шабу рӯз бар тарфи он рӯдбор,
Дуаспа ҳамеронд бар кӯҳу ғор.
Бад-он раста, к-он рӯдро буд майл,
Ҳамешуд чу ояд сӯи рӯд сайл.
Басе кӯҳу дашт аз ҷаҳон дарнавашт,
Ба поён расид охир он кӯҳу дашт.
Падид омад аз домани реги хушк
Баландигаҳе сабз бо бӯи мушк.
Қамар дар камар кӯҳе аз хорасанг,
Бароварда чун сабзмино ба ранг.
Бар ӯ роҳ барбаста пӯяндаро,
Гузар гум шуда роҳ ҷӯяндаро.
Кашида амуд он шитобандарӯд,
Аз он кӯҳи миноваш омад фурӯд.
Яке пушта бар роҳи он буд тунд,
Ки аз рафтанаш пойҳо буд кунд.
Қасе, к-ӯ бад-он пуштаи хорпушт,
Барандохтӣ ҷон ба чанголу мушт.
Задӣ қаҳқаҳа чун бар ӯ тохтӣ,
Аз он сӯй худро дарандохтӣ.
Бар ӯ гар яке рафтиву гар ҳазор
Чу мурғон паридӣ дар он марғзор.
Фиристода бар пушта шуд чанд кас,
Қ-аз эшон наёмад яке бозпас.
Чу ҳар кас,
ки бурдӣ бар он пушта рахт,
Ту гуфтӣ бар он[457] ёфтӣ тоҷу тахт.
Чунон чашм аз он хайл бартофтӣ,
Ки чашм аз хаёлаш асар ёфтӣ.
Сикандар ҷаҳондидагонро бихонд,
Дар ин чораҷӯӣ басе қисса ронд,
Ки натвон бар ин кӯҳ танҳо шудан,
Ду ҳамроҳ бояд ба якҷо шудан.
Сукунат намудан дар он тохтан,
Ба ҳар даҳ қадам манзиле сохтан.

Чу бар пушта рафтан, гирифтан қарор
Барандохтан он чӣ бояд ба кор.
Ба тадриҷ дидан дар он сӯи кӯҳ,
Ба як раҳ надидан, кӣ орад шукӯҳ?
Бикарданд аз ин сону[458] суде надошт,
Диигарбора доно назар баргумошт.
Чунин шуд дар он доварӣ раҳнамой,
Ки марде ҳунарманду покизарой,
Нависанда бошад ҷаҳондидамард,
Ҳамон хомаву коғазаш дар навард.
Бувад хубфарзанде он мардро,
Қ-аз ӯ дур дорад ғаму дардро.
Чу майл оварад сӯи он пуштагоҳ,
Бувад пури ҳампушт бо ӯ ба роҳ.
Ба боло шавад марду фарзанд зер,
Бувад баччаи шер занҷири шер.
Гар ӯ боз пас н-ояд аз аслу бун,
Ба фарзанди худ боз гӯяд сухун?
В-агар з-он ки дорад забон бастагӣ,
Нависад мисоле ба оҳистагӣ.
Фурӯ афканад сӯи фарзанди хеш,
Набуррад дил аз меҳри пайванди хеш.
Ба даст овариданд марде[459] шигарф,
Ки маҷмӯае буд аз он ҷумла ҳарф.
Сӯи кӯҳ шуд пиру бо ӯ[460] ҷавон,
Чу бачча, ки бо шер бошад давон[461].
Дигар[462] нимрӯз он ҷавони далер,
Зи поёни он пушта омад ба зер.
Зи коғаз гирифта наварде ба чанг,
Бари шоҳ шуд,
рафта аз рӯй ранг.
Ба шаҳ дод коғаз фурӯ хонд шоҳ,
Набишта чунин буд, к — Аз гарди[463] роҳ
Ба ҷон он чунон омадам, к-аз ҳарос
Ба дӯзах раҳи хеш кардам қиёс.

Раҳе, гӯй[464], аз тори як мӯй руст,
Бар ӯ ҳар кӣ омад зи худ даст шуст.
Дар ин раҳ, ки ҷуз шакли мӯе надошт,
Фурӯд омадан ҳеҷ рӯе надошт.
Чу бар пуштаи хорасанг омадам,
Зи бас тангии раҳ ба танг омадам.
Аз он сӯ, ки дидам, дилам пора шуд,
Хирад з-он хатарнокӣ овора шуд.
В-аз ин сӯ раҳи пушта бероғ буд,
Тараф то тараф боғ дар боғ буд.
Пур аз[465] меваву сабзаву обу гул,
Баровварда овози мурғон дуҳул.
Ҳаво аз латофат дар ӯ мушкрез,
Замин аз надоват дар ӯ чашмахез.
Тагаш бо таловиш даровехта,
Чунин рӯде аз ҳар ду ангехта.
Аз ин сӯ ҳама зинату зиндагӣ,
Аз он сӯ ҳама озу афкандагӣ.
Биҳишт ину он ҳаст дузахсиришт,
Ба дузах наёяд касе аз биҳишт.
Дигар к-он биёбон, ки мо омадем,
Бубин, к-аз куҷо то куҷо омадем?
Қиро дил диҳад, к-аз чунин ҷои нағз
Ниҳад пои худро дар он пойлағз.
Ман инак шудам,
шоҳ падруд бод,
Шумо шод бошеду ман низ шод!
Шаҳ аз рози пинҳон чу огоҳ гашт,
Сипаҳ ронд аз он кӯҳпоя ба дашт.
Нагуфт он чи бархонд бо ҳеҷ кас,
Ки то ҳар диле н-орад он ҷо ҳавас.
Чу донист, к-он ҷо нишастан хатост,
Гузаргаҳ талаб кард бар дасти рост.
Дар он раҳ зи рафтан наёсуд ҳеҷ,
Намекард ҷуз роҳ рафтан басеҷ.

Зи роҳи биёбон бурун шуд ба ранҷ,
Чу реги биёбон равон карда ганҷ.
Раҳаш регу андӯҳаш аз рег беш,
Тафи оҳаш аз дег бар дег беш.
Ҳама роҳ душман зи дому дада,
Ба ҳар гӯшае лашкаре саф зада,
Валекин чу карданд̄и оҳанги шоҳ,
Зи зулмат шуд̄и раҳ бар эшон сиёҳ.
Қас аз тираг̄и раҳ набурд̄и бурун,
Магар рухсати шаҳ шуд̄и раҳнамун.
Қасе, к-ӯ кашид̄и сар аз рои ӯ,
Шуд̄и ҷои ӯ, кундаи пои ӯ.
Бурун аз миёнҷиву аз тарҷума,
Бидонист як-як забони ҳама.
Суханро ба оҳангашон соз дод,
Ҷавоби сазоворашон боз дод.
Бад-ин гуна мекард раҳро навард,
Замон зери гардун, замин зери гард[466].
Дар он раҳ набудаш ҷуз ин ҳеҷ кор,
Ки чун бод бурд̄и зи дилҳо ғубор.
Дили ошноро барафрӯхт̄и,
Ба бегонагон дин даромӯхт̄и.
Чу з-он дашт бигзашт чун девбод,
Қадам дар дигар девлохе ниҳод.
Биёбоне аз оташин ҷӯши ӯ
Забони сухан гуфта дар гӯши ӯ: —[467]
Ҷуз он зар,
ки бошад худойофарид,
Қас аз рустаниҳо гиёҳе надид.
Ҷаҳонҷӯй аз он кони зартофта
Бихандид чун тифли зарьёфта.
Чу лахте дар он дашт паймуд роҳ,
Ба боғи Ирам ёфт оромгоҳ.
Падид омад он боғи зарриндарахт,
Ки Шадод аз ӯ ёфт он тоҷу тахт.

Дарун рафт солори гетинавард,
Замин аз дарахтони зар дид зард.
Якояк дарахтонаш аз мева пур,
Ҳама мева беҷодаву лаълу дур.
Зи ҳар сӯ даровехта себу нор,
Ҳама нор ёқуту ёқут нор.
Зи норинҷи зарринну симинтурунҷ,
Фиреб омада бо назарҳо ба ғунҷ,
Баҳораш ҷавоҳир, замин кимиё,
Зи беҷода гул в-аз зумуррад гиё.
Бисоте кашида дар он сабзбоғ[468],
Зи гавҳар барафрӯхта чун чароғ.
Ду тандисе аз зар барангехта,
Зи ҳар сурате қолабе рехта.
Чу дар чашми пайкаршинос омадӣ,
Агар зар набудӣ, ҳарос омадӣ[469].
Зи буллури тар ҳавзае сохта,
Чу яхпораи сими бигдохта.
Дар он[470] моҳиён карда аз ҷазъи ноб,
Намояндатар з-он ки моҳӣ дар об[471].
Духиштӣ баровар да қасре азим,
Яке хишт аз зар,
яке[472] хишт сим.
Чу шаҳ шуд дар он қасри зарринахишт
Гумон бурд, к-омад ба қасри[473] биҳишт.
Чу бисьёр баргашт пироманаш,
Дарида шуд аз ганҷи зар доманаш.
Равоқе ҷудогона дид аз ақиқ,
Зи буньёд то сар ба гавҳар ғариқ.
Дар ӯ гунбаде равшан аз зарри ноб,
Дурафшанда чун гунбади[474] офтоб.
Наяфтода гарде бар он зарри хушк,
Ба ҷуз сунишии анбару гарди мушк[475].
Дар ӯ рафт солори[476] фарҳангу ҳӯш,
Чу дар гунбади осмонҳо сурӯш.

Сутудоне аз ҷазъи тобанда дид,
Қ-аз ӯ бӯи кофури тар медамид.
Ниҳода бар он фарши миносиришт
Яке лавҳи ёқути минонавишт,
Набишта бар ӯ, к-эй худованди зӯр,
Ки ронӣ сӯи ин сутудон сутур,
Дар ин дахма хуфтаст Шаддоди Од,
Қ-аз ӯ рангу[477] равнақ гирифт ин савод.
Ба озарм чун сӯи мо тохтан,
Макун қасди бурқаъ барандохтан.
Бикун ситрпӯшӣ, ки пӯшидаем,
Ба расвоии кас накӯшидаем.
Нигаҳ дор номуси мо дар нуҳуфт,
Ки хоҳӣ ту низ андар ин хок[478] хуфт.
Агар хуфтаеро дар ин хобгоҳ
Бароранд гунбад зи санги сиёҳ,
Саранҷомаш ин гунбади тезгашт
Зи девори гунбад дарорад ба дашт,
Танашро намаксӯди мӯрон кунад,
Сараш хоки сумми сутурон кунад.
Бале ҳар кас аз баҳри айвони хеш
Сутуне кунад бар сутудони хеш,
Валекин чу бинӣ саранҷоми кор
Барад бодаш аз ҳар сӯе чун ғубор.
Кӣ донад, ки Шаддодро пою даст
Ба наъли сутури кӣ хоҳад шикаст?
Ғубори парокандаро дар мағок
Раҳо кун, ки ҳам хок беҳ ҷои хок.
Аз он тан,
ки бодаш пароканда кард,
Нишоне набинӣ ҷуз ин кӯҳи зард[479].
Ту низ, эй кушояндаи қуфли роз,
Битарс аз чунин рӯзу бо мо бисоз.
Мабош, эмин ар з-он ки озодаӣ.
Ки охир ту низ одамизодаӣ.

Ҳама ганҷи ин ганҷдон они туст,
Сару тоҷи мо ҳам ба фармони туст.
Кушодаст пеши ту дарҳои ганҷ,
Сипоҳи туро бас шуд ин пой ранҷ.
Бибар ганҷ, к-он бар ту боре мабод,
Туро боду бо мо-т коре мабод!
Сикандар бар он лавҳи норехта
Чу лавҳе шуд аз шохе овехта.
В-аз он хат, ки чун қатраи об хонд,
Басо қатраи об, к-аз дида ронд.
Чу аз чашми гирьяндаи ашкбор
Бар он хобгаҳ кард лахте нисор.
Бурун рафту з-он ганҷдон рахт баст,
Бад-он ганҷу гавҳар наёлуд даст.
Зи боғе, ки дар байъи теғ омадаш,
Яке мева чидан дареғ омадаш.
Чу донист, к-он фарши зарсохта
Ба умре дароз аст пардохта[480].
Аз он ганҷдон, к-он ҳама ганҷ дошт,
На худ баргирифту на касро гузошт.
Ҳама роҳи ӯ худ пур аз ганҷ буд
Зари даҳ-даҳӣ сими даҳ-панҷ буд.
Дигарбора сар дар биёбон ниҳод,
Бару буми худро ҳамекард ёд.
Чу якнима роҳи[481] биёбон бурид
Гурӯҳе дади одамисор дид.
Биёбониёне сияҳтар зи қир,
Ба байғулаи горҳо ҷойгир.
Бипурсидашон,
к-андар ин содадашт,
Чӣ доред аз афсонаҳо саргузашт?
Гузашт аз шумо, кист, аз дому дад?
Кӣ дорад дар ин дашт маъвои х(в)ад?
Чунин боз доданд шаҳро ҷавоб,
Ки пур аст аз ин бодия абру об.

Дар ин жарфсаҳро, ки маъвои мост,
Хӯришҳои мо сайди саҳрои мост.
Дар ин дашт нахчирбонӣ кунем,
Ба расми дадон зиндагонӣ кунем.
Хӯрем он чи з-он сайд ёбем нарм,
Кунем олати ҷома аз мӯю чарм.
На оташ ба корояд ин ҷо на об,
Бувад об аз абр,
оташ аз офтоб.
Ба рӯзи сапед офтоби баланд
Бувад оташи мо дар ин шаҳрбанд.
Зи шабнам чу гардад ҳаво низ тар,
Дами мо кунад з-он насим обх(в)ар.
Дар ин кунҷ моро ҷуз ин соз нест,
В-аз ин бартар анҷому оғоз нест.
Ҳамон низ пурсӣ зи дигар гурӯх,
Ки доранд маъво дар ин дашту кӯҳ[482].
Дар ин оташиндашти бунnопадид,
Ки парранда дар вай наёрад парид,
Биёбониёнанд ваҳшӣ басе,
Ки ҳаргиз нагиранд хӯ бо касе.
Бибурранд чандон ба як рӯз роҳ,
Ки он барнахезад зи мо дар ду моҳ.
Аз эшон ба мо як-як ояд ба даст,
Бипурсем аз ӯ чун шавад пойбаст,
Ки бе об чун зиндагонӣ кунанд,
Ба мо бар чаро сарфишонӣ кунанд?
Намоянд, к-об аз буна захри мост,
Зи таррӣ ҳавоест, к-аз баҳри мост,
Насозем чун мор бо ҳеҷ кас,
Хӯришҳои мо сусмор асту бас.
Зи шуғли шумо чун наёбем суд,
Шуморо парастиш чӣ бояд намуд?
Дигаргуна пурсемашон дар нуҳуфт,
Чӣ ҳангоми хӯрду чи ҳангоми хуфт,

Ки чандон, ки рафтанд болову паст,
Дар ин бодия,
к-об н-ояд ба даст.
Ба поёни ин бодия кас расид,
Ҳамон пайкаре дигар аз халқ дид.
Ба посух чунин гуфтаанд он гурӯҳ
Ки бисьёр гаштем дар дашту кӯҳ.
Давидем чун оҳувон солу моҳ,
Ба поёни водӣ набурдем роҳ[483].
Биёбониёне дигар дидаем,
В-аз эшон хабар низ пурсидаем,
Ки берун аз ин пайкари қиргун
Нишоне дигар медиҳад раҳнамун.
Нишон додаанд аз бари хеш дур,
Бад-он ҷо,
ки хуршедро нест нур.
Яке шаҳр чун бешаи мушкбед,
Дар ӯ одамипайкарони сапед.
Накӯрӯю хушхӯю зебохисол,
Зи понсад якеро фузун аст сол.
В-агар низ понсад бароянд дигар
Нибинӣ касеро зи пирӣ асар.
Бурун аз ватангоҳи он дилкашон
Ба мо кас надодаст дигар нишон.
Аз он низ берун дар ин хоки паст
Басе кӯҳу саҳрои нодида ҳаст.
Дар ӯ нест рӯяндаро обх(в)ард,
Ки гармош гарм асту сармош сард.
Чу з-ӯ рустанӣ барнаёяд зи хок,
Дар он ҷонвар чун нагардад ҳалок[484].
Ҳамин аст розе,
ки мо ҷустаем,
Зи дигар ҳикоят варақ шустаем.
Сикандар ба он халқи соҳибниёз,
Бубахшиду бахшудашон баргу соз.

Даромӯхташон расму оини хеш,
Барафрӯхташон дониш аз дини хеш,
В-аз эшон ба ҳанҷорҳои дуруст
Сӯи рубъи маскун нишон боз ҷуст.
Чу гаштанд аз ӯ он асирони ӯ,
Ба шавқат навозишпазирони ӯ.
Чу з-ӯ кори худ
созвар ёфтанд,
Ба раҳбурданаш зуд биштофтанд[485].
Аз он хоки ҷӯшону боди самум,
Намуданд роҳаш ба ободбум.
Сикандар дар он дашт бегоҳу гоҳ
Дуаспа ҳамеронд бероҳу роҳ.
Саранҷом,
к-он раҳ ба поён расид,
Дигарбора шуд афти дарьё падид.
Ҳам аз оби дарьё ба дарьёканор
Таловишгаҳе дид[486] чун чашмасор.
Фиганданд моҳе бар он чашма рахт,
Баросуда гаштанд
аз он ранҷи сахт.
Дигарбора киштӣ басе сохтанд,
Зи соҳил ба дарьё дарандохтанд.
Чу дарьё буриданд
як моҳ беш,
Ба хушкӣ расонданд бунгоҳи хеш.
Чу аз тоби анҷум шаби табзада,
Бипечид чун мори ақрабзада.
Зи боди ҷанубӣ даромад[487] насим,
Дили раҳравон раст аз андӯҳу бим.
Гирифтанд як моҳ он ҷо қарор,
Ки ҳам соябон буду
ҳам чашмасор[488].
Ба марҳам расиданд аз он хастагӣ,
Зи тан ранҷашон шуд ба оҳистагӣ.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА АРЗИ ҶАНУБ ВА ДАҲ САРПАРАСТОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дилам дур гашт аз шикеб,
Самоъе деҳ имшаб маро дилфиреб.
Самоъе, ки чун дил ба гӯш[489] оварад,
Зи беҳушиям боз ҳӯш оварад.

### ДОСТОН

Сухансанҷи ин дурҷи гавҳарнигор,
Зи дурҷ инчунин кард гавҳар нисор,
Ки чун шаҳ зи машриқ[490] бурун бурд рахт,
Ба арзи ҷанубӣ барафрохт[491] тахт.
Ҳавои ҷаҳон дида созандатар,
Замона[492], заминро навозандатар.
Чу қоруреи субҳи норинҷбӯй
Турунҷӣ шуд аз оби ин сабзҷӯй.
Аз он кӯчгаҳ рахт пардохтанд,
Сӯи кӯчгоҳе дигар тохтанд.
Намуданд манзилшиносони роҳ,
Ки чун шаҳ кунад кӯч аз ин кӯчгоҳ?
Деҳе бинад ороста чун биҳишт,
Саводаш[493] пур аз сабзаву обу кишт.
Дар ӯ мардумоне ҳама сарпараст,
Раҳо карда фармони яздон зи даст.
Магар шоҳашон дар паноҳ оварад,
В-аз он гумраҳӣ боз[494] роҳ оварад.
Чу шаб хуни хуршед дар ҷом кард,
Дар он манзил он шаб шаҳ ором кард.
Чу товуси хуршед бикшод бол,
Зарандуд шуд лоҷвардӣ-ҳилол.

Ҷаҳончӯӣ бар борагӣ баста рахт,
Зи фитроки ӯ сар бароварда бахт.
Хироманда мерафт бар пушти бӯр,
Ба гӯрафканӣ ҳамчу Баҳроми Гӯр.
Падид омад он сабзаву ҷӯю боғ,
Ҷаҳон дар ҷаҳон равшанӣ чун чароғ.
Деҳе чун биҳиште барафрӯхта,
Биҳиштисифат ҳулла бардӯхта.
Чу шаҳ дар деҳи сарпарастон расид,
Деҳе диду деҳмеҳтареро[495] надид.
Худое наю деҳхудоён басе,
На дар кас даҳое, на дар деҳ касе,
Хуме ҳар кас аз гил барангехта,
Зи кунҷид дар ӯ равғане рехта.
Ҷудогона дар равғани ҳар хуме
Фиганда зи номардумӣ мардуме.
Паси сӣ чиҳил рӯз ё бештар,
Қашидандӣ аз марди саргашта сар.
Саре будӣ аз мағзу аз пӣ тиҳӣ.
Фурӯ монда бар тан ҳама фарбиҳӣ.
Ниҳодандӣ он каллаи хушк пеш,
В-аз ӯ боз ҷустандӣ аҳволи хеш.
Қазибе задандӣ бар он устухон,
Шудандӣ бар он калла фарьёдхон,
Ки имшаб, чӣ неку бад ояд падид,
Ҳамон рӯзи фардо, чӣ хоҳад расид?
Садое бурун омадӣ аз нуҳуфт,
Садое, ки монанд бошад ба гуфт,
Ки — Фардо чунин бошад аз гарму сард,
Чунин нақш дорад ҷаҳон дар навард.
Гирифтандӣ он нақшро дар хаёл,
Чунин будашон гардиши моҳу сол.
Чу донист фармондеҳи чорасоз,
Ки таълими дев аст аз он гуна роз.
Бифармуд то каллаҳо бишкананд.

Хуми равған аз хонаҳо барканand.
Басе ҳуҷҷат ангехт рояш дуруст,
Қи то дурашон кард аз он рои суст.
Даромӯхташон расми динпарварӣ,
Ҳисоби худоиву пайғамбарӣ.
Бар он қавм соҳибдиле баргумошт,
Қи донад диле чандро пос дошт.
Чу шуд кори он кишвар ороста,
Раворав шуд аз роҳ бархоста.
Ба фаррухрикобиву хуррамдилӣ
Бурун ронд аз он шоҳ як манзиле.
Раҳанҷомро зери зин ром кард,
Чу анҷум дар он раҳ кам ором кард.
Раҳе печ бар печ торику танг,
Ҳама роҳи пурхору пурхорасанг.
Падидор шуд теғи кӯҳе баланд,
Қи аз бар шудан буд ҷонро газанд.
Пасу пеши он кӯҳро дид шоҳ,
Зарурат бар ӯ кард боисти роҳ.
Бурун бурд[496] лашкар бар он теғи кӯҳ,
Зи ранҷ омада теғдорон сутӯҳ.
Зи тезиву сахтӣ, ки он санг буд,
Суми чорпоён бар он санг суд.
Чу шаҳ дид, к-аз санги пӯлодсой
Харошида мешуд суми чорпой.
Бифармуд то аз тани гову гӯр
Ба чарм андар оранд сумми сутур.
Намадҳову карбосҳои ситабр
Бубанданд бар пои пӯёнҳизабр.
Ҳама раҳгузарҳо бирӯбанд пок,
Зи санге, ки пӯянда шуд з-ӯ ҳалок.
Ба фармони шаҳ роҳ мерӯфтанд
Гарева ба пӯлод мекӯфтанд.
Аз онон[497] ки буданд фарроши роҳ,
Тане чанд рафтанд наздики шоҳ,

Яке мушти санг овариданд пеш,
Ки сумми сутурон аз ин аст реш.
Ба наъли сутурон дараш ёфтем,
Ба сахтиш аз он наъл бартофтем[498]
Басе кӯфтемаш ба пӯлоди сахт,
Нашуд пора, пӯлод шуд лахт-лахт.
Бар он санг зад шоҳ шамшери тез,
Набурриду шамшер шуд рез-рез.
Ба ҳар ҷавҳаре сохтандаш харош,
Ба арзиз бархост аз вай тарош.
Чу шаҳ дид, к-ӯ сангро ос кард,
Зи буррандагӣ номаш алмос кард.
Ҳамегуфт бо ҳар кас аз ҳар даре,
Ки ҳаст гаронмоятар ҷавҳаре.
Бад-он то пажуҳишсиголӣ кунанд,
Раҳи хеш аз алмос холӣ кунанд.
Намунаш ба ҳар сангҷӯе супурд,
Ки то роҳ донад бад-он санг бурд.
Чу афтод дар лашкар ин гуфтугӯй,
Миён баст ҳар як бад-ин ҷустуҷӯй.
Басе боз ҷустанд болову паст.
Гаронмоя гавҳар кам омад ба даст.
Қамар бар камар, гирд[499] бар гирди кӯҳ
Яке водие буд дарьёшукӯҳ.
Фаровон дар он водӣ алмос буд,
Ки равшантар аз оби дар тос буд.
Чу дарьё, ки гавҳар барорад зи[500] ғор,
На дарьёи моҳӣ,
ки дарьёи мор.
Зи морон дар ӯ сад ҳазорон ба ҷӯш,
Кӣ дидаст морони гавҳарфурӯш?
Магар з-он шуд он раҳ зи морон ба ранҷ,
Ки бе мор натвон шудан сӯи ганҷ?
Ҳамон роҳи ганҷина душвор буд,
Тариқи шудан нопадидор буд.

Чу шаҳ дид, к-он кони алмосхез
Гузаргоҳ дорад чу алмос тез.
Ҳам аз тарси морон ҳам аз ранҷи роҳ
Касе суи водӣ нарафт аз сипоҳ.
Назар кард ҳар сӯ чу наззорае,
Бад-он то ба даст оварад чорае.
Уқоби сиёҳ бар камарҳои санг
Басе дид ҳар як шикоре ба чанг.
Чу з-ин сон уқобони парранда дид,
Уқобини андешаро сар[501] кашид.
Бифармуд, к-оранд меше ҳазор,
Набинанд, к-он фарбеҳ аст ин назор.
Гулӯ боз бурранд якборашон,
Кунанд онгаҳ аз якдигар порашон.
Куҷо кони алмос бинанд зер,
Бар он кон фишонанд як-як далер.
Ба фармонбарӣ з-он ки фармон бад-ӯст,
Аз он гӯсфандон кашиданд пӯст[502].
Куҷо кони алмос бишнохтанд[503],
Аз он гӯшт лахте бияндохтанд[504].
Чу алмос дӯсида[505] шуд бар кабоб,
Ба ҷунбиш даромад зи ҳар сӯ уқоб.
Қабобу намак ҳар ду бардоштанд,
Дар он ғор ҷуз мор нагзоштанд.
Бибурданду хӯрданд болои кӯҳ,
Паси ҳар уқобе давон даҳ гурӯҳ[506].
Ҳар алмос, к-аз гӯшт афтода буд,
Бари шоҳ бурд,
он ки озода буд.
Шаҳ алмосҳоро ба ҳам гирд кард,
Бадаш обгун буду некӯш зард.
В-аз он ҷо суи пастӣ овард майл,
Фурӯд омад аз кӯҳ чун тундсайл.
Дар он пӯя таъҷил месохтанд,
Раҳе бе қаловуз ҳаме тохтанд.

Сутурон зи наъл оташ ангехта,
Ба ҷон ҳай аз сина хун рехта.
Чу рафтанд як моҳ аз роҳ беш,
Суми бодпоён шуд аз пӯя реш.
Ҳам охир ба нерӯи бахти баланд
Сипоҳ аз гила расту шоҳ аз газанд.
Бурун бурд шаҳ рахт аз он санглох,
Иморатгаҳе диду ҷое фарох.
Дар он заръгаҳ, киштзоре шигарф,
Навозиш гирифта зи борону барф.
Зи сабзиву тарриву тобандагӣ,
Бар ӯ ҷону дилро шитобандагӣ,
Зи тороҷи он сабза пай карда гум,
Сипанҷи сутурони пайконасум.
Ҷавоне дар он кишта чун шери маст,
Бараҳна сару пой,
беле ба даст,
Зи хубиву чолокии пайкараш
Сазовори тоҷи каёнӣ сараш.
Фирӯзандабелаш чу задринкалид,
Нишони барӯмандӣ аз вай падид.
Гаҳе бел бардошт, гоҳе ниҳод,
Гаҳе банд мебасту гаҳ мекушод.
Ҷаҳондор хондаш ба озарму гуфт,
Ки: — хӯи ту бо хок чун гашт ҷуфт?
Ҷавониву хубиву бедормағз,
Зи нағзон наёяд ба ҷуз кори нағз.
На кори ту шуд бел бардоштан,
Ба вайронае донае коштан.
Бад-ин фаррухӣ гавҳаре тобнок,
На фаррух бувад ҳамтарозуи хок.
Биё то туро подшоҳӣ диҳем,
Зи пайкор хокат раҳой диҳем.
Ба посух кишоварзи оҳистарой[507]
Чу оварда буд шарти хидмат ба ҷой[508],

Чунин гуфт, к-эй роизи рӯзгор,
Ҳама тавсанон аз ту омӯзгор.
Чунон мон[509] ба ҳар пешавар пешае,
Ки дар хилқаташ н-ояд андешае.
Ба ҷуз донакорӣ, маро кор нест,
Ба ман подшоҳӣ сазовор нест.
Қишоварзро ҷой бошад дурушт,
Чу нармӣ бубинад, шавад кӯжпушт.
Танам дар дуруштӣ гирифтаст чарм,
Ҳалоки дуруштон бувад ҷои нарм.
Тани сахт, к-ӯ нозанинӣ кунад,
Чу самғе бувад, к-анганбинӣ кунад.
Хуш омад ҷаҳонҷӯйро посухаш,
Сано гуфт, бар гуфтани фаррухаш.
Хабар боз пурсидаш аз кирдигор,
К — Аз ин сон туро кист парвардигор?
Кӣ шуд посдори ту дар хуфту хез?
Паноҳат куҷо кард бозор тез?
Қиро мепарастӣ, киро бандаӣ?
Назар бар кадомин раҳ афкандаӣ?
Ҷавонмард гуфт: — «Эй зи гетӣ худой,
Ба пайғамбарӣ халқро раҳнамой.
Дар он кас дили хеш бастам, ки ту
Ҳамон қибларо мепарастам, ки ту.
Барорандаи осмони кабуд,
Нигорандаи кӯҳу саҳрову рӯд,
Шабу рӯз пеши ҷаҳонофарин
Ниҳам чанд раҳ рӯйро бар замин.
Бад-ин чашму абрӯи ороста,
К-аз ин сон ба ман дод нохоста.
Ба дигар карамҳо, ки бо ман намуд,
Ки аз ҳар якам ҳаст садгуна суд.
Сипосаш барам,
воҷиб ояд сипос,
Бар он кас, ки ӯ бошад эзидшинос.

Туро к-омадастӣ ба пайғамбарӣ,
Пазируфтам аз роҳи динпарварӣ.
Туро дидаам пештар з-ин ба хоб,
Ба ту зинда гаштам чу моҳӣ ба об.
Кунун, к-омадӣ,
к-ин хабар шуд аён,
Ба хидматгарӣ чун набандам миён?
Нагӯям ҷаҳон чун туӣ н-оварид,
Ҷаҳонофарин чун туӣ н-офарид.
Ҷаҳонро туӣ мояи хуррамӣ,
Зи садди ту дорад ҷаҳон маҳкамӣ».
Сикандар бар он поксират-ҷавон,
Қи будаш сару сояи[510] хусравон,
Сано гуфту бар торакаш бӯса дод,
Ҳамон номи яздон бар ӯ кард ёд.
Барорасташ хилъати хусравӣ,
Ба дини худо кард пушташ қавӣ.
Дар он марзу он марғзори фарох,
Қи ҳам сурхгул буду ҳам сабзшоҳ,
Шабонрӯзӣ осуд шаҳ бо сипоҳ,
Сабуктар шуд аз хастагиҳои роҳ.
Чу солори ин ҳафтхирвор кӯс
Баровард бонг аз гулӯи хурӯс[511].
Дигарбора шаҳ рафтан оғоз кард,
Дигаррaҳ басеҷи сафар соз кард.
Чу з-он марҳила манзиле чанд ронд.
Ба манзил дигарбор манзил расонд.
Фурӯзандамарзе чу равшанбиҳишт,
Заминҳои вай ҷумла бе гову кишт,
Дарахту гулу сабза,
оби равон,
Иморатгаҳе дархури хусравон,
Ҷуз онаш халал не,
ки нокишта буд,
Замине ба обе дароғишта буд.

Бипурсид,
к-ин марзро[512] ном чист?
Сару сарвари ин бару[513] бум кист?
Кишоварзу говоҳану гов ку?
Куҷо дар чунин деҳ кунад говҳу?
Яке аз муқимони он заръгоҳ
Чунин гуфт баъд аз заминбӯси шоҳ,
Ки: «Ақсои ин дилкушояндамарз
Ҳаволӣ басе дорад аз баҳри варз.
Дар ӯ ҳар чӣ корӣ ба ҳангоми хеш
Яке з-ӯ ҳазор оварад, балки беш,
Валекин зи бедод ёбад газанд,
Нагардад кас аз дахли ӯ баҳраманд.
Агар дод будиву довар басе,
Деҳобод будиву дар деҳ касе,
Ба инсофу дод орад[514] ин хок бар,
Табоҳӣ пазирад зи бедодгар.
Чу аз дахли ӯ гардад инсоф кам,
Бисӯзад зи гармӣ бипӯсад зи нам.
Ба як ҷав,
ки дар молаш оранд майл,
Ҷаву гандумашро барад боду сайл.
Сабук манҷаниқ аст бозуи ӯ,
Ки гардад ба як ҷав тарозуи ӯ[515].
Чу хусрав хабар ёфт,
к-он хоку об
Зи бедоди бедодгар шуд хароб.
Дар ӯ садде аз адл буньёд кард,
Ҳамон номаш «Искандаробод» кард.
Ба ободияш дод маншури хеш,
Ки ҳар кас диҳад ҳаққи муздури хеш.
Диҳад ҳар касе моли худро закот,
Ба торочашон кас наёрад барот.
Дар ӯ раҳ наёбад баротоваре,
Ҳазор офарин бар чунон доваре.

## ГУЗОР КАРДАНИ ИСКАНДАР ДИГАРБОРА БА ҲИНДУСТОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, мадор аз ғино даст боз,
Қи ин кор бесоз н-ояд ба соз.
Қасеро, ки ин соз ёрӣ кунад,
Тараб бо дилаш созгорӣ кунад.

### ДОСТОН

Хушо, нузҳати боғ дар навбаҳор,
Ҷавон гашта ҳам рӯзу ҳам рӯзгор.
Бунафша талоякунон гирди боғ,
Ҳамон наргис оварда бар каф чароғ,
Зи хун мағзи мурғон ба ҷӯш омада,
Дил аз ҷӯши хун дар хурӯш омада.
Шикам карда пур зери шамшоду сарв
Хурӯси сурохӣ зи хуни тазарв.
Ба рақс омада оҳувон яксара,
Зи дашт омад овози оҳубара.
Бисоте гул афганда бар тарфи ҷӯй,
Ба ромишгарӣ булбулон нағзгӯй.
Насими гулу нолаи фохта,
Чу ёрони маҳрам ба ҳам сохта.
Чи хуштар дар ин фасл з-овози рӯд,
В-аз он оби гул, к-аз гул ояд фурӯд,
Сароядае турк бо чашми танг
Фурӯхишта гесу ба гесуи чанг,
Басе сози абрешим аз ноз ӯ,
Дарида бар абрешими соз ӯ.
Суханҳои барсахта бар бонги[516] соз
Ту гӯнву ӯ гӯяд аз чанг боз.

Аз ӯ бӯса в-аз ту ғазалҳои тар,
Яке чун табарзад, яке чун шакар.
Ба бӯса ғазалҳои тар медиҳӣ,
Табарзад ситонӣ,
шакар медиҳӣ.
Дилам боз тӯтиниҳод омадаст,
Ки Ҳиндустонаш ба ёд омадаст.

## ДОСТОН

Чу кӯҳ аз раёҳин кафал гирд кард,
Баромехт шангарф бо лоҷвард.
Гиёҳхораро гул зи гардан гузашт,
Нафири гавазн омад аз кӯҳу дашт.
Гули тар бурун омад аз хори хушк,
Бунафша баромехт анбар ба мушк.
Ба анбархарӣ наргиси хобнок
Чу кофури тар сар бурун зад зи хок[517].
Ба фасле чунон шоҳи Эрону Рум
Зи вайронӣ омад ба ободбум.
Дигарбора бар марзи Ҳиндустон
Гузар кард чун бод бар бӯстон.
В-аз он ҷо ба машриқ алам барфарохт,
Яке моҳ бар дашту бар кӯҳ тохт.
Аз он роҳи чун дӯзахи тофта,
Қ-аз ӯ пушти моҳӣ табиш ёфта.
Даромад ба он шаҳри минусиришт,
Ки туркон-ш хонанд Лангарбиҳишт.
Баҳоре дар ӯ дид чун Навбаҳор,
Парастишгаҳе номи ӯ Қандаҳор.
Арӯсони бутрӯй дар вай басе,
Парастандаи бут шуда ҳар касе.
Дар он хона аз зар буте сохта,
Бар ӯ хонаи ганҷ пардохта.

Сару тоҷи он пайкари дилрабой
Баровард а то тоқи гунбадсарой.
Ду гавҳар ба чашм андарун дӯхта.
Чу равшан ду шамъи барафрӯхта.
Фурӯзанда дар саҳни он тозабоғ,
Зи бас шабчароғе ба шаб чун чароғ.
Бифармуд шаҳ то баророанд гард.
Зи тимсоли он пайкари солх(в)ард.
Зару гавҳараш баркушоянд зуд,
Ки бо бут зиён буду бо халқ суд.
Сухангӯ яке лӯъбат аз кунҷи кох,
Сӯи шоҳ шуд карда абрӯ фарох,
Ба гесӯ ғубор аз раҳи шоҳ руфт,
Басе офарин кард бар шоҳу гуфт[518],
Ки — Шоҳи ҷаҳон, довари додгар,
Ки аз ховар ӯрост то бохтар,
Ба зарру ба гавҳар надорад ниёз,
Ки гетифурӯз асту гарданфароз.
Дигар, к-ин бут аз гуфтаи ростон
Фиребанда дорад яке достон.
Агар шоҳ фармон диҳад дар сухан,
Фуру гӯям он достони куҳан.
Ҷаҳондор фармуд,
к-он дилнавоз
Кушояд дари дурҷи ёқут боз.
Дигарраҳ парипайкари мушкхол
Кушод аз лаби чашма оби зулол.
Дуо гуфту[519] гуфт: «Ин фурӯзандакох,
Ки зарриндарахт асту пирӯзашох,
Аз он пеш, к-ойини бутхона дошт,
Яке гунбади нимвайрона дошт,
Ду мурғ омаданд аз биёбон нахуст,
Гирифта ду гавҳар ба минқор чуст,
Нишастанд бар гунбади ин сарой,
Зи фирӯзиву фаррухӣ чун ҳумой,

Ҳама шаҳр монда дар эшон шигифт,
Ки чун шояд он мурғаконро гирифт?»
Бар ин чун баромад замоне дароз,
Фиканданд гавҳар, париданд боз.
Бузургон,
ки ин мамлакат доштанд,
Бар он гавҳар андеша бигмоштанд.
Тамаъ бар дили ҳар касе кард роҳ,
Ки бар гавҳар ӯро бувад дастгоҳ.
Падид омад андар миён доварӣ,
Хирад кардашон оқибат ёварӣ.
Бар он рафт мисоқи он анҷуман,
Ки аз баҳри бутхонаи хештан,
Буте сохтанд он ҳама зар дар ӯ,
Ба ҷои ду чашм он ду гавҳар дар ӯ.
Дуре, к-он раҳоварди мурғи ҳавост,
Гараш осмон барнагирад равост.
Зи хуршед гирад ҳама дида нур,
Зи мо кай кунад дида хуршед дур.
Чароғе, ки кӯрон бад-он хурраманд,
Дар ӯ равшанон бод камтар даманд.
Макун бевае чандро гармдоғ,
Шаби бевагонро макун бечароғ.
Бути хушзабон чун сухан ёд кард,
Бути безабонро шаҳ озод кард.
Набишт аз бари пайкари он нигор,
Ки: — «Бо доғи Искандар аст ин шикор».
Чу дид он парирух, ки дорои даҳр
Бар он қаҳрамонон[520] наёвард қаҳр.
Яке ганҷи пӯшида[521] додаш нишон,
Қ-аз ӯ хира шуд чашми гавҳаркашон
Шаҳ он ганҷи огандаро баркушод,
Нигаҳ дошт бархеву бархе бидод.
Дигарраҳ зи минуи рӯҳониён
Даровард сар бо биёбониён.

Басе ронд бар шӯраву санглох,
Гаҳе манзилаш тангу гоҳе фарох.
Ба ҳар букъае,
к-одамизод дид,
Ба эшон сухан гуфту з-эшон шунид.
Зи яздонпарастӣ хабар додашон,
Зи дин тӯтиёи назар додашон.
Зи паргори машриқ замин бар замин
Дигарраҳ даромад ба паргори Чин.
Чу хоқон хабар ёфт аз кори ӯ,
Баророст нузле сазовори ӯ.
Ба даргоҳи шоҳ омад ороста,
Ҷаҳон пур шуд аз ганҷу аз хоста.
Дигарраҳ заминбӯси шаҳ тоза кард,
Шаҳаш ҳашмате беш аз андоза кард.
Чу з-омезиши ин хуми лоҷвард
Қабудӣ даромад ба дебои зард.
Нишастанд кишвархудоён ба ҳам,
Сухан шуд зи ҳар кишваре бешу кам.
Пас он гаҳ, ки шуд рӯзгоре дароз
Ҳама аҳдҳо тоза карданд боз.
Пазируфт хоқон аз ӯ дини ӯ,
Даромӯхт оёту ойини ӯ.
Дигар рӯз чун меҳр бар меҳр баст,
Қарохони ҳинду шуд оташпараст.
Сикандар ба хоқон ишорат намуд,
Қ-аз ин марҳила кӯч созем зуд.
Маро гуфт: — «Агарчанд ҷоест гарм,
Ба дарьё нишастан ҳавоест нарм.
Бад-он то чу оҳанги дарьё кунам,
Дар ӯ неку бадро тамошо кунам.
Шигифте, ки бошад ба дарьёи жарф
Бубинам намудорҳои шигарф.
Ба шарте, ки бошӣ ту ҳамроҳи ман,
Барафрӯзӣ аз худ гузаргоҳи ман.

Пазируфт ҳоқон, ки дорам сипос,
Гироям сӯи роҳ бо раҳшинос».
Бад-он хатм шуд ҳар дуро гуфтугӯй,
Ки қосид кунад роҳро ҷустуҷӯй.
Ба некахтарӣ рӯзе аз бомдод,
Ки шаб рӯзро тоҷ бар сар ниҳод.
Чунон рой зад тоҷдори ҷаҳон,
Ки пӯяд сӯи роҳ бо ҳамраҳон.
Тане даҳ ҳазор аз сипаҳ баргузид,
К-аз ӯ ҳар яке шоҳи шаҳре сазид.
Бунаҳ низ,
чандон ки хор омадаш,
Ба миқдори ҳоҷат ба кор омадаш[522].
Дигар мобақиро зи ганҷу сипоҳ
Яла карду бигзашт аз он кӯчгоҳ.
Ҳамон хони хонон ба хидматгарӣ
Ҷарида ба ҳамроҳиву раҳбарӣ.
Ба андоза ӯ низ бардошт барг,
Салоҳе, ки бояд зи шамшеру тарг.
Сипаҳ[523] низ бо ӯ тане даҳ ҳазор,
Хирманду мардонаву марди кор[524].
Азимат сӯи машриқ ангехтанд,
Ҳама раҳ зари мағрибӣ рехтанд.
Ба арзи ҷанубӣ намуданд майл,
Шикорафканон ҳар сӯе хайл-хайл.
Чиҳил рӯз рафтанд аз ин гуна роҳ,
Набурданд паҳлу ба оромгоҳ.
Чу наздики оби кабуд омаданд,
Ба поини дарьё фурӯд омаданд.
Бар он фурзагоҳ анҷуман сохтанд,
Аламҳо ба анҷум барафрохтанд.
Ҳикоят чунон рафт аз он оби жарф,
Ки дарьёканорест ин ҷо шигарф.
Арӯсони обӣ чу хуршеду моҳ
Ҳама шаб бароянд аз он фурзагоҳ.

Бар ин соҳил оромсозӣ кунанд,
Ғиноҳо сароянду бозӣ кунанд.
Қасе, к-ӯ ба гӯш оварад созашон,
Шавад беҳуш[525] аз лутфи[526] овозашон.
Дар ин баҳр байте сароянд пас,
Ки дар ҳеҷ баҳре нагуфтаст кас.
Ҳама шаб бад-ин сон дар ин кунҷи кӯҳ
Тараб мекунанд он киромигурӯҳ.
Чу бар нофаи субҳ бӯ мебаранд,
Ба оби сияҳ сар фурӯ мебаранд.
Ҷаҳондор фармуд то як-ду мил
Кунад лашкар аз тарфи дарьё раҳил.
Чу шаб нофаи мушкро сар кушод,
Ситора дари ганҷи гавҳар кушод.
Малик хонда маллоҳро яктана
Равон гашт бе лашкару бе буна.
Бар он фурзагаҳ хаймае зад зи дур,
Ки гавҳар зи дарьё баровард нур.
Дар он лӯъбатон дид, к-аз мавҷи об
Алам баркашиданд чун офтоб.
Пароканда гесӯ бар андоми хеш,
Зада мушк бар нуқраи хоми хеш.
Сароянда ҳар як дигаргун суруд,
Суруде навоиинтар аз сад дуруд.
Чу он лаҳни ширин ба гӯш омадаш,
Ҷигар гарм шуд, хун ба ҷӯш омадаш.
Бар он лаҳну овоз лахте гирист,
Дигарбора хандид, к-ин гирья чист?
Шигифтӣ бувад лаҳни он зеру бам,
Ки он хандаву гирья орад ба ҳам.
Маликро чу шуд ҳоли эшон дуруст,
Дигарбора шуд боз ҷои нахуст.
Чу дебои Чин бар фалак зад тароз,
Шуд аз сӯф рӯи ҷаҳон бениёз.

Ба устоди киштӣ чунин гуфт шоҳ,
Ки — Қиштӣ дарафкан бад-ин мавҷгоҳ.
Дар ин оби шӯрида хоҳам нишаст,
Қи розе худоро дар ин парда ҳаст.
Хатарнокии кор донистаам,
Шудан дур аз ӯ кам тавонистаам.
Агар пурсӣ аз ақли омӯзгор,
Ба коре давонад маро рӯзгор.
Нигаҳбони киштӣ пазиранда гашт,
Даровард киштӣ ба дарьё зи дашт.
Шаҳи кордон гашт киштигирой,
Фурӯ монд ҳоқони Чинро ба ҷой.
Намудаш, ки то н-оям ин ҷо фароз,
Набояд, ки гардӣ ту з-ин ҷой боз.
Надонам дар ин роҳ камбудагӣ,
Ҳалокам давонад ба осудагӣ.
Гар оям туро худ шавам ҳақгузор,
В-агар на, ту дониву тартиби кор.
Чу гуфт ин сухан, дида чун рӯд кард
Қасеро, ки бигзошт, падруд кард.
Дарафганд киштӣ ба дарьёи Чин,
Қӣ дидаст дарьёи киштинишин,
Аз он ҳамраҳони бакоромада,
Бибурд он чи буд ихтиёр омада.
Зи чандон ҳакимони исонафас,
Балиноси фарзонаро бурду бас.
Сӯи жарфӣ омад зи дарьёканор.
Ба дарьёи мутлақ дарафганд бор.
Ҷаҳон дар ҷаҳон ронд бар оби шӯр,
Ҷаҳон медавондаш,
зиҳӣ дасти зӯр!
Чу якчанд киштӣ равон шуд дар об,
Падид омад он мили[527] дарьёшитоб,
Қи[528] сӯи муҳит об ҷунбиш намуд,
Ҳамон з-омадан[529], бозгашташ набуд.

Навоҳишиносони обозмой
Ҳаросанда гаштанд аз он ҷарфҷой.
Зи раҳнома чун боз ҷустанд роз,
Сӯи бозпас гаштан омад ниёз[530].
Ҷазира яке гашт пайдо зи дур,
Дурафшанда монанди як пора нур.
Гирифтанд лахте дар он ҷо қарор,
Зи мили[531] муҳитӣ ҳама тарсгор.
Зи пирони киштӣ яке кордон
Чунин гуфт бо шоҳи бисьёрдон,
Ки — Ин марҳила манзиле мушкил аст,
Ба раҳномаҳо-дар пасинманзил аст.
Далерӣ макун, к-оби ин ҷарфҷой
Ба сӯи муҳит аст, ҷунбишнамой.
Агар манзиле рахт аз он сӯ барем,
Аз он сӯи манзил дигар, нагзарем.
Сикандар чу з-ин ҳолат[532] огоҳ гашт,
Қ-аз он милгаҳ пеш натвон гузашт.
Тилисме бифармуд пардохтан,
Ишораткунон дасташ афрохтан,
Қ-аз ин пештар халқро роҳ нест,
Аз он сӯи дарьё кас огоҳ[533] нест.
Чу з-ин сон тилисме мисин рехтанд,
Зи рукни ҷазира барангехтанд,
Ки ҳар киштие
к-орад он ҷо шитоб,
Тилисмаш намояд ишорат ба об,
Қ-аз ин ҷой барнагзарад роҳи кас,
Раҳи одамӣ то бад-ин ҷост бас.
Ба таълими ӯ кордонони роз.
Дигарбора з-он роҳ гаштанд боз.
Чу хусрав тилисме бад-он гуна сохт,
Дар он таъбия рози яздон[534] шинохт.
Ба фарзона гуфт ин ҳама ранҷбурд,
Туфайли чунин шуғл бояд шумурд.

Бад-он то тилисме муҳайё кунанд,
Маро бин, ки чун хизри дарьё кунанд.
Ба фармони киштикаши чорасоз
Ҷаҳонҷӯй аз он милгаҳ гашт боз.
Зи дарьёи чу даҳрӯза бигзоштанд,
Ғалат буд манзил, хабар доштанд.
Падид омад аз дур кӯҳе баланд,
Зи гирдоба дар кунҷи он кӯҳ банд,
Дар он банд агар киштие тохтӣ,
Дар ӯ солҳо доира сохтӣ,
Бурун н-омадӣ, то нагаштӣ хароб,
Нарастӣ касе зинда з-он банди об[535].
Чу устоди киштӣ бад-он хат расид,
Ба паргори киштӣ хат андар кашид.
Фурӯ бурд лангар ба поини кӯҳ,
Бурун рафту бо ӯ бурун шуд гурӯҳ.
Ба болои он бандгоҳ истод,
Зи пайванду фарзанд мекард ёд.
Ҷаҳондор гуфташ чӣ бад ёфтӣ,
Ки рӯй аз ҷаҳон пок бартофтӣ.
Хабар дод шаҳро шиносои кор,
Аз он банди дарьёи[536] носозгор,
Ки ҳар киштие,
к-ӯ бад-ин ҷо расид,
Аз ин бандгаҳ растагорӣ надид.
Хирадманд хонад в-аро коми шер,
Ки чун коми шер аст бар хун далер,
На бас буд моро хатарҳои об,
Қазои дигар кард бар мо шитоб.
Ба беморӣ андар таб омад падид,
Рухи решро обила бардамид.
Агар роҳи пешин хатарнок буд,
Ки аз рафтан ояндаро бок буд[537].
Кунун дар хатаргоҳи ҷон омадем,
Зи борон сӯи новдон омадем.

Ҳамон чора бошад, к-аз ин теғи кӯҳ
Ба хушкӣ бурун ҷон баранд ин гурӯҳ.
Ба Қайсур мегардад ин роҳ боз,
В-аз ҷо ба Чин аст роҳе дароз.
Зи дарьё беҳ аст он раҳи дурдаст,
Ки дуриву деришро чора ҳаст.
Масал зад Сикандар дар он кӯҳсор,
Ки деру дуруст ою андӯҳ мадор.
Зи фарзонаи кордон боз ҷуст,
Ки рое дар андеша дорӣ дуруст,
Ки он рои пирӯз ёрӣ диҳад,
Ба киштӣ раҳи растагорӣ диҳад.
Пазируфт фарзона, к-иқболи шоҳ
Кунад раҳнамунӣ маро сӯи роҳ.
Агар созад ин ҷо шаҳаншаҳ диранг,
Тилисме барорам аз ин рӯи санг.
Кунам гунбаде з-ӯ барангезамаш,
Яке табл дар гардан овезамаш.
Қасе, к-ӯ дар он гунбад орад қарор,
Бар он табл захме занад устувор.
Ба жарфӣ расад киштӣ аз бандгоҳ
Ба оини пешин дарафтад ба роҳ.
Ғариб омад ин шӯъбада шоҳро,
Ки фарзона чун созад ин роҳро?
Ба фарзона фармуд то он чӣ гуфт,
Ба ҷой оварад ошкору нуҳуфт.
Зи боистаниҳои ӯ ҳар чӣ хост,
Ҳама олати кори ӯ кард рост.
Ба устодкорӣ худованди ҳӯш
Дар он бозии сахт шуд[538] сахткӯш.
Яке гунбад афрохт аз хорасанг,
Пазирои ӯ шуд ба афсуну ранг —
Тилисме мисин дар вай ангехта.
Ба гардан-дараш табле овехта.

Ба шаҳ гуфт: «Чун гунбад афрохтам,
Тилисмеву табле чунин сохтам.
Дарандоз киштӣ бад-он банди об,
Бизан табл то чун намояд шитоб».
Шаҳ он кордонро, ки киштӣ раҳонд,
Бифармуд то киштӣ он ҷо расонд.
Чу киштӣ дар он бандгоҳ уфтод,
Зи девонагӣ гашт чун девбод.
Шаҳ омад сӯи гунбади сангбаст,
Ба таблозмоӣ дуволе ба даст.
Бизад таблу бонге зи табли раҳил
Баромад чу бонги пари Ҷабраил.
Бурун ҷаст киштӣ зи гирдоби танг,
Дар он ҷой гардиш намондаш диранг.
Шаҳ аз меҳри он кори сардӯхта
Чу меҳри баҳорӣ шуд афрӯхта.
Зи шодӣ ба фарзонаи чорасанҷ
Басе тӯҳфаҳо дод аз[539] молу ганҷ.
Дигаргуна дар дафтар орад дабир,
Зи раҳномаи раҳшиносони пир,
Ки он коми шер аз ҳади Бобил аст,
Сухан чун дуқавлӣ бувад мушкил аст.
Зи як баҳр чун нест берун ду рӯд,
Ҳамоно, ки мушкил набошад суруд.
Зи доно пажуҳидам ин розро,
К-аз он табл пайдо кун овозро.
Хабар дод донои ҳайатшинос,
Ба андозаи он ки будаш қиёс[540],
Ки чун киштӣ афтад дар он кунҷи кӯҳ,
Яке моҳӣ ояд забоне шукӯҳ.
Занад доира гирди киштӣ дар об,
Паси ӯ кунад тез киштӣ шитоб.
Бад-он то чу киштӣ бидаррад зи ҳам,
Балодидагонро кашад дар шикам.
Чу он табли рӯини гургиначарм.

Ба моҳӣ расонад як овози нарм.
Ҳаросон шавад моҳӣ аз бонги тез,
Сӯи жарфдарьё намояд гурез.
Равон гардад об аз бару ёли ӯ,
Кунад майл киштӣ ба дунболи ӯ.
Бад-ин фан раҳад киштӣ аз тангной,
Надонад дигар розро ҷуз худой.
Шаҳ аз бозии он тилисми шигарф,
Гироянда шуд сӯи дарьёи жарф.
Бар он кӯҳи дигар набудаш диранг,
Сӯи фурзагаҳ шуд зи болои санг.
Чу ҳиндуи шаб з-ин равоқи кабуд
Расан баст бар фурзаи Ҳафтрӯд:
Бар он фурза, бе он ки андеша кард,
Расанбозии ҳиндувон пеша кард.
Дар ин ғам, ки бар табли киштигирой,
Кӣ захме занад, к-ӯ намонад ба ҷой.
Чунин[541] кард лутфи худо ёварӣ,
Ки ҳоҷат набудаш бад-он доварӣ.
Қасе, к-ӯ кунад доруи чашм соз,
Ба доруй чашмаш набошад ниёз.
Басе табзада қурс кофур кард[542].
Нахӯрда, шуд он таб чу кофур сард.
Даво кардан аз баҳри дарди касон,
Ба созанда бошад саломатрасон.
Шитобанда маллоҳи чолокчанг[543].
Ба киштӣ даромад чу пӯённаҳанг,
Шиканҷа кушод аз раҳи бодбон,
Сутунро қавӣ кард кому забон,
Барафрохт афзори киштӣ ба соз
Бад-он раҳ, ки буд омада, гашт боз[544].
Равон кард[545] киштӣ ба[546] Оби сиёҳ.
Ба кам муддат омад сӯи фурзагоҳ.
Халоиқ зи киштӣ бурун омаданд,
Зи шодӣ раҳо кун, ки[547] чун омаданд.

Чу Искандар омад зи дарьё ба дашт,
Гузашта ба сар-бар басе саргузашт.
Баросуд бар хок аз он тарсу бок,
Ғаму дард бурд аз дили тарснок.
Басе бандаву бандӣ озод кард,
Зи яздон ба некӣ басе ёд кард.
Чу хоқон аз он ҳолат огоҳ шуд,
Хиромону хандон сӯи[548] шоҳ шуд.
Зи шукру зи шукрона боқӣ намонд,
Басе ганҷ дар пои хусрав фишонд.
Шаҳ аз дилнавозиш дар бар гирифт,
Суханҳои пешина аз сар гирифт.
Аз он селгаҳ в-он хатар сохтан,
Тилисме бад-он гуна пардохтан,
В-аз он роҳ гум кардани он гурӯҳ,
Гирифтор гаштан бад-он банди кӯҳ,
В-аз он бар сари кӯҳ бигрехтан,
Раҳонандатабле барангехтан,
Чу ин қисса бишнид хоқони Чин,
Бар иқболи шаҳ тоза кард офарин,
Ки бо шоҳи шоҳон фалак дод кард,
Дили хони хонон бад-ӯ шод кард.
Ҷаҳонро дар ин омадан роз буд,
Ки шоҳи ҷаҳон чорапардоз буд.
Зи ҳар неку ҳар бад,
ки ояд ба даст,
Муроде дар ӯ рӯй пӯшидааст.
Хаёле, ки дар парда шуд рӯйпӯш,
Набинад дар ӯ ҷуз худованди ҳӯш.
Гар он ҷо напардохтӣ шаҳриёр,
Зи дасти кӣ бархостӣ ин шумор?
Ҷаҳон аз ту дорад кушояндагӣ,
Туро дар ҷаҳон бод поянлагӣ![549]
Чу Искандар осуда шуд ҳафтае,
Наёвард ёд аз чунон рафтае.

Ҷаҳонтохтан боз ёд омадаш,
Хатарнокии рафта бод омадаш.
Дарои шутур хост аз он[550] кӯчгоҳ,
Сароҳанги лашкар даромад ба роҳ.
Қаловуз бардошт оҳанг пеш,
Шуд аз пои маҳмилкашон роҳ реш.
Зи рангиналамҳои гавҳарнигор
Ҳама рӯи саҳро шуда чун баҳор.
Зи теғу сипарҳои ороста
Гулу савсан аз дашт бархоста[551].
Баромад[525] ба зин шоҳи гетинаворд,
Зи гетӣ ба гардун баровард гард.
Ба сӯи биёбон равон кард Рахш,
Сипаҳро зи молу хӯриш дод бахш.
Биёбони ҷӯшанда бигрифт пеш,
Ки ҷӯшанда дид аз ҳаво мағзи хеш.
Чу даҳ рӯз роҳи[553] биёбон набишт[554]
Иморат падид омаду обу кишт.
Яке шаҳри кофургун рух намуд,
Ки гуфтӣ на аз гил, зи кофур буд.
Зи хоқон бипурсид, к-ин шаҳри кист?
Ба раҳнома — дар номи ин шаҳр чист?
Нишон дод донанда аз кори шаҳр[555],
Ки шаҳрест ин аз ҷаҳон тангбаҳр[556].
Ба ҷуз симу зар,
к-он бувад хонахез,
Дигар чизҳорост бозор тез.
Қасеро бувад подшоӣ[557] дар ӯ,
Ки бинанд фарри худоӣ[558] дар ӯ.
Ғарибон гурезанд аз ин ҷойгоҳ,
Ки ваҳшат кунад равшанонро[559] сиёҳ.
Чу хуршед сар барзанад з-ин ниток[560],
Барояд зи дарьё тароқотуроқ.
Чунон к-аз чунон[561] наъраи ҳавлнок
Бувад бим, к-андар дил ояд ҳалок.

Ба зери замин дахма[562] доранд бист,
Ки тифлон дар он дахма[563] донанд зист.
Бузургон дар он ҳол гиранд гӯш,
В-агарна на дил пой дорад на ҳӯш.
Дили шоҳ шӯрида шуд з-ин шумор,
Зи фарзона дархост тадбири[564] кор.
Чунон дод фарзона посух ба шоҳ,
Ки фармон диҳад бомдодон ба гоҳ,
Қ-аз он пеш, к-афғон барорад хурӯс,
Барояд зи лашкаргаҳ овозӣ[565] кӯс,
Табиразанон таблбозӣ кунанд,
Ба бонги духул захмасозӣ кунанд,
Бад-он гуна то рӯз гардад баланд,
Ба таблу духул дарнаёранд банд.
Бад-он то зи дарьё барояд хурӯш,
Нниюшандаро мағз н-ояд ба ҷӯш.
Ба фарзона шаҳ гуфт, к-ин бонги сахт,
Қ-аз ӯ мағзҳо мешавад лахт-лахт[566].
Чӣ бонг аст,
к-афғон диҳад бодро,
Сабаб чист ин бонгу фарьёдро?
Ба шаҳ гуфт фарзона, к-аз устод
Чунин ёд дорам, ки ҳар бомдод
Чу бар рӯи об уфтад офтоб
Зи гармӣ муқаббаб шавад рӯи[567] об.
Пас овозҳо хезад аз мавҷ-бар,
Ки афтанд чун кӯҳ бар якдигар.
Ба[568] тундӣ чу тундар шаванд он замон,
Ки тундӣ ҳамон асту тундар ҳамон.
Дигаргуна доно барандохт[569] рой,
Ки симоб дорад дар он обҷой.
Чу хуршед ҷӯшон кунад обро,
Ба худ даркашад ҷӯши симобро.
Дигарбора чун аз уфуқ бигзарад,
Бияндозад онро, ки боло барад.

Чу симоб дар пастӣ афтад зи авҷ,
Барояд чунон бонги ҳоил зи мавҷ.
Ҷаҳонмарзбон, корфармои даҳр
Даровард лашкар ба наздики шаҳр.
В-аз он марҳила барги раҳ соз кард.
Фурӯд омад осоиш оғоз кард
Муқимони буқъа чу огаҳ шуданд,
Ба коло харидан сӯи шаҳ шуданд.
Матое, ки дархурди он шаҳр буд,
Хариданд агар нӯш, агар заҳр буд.
Зи ҳар накд, к-он буд пирояшон,
Яке бист мекард сармояшон.
Шаҳ аз хосаи хештан бебаҳо
Ба ҳар муштарӣ кард чизе[570] раҳо.
Ҷудогона аз баҳри солорашон
Басе накд бинҳод дар борашон.
Чу донист солори он анҷуман,
Раҳу расми он шоҳи лашкаршикан,
Фиристод нузле ба тартиби хеш,
Хӯришҳо дар он нузл аз андоза беш.
Ҳам аз ҷинси моҳӣ ҳам аз гӯсфанд,
Дигар хӯрданиҳо ҷуз ин низ чанд.
Худ омад ба хидмат басе узр хост,
Ки н-ояд зи мо нузли роҳи ту рост.
Биёбониёнро набошад наво,
Ба ҷуз гармие,
к-он бувад дар ҳаво.
Бар ӯ кард шаҳ арзи ойини хеш,
Хабар додаш аз донишу дини хеш[571].
Зи шаҳ дин пазируфту бо динсипос,
Қ-аз он гумраҳӣ гашт яздоншинос.
Зи даргоҳи худ шоҳи некахтараш
Гусӣ кард бо ҳилъате дар(х)вараш.
Чу сайфури шаб қирмизӣ дарнабашт.
Дарафтод ногоҳ аз ин бом ташт.

Фурӯ ҳуфт шаҳ бо ракибони роҳ,
Зи ранҷи раҳ осуд то субҳгоҳ.
Чу райҳони субҳ аз ҷаҳон бардамид,
Сароҳанги[572] фарьёди дарьё шунид[573]: —
«Магар ташти дӯшина, к-афтода буд,
Ба вакти саҳаргаҳ садо дода буд?»
Шаҳ аз ҳавли он бонги заҳрашикоф
Биғуррид чун кӯс худ дар масоф.
Бифармуд то лашкар ошуфтанд,
Ба якбора[574] навбат фурӯ кӯфтанд.
Хурӯшидани таблу фарьёди кӯс,
Ҷарас боз кард аз гулӯи хурӯс[575].
Ба овози табле, ки бардоштанд,
Дигар бонгро бод пиндоштанд.
Бад-ин гуна то сар баровард чошт,
Табира ҷаҳонро дар ошӯб дошт.
Ҳама шаҳр аз овози он табли тез
Барошуфта гаштанд чун растахез[576].
Давиданд бари табл, к-омад нафир,
Чу бар табли даҷҷол, барнову пир.
Шигифт омад овози он созашон,
Ки мебуд ғолиб бар овозашон.
Чу ниме шуд аз рӯзи гетифурӯз,
Равон гашт аз он ҷо шаҳи Нимрӯз.
Ҳама марду зан дар заминбӯси шоҳ
Ба ҳоҷат намудан гирифтанд роҳ,
Қ-аз ин таблҳои шаноатнамой,
Чӣ бошад,
ки табле бимонӣ ба ҷой.
Магар чун хурӯшон шавад созӣ ӯ,
Шавад бонги дарьё ба овози ӯ.
Ҷаҳондор дар вакти он дастбӯс,
Бубахшидашон чанд хирвор кӯс.
Дар он шаҳр аз он рӯз расм уфтод,
Ки дар ҷунбиш ояд дуҳул бомдод[577].

Шаҳ он расмро низ бар ҷой дошт,
Ки ҳар субҳдам бо духул пой[578] дошт.
Ба моҳе каму бештар з-он замин
Даромад ба ободии мулки Чин.
Ба лашкаргаҳи хеш раҳ боз ёфт,
Фалакро дигарбора дамсоз ёфт.
Биёсуд як моҳ аз он хастагӣ,
Ҳамекард айше[579] ба оҳистагӣ.

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ҲАДДИ ШИМОЛ ВА БАСТАНИ САДДИ ЯЪҶУҶ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дили тангро чора нест,
Ба ҷуз соз,
к-он ҳасту байғора нест.
Димоғи маро,
к-аз ғам омад ба ҷӯш,
Ба абрешими соз кун ҳалқагӯш.

### ДОСТОН

Чу дар хонаи хеш рафт офтоб,
Зи гармӣ шуд андоми шерон кабоб.
Табишҳои боҳурӣ аз дастбурд
Зи рӯи ҳаво чирки таррӣ сутурд.
Гиё дона бикшоду бинвашт барг,
Ба лоласитон андар афтод марг.
Биҷӯшид дар кӯҳу саҳро бухор,
Шакарханда зад мева бар мевадор.
Зи ҳомун сӯи кӯҳ шуд андалиб,
Ба ғурбат ҳамегуфт чизе ғариб.

Ба гӯш андараш аз ҳавои тамӯз
Навои чаковак наёмад ҳанӯз.
Дурафшанда хуршеди гардуннаворд
Зи боди хазон неши ақраб нах(в)ард.
Шабу рӯз мегашт дар Чину Занг,
Ба дудафканӣ ташти оташ ба чанг[580].
Чу шерон дарид аз сари дастзӯр
Гаҳе соқи гову гаҳе сумми гӯр.
Дар айёми боҳуру гармои гарм,
Ки аз тоби хуршед шуд санг нарм.
Сикандар зи Чин рои Тархез кард,
Дари[581] хобро тангдаҳлез кард.
Раҳо кард хоқони Чинро ба ҷой,
Дигарбора сӯи сафар кард рой.
Басе ганҷ дар пеши хоқон кашид,
В-аз он ҷо сипаҳ дар биёбон кашид.
Фурӯ кӯфт бар кӯси давлат дувол,
Зи машриқ даромад ба ҳадди шимол.
Биёбону реги равон диду бас,
На парранда дар вай на ҷунбанда кас.
Басе рафту кас дар биёбон надид,
Ҳамон роҳро низ поён надид.
Замин дид рахшону аз рахна дур,
Дар ӯ реги рахшанда монанди нур.
Ба шаҳ гуфт раҳбар, к-Ин реги пок
Ҳама нуқра шуд, нуқраи тобнок.
Ба андоза бардор аз ин роҳ ганҷ,
На чандон ки маҳмилкаш ояд ба ранҷ.
Ба лашкар магӯ в-арна аз ишқи сим
Гаронбор гарданду ёбанд бим.
Ҳама бори шаҳ буд пур зарри ноб,
Бад-он нуқра н-омад дилашро шитоб,
Валек орзу дар маниш[582] кор кард,
Аз ӯ уштуре чандро бор кард.

Бад-он роҳ мерафт чун боди тез,
Ҳаворо надид аз замин гардхез[583].
Ба як[584] ҳафта наншаст бар ҷома гард,
Ки аз нуқра буд он заминро наворд[585].
Ту гуфтӣ, ки шуд хоку обаш дуним
Яке нима симобу як нима сим.
На дар симаш ором шоист кард,
На симобро низ шоист х(в)ард.
Зи савдои раҳ,
к-он на кам дард буд,
Саводе бад-он сим дарх(в)ард буд[586].
Куҷо[587] чашмае буд монанди нӯш,
Дар он об симобро буд ҷӯш.
Чу шӯриш набудӣ дар оби зулол,
Зи симоб касро набудӣ малол.
Бихӯрдандӣ он обҳоро далер,
Ки об аз забар буду симоб зер.
Чу шӯриш дар об омадӣ пешу бас
Нахӯрдандӣ он обро ҳеҷ кас.
В-агар хӯрдӣ аз роҳи ғафлат касе
Намондӣ дар ӯ зиндагонӣ басе.
Бифармуд шаҳ то чу рой оваранд,
Дар он об дониш ба ҷой оваранд,
Чунон баркашанд обро з-обгир,
Ки сокин бувад оби ҷунбишпазир[588].
Бад-ин гуна як моҳ рафтанд роҳ,
Басе мардум аз ташнагӣ шуд табоҳ[589].
Расиданд аз он мафраши симсуд
Ба хоке, к-аз ӯ будашон зодбуд.
Ниҳоданд бар хок рухсори пок,
Ки хокӣ наёсояд илло ба хок.
Падид омад оромгоҳе зи дур,
Чунон к-аз шаби тира тобандаҳур[590].
Барафрохта тоқе аз теғи[591] кӯҳ,
Ки аз диданаш[592] дар дил омад шукӯҳ[593].

Ба болои он тоқи пирӯзаранг
Кашида камар кӯҳе аз хорасанг.
Гурӯҳе бар он кӯҳ динпарварон
Мусулмону фориғ зи иайғамбарон.
Ба илҳоми яздон зи рӯи қиёс
Дар аҳволи худ гашта яздоншинос.
Чу диданд симои Искандарӣ,
Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.
Ба таълими ӯ хотир оростанд,
В-аз ӯ донишу дод дархостанд.
Сикандар бар эшон дари дин кушод,
Ба ҷуз дину дониш басе чиз дод.
Чу диданд шоҳе чунон чорасоз.[594].
Ба чорагарӣ дар кушоданд боз[595],
Ки шафқат кун[596], эй довари дастгир,
Бар ин зердастони фармонпазир.
Паси ин гарева дар ин санглох
Яке дашт бинӣ[597] чу дарьё фарох.
Гурӯҳе дар он дашт Яъҷуҷ ном,
Чу мо одамизодаву девфом[598],
Чу девони оҳандил, алмосчанг,
Чу гургони бадгавҳар ошуфтаранг,
Расида зи сар то қадам мӯяшон,
Набинӣ нишоне ту аз[599] рӯяшон[600].
Ба чанголу дандон ҳама чун дада,
Ба хун рехтан чангу дандон зада.
Бигиранд ҳангоми так бодро,
Ба нохун бисунбанд пӯлодро.
Ҳама дар хирому хӯриш носипос,
Набинӣ дар эшон кас эзидшинос.
Зи ҳар тӯъмае,
к-он бувад ҷустанӣ
Таоме надоранд ҷуз рустанӣ.
Надоранд ҷуз хобу ҷуз хӯрд[601] кор,
Намирад яке то назояд ҳазор.

Гиёест он ҷо заминхезашон,
Чу пилпил бувад донаи тезашон.
Аз он ҳар шабонрӯз баҳре[602] х(в)аранд
Ҳамон ҷо бихуспанду дарнагзаранд.
Чу бар офтоб афканад моҳ ҷирм,
Биҷӯшанд бар худ ба кирдори кирм.
Хӯранд он чи ёбанд бе тарсу бим,
Бад-ин гуна то моҳ гардад дуним.
Чу гирад камӣ моҳи нокоста,
Шара гардад аз ҷумла бархоста
Фитад сол то сол аз абри сиёҳ
Ситамкора таннине он ҷойгоҳ.
Ба андозаи он ки дар дашту кӯҳ
Аз ӯ сер карданд чандон гурӯҳ.
Ба уммеди он кӯҳи дарьёситез
Ки андозадаш абри селобрез,
Чу овози тандур хурӯш оваранд,
Заминро зи дӯзах ба ҷӯш оваранд[603]
Зи сармастии хуни он аждаҳо
Кунанд обу дона[604] яке маҳ раҳо.
Дигар хӯрдашон нест ҷуз беху барг,
Набошанд бемор то рӯзи марг[605].
Чу мирад аз эшон яке он[606] гурӯҳ,
Хӯрандаш ҳамон сон[607] дар он дашту кӯҳ.
На мурдор монад дар он хоки шӯр,
На кас мурдае низ бинад на гӯр.
Ҷуз ин як ҳунар нест, к-он обу хок
Зи мурдор дур асту аз мурда пок.
Ба ҳар муддат оранд бар мо шитоб,
Кунанд ошьёнҳои моро хароб.
Зи мо гӯспандон ба ғорат баранд,
Хӯришҳои мо ҳар чӣ бошад х(в)аранд.
Зи гург он чунон кам гурезад гала,
К-аз он гургсорони сагмашғала.

Чу дар мо ба куштан[608] ситез оваранд,
Бикӯшанду бар мо гурез оваранд.
Гурезем аз эшон бар ин кӯҳи сахт,
Ба кирдори паррандагон бар дарахт.
Надоранд пое чунон он гурӯҳ,
Ки моро дароранд аз он теғи кӯҳ.
Ба дафъи чунон сахт патьёрае
Савобат бувад гар кунӣ чорае.
Чу бишнид шаҳ ҳукми[609] Яъҷуҷро,
Ки пил афканад ҳар яке у(в)ҷро[610].
Бад-он гуна садде зи пӯлод баст,
Ки то растахезаш набошад шикаст,
Чу толеъ намуд он баландахтарӣ
Ки шуд сохта Садди Искандарӣ.
Аз он марҳила сӯи шаҳре шитофт,
Ки бисьёр кас ҷусту онро наёфт.
Дигарбора дар кори оламравӣ
Равон шуд саропардаи хусравӣ.
Бар он кор чун муддате баргузашт,
Битозид як моҳ[611] бар кӯҳу дашт.
Падид омад оростаманзиле,
Ки аз диданаш тоза шуд ҳар диле.
Ҷаҳондор бо раҳбасеҷони хеш
Раҳ овард чашм аз раҳоварди пеш.
Дигаргуна дид он заминро сиришт,
Ҳам оби давон дид ҳам кору кишт.
Ҳама роҳ пурбоғу девор не,
Гала дар гала кас нигаҳдор не.
Зи лашкар яке даст барзад фарох,
Қ-аз он мевае баркушояд зи шох.
Начида яке меваи тар ҳанӯз,
Зи хушкӣ танам чун камон гашт кӯз.
Саворе дигар гӯспанде гирифт,
Табаш карду з-он кор панде гирифт.

Сикандар чу з-ин ибрат огоҳ гашт,
Зи хушку тараш даст кӯтоҳ гашт.
Бифармуд то ҳар кӣ буд аз сипоҳ
2930 Зи боғи касон даст дорад нигоҳ.
Чу лахте гироянда шуд дар шитоб,
Гузар кард аз он сабзаву ҷӯи об,
Падидор шуд шаҳре ороста,
Чу фирдавсе аз неъмату хоста.
Чу омад ба дарвозаи шаҳр танг,
Надидаш даре з-оҳану чӯбу санг.
Дар он шаҳр шуд бо тане чанд пир,
Ҳама ғоятандешу ибратпазир.
Дӯконҳо басе ёфт ороста,
2935 Дару қуфл аз он ҷумла бархоста,
Муқимони он шаҳри мардумнавоз
Ба пеш омадандаш ба сад узр боз.
Фурӯд оваридандаш, аз раҳ ба кох,
Ба кохе чу минуи[612] мино фарох.
Басе хони неъмат[613] бароростанд[614],
Ниҳоданду худ пеш бархостанд.
Парастиш намуданд бо сад ниёз,
Зиҳӣ мизбонони меҳмоннавоз.
Чу пазруфт шаҳ нузлашонро ба меҳр,
2940 Бад-он хубчеҳрон барафрӯхт чеҳр.
Бипурсидашон, к-ин чунин беҳарос
Чароеду худро надоред пос.
Бад-ин эминӣ чун зиёд аз газанд,
Ки бар дар надорад касе қуфлу банд!
Ҳамон боғбон нест дар боғи кас,
Рама низ чӯпон надорад зи пас.
Шубоне неву садҳазорон гала,
Гала[615] карда бар кӯҳу саҳро яла.
Чи гунасту ин ноҳифозӣ зи чист?
2945 Ҳифози шуморо тавалло ба кист?
Бузургони он додпарвардиёр

Дуо тоза карданд бар шаҳриёр,
Ки он кас, ки бар фарқат афсар ниҳод
Бақои ту бар қадри афсар[616] диҳод!
Худо бод, дар корҳо ёварат,
Ҳунар сиккаи номи номоварат!
Чу пурсидӣ аз ҳоли мо неку бад,
Бигӯем шаҳро ҳама[617] ҳоли х(в)ад.
Чунон дон ҳақиқат, ки мо ин гурӯҳ,
Ки ҳастем сокин дар ин дашту кӯҳ,
Гурӯҳе заифони динпарварем,
Сари мӯе аз ростӣ нагзарем.
Надорем бар пардаи кач басеч
Ба ҷуз ростбозӣ надонем ҳеч,
Дари каҷравӣ бар ҷаҳон бастаем,
Зи дуньё бад-ин ростӣ, растаем.
Дурӯғе нагӯем дар ҳеч боб,
Ба шаб божгуна набинем хоб.
Напурсем чизе, к-аз ӯ суд нест,
Ки яздон аз он кор хушнуд нест.
Пазирем ҳар ч-он худой бувад,
Хусумат худойозмой бувад.
Накӯшем бо кардаи кирдигор,
Парастандаро бо хусумат чӣ кор?
Чу оҷиз бувад ёр, ёрӣ кунем,
Чу сахтӣ расад[618], бурдборӣ кунем.
Гар аз мо касеро[619] зиёне расад,
В-аз он рахна моро нишоне расад.
Бароремаш аз кисаи хеш ком,
Ба сармояи худ кунемаш тамом.
Надорад зи мо кас зи кас моли беш,
Ҳама ростқисмем дар моли хеш
Шуморем худро ҳама ҳамсарон,
Нахандем бар гирьяи дигарон.
Зи дуздон надорем ҳаргиз ҳарос,
На дар шаҳр шаҳна на дар кӯй пос.

Зи дигар касон мо надуздем чиз,
Зи мо дигарон ҳам надузданд низ.
Надорем дар хонаҳо қуфлу банд,
Нигаҳбон на бо гову бо гӯспанд.
Худо кард хурдони моро бузург,
Сутурони мо фориғ аз шеру гург.
Агар гург бар меши мо дам занад,
Ҳалокаш дар он ҳол барҳам занад.
Гар аз кишти мо кас барад хӯшае,
Расад бар дилаш тире аз гӯшае.
Бикорем дона гаҳи кишту кор,
Супорем кишта ба парвардигор.
Нагардем бар гирди говарсу ҷав,
Магар баъди шаш маҳ, ки бошад дарав.
Ба мо з-он чи бар ҷой х(в)ад мерасад,
Яке донаро ҳафтсад мерасад.
Чунин гар яке кору гар сад кунем,
Таваккал бар эзид,
на бар х(в)ад кунем.
Нигаҳдори мо ҳаст яздону бас,
Ба яздон паноҳем на дигар ба кас.
Суханчинӣ аз кас наёмӯхтем,
Зи айби касон дида бардӯхтем.
Гар аз мо касеро расад доварӣ,
Кунемаш сӯи маслиҳат ёварӣ.
Набошем касро ба бад раҳнамун,
Наҷӯем фитна ,нарезем хун,
Ба ғамхории якдигар ғам х(в)арем,
Ба шодӣ ҳамон[620] ёри якдигарем.
Фиреби зару симро дар шумор
Наёрему н-ояд касеро ба кор.
Надорем хӯрде як аз як дареғ,
Нахоҳем ҷавсанге аз кас ба теғ.
Даду домро нест аз мо гурез,
На моро ба озори эшон ситез.

Ба вақти ниёз оҳуву ғурму гӯр
Зи дарҳо дароянд моро ба зӯр.
Аз он ҷумла чун дар шикор оварем,
Ба миқдори ҳоҷат ба кор оварем.
Дигарҳо,
ки бошем аз он бениёз,
Надоремашон аз дару дашт боз.
На бисьёрхорем чун гову хар,
На лаб низ барбаста аз хушку тар.
Хӯрем он қадар моя аз гарму сард,
Ки чандон дигар тавонем х(в)ард.
Зи мо дар ҷавонӣ намирад касе,
Магар пир, к-ӯ умр дорад басе.
Чу мирад касе дил надорем танг,
Ки дармони он дард н-ояд ба чанг.
Паси кас нагӯем чизе нуҳуфт,
Ки дар пеши рӯяш наёрем[621] гуфт.
Таҷассус насозем,
к-ин кас чӣ кард,
Фиғон барнаёрем, к-онро, кӣ х(в)ард.
Ба ҳар сон, ки моро расад хубу зишт,
Сари худ натобем аз он сарнавишт.
Ба ҳар-ч офаринанда кардаст рост,
Нагӯем, к-ин чуну он аз куҷост?
Қасе гирад аз халқ бо мо қарор,
Ки бошад чу мо поку парҳезгор.
Чу аз сирати мо дигаргун шавад,
Зи паргори мо зуд берун шавад.
Сикандар чу дид он чунон расму роҳ,
Фурӯ монд саргашта бар ҷойгоҳ,
Қ-аз он хубтар қисса[622] нашнида буд,
На дар номаи хусравон дида буд.
Ба дил гуфт аз ин розҳои шигифт,
Агар зиракӣ,
панд бояд гирифт.

Нахоҳем дигар дар ҷаҳон тохтан,
Ба ҳар сайдгаҳ доме андохтан.
Маро бас шуд аз ҳар чӣ андӯхтам,
Ҳисобе, к-аз ин мардум омӯхтам.
Ҳамоно,
ки пеши ҷаҳонозмой
Ҷаҳон ҳаст аз ин некмардон ба ҷой.
Бад-эшон гирифтаст олам шукӯҳ,
Ки автоди олам шуданд ин гурӯҳ.
Агар сират ин аст,
мо бар чием?
В-агар мардум инанд, пас мо кием?
Фиристодани мо ба дарьёву дашт
Бад-он[623] буд то бояд ин ҷо[624] гузашт.
Магар сер гардам зи хӯи дадон,
Даромӯзам ойини ин бихрадон.
Гар ин қавмро пеш аз ин дидаме,
Ба гирди ҷаҳон барнагардидаме.
Ба кунче-дар аз кӯҳ биншастаме,
Ба эзидпарастӣ миён[625] бастаме.
Аз ин расм нагзаштӣ ойини ман,
Ҷуз ин дин набудӣ дигар дини ман.
Чу дид он чунон дину динпарварӣ,
Накард аз буна ёди пайғамбарӣ.
Чу дар ҳаққи худ дидашон ҳақшинос[626],
Дуруду дирам додашон беқиёс
Аз он мамлакат шодмон[627] бозгашт,
Равон кард лашкар чу дарьё ба дашт
Зи рангиналамҳои[628] дебои Рум
Вашипӯш гашта ҳама марзу бум.
Ба ҳар кӯҳу беша зи шоху зи шах
Пароканда лашкар чу мӯру малах.
Ба ҳар ҷо,
ки ӯ тохтӣ борагӣ,
Раҳондӣ басе кас[629] зи бечорагӣ.

## БОЗГАШТАНИ ИСКАНДАР АЗ ҲАДДИ ШИМОЛ БА АЗМИ РУМ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бисоз аз дами ҷонфизой[630],
Қалиде, ки шуд ганҷи гавҳаркушой[631].
Бар ин дар магар чун калид оварӣ,
Аз ӯ ганҷи гавҳар падид оварӣ.

## ВАСФИ ТОБИСТОН

Чу мева расида шавад шохро,
Қадевар фаромӯш кунад кохро.
Зи бас меваи боғ ороста,
Замин мӯҳташам гардад аз хоста.
Зи шодӣ лаби писта хандон шавад,
Рутаб бар лабаш тездандон шавад.
Шавад чеҳраи нор афрӯхта,
Чу тоҷе дар ӯ лаълҳо дӯхта.
Рухи сурхи себ андар ояд ба ғунҷ,
Ба гарданкашӣ сар барорад турунҷ.
Арӯсони разро зи май гашта маст,
Ҳама себу норинҷ бинӣ ба даст.
Зи бас нор, к-оварда бӯстон зи шох
Пур аз норписто̄н шуда кӯю кох.
Ба дуздӣ ҳам аз шохи анҷирдор
Даровехта мурғи анҷирхор.
Зи беравғанӣ хоки бодомдӯст,
Зи сар канда бодомро мағзу пӯст[632].
Лаби лаъли унноби шаккаршикан
Зада бӯса бар финдиқи бедаҳан.
Дарахтон магар сур месохтанд,
Ки уннобу финдиқ барандохтанд.

Зи сармастӣ ангури мушкинкулоҳ
Бар ангушт печида зулфи сиёҳ.
Қаду баркашида тарабрӯдро,
Гулӯгир гашта биҳ амрудро.
Сабадҳои ангури созандамай
Зи рӯи сабадкаш баровардა хай.
Шуда хӯша полуда сар то ба дум,
Зи чархушт шираш шуда сӯи хум.
Лаби хум баровардa ҷӯшу нафир,
Ҳам аз бӯи шира ҳам аз бӯи шир!
Дар ин фасл, к-офоқро сур буд,
Сикандар зи сурӣ чунон дур буд.
Биёбону водиву дарьёву кӯҳ
Шабу рӯз мегашт бо он гурӯҳ.
Басе халқро аз раҳи сулҳу ҷанг
Бурун оварид аз гузарҳои танг.
Чу паймонаи умраш омад ба сар
Бар ӯ низ ҳам санг шуд раҳгузар.
Ҷаҳонро ба омад шудан ҳар кӣ ҳаст,
Дулахтӣ даре дид, лахте шикаст.
Аз ин сарви шашпаҳлуи ҳафтшох
Ки болош танг асту паҳлу фарох[633],
Чунон-ш омад овози ҳотиф ба гӯш,
Қ-аз ин бештар сӯи бешӣ макӯш.
Расондӣ заминро ба охир наворд,
Сӯи манзили аввалин боз гард.
Сикандар чу[634] бар хат нигорад дабир,
Бувад панҷ ҳарф ин сухан ёд гир.
Бас аст ин ки бар кӯҳу дарьёи жарф
Задӣ панҷ навбат бад-ин панҷ ҳарф.
Зи кори ҷаҳон панҷа кӯтоҳ кун,
Сӯи хона то панҷ маҳ роҳ кун.
Магар ҷон ба Юнон барӣ з-ин диёр,
Нинюшандаи маст шуд ҳушьёр.

Битарсиду гӯше бар овоз дошт,
Аз он хушрикобӣ инон боз дошт.
Ба шоистагон роз маълум кард.
В-аз он ҷо гироиш сӯи Рум кард.
Ба хушкиву тарриву дарьёву дашт,
Басе роҳу бероҳро дарнавашт.
Ба Қирмон расид аз канори ҷаҳон,
Зи Қармон даромад ба Қирмоншаҳон.
В-аз он ҷо ба Бобул бурун бурд роҳ,
Зи Бобул сӯи Рум зад боргоҳ.
Чу омад зи Бобул сӯи шаҳри Зур,
Саломат шуд аз пайкари шоҳ дур.
Ба сустӣ даромад таки борагӣ,
Зи тоқат фурӯ монд якборагӣ.
Бикӯшид,
к-орад сӯи Рум рой,
Фурӯ баста шуд шахсро дасту пой.
Гумон бурд,
к-оби газоянда х(в)ард,
Дар ӯ заҳру заҳр андар ӯ кор кард.
Ниҳеби таваҳҳум танашро гудохт,
Нашуд коргар ҳар илоҷе, ки сохт.
Дуаспа фиристод қосид зи пеш
Ба юнонзамин пеши дастури хеш
Ки биштобу[635] таъҷил кун сӯи ман,
Магар боз бинӣ яке рӯи ман.
Ҳамон зираконро,
к-корогаҳанд
Биёвар агар сад в-агар панҷаҳанд.
Чу қосид ба дастури доно расид,
Дари бастаро ҷуст бо худ[636] калид.
Надид он чӣ з-ӯ растагорӣ бувад,
Дар ӯ нақши уммедворӣ бувад,
Ҳама зираконро зи Юнону Рум
Талаб карду омад бад-он марзу бум.

Ҳам аз раҳ даромад бари шаҳриёр,
Ба рӯзе,
на к-он рӯз буд ихтиёр.
Тани шоҳро бар замин дид паст,
Ба ранҷе,
ки натвон аз он ранҷ раст.
Пас онгоҳ зад бӯса бар дасти шоҳ,
Бимолидаш ангушт бар набзгоҳ.
Чу андозаи набз дид аз нахуст,
Нишон аз далеле дигар боз ҷуст.
Бифармуд аз он ҷо,
ки дарх(в)ард буд,
Давое, ки доруи он дард буд,
Даво гар бувад ҷумла оби ҳаёт,
Вафо чун кунад,
чун дарояд вафот.
Ҷаҳонҷӯйиро кор аз он даргузашт,
Ки ранҷаш ба роҳат кунад бозгашт,
Аз он моя,
к-аз хонаи асл бурд,
Баъдеат ба хоҳандагон месупурд.
Ҷаҳон чун зараш дод дар деги хос.
Халосӣ кӣ аз хок ёбад халос[637].
Вуҷудаш, ки сокин шуд аз тохтан,
Даромад ба барги адам сохтан.
Шакарханда шамъе, ки ҷон менавохт,
Чу шамъу шакар з-обу оташ гудохт.
Баромад яке боду зад бар чароғ,
Фурӯ рехт барг аз дарахтони боғ.
На сабзӣ раҳо кард бар шохи сарв,
На пар монд бар навбаҳори тазарв.
Фурӯзанда гулҳои мо бӯи мушк
Фурӯ пажмуриданд бар хоки хушк.
Сикандар, ки бар суфти маҳ зин ниҳод,
Зиноландагӣ сар ба болин ниҳод.

# ВАСИЯТНОМАИ ИСКАНДАР

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ,
туӣ мурғи соатшинос,
Бигӯ, то зи шаб чанд рафтаст пос.
Чу дер омад овози мурғон ба гӯш,
Аз он мурғи суғдӣ баровар хурӯш.

## ВАСФИ ХАЗОН

Чу боди хазонӣ даромад ба дашт,
Дигаргуна шуд боғро саргузашт.
Аз он бод барбод шуд рахти боғ,
Фурӯ мурд бар дасти гулҳо чароғ.
Зарандуд шуд сабзаи ҷӯйбор,
Раёҳин фурӯ рехт аз баргу бор.
Дарахтон зи шох оташ афрӯхтанд,
Варақҳои рангин бар ӯ сӯхтанд.
Ба бозори деҳқон даромад шикаст,
Нигаҳбони гулбун дари боғ баст.
Фусурда шуд он обҳои равон,
Ки омад сӯи биркаи хусравон.
На хуррам бувад боғ бе баргу об
Дарафканда девору гашта хароб.
Ба ҷои маю соқиву нӯшу ноз
Даду дом карда бад-ӯ турктоз.
Гирифта забон мурғи гӯяндаро,
Хасак бар гузар бод пӯяндаро!
Тамошоравон[638] боғ бигзошта,
Муғон аз чаман рахт бардошта.
Ба сӯхон зада сиблати офтоб,
Чу сӯхон пур аз чин шуда рӯи об.

Тиҳӣ монда боғ аз рухи дилкашон,
На аз булбул ово, на аз гул нишон.
Зада хор бар ҳар гуле доғҳо,
Навоеву барге на дар боғҳо.
Ба ҳангоми он барггрезони сахт
Фурӯ пажмурид он каёнидарахт[639].
Сикандар, саҳисарви шоҳаншаҳӣ
Шуд аз ранҷпарвар саломат таҳӣ.
Дама сарду шаҳ бо дами сард буд,
Ҷаҳонгардро бо ҷаҳон гард буд.
Чу буньёди давлат ба сустӣ расид,
Тавоно ба нотандурустӣ расид.
Шикаста шуд он мурғро парру бол,
Ки ҷавлон задӣ дар ҷаҳон моҳу сол.
Бипажмурд лола,
биёфтод сарв,
Ба чанголи шоҳин табаҳ шуд[640] тазарв.
Табибони лашкар, бузургони шаҳр
Нишастанд бар гирди солори даҳр,
Мудовои бемори ангехтанд,
Зи ҳар гуна шарбат баромехтанд.
Зи қорураву набз ҷустанд роз,
Наёмад ба каф умри гумгашта боз.
Табиб ар чӣ донад, мудово намуд,
Чу муддат намонд аз[641] мудово чӣ суд.
Пажуҳишкунон чора ҷустанд боз,
Нишинандаро рафтан омад фароз.
Ба чорагарӣ н-омад он дур ба чанг,
Ки пӯянда ёбад замоне диранг.
Чу вакти раҳилояд аз ранҷу дард,
Замона барорад баҳона ба мард.
Чунон афшурад рӯзгораш гулӯ,
Ки бар марги хеш оядаш орзӯ.
Сиголиш басе шуд дар он ранҷу тоб,
Наёфтод аз он ҷумла рои савоб.

Чароғе, ки маргаш кунад дардманд,
Ҳам аз равғани хеш ёбад газанд.
Ҳар он мевае,
к-ӯ бувад дарднок,
Ҳам аз ҷунбиши худ дарафтад ба хок.
Пизишке, ки ӯ чораи ҷон кунад,
Чу дармонда бинад, чӣ дармон кунад.
Шиносандаи ҳарфи нӯҳ тахти нил
Ҳисоби фалак ронд бар тахту мил.
Рухи толеи асл бе нур ёфт,
Назарҳои саъдон аз ӯ дур ёфт.
Надид аз мадорои ҳеҷ ахтаре,
Дар озарми ҳайлоҷ ёригаре.
Чу дид ахтаронро дил андар ҳарос.
Ҳаросанда шуд марди ахтаршинос.
Чу Искандар оина дар пеш дошт,
Назар дар танумандии хеш дошт.
Тане дид чун мӯй бигдохта,
Гурезандаҷоне ба лаб тохта.
На дар табъ неру, на дар тан тавон,
Ҳамида шуда зодсарви[642] ҷавон.
Чу шамъ аз ҷудо гаштани ҷону тан
Ба сад дида бигрист бар хештан.
Талаб кард ёрони дамсозро,
Ба саҳро ниҳод аз дил он розро,
Ки киштӣ даромад ба гирдоби танг,
Даҳан боз кард он даманданаҳанг.
Хурӯши раҳил омад аз кӯчгоҳ,
Ба нахчир хоҳад шудан маҳди шоҳ.
Фалак пеш аз ин бар ман осуда гашт,
Ба осоишам дошт бар кӯҳу дашт.
Ба кина кунад дар ман акнун нигоҳ
Ҳамон меҳрубонӣ шуд аз меҳру моҳ.
Чунон бар ман ошуфта шуд рӯзгор,
Ки раҳ н-оварам сӯи сомони кор.

Чӣ тадбир созам, ки чархи баланд
Қулоҳи маро дар сар орад каманд.
Қуҷо хозини лашкару[643] ганҷи ман
Ба ришват магар кам кунад, ранҷи ман?
Қуҷо лашкарам то ба шамшери тез
Диҳанд ин табишро зи ҷонам гурез.
Сикандар манам хусрави девбанд
Худованди шамшеру тахти[644] баланд.
Қамарбаставу теғбардошта
Яке гӯш носуфта нагзошта.
Ба тӯфони шамшер заҳроб х(в)ард,
Зи дарьёи қулзум бароварда гард.
Басе хурдро карда[645] аз худ бузург,
Басе гӯсфандон раҳонда[646] зи гург.
Шикаста басеро баҳам бастаам,
Басе бастаро низ бишкастаам.
Ситамро ба шафқат бадал карда низ[647],
Басо мушкилеро, ки ҳал карда низ[648].
Зи Қаннуҷ то Қулзуму Қирвон,
Чу меғе равон буд теғам равон.
Чу марг омад он теғ занҷир шуд,
На занҷир,
доми гулӯгир шуд.
Набаштам басе кӯҳу дарьёву дашт,
К-аз он сон касе дарнадонад набашт[649].
Ба дорои давлат сар афрохтам,
Зи Доро ба давлат сар андохтам.
Задам гардани Фури қаттолро,
Гирифтам ба Чин ҷои Чиполро.
Зи Қобилу Ҳобил кин хостам,
Зи носик ба мансак раҳ оростам.
Фурӯ шустам аз мулк расми маҷус,
Баровардам оташ зи дарьёи рус.
Шудам бар сари тахт ҷамшедвор,
Зи ганҷи Фаредун кушодам ҳисор.

Барандохтам дахмаи[650] Одро,
Кушодам дари қасри Шаддодро.
Сарандебро кор барҳам задам,
Қадам бар қадамгоҳи Одам задам.
Хабар додам аз Рустаму лахти ӯ,
Ҳам аз ҷоми Қайхусраву тахти ӯ.
Зи машриқ ба мағриб расондам наванд,
Ҳамон Садди Яъҷуҷ кардам баланд.
Ба қудс оваридам чу Одамнишаст,
Задам низ дар ҳалқаи Қаъба даст.
Зи зулмот машъал барафрӯхтам,
Ба зулми ҷаҳон тахта бардӯхтам.
Ба бозӣ наяндӯхтам ҳеҷ ном,
Ба ғафлат напардохтам[651] ҳеҷ гом[652].
Ба ҳар ҷо ки рафтан басеҷидаам,
Сар аз доду дониш напеҷидаам.
Ҳавое, к-аз ӯ сангу хоро гудохт,
Чу неруи тан буд бо мо бисохт.
Кунун дар шабистони хаззу паранд,
Чу неру намондам шудам дардманд.
Сар омад ба болин чу тан гашт суст,
Напояд[653] ба болин сари тандуруст.
Сияҳ то сияҳ дидам ин коргоҳ[654],
Зи реги сияҳ то ба оби сиёҳ.
Гарам боз пурсӣ,
ки чун будаам,
Намоям, ки якдам напаймудаам.
Бад-он тифли якрӯза монам, ки мурд,
Надида ҷаҳонро ҳаме ҷон супурд.
Ҷаҳон ҷумла дидам зи болову зер,
Ҳанӯзам нашуд дида аз дид сер[655].
На ин сиву шаш гар бувад сӣ ҳазор,
Ҳамин нукта гӯям саранҷоми кор: —
«Кушодам дари розҳои сипеҳр,
Ҳам аз моҳ додам нишон ҳам зи меҳр.

Ҷаҳондидагонро шудам ҳақшинос,
Ҷаҳонофаринро намудам сипос.
Набурдам ба сар умр дар ғофилӣ,
Магар дар ҳунармандию оқилӣ.
Зи ҳар донише дафтаре хондаам,
Чу марг омад он ҷо фурӯ мондаам.
Қушодам дари ҳар ситамкорае,
Надонам дари маргро чорае.
Ба ҷуз марг ҳар мушкилеро, ки ҳаст
Ба чорагарӣ чора омад ба даст.
Қуҷо рафтаанд он ҳакимони пок,
Қи зар мефишондам бар эшон чу хок».
Биёед, гӯ, хокро зар кунед,
Мудовои ҷони Сикандар кунед.
Арасту куҷо то ба фарҳангу рой[656],
Бурунам ҷаҳонад аз ин тангной[657].
Балинос, ку то ба афсунгарӣ
Қунад чораи[658] ҷони Искандарӣ?
Қуҷо шуд Фалотуни парҳезкор,
Магар нуктае бо ман орад ба кор?
Намудори Волиси доно куҷост?
Бидонад магар,
к-ин газанд аз чӣ хост?
Бихонед Суқроти фарзонаро,
Қушояд магар қуфли ин хонаро?
Дуаспа ба Хирмис фиристид кас,
Магар шоҳро дил диҳад як нафас.
Баред ин ҳикоят ба Фарфуриус
Магар боз харрад маро з-ин фусус.
Дигарбора гуфт ин сухан ҳаст бод,
Дар ин дард аз эзид тавон кард ёд.
Зи ранҷам дар осоиш орад магар,
Бар ин хок[659] бахшоиш орад магар?[660]
Нагирад касам дасту н-орад ба ёд,
Бад-ин бекасӣ дар ҷаҳон кас мабод!

Чу гашт[661] осмонам чунин гӯшпеч,
Набояд баровардан овоз ҳеҷ.
Зи хоке, ки сар баргирифтам нахуст,
Ҳамон хокро боядам[662] боз ҷуст.
Аз он пеш, к-афтам дар он обканд,
Сипар бар сари об хоҳам фиганд.
Зи модар бараҳна расидам фароз,
Бараҳна ба хокам супоранд[663] боз.
Сабукбор зодам, гарон чун шавам,
Чунон к-омадам беҳ[664], ки берун шавам.
Яке мурғ бар кӯҳ биншасту хост,
Чӣ афзуд бар кӯҳ ё з-ӯ чӣ кост?
Ман он мурғаму мамлакати кӯҳи ман,
Чу рафтам, ҷаҳонро чӣ андӯҳи ман?
Басе чун маро зоду ҳам зуд кушт,
Ки нафрин бар ин дояи кужпушт.
Зи ман гарчи диданд шафқат басе,
Ситам низ ҳам дида бошад касе.
Ҳалолам кунед ар ситам кардаам,
Ситамгаркӯшӣ низ ҳам кардаам.
Чу мушкинсарирам дарояд ба хок,
Ба мушкӯи покон парад ҷони пок.
Ба ҷои ғуборе, ки бар сар кунед,
Ба омурзиши ман забон тар кунед?»
Бигуфт ину чун кас надодаш ҷавоб,
Фурӯ хуфту бехештан шуд ба хоб.

## САВГАНДНОМАИ ИСКАНДАР БА СӮИ МОДАР

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дигарбора бинвоз руд,
Ба ёд ор аз он хуфтагон дар суруд.

Бубин сӯзи ман соз кун сози ту
Магар хуш бихуфтам бар овози ту.

## ДОСТОН

Чу бар гул шабехун кунад замҳарир,
Ба тифлӣ шавад шохи гулбарг пир.
Нашояд шудан маргро чорасоз,
Дари чора бар кас накарданд боз.
Таби марг чун қасди мардум кунад,
Илоҷ аз шиносанда пай гум кунад.
Чу шабро гузориш даромад ба зист,
Бихандид хуршеду шабнам гирист.
Ҷаҳондор нолaндатар шуд зи дӯш,
Зи бонги ҷарасхо баромад хурӯш.
Арасту ҷаҳондидаи чорасоз
Ба бечорагӣ монд аз он чора боз,
К-умеди биҳӣ дар шаҳаншаҳ надид,
Дар андозаи кори[665] ӯ раҳ надид.
Ба шаҳ гуфт, к-Эй шамъи равшанравон,
Ба ту чашмравшан ҳама хусравон.
Чу парвардагонро назар шуд зи кор,
Назар дор бар файзи парвардигор.
Аз он пештар, к-омад ин сели тез
Чаро барнаёмад зи мо растахез?
В-аз он пеш, к-ин май бирезад ба ҷом,
Чаро ҷони мо барнаёмад зи ком?
Нахоҳам, ки мӯет ларзон шавад,
Туро мӯй афтад, маро ҷон шавад,
Валек аз чунин шарбате ногузир
Набошад кас эмин зи барнову пир.
На дил медиҳад гуфтан ин май бинӯш,
Ки майхорагонро барорад зи ҳӯш.

На гуфтан тавон, к-ин суроҳӣ бирез,
Ки дар базми шаҳ кард натвон ситез.
Дареғо, чароғе бад-ин равшанӣ
Бихоҳад нишастан зи беравғанӣ.
Мадор аз тиҳиравғанӣ дил ба доғ,
Ки ногаҳ зи пӣ[666] барфурӯзад чароғ.
Ҷаҳондор гуфто: — «Аз ин даргузар,
Ки омад маро зиндагонӣ ба сар.
Ба фармони ман нест гардонсипеҳр,
На ман додаам гардиши моҳу меҳр.
Қафе хокаму қатрае оби суст,
Зи нармодае офарида нахуст.
Зи парвардагиҳои парвардигор
Ба он ҷо расидам саранҷоми кор,
Ки чандон ки шояд шудан пешу пас,
Маро буд бар ҷумлагӣ дастрас.
Дар он вақт кардам ҷаҳонхусравӣ,
Ки ҳам ҷон[667] қавӣ буду ҳам тан қавӣ.
Чу омад кунун нотавонӣ падид,
Ба дигар када рахт бояд кашид.
Мадеҳ беш аз инам шароби ғурур,
Ки ҳаст оби ҳайвон аз ин чора дур.
Зи дӯзах машав ташнаро чораҷӯй[668],
Сухан дар биҳишт асту он чор ҷӯй[669].
Дуоро ба омурзиш овар ба кор,
Магар раҳмате бахшад омурзгор,
Чу рахт аз бари кӯҳ бурд[670] офтоб,
Сари шоҳи шоҳон даромад ба хоб.
Шам омад, чӣ шаб, к-аждаҳое сиёҳ
Фурӯ баст зулмат пасу пеши роҳ.
Шабе сахт бемеҳру торикчеҳр,
Ба торикӣ — андар кӣ дидаст меҳр?
Ситора гиреҳ баста бар корҳо,
Фурӯ дӯхта лаб ба мисморҳо.

Фалак дузду моҳи фалак дуздгир,
Ба ҳам ҳар ду афтода дар хумми қир.
Ҷаҳон чун сияҳдуде ангехта,
Ба мӯе зи дӯзах даровехта.
Дар он шаб бад-он гуна бигдохт шоҳ,
Ки дар бисту ҳафтум шаби хеш моҳ,
Чу аз меҳри модар ба ёд омадаш,
Парешонӣ андар ниҳод омадаш.
Бифармуд, к-аз румиён як дабир,
Ки бошад хирадманду бедору пир,
Ба дуди сияҳ даркашад[671] хомаро,
Нависад сӯи[672] модараш номаро.
Дар он нома савгандҳои гарон,
Фиребанда чун лобаи модарон;
Ки аз баҳри ман дил надорӣ нажанд,
Накӯшӣ ба фарьёди носудманд
Дабири забоновар аз гуфти шоҳ
Ҷаҳон кард бар номахонон сиёҳ.
Душоха сари килк якшох кард,
Фалакро ба фарҳанг сӯрох кард.
Чу бар шуққаи коғаз омад абир,
Шуд андоми коғаз чу мушкинҳарир.
Зи паргори маънӣ, ки борик шуд,
Нависандаро чашм торик шуд.
Пас аз офарин, офаринандаро,
Ки бинои ӯ дод бинандаро,
Якеву бад-ӯ ҳар якеро ниёз,
Якояк ҳама халқро корсоз.
Чунин баста буд он фурӯзоннигор,
Аз он парваришҳо, ки ояд ба кор,
Ки — Ин нома аз ман,
ки Искандарам,
Сӯи чор модар, на як модарам,
Ки гар қатра шуд чашма падруд бод,
Шикастасабӯ бар лаби рӯд бод!

Агар сурхсебе даромад ба гард,
Зи равнақ маяфтод норинҷи зард.
Бар ин зардгул гар ситам кард бод,
Дарахти гули сурх сарсабз бод!
На ин гӯям, эй модари меҳрубон,
Ки меҳр аз дил ояд[673] фузун аз забон.
Бисӯзӣ яке гар хабар бишнавӣ,
Ки чун шуд ба бод[674] он гули хусравӣ.
Масӯз, аз паи дастпарварди хеш,
Бинеҳ даст бар сӯзиши дарди хеш.
Аз ин сӯзат айём дурӣ диҳод.
Худоят дар ин ғам сабурӣ диҳод.
Ба шире, ки хӯрдам зи пистони ту,
Ба хобн хушам дар шабистони ту,
Ба сӯзи дили модари пешмир,
Ки бошад ҷавон мурда ӯ монда[675] пир.
Ба фармонпазирони дуньёву дин,
Ба фармондеҳи осмону замин,
Ба ҳуҷҷатнависони девони хок,
Ба ҷовидмонони минуи пок,
Ба зиндониёни заминзерхишт,
Ба нузҳатнишинони хоки[676] биҳишт,
Ба ҷоне, к-аз ӯ ҷонвар шуд набот,
Ба ҷондоварӣ, к-орад аз ғам наҷот,
Ба мавҷе, ки хезад зи дарьёи ҷуд,
Ба амре, к-аз ӯ созвар шуд вуҷуд,
Ба он ном, к-аз номҳо бартар аст,
Ба он нақш, к-ороиши пайкар аст,
Ба паргори ҳафт осмони баланд,
Ба феҳрасти ҳафт ахтари арҷманд,
Ба огоҳии марди яздоншинос,
Ба тарсоии ақли[677] соҳибқиёс.
Ба ҳар шамъ, к-аз дониш афрӯхтанд,
Ба ҳар киса, к-аз файз бардӯхтанд,
Ба фарқе, ки давлат бар ӯ тофтаст,

Ба пое, ки роҳи ризо ёфтаст,
Ба парҳезгорони покизарой,
Ба борикбинони мушкилкушой,
Ба хушбӯии хоки афтодагон,
Ба хушхӯии табъи озодагон,
Ба озарми султони дарвешдӯст,
Ба дарвеши қонеъ, ки султон худ ӯст,
Ба сарсабзии субҳи ороста,
Ба мақбулии нузли нохоста,
Ба шабзиндадорони бегоҳхез,
Ба хоки ғарибони[678] хунобарез,
Ба шабнолаи талхи зиндониён,
Ба қандили меҳроби рӯҳониён,
Ба мӯҳтоҷии тифли ташна ба шир,
Ба навмедии дардмандони пир,
Ба зилли ғарибони бемортӯш,
Ба ашки ятимони печидагӯш,
Ба узлатнишинони саҳрои дард[679],
Ба нохункабудони сармои[680] сард,
Ба нохуфтагиҳои ғамхорагон,
Ба дардмондагиҳои бечорагон,
Ба ранҷе, ки хуспад бар осудагӣ,
Ба ишқе, ки пок аст аз олудагӣ,
Ба пирӯзии ақли кӯтоҳдаст,
Ба хурсандии зӯҳди хилватпараст,
Ба ҳарфе, ки дар дафтари мардумист,
Ба нақше, ки маҳмилкаши одамист,
Ба дарде, ки захмаш падидор нест,
Ба захме, ки бо марҳамаш кор нест,
Ба сабре, ки дар ношикебо бувад,
Ба шарме, ки дар рӯи зебо бувад,
Ба фарьёд-фарьёди он як нафас,
Ки навмед бошад зи фарьёдрас,
Ба сидқе, ки рӯяд зи динпарварон,
Ба ваҳйе, ки ояд ба пайғамбарон,

Бад-он раҳ, к-аз ӯ нест касро гузир,
Бад-он роҳбар, к-ӯ бувад дастгир,
Ба он дар, к-аз ин дар гузаштан бад-ӯст,
Марову туро боз гаштан бад-ӯст,
Ба нодидани рӯи дамсози ту,
Ба маҳрумии гӯш аз овози ту,
Ба он орзу, к-аз манат бас мабод,
Бад-ин оҷизӣ, к-инчунин кас мабод![681]
Ба додофарине, ки доранда ӯст,
Ҳамон ҷондеҳу ҷонбароранда[682] ӯст,
Ки чун ин васиқат расад сӯи ту,
Нагирад гиреҳ тоқи абрӯи ту.
Мусибат надорӣ, напӯшӣ палос,
Ба ҳинҷори манзил шавӣ раҳшинос.
Напечӣ ба нола нагардӣ зи роҳ,
Кунӣ дар саранҷоми гетӣ нигоҳ.
Агар монданӣ шуд ҷаҳон бар касе,
Бимон дар ғаму сӯгворӣ басе,
В-ар эдун, ки бар кас намонад ҷаҳон,
Ту низ ошно бош бо ҳамраҳон.
Гарат рағбат ояд, ки андӯҳ х(в)арӣ,
Кунӣ сӯгвориву мотамгарӣ.
Аз он пеш, к-андӯҳ хӯрӣ, зинҳор
Баророй меҳмоние шоҳвор.
Бихон халқро ҷумла меҳмони хеш,
Мунодӣ барангез бар хони хеш,
Ки он кас хӯрад ин хӯришҳои пок,
Ки ғоиб набошад[683] варо зери хок.
Агар з-он хӯришҳо хӯрад меҳмон,
Ту низ андӯҳи ман бихӯр дарзамон.
В-агар кас наёрад назар сӯи х(в)ард,
Ту низ андӯҳи ғоибон дарнавард.
Ғами ман махӯр, к-они ман даргузашт,
Ба кори ғами хеш кун бозгашт.

Чунон дон, ки ёбам ду чандин диранг,
На ҳам пои умрам дарояд ба санг?
Чу бисьёрии умри мо андакест,
Агар даҳ[684] бувад солу гар сад якест.
Чаро тарсам аз рафтани ҳаштбоғ[685],
Ки дар бо калид асту раҳ бо чароғ?
Чаро сар наёрам сӯи он сарир,
Ки ҷовид бошам бар ӯ ҷойгир.
Чаро хуш наронам бад-он сайдгоҳ,,
Ки бедуд абр асту бе гард роҳ.
Чу бар ман намонд ин сарои фиреб,
Зи ман бод вомондагонро шикеб!
Чу шабдизи ман ҷаст аз ин тундрӯд
Зи ман бод бар дӯстдорон дуруд.
Раҳонид моро фалак з-ин ҳисор,
Ки бодо ҳама кас чу мо растагор».
Чу нома ба сар бурду унвон набишт
Фиристоду худ рафт сӯи биҳишт.
Ба сад меҳнат овард шабро ба рӯз,
Ҳама рӯз нолид бо дарду сӯз.
Дигар шаб,
ки шаб тахт бар пил зад,
Замин чун фалак ҷома дар нил зад.
Чу хуршеди гарданда бар гирди рӯй
Дар он шаб зи нохун баровард мӯй.
Ситора фурӯ рехт нохун зи чанг,
Ҳаво шуд пур аз нохуни симранг.
Зи дида фурӯ бастани рӯи шоҳ,
Ба нохун харошида шуд рӯи моҳ.
Палосе зи гесӯи шаб сохтанд,
Заминро ба гардан дарандохтанд.
Зи коми занаб заҳре ангехтанд,
Маҳи чархро дар гулӯ рехтанд.
Дигаргуна шуд шоҳ аз оини хеш,
Қ-аҷал дид болои[686] болини хеш,

Бияфшурд хуни рагаш зери пай,
Зи ҷӯшидани хун[687] баровард хай.
Сиёҳӣ зи дида бидуздид хол[688],
Сапедадамашро даромад завол.
Ба ҷои омаду ҷонаш аз кор шуд,
Дами ҷон супурдан падидор шуд.
Бихандиду дар ханда чун шамъ мурд,
Бад-он кас, ки ҷон дод, ҷонро супурд.
Зи шамъи даманда чунон рафт нур,
Қ-аз ӯ монд бинандаро чашм дур.
Шитобандамурғ он чунон барпарид,
Ки то ошьён ҳеҷ мурғаш надид.
Надидам касеро зи корогаҳон,
Ки огаҳ шуд аз корҳои ниҳон.
Дар ин кор агар чорае кас шинохт,
Чаро чораи кори худро насохт?
Сикандар чу барбаст аз ин хона рахт,
Задандаш ба болои ин хайма тахт.
Чӣ некӣ, ки андар ҷаҳон ӯ накард,
Ҷаҳонаш биёзурду некӯ накард!
Саранҷом чун дар[689] паси парда рафт,
Зи бедодгетӣ дилозурда рафт.
Агарчи зи раҳ тофтан[690], тафта буд,
Раҳе рафт,
к-он роҳ норафта буд.
Раҳанҷомро ҳар кучо соз дод,
Аз он раҳ ба гетӣ хабар боз дод.
Чаро чун ба кӯчи адам роҳ руфт,
Хабарҳои он роҳ бо кас нагуфт.
Магар ҳар кӣ даргирад ин роҳ пеш,
Фаромӯш кунад роҳи гуфтори хеш.
Агар гуфтанӣ будӣ ин қисса боз,
Нуҳуфта намондӣ дар ин парда роз.
Баҳори Сикандар чу аз боди сахт
Ба хок уфтод аз[691] каёнидарахт.

Заданд аз камарҳои заркорӣ ӯ
Яке маҳди заррин сазовори ӯ.
Паранди дарунаш зи кофур пур,
Ба дебои берун баромуда дур.
Аз андӯдани мушку моварду уд
Ба ҷудӣ шуда мавҷи тӯфони ҷуд.
Рақибе, ки атраш кафансой кард,
Ба тобути заррин-дараш ҷой кард.
Чу тан мурду андоми чун сим суд,
Қафан атру тобути симин чӣ суд.[692]
Зи тобут фармуда буд шаҳриёр,
Ки як дасти ӯро кунанд ошкор.
Дар он даст хоке тиҳӣ рехта,
Мунодӣ зи ҳар сӯ барангехта,
Ки фармондеҳи ҳафт кишварзамин
Ҳамин як тан омад зи шоҳон, ҳамин.
Зи ҳар ганҷи дунъё,
ки дар бор баст,
Ба ҷуз хок чизе надорад ба даст.
Шумо низ чун аз ҷаҳон бигзаред,
Аз ин хокдон тирахоке баред.
Сӯи Миср бурдандаш аз шаҳри Зур,
Ки буд он диёр аз бадандеш дур.
Ба Искандарияш ватан сохтанд,
Зи тахташ ба тахта дарандохтанд.
Зи доғи ҷаҳон ҳеҷ кас ҷон набурд,
Қас ин руқъа бо ӯ ба поён набурд.
Баробар дар айвони он тахтгоҳ
Ниҳоданд зери замин тахти шоҳ.
Надорад ҷаҳон дӯстӣ бо касе,
Наёбӣ дар ӯ меҳрубонӣ басе.
Ба хокаш супурданду гаштанд боз,
Дари дахма карданд бар вай фароз.
Ҷаҳонро бад-ин гуна шуд расму роҳ,
Барорад ба гоҳу надорад нигоҳ.

Ба поён расонданд чандин ҳазор,
Наёмад ба поён ҳанӯз ин шумор.
На з-ин ришта сар метавон тофтан,
На сарриштаро метавон ёфтан.
Таҷассусгарӣ шарти ин кӯй нест,
Дар ин парда ҷуз хомӯшӣ рӯй нест.
Бубин дар ҷаҳон гар ҷаҳондидаӣ,
Қ-аз ӯ чанд касро зиён дидаӣ.
Ҷаҳоне, ки бо инчунин хорӣ аст,
На дархӯрди чандин ситамкорӣ аст.
Чӣ бинӣ дар ин торами сурмагун,
Ки меояд аз мили ӯ сели хун.
Чу хуршед шуд[693] оташинмили ӯ,
Дарандоз санге ба қандили ӯ.
Дар ин мил мангар, ки зарринваш аст,
Ки он зар на, аз сурхии оташ аст.
Сари созгорӣ надорад сипеҳр,
Қамар баста бар кини мо моҳу меҳр[694].
Машав ҷуфти ин ҷодуи заркқсоз,
Ки пинҳонкӯш аст, ошкоронавоз.
Бурун лофи марҳампарастӣ занад,
Дарун захмаҳои дудастӣ занад.
Зи шуғли ҷаҳон даркаш, эй дӯст, даст,
Ки шоҳӣ бад-ин ҷавшан аз теғ раст.
Чу тӯфони инсофхоҳӣ бувад,
Натарсад зи ғарқ он ки моҳӣ бувад.
Ҷаҳон чун дӯкони бирешимкашест.
Аз ӯ ниме обе,
дигар оташест.
Диҳад ҳалқаеро аз ин сӯ биҳӣ,
В-аз он сӯ кунад ҳалқаеро тиҳӣ.
Ба ғетипажуҳӣ чӣ поем дер,
Ки дудест болову гардест[695] зер.
Бад-он монад аҳволи ин дуду гард,
Ки ҳаст осмон бо замин дар набард[696].

Агар осмон бо замин сохтӣ,
Зи мо ҳар замонаш напардохтӣ.
Низомӣ гиреҳ барзан ин бандро,
Матарсу матарсон тане чандро.
Ба меҳмонии базми султон шудан,
Нашояд ба раҳ-бар пушаймон шудан.
Чу султон сало дардиҳад гӯш кун,
Маи талх бар ёди ӯ нӯш кун.
Сикандар, к-аз он ҷоми чун гулшукуфт
Ситад ҷому бар ёди ӯ хӯрду хуфт.
Қасеро, ки он май хӯрад нӯш бод,
Ба ҷуз ёди султон фаромӯш бод!

## РАСИДАНИ НОМАИ ИСКАНДАР БА МОДАРАШ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, як имшаб бар овози чанг
Халосам деҳ аз ранҷи ин роҳи танг.
Магар чун шавад роҳ бар ман фарох,
Барам рахт берун аз ин санглох.

## ВАСФИ ЗИМИСТОН

Зимистон чу пайдо кунад дастбурд,
Фурӯ борад аз абр борони хурд.
Гулӯдарди офоқро аз ғубор
Луъобе зуҷоҷӣ диҳад рӯзгор.
Дару даштро шабнами чархи кӯз
Кунад эмин аз таффу тоби тамӯз.
Ба ташнагиёҳои ҷуллобгир
Яхи хурдкарда диҳад замҳарир.

Ҷавонмардии боғи пироясанҷ
Шавад муфлис аз кимиёҳои ганҷ.
Диҳанд об райҳонфурӯшони дай
Сафолина хумро зи райҳонӣ-май.
Хуми хони деҳқон чу ояд ба ҷӯш,
Қасаб бифганад пири пашминапӯш.
Ғизолон, ки дар нофа мушк оваранд,
Қабоби тару нуқли хушк оваранд.
Нишинанд шоҳон ба ромишгарӣ,
Хӯранд оби ҳайвони искандарӣ.
Чӣ гуфтам, дигарраҳ чӣ зод аз сухан,
Чӣ бозӣ баророст чархи кӯҳан!?

## ДОСТОН

Чу з-Искандар омад ба Рум огаҳӣ,
Ки олам шуд аз шоҳи олам тиҳӣ.
Мулуки тавоиф ба[697] ҳар кишваре,
Нишастанду гетӣ надорад саре.
Бузургон агар дастбӯс оваранд[698],
Ба даргоҳи Искандарус оваранд[699].
Ҳама зевари Рум шуд зоғранг,
Ба Рум андаромад шабехуни занг.
Ҳамон номае шаҳ, ки бинвишт пеш,
Ба модар супурданд бар мӯҳри хеш.
Чу модар фурӯ хонд ғамномаро,
Сияҳ кард ҳам ҷому ҳам ҷомаро.
Зи тӯмори[700] он номаи дилшикан,
Чу тӯмор печид бар хештан,
Вале гар чӣ шуд рӯз бар вай сиёҳ,
Сари худ напечид аз андарзи шоҳ.
Ба уммеди хушнудии ҷони ӯ
Нигаҳ дошт савганду паймони ӯ.

Паси шоҳ низ ӯ фаровон назист,
Ҳама сола хун хӯрду хун мегирист.
Чу шуд кори ӯ низ ҳам сохта
Аз ӯ низ шуд кор пардохта.

## НОЛИДАНИ ИСКАНДАРУС ДАР МАРГИ ПАДАР ВА РАҲО ҚАРДАНИ ПОДШОҲӢ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, бад-он сози ғамгиннавоз
Дар ин сӯзиши ғам маро чора соз.
Магар, к-аз як овози ромишфурӯз
Маро з-ин шаби меҳнат орӣ ба рӯз.

### ДОСТОН

Пас аз марги Искандар, Искандарус,
Ба ошӯби шоҳӣ назад низ[701] кӯс.
Агарчи зи шоҳони пирӯзбахт
Ҷуз ӯ кас наёмад сазовори тахт.
Бад-ин мулки даҳрӯза рое надошт,
Ки чандон навоин навое надошт.
Бинолид чун булбули дардманд,
Ки зер афтад[702] аз шохи сарви баланд.
Бузургони лашкар намуданд ҷаҳд,
Ки бо он валиаҳд банданд аҳд.
Дари ганҷ бар вай кушоянд боз,
Ба ҷои Сикандар барандаш намоз.
Маликзодаро азми шоҳӣ набуд,
Ки дар вай ҷуз эзид паноҳе набуд.
Зи шоҳону лашкаркашон узр хост,
Ки бар ҷуз мане[703] шуғл доред рост,

Ки бар ман ҳаром аст май хостан,
Ба ҷои падар маҷлис оростан.
Маро бо ҳисоби ҷаҳон кор нест,
Ки ин риштаро сар падидор нест.
Ба моҳам гумон буд, ки гардад ба санг,
Ба хуршед, к-афтад ба коми наҳанг.
Гумонам набуд, к-он ҷаҳонгиршоҳ
Ба рӯзи ҷавонӣ кунад азми роҳ.
Фурӯ монад айвону авренгро,
Пазиро шавад дахмаи тангро.
Ман аз хидмати хокиён растаам,
Ба эзидпарастӣ миён бастаам.
Ба ин сарсарӣ пули нопойдор
Чӣ гуна тавон кард пой устувор?
Ҳамоно, ки беш аз падар нестам,
Падар чун фурӯ рафт, ман кистам?!
Нахоҳам шудан з-ӯ ҷаҳонгиртар,
На з-ӯ низ бо рою тадбиртар.
Зи дунъё чӣ дид ӯ бад-он дилкашӣ,
Ки ман низ бинам ҳамон дилех(в)ашӣ.
Чу дидам,
к-аз ин ҳалқаи ҳафтҷӯш,
Бар он тахтвар шуд ҷаҳон тахтапӯш.
Ҳама тахту пирояро сӯхтам,
Ба тахти каён тахта бардӯхтам.
Нишастам ба кунҷе чу афтодагон,
Ба озодии ҷони озодагон![704]
Ҳавасҳои ин нуқраи зархарид,
Басо киса, к-аз нуқраву зар дарид.
Чу паймона пур гашту пуртар кунӣ,
Ба сар даркунӣ ҳар чӣ дар сар кунӣ.
Ҳамон беҳ, ки пеш аз барангехтан,
Шавам дур аз ин ҷой бигрехтан.
Надорам сари тоҷу савдои тахт,
Ки тарсам шабехун дарояд ба бахт.

Дар ин ғор чун анкабутони ғор
Зи мӯру магас чанд гирам шикор.
Яке дайри хоро ба даст оварам,
Дар он дайр танҳо нишаст оварам.
Ба ашки худ аз гавҳари ҷони пок
Фурӯ шӯям олудагиҳои хок.
Бипечам сар аз ҳар чӣ печиданӣ
Бисечам ба кори бисечиданӣ.
Шавам мурғу дар кӯҳ тоат кунам,
Ба тухми[705] гиёҳе қаноат кунам.
Ба осонӣ аз ранҷҳо нагзарам,
Ки душвор мирам чу осон х(в)арам.
Чу ҳангоми рафтан дарояд фароз,
Кунам бар фаришта дари дев боз.
Маро чун падар дар мағок афканед,
Қафе хокро зери хок афканед.
Чу аз марг бисьёр ёд оварӣ.
Шикебанда бошӣ дар он доварӣ.
В-агар н-орӣ аз талхии марг ёд,
Ба душворӣ он дар тавонӣ кушод[706].
Саранҷом дар дайри кӯҳе нишаст,
Зи шуғли ҷаҳон дошт якбора даст.
Дил аз шугли олам
ба тоат супурд,
Бар ин зист гуфтан нашояд, ки мурд.
Ту низ,
эй ҷавон аз паси пири хеш,
Магардон аз ин шева тадбири хеш,
Ки дар олам ин чархи найрангсоз
На он кард,
к-онро тавон гуфт боз.
Басо, юсуфонро,
ки дар чоҳ баст,
Басо, гарданонро,
ки гардан шикаст.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ АРАСТУ

### МУҒАНИИНОМА

Муғаннӣ, дилам сер гашт аз нафир,
Баровар яке нола бар бонги зер.
Магар нолаи зерам ояд ба гӯш,
Аз ин нолаи зор гардам хамӯш.

### ДОСТОН

Сикандар чу з-ин кунда бикшод банд,
Барафканд бар ҳисни гардун каманд.
Ҳама файласуфони даргоҳи ӯ
Дар он пӯя гаштанд ҳамроҳи ӯ.
Арасту чу во монд аз он офтоб,
Аз абри сияҳ баст бар худ ниқоб.
Сиёҳӣ бипӯшиду дар ғам нишаст,
Чу вакт омад ӯ низ ҳам рахт баст.
Зи сарви саҳӣ рафт болandagӣ,
Табиат даромад ба нolandагӣ.
Нишастанд юнониён гирди ӯ,
Зи устоди ӯ то ба шогирди ӯ.
Чу диданд, к-он пайки манзилшинос
Ба манзил шавад бе рақибони пос,
Хабар боз ҷустанд аз он ҳушманд,
Ки пайдо кун аҳволи чархи баланд?
Бигӯ то чӣ ҷавҳар шуд ин осмон,
Қ-аз ӯ дур шуд ҳар касеро гумон.
Шитобандаи роҳи дигар сарой
Чунин гуфт,
к-Эзид бувад раҳнамой.
Басе роҳбарӣ бар фалак сохтам,
Бад-ин дил, ки ман парда бишнохтам.

# АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ АФЛОТУН

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, баророй лаҳне дуруст,
Ки ин нест моро хатое нахуст.
Бад-он лаҳн бурдан тавон бомдод.
Ҳама лаҳнҳои ҷаҳонро зи ёд.

## ДОСТОН

Фалотун чу дар рафтан омад чӣ гуфт,
Ки — Мо низ дар хок хоҳем хуфт.
Чунон шуд ҳикоят дар он марзу бум,
Ки болиғтарин кас манам з-аҳли Рум.
Чу дар пардаи марг раҳ ёфтам,
Зи ҳар пардае рӯй бартофтам.
Бад-он тифл монам, ки ҳангоми хоб
Ба гаҳвораи хобаш ояд шитоб.
Ба хуфтан манаш раҳнамун оядаш,
Надонад, ки ин хоб чун оядаш.
Дар ин чортабъи мухолифниҳод,
Ки об омаду оташу хоку бод,
Чӣ гуна тавон ростӣ ёфтан?
Зи каҷҷӣ бибояд инон тофтан,
Бувад чордевори он хона суст,
Ки буньёдаш аввал набошад дуруст.
Гузашт аз саду сездаҳ соли ман,
Ба даҳсолагон монд аҳволи ман.
Ҳамон орзухоҳиям дар сар аст,
Куҳан ман шудам,
орзу навтар аст[714].
Бад-ин орзу[715] чун замоне гузашт,
Фалак фарши ӯ низ ҳам дарнавашт.

# АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ ВОЛИС

## МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, ба ёд ор бар ёди ман,
Суруде бар оҳанги фарьёди ман.
Бикун шодам аз шодии он суруд,
Магар бигзарам з-оби ин Ҳафтрӯд.

## ДОСТОН

Чу Волисро сар даромад ба хоб,
Дарафканд киштӣ ба тӯфони[716] об.
Нишаста рафиқони ёригараш,
Ба ёригарӣ чун фалак бар сараш.
Чу бар нотавон ёфт тимор даст,
Танумандро нотавонӣ шикаст.
Зи нерӯю толеъ хабар боз ҷуст,
Биноҳои автодро ёфт суст.
Ситора дил аз дод бардошта,
Ситамгар шуда, дод бигзошта.
Ба он ҳамнишинон, ки буданд пеш,
Хабар дод аз андозаи умри хеш[717].
Чунин гуфт, к-Эмин мабошед кас
Аз ин ҳафтҳиндуи кӯҳличарас,
Ки ин ахтарон гарчи фаррухпаянд,
Зи нофаррухӣ низ холӣ наянд.
Чу наҳс уфтад даври сайёрагон,
Бувад давр,
даври ситамкорагон.
Шумори ситам то наёяд ба сар,
Ба гетӣ наёяд касе додгар.
Чу боз ахтари саъд ёбад қирон,
Ба некӣ расад кори некахтарон.

Фалак то расидан бад-он бозгашт
Варакҳои мо боре андарнавашт[718].
Чу гуфт ин паноҳандаро кард ёд,
Фурӯ баст лаб, дида бар ҳам ниҳод.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ БАЛИНОС

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, дар ин пардаи дерсол
Навое барангезу бо ӯ бинол.
Магар бар навои чунин нолае
Фурӯ борад аз ашки ман жолае.

### ДОСТОН

Балиносро чун саромад ҷаҳон,
3495 Чунин гуфт дар гӯши корогаҳон,
Ки — Ҳангоми кӯч омад инак фароз,
Ба ҷои дигар мекунам турктоз.
Гилинхонае, к-ӯ сарои ман аст,
На ман ҳайкале дон, ки ҷои ман аст.
Ба ин ҳафтҳайкал,
ки дорад сипеҳр,
Сарам ҳам фурӯ н-ояд аз роҳи меҳр.
Ман он авҷи гардунпано-хусравам,
Ки дар хона меояму меравам.
Гаҳе дархазам ғунчаеро ба кох,
3500 Гаҳе барпарам товусеро[719] ба шох.
Париворам аз чашмҳо нопадид,
Ба ҳар ҷо, ки хоҳам тавонам парид.
Шудомад ба қадри замон кай кунам,
Замонро куҷо пай ниҳам, пай кунам[720].

Чу кӯшам ниҳам бар сари сидра пой,
Чу хоҳам кунам дар дили саҳра ҷой.
Ба дашту ба дарьё тавонам гузашт,
Ҳам Ильёси дарьё ва ҳам Хизри дашт.
Ҷуз ин ҳар чӣ ёбӣ дар айвони ман,
На ман ҳамнишинест бар хони ман.
Ман онам, ки хоҳам шудан бар фароз,
Бурун дон зи ман ҳарчӣ ёбанд[721] боз.
Чу гуфт ин тараннум ба овози нарм,
Сӯи ҳамраҳон борагӣ кард гарм.
Баросуд аз ошӯбҳои ҷаҳон,
Ки ҷашне бувад марг бо ҳамраҳон.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ ФАРФИРИУС

### МУҒАННИНОМА

Биёр, эй муғаннӣ, навое шигифт,
Гирифта раҳо кун, ки хобам гирифт.
В-агар з-он тараннум шавам хуфта низ,
Набинам магар хоби ошуфта низ.

### ДОСТОН

Чу омад гаҳи азми Фарфириус
Буна бар шутур басту бинвохт кӯс.
Ба ҳамсӯҳбатон гуфт, к-ин боғи нағз,
Ки манзури чашм[722] асту райҳони мағз[723].
Чу поянд агӣ несташ дар сиришт,
Чи торикдӯзах,
чи равшанбиҳишт.
Зи донои мост, моро ҳарос,
Ки аз раҳзан[724] эмин нашуд раҳшинос.

Қамонгар ҳамеша хамида бувад,
Қабодӯзро қаб дарида бувад,
Тарозуи чарбишфурӯшон ба ранг
Бувад чарбу чарбӣ надорад ба санг[725].
Ҳамасола маҳмилкаши бори ганҷ
Наёсояд аз меҳнату дарду ранҷ.
Чу пардохт з-ин нақш паргори ӯ,
Қашиданд хат низ бар кори ӯ.

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ СУҚРОТ

### МУҒАННИНОМА

Дарор, эй муғаннӣ, сарамро зи хоб,
Ба абрешими рӯду чангу рубоб,
Магар, к-оби он рӯд чун оби рӯд
Ба хушкӣ кашӣ таррӣ орад фурӯд.

### ДОСТОН

Чу Суқротро рафтан омад фароз,
Дуаспа ба пеши аҷал рафт боз.
Шунидам, ки заҳре баромехтанд.
Ниҳонӣ в-аро[726] дар гулӯ рехтанд.
Тани заҳрхораш[727] чу шуд дардманд,
Ба сӯи сафар базмае зад баланд.
Чунин гуфт: — «Чун муддат омад ба сар,
Нашояд шудан маргро чорагар.
Дар он хоб, к-афсурдаболин бувад,
Нишасти[728] якояк ба поин бувад»[729].
Чу диданд,
к-он мурғи улвихиром,
Бурун рафт хоҳад ба зудӣ зи дом.

Ба Суқрот гуфтанд,
к-Эй ҳушманд,
Чу берун равад ҷон аз ин шаҳрбанд.
Фурӯ монад аз ҷунбиш аъзои ту,
Куҷо беҳ бувад, сохтан ҷои ту?
Табассумкунон гуфташон устод,
Ки бар рафтагон дил набояд ниҳод.
Гарам боз ёбед[730], гиред пой
Ба ҳар ҷо, ки хоҳед созед ҷой.
Даромад бад-ӯ низ тӯфони хоб,
Фурӯ бурд чун дигарон сар ба[731] об.
Шуданд огаҳ он зиракон дар нуҳуфт,
Ки устоди доно бад-эшон чӣ гуфт?

## АНҶОМИШИ РӮЗГОРИ НИЗОМӢ

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, раҳи ромиши ҷон бисоз,
Навозиш кунам з-он раҳи дилнавоз.
Чунон зан наво аз яке то ба сад,
Ки дар базми Хусрав задӣ Борбад.

### ДОСТОН

Низомӣ, чу ин достон шуд тамом,
Ба азми шудан низ бардошт гом.
На бас рӯзгоре бар-ин баргузашт,
Ки таърихи умраш варақ дарнавашт.
Фузун буд шашмаҳ зи шасту се сол,
Ки бар азми раҳ бар дуҳӯл зад дувол.
Чу ҳоли ҳакимони пешина гуфт,
Ҳакимон бихуфтанду ӯ низ хуфт.

Рафиқони худро ба гоҳи раҳил
Гаҳ аз раҳ хабар доду гоҳ аз далел.
Бихандиду гуфто, ки омурзгор
Ба омурзишам кард уммедвор.
Зи мо заҳмати хеш доред дур,
Шумо в-ин саро, мову доруссурур.
Дар ин гуфтугӯ буд, ки хобаш рабуд,
Ту гуфтӣ, ки бедорияш худ набуд[732].

## СИТОИШИ МАЛИК ИЗУДДИН МАСЪУД ИБНИ АРСЛОН

### МУҒАННИНОМА

Муғаннӣ, раҳи ромиш овар падид,
Ки ғам шуд ба поёну шодӣ расид.
Раванда Раҳӣ зан, ки бар рӯди соз
Чу умри шаҳ он роҳ бошад дароз.

## ДУОИ ПОДШОҲ

Гар он бихрадонро ситад рӯзгор
Хирад монд бар шоҳи мо ёдгор.
Бақо бод шаҳро ба нерӯи бахт,
Бад-ӯ дод авранги худро каманд.
Малик Изуддин[733], он ки чархи баланд
Бад-ӯ бод сарсабзии тоҷу тахт!
Кушояндаи рози ҳафт ахтарон,
Вилоятхудованди ҳаштумқирон,
Нишинандаи базми Кисрову Кай,
Фаредункамар, шоҳи фирӯзпай,
Лабаш ҳуққаи нӯшидорӯи аҳд,
Фурӯзандаи чархи фирӯзамаҳд.

Зи ширинии чашмаи нӯши ӯ
Шуда гӯши ӯ ҳалқа дар гӯши ӯ[734].
Чу базме баророяд аз бомдод
Нишинад дар он базм чун Кайқубод.
Дар он ангабинхона бинӣ чу наҳл,
Ба ҷӯш омада зуфунони фаҳл.
Чу ҳар зуфунуне ба фарҳангу ҳуш,
Басо якфанонро,
ки молида гӯш,
Нишаста ба ҳар гӯша гавҳаркаше,
Барангехта обе аз оташе.
Маликпарвароне малоиксиришт,
Қалиди дари боғҳои[735] биҳишт.
Вазире батадбир,
беш аз Низом,
Ба акфилкифотӣ бароварда ном.
Чу шаҳ чун Маликшаҳ бувад дастгир,
Низоми дуввум бояд ӯро вазир.
Зи ҳар кишваре карда шахсе гузин,
Бузургофариниш,
бузургофарин[736].
Чу гул хӯрдани бодашон нӯшханд[737].
Чу булбул ба мастӣ ҳама ҳушманд.
Ҳама нимҳушьёру шаҳ ниммаст,
Ҳама чарбгуфтору шаҳ чарбдаст.
Кӣ дорад чунон базме аз хусравон,
Ҷуз он ҳам малик,
ҳам ҷаҳонпаҳлавон?!
Дар он базм,
к-ошӯбро кор нест,
Ҷуз ин номаи нағзро бор нест.
Бад-он то ҷаҳонро тамошо кунад,
Расандбандии кӯҳу дарьё кунад.
Гаҳе тохтан дар Тироз оварад,
Гаҳе бар Ҳабаш турктоз оварад[738].

Нишаста ҷаҳонҷӯй бар ҷои хеш,
Ҷаҳон мулки офоқаш оварда пеш.
Ба пирӯзӣ ин номаи дилнавоз
Дари ҳафт кишвар бар ӯ карда боз.
Бад-ӯ маҷлиси шоҳ хуррам шуда,
Тасовири паргори олам шуда.
Ха, эй ворисӣ базми кайхусравӣ,
Ба бозӯи ту пушти давлат[739] қавӣ.
Назар кун дар ин ҷоми гетинамой,
Бубин он чӣ хоҳи зи гетихудой.
Хаёли чунин хилватизодае,
Диҳад муждаи шаҳ ба шаҳзодае[740].
Ба ман — бар чунон дар кушод ин калид
Ки дурре зи дарьёе ояд падид,
Ки то мил зад субҳ бар тахти оҷ,
Чунон дарнапайваст[741] бар ҳеҷ тоҷ.
Чу маҳд омад аввал ба тақрири кор,
Агар мадҳе ояд шигифте мадор[742].
Баророй базме бад-ин хуррамӣ,
Қамар банд чун осмон бар замӣ.
Чӣ будӣ,
ки дар хулди он базмгоҳ
Маро як-замон додӣ иқбол роҳ.
Магар з-он биҳӣ базм ороста,
Зи корам шудӣ банд бархоста.
Чу он ёваре нест дар дасту пой,
Ки дар маҳди мину кунам такьяҷой.
Фиристодани ҷон ба минуи пок
Беҳ аз заҳмат овардани тирахок[743].
Ду гавҳар баромад зи дарьёи ман,
Фурӯзанда аз рӯяшон рои ман.
Яке исмати марьямӣ ёфта,
Яке нури Исо бар ӯ тофта.
Ба хубӣ шуд ин як[744] чу бадри мунир,
Чу шамс он ба равшандилӣ беназир.

Ба навбатгаҳи шаҳ ду ҳиндуи бом
Яке Муқбилу дигар Иқбол ном.
Фиристодаам ҳар дуро назди шоҳ,
Ки ёқутро дурҷ дорад нигоҳ.
Арӯсе,
ки бо мӯҳри модар бувад,
Беҳ ар пардадораш бародар бувад.
Бибояд чу ояд бари шаҳриёр,
Чунин пардагиро чунон пардадор.
Чу ман нузли хоси ту ҷон додаам,
Ҷигар низ бо ҷон фиристодаам.
Чунон боз гардон-ш аз назди хеш,
Қ-аз уммеди ман бошад он рифқ беш.
Маро то бад-ин ҷо сарояд сухун,
Ту донӣ дигар ҳар чӣ хоҳӣ бикун![745]

## АНҶОМИШИ «ИҚБОЛНОМА»

Чу гавҳар бурун омад аз кони кӯҳ,
Зи гавҳархарон[746] гашт гетӣ сутӯҳ.
Миён баста ҳар як ба гавҳархарӣ,
Харидори гавҳар бувад,
гавҳарӣ.
Ман он гавҳар оварда аз нофи[747] санг,
Ба гавҳарфурӯшӣ тарозу ба чанг.
На аз баҳри он к-ин чунин гавҳаре
Фурӯшам ба ганҷинаи кишваре.
Ба қорунии қуфлдорони ганҷ,
Тамаъ дорам андозаи дастранҷ.
Фурӯ мондан аз баҳри кам беш нест,
Бале Моҳ бо Муштарӣ хеш нест.
Ниюшандае бозҷӯям баҳӯш,
Қ-аз ӯ нашканад
номи гавҳарфурӯш.

Қамархонии кӯҳ кардан чу дев,
Ҳамон чун дадон баркашидан ғирев.
Ба селоб дари ганҷ пардохтан,
Ҷавоҳир ба дарьё дарандохтан,
Аз он беҳ,
ки бар гӯши торикмағз
Кушодан дари достонҳои нағз,
Суханро нинюшанда бояд нахуст,
Гуҳар бе харидорон н-ояд дуруст.
Маро муштарӣ ҳаст гавҳаршинос,
Ҳамон гавҳар афшондани[748] беқиёс,
Валекин
зи сангозмоёни кӯҳ
Паи ман гирифтанд чандин гурӯҳ,
Чу лаъли[749] шабафрӯзам омад ба чанг,
Зи ҳар манҷанике кушоданд санг,
Ки моро деҳ
ин гавҳари шабчароғ
В-агар не гаронӣ бурун бар зи боғ.
Барошуфтам аз сахтии корашон,
Зи бевазани ин байъи бозорашон,
Ки байёъии дур на сарҳангӣ аст,
Писанди наво дар ҳамоҳангӣ аст.
Зи дур даргузар, байъи дарьёст ин,
Баҳо ку[750],
ки, байъе муҳайёст ин?[751]
Чу дар байъи дарьё нишинад касе,
Хазина ба дарьёш бояд басе.
Ба дарьё кунад байъи дарьё падид,
Кӣ дарьё ба дарьё тавонад харид?
Ҳар овоза,
к-он шуд ба гетӣ баланд,
Аз андозае буд гетиписанд,
Чу бевазние бошад[752] андозаро,
Баландӣ куҷо бошад овозаро.

Дар ин нукта,
к-аз гул барад рангро,
Ҷавобест пӯшида фарҳангро.
В-агар на мани дурбатороҷ деҳ
Қамардуздро[753]
донам аз тоҷдеҳ.
На з-он аст чандин сухан ронданам,
Ҳамон ояти фоқа бархонданам,
Ки бо ман ҷаҳон сахтие мекунад,
Сутурам сабукрахтие мекунад.
Тиҳӣ нест аз таррае хони ман,
Зи нотандурустист афғони ман.
Чу паргори буньят набошад дуруст,
Қалам чун нагардад зи паргор суст.
Ғуробе,
ки бо тандурустӣ бувад,
Ҳама донаш анҷири Бустӣ бувад.
Бале,
гарчи шуд сол бар ман куҳан,
Нашуд равнақи тозагим аз сухан.
Ҳанӯзам куҳансарв дорад[754] навӣ,
Ҳамон нуқрахингам кунад хушравӣ.
Ҳанӯзам ба панҷоҳ байт аз қиёс
Сад андар тарозу ниҳад ҳақшинос.
Ҳанӯзам замона ба неруи бахт
Диҳад дур ба домону дебо ба тахт,
Вале дорам,
андешаи сарбаланд,
Ки бар сайди шерон кушоям каманд.
Чу шер афканам сайду худ бигзарам,
Хӯрад сина рубоҳу ман хун х(в)арам.
Чу сарсинаро гурба аз дег бурд,
Чи суд ар аҷӯза кунад сина хурд.
Ҷаҳоне чунин дар ғалат бохтан,
Сипеҳре чунин дар каҷ андохтан.

Ба шаст омад андозаи соли ман,
Нагашт аз худ андозаи ҳоли ман.
Ҳамонам,
ки будам ба даҳсолагӣ,
Ҳамон дев бо ман ба даллолагӣ.
Гузашта чунон шуд,
ки боде ба дашт,
Фурӯ монда,
ҳам зуд хоҳад гузашт.
Дарозиву кӯтоҳии солу моҳ
Ҳисоби расан дораду далву чоҳ.
Чу давл обе аз чаҳ наёрад фароз,
Расан хоҳ кӯтоҳу хоҳӣ дароз.
Ман ин гуфтаму рафтаму қисса монд,
Ба бозӣ намебояд ин қисса хонд.
Нишанда беҳ гар ғами худ х(в)арад,
Ки ӯ низ аз ин кӯчгаҳ бигзарад.
Нагӯяд,
ки ӯ чун гузашт аз ҷаҳон,
Кунад чораи хеш бо ҳамраҳон.
Яке рӯз ман низ дар аҳди хеш,
Сухан ёд мекардам аз аҳди пеш.
Ғами рафтагон дар дилам ҷой кард,
Ду чашми маро ашкпаймой кард.
Шаб омад яке
з-он ғариқони об,
Чунин гуфт бо ман ба ҳангоми хоб.
Ғами мо бад-он шарт хӯрдан тавон.
Ки бошӣ ту берун аз ин ҳамраҳон!
Чу бо корвоне дар ин тохтан,
Ҳаме кори худ боядат сохтан.
Аз он шаб басеҷи сафар сохтам,
Дил аз кори беҳуда пардохтам[755],
Ки эмин бувад марди бедорҳуш[756],
Зи ғавғои ин боди қандилкуш.

Беҳ ар дар хуми май фурӯ шуд хазам,
Чу май ҷомаеро ба хун меразам.
Гар аз пушти гӯрон надорам кабоб,
Зи гӯри шикам ҳам надорам азоб.
В-агар нест полудаи нағз пеш,
Кунам мағзи полударо кӯти хеш.
В-агар хушк шуд равғанам дар аёғ[757],
Ба[758] беравғанӣ ҷон канам чун чароғ.
Чу аз нони таблӣ тиҳӣ шуд танам,
Чу табл аз тапончахӯрӣ нашканам.
Гарам бишканад гардиши солу моҳ,
Маро мумиёӣ бас иқболи шоҳ.
Худоё,
ту ин икди якриштаро
Барӯмандбоғи ҳунаркиштаро,
Ба беёрӣ андар ҷаҳон ёр бош,
Шабу рӯзаш аз бад нигаҳдор бош.
Ба поён шуд ин достони дарӣ,
Ба фирӯзфоливу[759] некахтарӣ.
Чу номи шаҳаш фоли масъуд бод,
В-аз ин достон шоҳ маҳмуд бод![760]
Дуре буд носуфта, ман суфтамаш,
Ба фаррухтарин толие гуфтамаш,
Аз он ҷо,
ки бар муқбилон нақш баст,
Аҷаб нест гар муқбил омад ба даст.
Чу бархонад ин номаро[761] шаҳриёр,
Хирад ёвараш боду фарҳанг ёр!
Ҳамин достон бод аз ӯ сарбаланд,
Ҳам ӯ бод аз ин достон баҳраманд[762].
Низомӣ,
бад-ӯ олиовоза бод,
Ба назме чунин номи ӯ тоза бод!
Бад-ӯ бод фархунда чун номи ӯ,
Аз оғози ӯ то ба анҷоми ӯ!

Сараш сабз боду дилаш шодмон,
Аз ӯ дур чашми бади бадгумон.
Ҷаҳонаш мутеъу замонаш ба ком,
Фалак бандаву рӯзгораш ғулом[763].

# МАХЗАН-УЛ-АСРОР

Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳим,
Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким.
Фотиҳаи фикрату хатми сухун
Номи худой аст, ба ӯ хатм кун,
Пешвуҷуди ҳамаояндагон,
Бешбақои ҳама поянрагон.
Собиқасолори ҷаҳони қидам,
Мурсалапайванди гулӯи қалам.
Пардакушои фалаки пардадор,
Пардагии пардашиносони кор.
Мабдеи ҳар чашма, ки ҷудеш ҳает,
Мухтареъи ҳар чӣ вуҷудеш ҳаст.
Лаъли тирози камари офтоб,
Ҳуллагари хоку ҳулибанди об,
Парваришомӯзи дарунпарварон,
Рӯзбарорандаи рӯзихӯрон
Мӯҳракаши риштаи борики[1] ақл,
Равшанции дидаи торики ақл[2].

Догнеҳи носиядорони пок,
Тоҷдеҳи тахтнишинони хок.
Хомкуни пухтаи тадбирҳо,
Узрпазирандаи тақсирҳо.
Шаҳнаи ғавғои ҳаросандагон,
Чашмаи тадбири шиносандагон.
Аввалу охир ба вуҷуду сифот[3],
Ҳасткуну несткуни коинот.
Бо ҷабаруташ, ки ду олам кам аст,
Аввали мо охири мо як дам аст.
Кист дар ин доираи[4] дерпой,
К-ӯ лиман-ул-мулк занад ҷуз худой.
Буду набуд он чӣ баланд асту паст,
Бошаду ин низ набошад, ки ҳаст.
Парваришомӯхтагони азал
Мушкили ин кор[5] накарданд ҳал,
К-аз азалаш илм, чӣ дарьёст ин,
То абадаш мулк, чӣ саҳрост ин?
Аввали ӯ аввали беибтидост,
Охири ӯ охири беинтиҳост[6].
Равзаи таркиби туро ҳур аз ӯст,
Наргиси бинои туро нур аз ӯст.
Кашмакаши ҳар чӣ дар ӯ зиндагист,
Пеши худовандии ӯ бандагист.
Ҳар чӣ ҷуз ӯ ҳаст, бақоеш нест,
Ӯст муқаддас, ки фаноеш нест[7].
Миннат[8] ӯ рост ҳазор остин,
Бар камари кӯҳу кӯлоҳи замин.
То камараш дар тутуқи нур буд,
Хор зи гул, най зи шакар дур буд.
Чунки ба ҷудаш карам обод шуд,
Банди вуҷуд аз адам озод шуд.
Дар ҳаваси ин ду-се вайронадеҳ
Кори фалак буд гиреҳ дар гиреҳ,

То накушод ин гиреҳи ваҳмсӯз,
Зулфи шаб эмин нашуд аз дасти[9] рӯз.
Чун гуҳари иқди фалак дона кард,
Ҷаъди шаб аз гарди адам шона кард.
З-ин ду-се чанбар, ки бар афлок зад,
Ҳафт гиреҳ бар камари[10] хок зад.
Кард қабо ҷуббаи хуршеду моҳ,
З-ин ду кулаҳвор сапеду сиёҳ.
Заҳраи[11] меғ аз дили дарьё кушод,
Чашмаи Хизр аз лаби хазро кушод.
Ҷоми саҳар дар гили шабранг рехт,
Ҷуръаи он дар даҳани санг рехт.
З-оташу обе,
ки ба ҳам даршикаст,
Пиҳ дуру гурдаи ёқут баст[12].
Хуни дили хок зи буҳрони бод
Дар ҷигари лаъли ҷигаргун ниҳод.
Боғи сахоро чу фалак тоза кард,
Мурғи суханро фалаковоза кард.
Нахли забонро рутаби нӯш дод,
Дурри суханро[13] садафи гӯш дод.
Парданишин кард сари хобро,
Қисвати ҷон дод тани обро.
Зулфи замин дар бари олам фиганд,
Холи асӣ бар рухи одам фиганд.
Рӯи[14] зар аз сурати хорӣ бишуст,
Ҳайзи гул аз абри баҳорӣ бишуст.
Занги ҳаворо ба кавокиб сутурд,
Ҷони[15] саборо ба раёҳин супурд.
Хуни ҷаҳон дар ҷигари гил гирифт,
Набзи хирад[16] дар маҷаси дил гирифт.
Ханда ба ғамхорагии лаб кашонд[17],
Зӯҳра ба хуньёгарии шаб нишонд[18].
Нофи шаб аз мушкфурӯшони ӯст,
Моҳи нав аз ҳалқабагӯшони ӯст.

Пои сухапро, ки дароз аст даст,
Санги саропардаи ӯ сар шикаст.
Ваҳми тиҳипой басе раҳ набашт[19]
Ҳам зи дараш дасттиҳӣ бозгашт.
Роҳ басе рафту замираш наёфт,
Дида басе ҷусту назираш наёфт.
Ақл даромад, ки талаб кардамаш.
Тарки адаб буд, адаб кардамаш.
Ҳар кӣ фитод аз сари паргори ӯ,
Ҷумла чу моҳ ҳаст талабгори ӯ.
Сидрнишинон сӯи ӯ пар заnанд[20],
Аршравон низ ҳамин дар зананд[21].
Гар сари чарх аст, пур аз тавқи ӯст,
В-ар дили хок аст, пур аз шавқи ӯст.
Зиндаи номи ҷабаруташ аҳад,
Пояи тахти малакуташ абад.
Хоси наволаш нафаси хастагон,
Пайки равонаш қадами бастагон[22].
Дил, ки зи[23] ҷон нисбати покӣ кунад,
Бар дари ӯ даъвии хокӣ кунад.
Рустаи хоки дари ӯ донаест,
К-аз[24] гули боғаш ирам афсонаест.
Хоки Низомӣ,
ки ба таъйиди ӯст,
Мазрааи донаи тавҳиди ӯст.

## МУНОҶОТИ АВВАЛ

## ДАР СИЁСАТ ВА ҚАҲРИ ЯЗДОН

Эй, ҳама ҳастӣ зи ту пайдо шуда,
Хоки заиф аз ту тавоно шуда.
Зернишини аламат коинот,
Мо ба ту қоим, чу ту қоим ба зот.

Хастии ту сурату пайванд не,
Ту ба касу кас ба ту монанд не.
Он чи тағайюр напазирад, туӣ,
В-он ки намурдасту намирад, туӣ.
Мо ҳама фониву бақо бас турост.
Мулки таолову тақаддус турост.
Хок ба фармони ту дорад сукун,
Қуббаи хазро ту кунӣ бесутун.
Ҷуз ту, фалакро хами чавгон кӣ дод,
Деги ҷасадро намаки ҷон кӣ дод.
Чун қидамат бонг бар аблақ занад,
Ҷуз ту кӣ ёрад, ки «аналҳақ» занад.
Рафтӣ, агар н-омадӣ ороми ту,
Тоқати ишқ аз кашиши номи ту[25].
То карамат роҳи ҷаҳон баргирифт,
Пушти замин бори гарон баргирифт.
Гар на зи пушти карамат зода буд,
Нофи замин аз шикам афтода буд.
Иқди парастиш зи ту гирад низом,
Ҷуз ба ту бар[26] ҳаст парастиш ҳаром.
Ҳар кӣ на гӯёӣ ту, хомӯш беҳ,
Ҳар чӣ на ёди ту, фаромӯш беҳ.
Соқии шаб дасткаши ҷоми туст,
Мурғи саҳар дастхуши номи туст.
Парда барандозу бурун ой фард,
Гар манам,
он парда ба ҳам дарнавард.
Аҷзи фалакро ба фалак вонамой,
Иқди ҷаҳонро зи ҷаҳон вокушой.
Насх кун ин ояти айёмро,
Масх кун ин сурати аҷромро.
Ҳарфи забонро ба қалам боздеҳ,
Воми заминро ба адам боздеҳ!
Зулматиёнро буна бенур кун,
Ҷавҳариёнро зи араз дур кун!

Курсии шашгӯша ба ҳам даршикан,
Минбари нӯҳпоя ба ҳам дарфикан!
Ҳуққаи маҳ бар гили ин мӯҳра зан,
Санги зуҳал бар қадаҳи зӯҳра зан!
Дона кун ин иқди шабафрӯзро,
Пар шикан ин мурғи шабу рӯзро.
Аз замӣ ин пуштаи[27] гил бартарош,
Қолиби як хишт замин, гӯ мабош!
Гарди шаб аз ҷабҳаи[28] гардун бирез,
Ҷабҳа бияфт ахбия, гӯ, бармахез!
То кай аз ин роҳи нави рӯзгор
Пардаи он роҳи қадимӣ биёр!
Тарҳ барандозу бурун кун бурун,
Гардани чарх[29] аз ҳаракоту сукун!
Об бирез оташи бедодро,
Зертар аз хок нишон бодро!
Дафтари афлокшиносон бисӯз,
Дидаи хуршедпарастон бидӯз.
Сифр кун ин бурҷ зи ҷирми ҳилол
Боз кун ин парда зи мушти хаёл.
То ба ту иқрори худоӣ диҳанд,
Бар адами хеш гувоӣ диҳанд.
Ғунча камар баста, ки мо бандаем,
Гул ҳама тан ҷон, ки ба ту зиндаем.
Бе дият аст он ки ту хунрезияш,
Бе бадал аст он ки ту овезияш.
Манзили шабро ту дароз[30] оварӣ,
Рӯзи фурӯрафта ту боз оварӣ.
Гарчи кунӣ қаҳр басе рози мо,
Рӯи шикоят на касеро зи мо,
Равшании ақл ба ҷон додаӣ,
Чошнии дил ба забон додаӣ.
Чарх равиш, қутб субот аз ту ёфт,
Боғи вуҷуд, оби ҳаёт аз ту ёфт.

Ғамзаи насрин на зи боди сабост[31],
Қ-аз асари хоки туаш[32] тӯтиёст[33].
Пардаи савсан, ки масобеҳи туст,
Ҷумла забон аз паи тасбеҳи туст[34].
Банда Низомӣ, ки якегӯи туст,
Дар ду ҷаҳон хоки сари кӯи туст.
Хотираш аз маърифат обод кун,
Гарданаш аз доми[35] ғам озод кун!

## МУНОҶОТИ ДУЮМ

## ДАР БАХШИШ ВА АВФИ ЯЗДОН

Эй ба азал будаву нобуда мо,
В-эй ба абад мондаву[36] фарсуда мо.
Давр ҷанибаткаши фармони туст,
Суфти[37] фалак ғошиягардони туст.
Ҳалқазани хонабадӯши[38] туем,
Чун дари ту ҳалқа ба гӯши туем.
Доғи ту дорему саги доғдор
Менапазиранд шаҳон дар шикор.
Ҳам ту пазирӣ,
ки зи боғи туем,
Қумрии тавқу саги доғи туем.
Бетамаем аз ҳама созандае,
Ҷуз ту надорем навозандае.
Аз паи туст ин ҳама уммеду бим,
Ҳам ту бибахшою бибахш, эй карим.
Чораи мо соз, ки бедоварем,
Гар ту биронӣ, ба кӣ рӯй оварем[39].
Ин чӣ забону чӣ забонронӣ[40] аст,
Гуфтаву ногуфта пушаймонӣ аст.
Дил зи куҷо в-ин пару бол аз куҷо?
Ман киву таъзими ҷалол аз куҷо?

Ҷон ба чӣ дил роҳ дар ин баҳр кард,
Дил ба чӣ густохӣ аз ин чашма х(в)ард.
Дар сифатат гунг фурӯ мондаем,
Ман арафаллоҳ фурӯ хондаем.
Чун хиҷилем аз сухани хоми хеш,
Ҳам ту биёмурз ба инъоми хеш,
Пеши ту гар бе сару по омадем,
Ҳам бо уммеди ту, худо омадем.
Ёр шав, эй мӯниси ғамхорагон,
Чора кун, эй чораи бечорагон,
Қофила шуд, вопасии мо бибин,
Эй каси мо, бекасии мо бибин.
Бар кӣ паноҳем, туӣ беназир,
Дар кӣ гурезем, туӣ дастгир.
Ҷуз дари ту қибла наҳоҳем сохт,
Гар нанавозӣ ту, кӣ хоҳад навохт.
Даст чунин пеш кӣ дорад, ки мо
Зорӣ аз ин беш кӣ дорад, ки мо.
Даргузар аз ҷурм, ки хоҳандаем,
Чораи мо кун, ки паноҳандаем.
Эй шарафи номи Низомӣ ба ту,
Хоҷагии ӯст ғуломӣ ба ту.
Нузли таҳийят ба забонаш расон,
Маърифати хеш ба ҷонаш расон!

## ДАР НАЪТИ РАСУЛИ АКРАМ

Тахтаи аввал, алиф нақш баст,
Бар дари маҳҷубаи Аҳмад нишаст.
Ҳалқаи «ҳо»-ро к-«алиф» иқлим дод,
Тавқ зи «долу» камар аз «мим» дод.
Лоҷарам, ӯ ёфт аз он «миму» «дол»,
Доираи давлату хатти камол.

Буд дар ин гунбази фирӯзахишт
Тозатурунҷе зи сарои биҳишт.
Расми турунҷ аст, ки дар рӯзгор
Пеш диҳад мева,
пас орад баҳор.
Қунту набиян чу алам пеш бурд,
Хатми нубувват ба Муҳаммад супурд.
Маҳ, ки нигиндони[41] забарҷад шудаст,
Хотами ӯ мӯҳри Муҳаммад шудаст.
Гӯши ҷаҳон ҳалқакаши мими ӯст,
Худ ду ҷаҳон ҳалқаи таслими ӯст.
Хоҷаи массоҳу Масеҳаш ғулом,
Он-т Башир ин-т Мубашшир ба ном.
Уммӣ, гӯё, ба забони фасеҳ,
Аз алифу одаму мими Масеҳ.
Ҳамчу алиф рост ба аҳду вафо,
Аввалу охир шуда бар анбиё.
Нуқтаи равшантари паргоркун,
Нуқтаи паргортарини сухун
Аз ӯ сухани адаб овозае,
В-аз камари ӯ фалак андозае.
Кибри ҷаҳон гарчи ба сар барнакард,
Сар ба ҷаҳон ҳам ба ҷаҳон дарнакард.
Исматиён дар ҳарамаш пардагӣ,
Исмат аз ӯ ёфта парвардагӣ.
Турбаташ аз дида ҷиноятситон,
Ғурбаташ аз Макка ҷибоятситон,
Хомӯшии ӯ сухани дилфурӯз,
Дӯстии ӯ ҳунари айбсӯз.
Фитна фурӯ куштан аз ӯ дилпазир,
Фитна шудан низ бар ӯ ногузир[42].
Бар ҳама сархайлу сари хайр буд,
Қутби гаронсанг[43] сабуксайр буд.
Шамъи илоҳӣ зи дил афрӯхта,
Дарси азал то абад омӯхта.

Чашмаи хуршед, ки мӯҳтоҷи ӯст,
Ними ҳилол аз шаби меъроҷи ӯст.
Тахтнишини шаби меъроҷ буд,
Тахтнишони камару тоҷ буд[44].
Дода фароҳӣ нафаси тангро,
Наъл зада хинги шабоҳангро.
Аз паи бозомаданаш пойбаст,
Мавкабиёни сухан[45] аблақ ба даст.
Чун таки аблақ ба тамомӣ расид,
Ғошиядорӣ ба Низомӣ расид.

## ДАР МЕЪРОҶ

Нимашабон, к-он малики Нимрӯз
Қард равон машъали гетифурӯз.
Нӯҳ[46] фалак аз дида имориш кард,
Зӯҳраву маҳ машъалдориш кард.
Қард раҳо дар ҳарами коинот,
Ҳафт хату чор ҳаду шаш ҷиҳот.
Рӯз шуда бо қадамаш дар видоъ,
З-омаданаш омада шаб дар самоъ.
Дидаи ағьёр ғаронхоб шуд[47],
Қ-ӯ сабук аз хоб инонтоб шуд[48].
Бо қафаси қолиб аз ин домгоҳ,
Мурғи дилаш рафта ба оромгоҳ.
Мурғи парандохта, яъне малак,
Хирқа дарандохта, яъне фалак.
Мурғи илоҳиш қафаспар шуда,
Қолибаш аз қалб[49] сабуктар шуда.
Гом ба гом ӯ чи таҳаррук намуд,
Мил ба милаш ба табаррук рабуд.
Чун ду ҷаҳон дида бар ӯ дошанд,
Сар зи паи саҷда фурӯ доштанд,

Пояш аз он поя[50],
ки сар пеш дошт,
Марҳала бар марҳала сад беш дошт[51].
Рахши баландохураш афканд паст[52],
Ғошияро бар китафи ҳар кӣ баст[53].
Баҳри замин кон шуду ӯ гавҳараш,
Бурд сипеҳр аз паи тоҷи сараш,
Гавҳари шабро ба шаби анбарин,
Гови фалак бурда зи гови замин.
Ӯ ситада пешкаши он сафар,
Аз Саратон тоҷу зи Ҷавзо камар.
Хӯша, к-аз ӯ сунбули тар сохта,
Сунбуларо бар Асад андохта.
То шаби ӯро чӣ қадар қадр ҳаст,
Зӯҳраи шаб санҷи тарозу ба даст.
Санги варо карда тарозу суҷуд,
З-он ки ба миқдори тарозу набуд[54].
Рехта нӯш аз дари сисанбарӣ[55],
Бар думи ин ақраби нилуфарӣ.
Чун зи камон тири шакарзахма[56] рехт,
Заҳр зи бузғолаи хонаш гурехт.
Юсуфи далвӣ шуда чун офтоб,
Юнуси ҳутӣ шуда чун[57] далви об.
То ба ҳамал тахт сурайё зада,
Лашкари гул хайма ба саҳро зада.
Аз гули он равзаи боғи рафеъ,
Рубъи замин ёфта ранги рабеъ.
Ушри адаб хонда зи сабъи само,
Узри қидам хоста аз анбиё.
Ситри кавокиб қадамаш медарид,
Сифти малоик аламаш мекашид.
Нофи шаб оганда зи мушки лабаш,
Наъли маҳ афканда суми маркабаш.
Дар шаби торик бад-он иттифоқ
Барқ шуда пӯяи пои бурок.

Қабкваш он бози кабӯтарнамой
Фохтарав гашт ба фарри ҳумой.
Сидра шуда садраи пироҳанаш,
Арш гиребон зада дар доманаш.
Шаб шуда рӯз ин-т наҳоре шигарф,
Гул шуда сарв ин-т баҳоре шигарф.
З-он гулу з-он наргис, к-он боғ дошт,
Наргиси ӯ сурмаи мозоғ дошт[58].
Чун гул аз ин пояи фирӯзафарш,
Даст ба даст омад[59] то соқи арш.
Ҳамсафаронаш сипар андохтанд,
Бол шикастанду пар андохтанд.
Ӯ ба таҳайюр[60] чу ғарибони роҳ
Ҳалқазанон[61] бар дари он боргоҳ.
Парданишинон, ки дараш[62] доштанд,
Ҳавдаҷи ӯ яктана бигзоштанд.
Рафт бад-он[63] роҳ, ки ҳамраҳ набуд,
Ин қадамаш з-он қадам огаҳ набуд.
Ҳар кӣ ҷуз ӯ бар дари он роз монд,
Ӯ ҳам аз омезиши худ бозмонд.
Бар сари ҳастӣ қадамаш тоҷ буд,
Арш бад-он монда муҳтоҷ буд.
Чун ба ҳама ҳарф қалам даркашид,
З-оситии арш алам баркашид.
То тани ҳастӣ дами ҷон мешумурд,
Хоҷаи ҷон роҳ ба тан месупурд.
Чун бунаи арш ба поён расид,
Қори дилу ҷон ба дилу ҷон расид.
Тан ба гуҳархонаи аслӣ шитофт,
Дида чунон шуд, ки хаёлаш наёфт.
Дида, ки нури азалӣ боядаш,
Сар ба хаёлот фурӯ н-оядаш.
Роҳи қидам пеши қадам даргирифт,
Пардаи хилқат[63] зи миён баргирифт.

Қард чу раҳ рафт зи ғоят фузун,
Сар зи гиребони табиат бурун.
Ҳимматаш аз ғояти равшандилӣ,
Омада дар манзили беманзилӣ.
Ғайрат аз ин парда миёнаш гирифт,
Ҳайрат аз он гӯша инонаш гирифт.
Парда дарандохта дасти висол,
Аз дари таъзими сарои ҷалол[64].
Пои шуд омад ба сар андохта,
Ҷон ба тамошо назар андохта[65].
Рафт, вале заҳмати пое надошт,
Ҷаст, вале рухсати ҷое надошт,
Чун сухан аз худ ба дар омад тамом,
То суханаш ёфт қабули салом.
Ояти нуре, ки заволаш набуд,
Дид ба чашме, ки хаёлаш набуд.
Дидани ӯ беаразу ҷавҳар аст,
К-аз аразу ҷавҳар аз он сӯтар аст.
Мутлақ аз он ҷо, ки писандиданист,
Дид худорову худодид нест.
Диданаш аз дида набояд нухуфт,
Кӯрие он кас, ки надида бигуфт.
Дид паямбар на ба чашми дигар,
Балки бад-ин чашми сар ин чашмсар,
Дидани он парда, маконе набуд,
Рафтани он роҳ, замоне набуд.
Ҳар кӣ дар он парда назаргоҳ ёфт,
Аз ҷиҳати беҷиҳатӣ роҳ ёфт.
Ҳаст, валекин на муқаррар ба ҷой,
Ҳар кӣ чунин нест, набошад худой.
Куфр бувад нафъи суботаш[66] макун,
Ҷаҳл[67] бувад вақфи ҷиҳоташ макун!
Хӯрд[68] шаробе, ки ҳақ омехта,
Ҷуръаи он дар гили[69] мо рехта.

Лутфи азал бо нафасаш ҳамнишин,
Раҳмати ҳақ нозкаш, ӯ нозанин.
Лаб ба шакарханда биёроста,
Уммати худро ба дуо[70] хоста.
Ҳимматаш аз ганҷ тавонгар шуда,
Ҷумлаи мақсуд муяссар шуда.
Пуштқавӣ гашта аз он боргоҳ,
Рӯй дароварда бад-ин коргоҳ.
З-он сафари ишқ ниёз[71] омада,
Дар нафасе рафтаву бозомада.
Эй, суханат мӯҳри забонҳои мо,
Бӯи ту ҷондоруи ҷонҳои мо.
Даври сахоро ба тамомӣ расон,
Хатми суханро ба Низомӣ расон!

## НАЪТИ АВВАЛ

Шамсаи нӯҳ маснади ҳафт ахтарон[72],
Хатми русул хотами[73] пайғамбарон[74].
Аҳмади мурсал,
ки хирад хоки ӯст,
Ҳар ду ҷаҳон бастаи фитроки ӯст.
Тозатарин сунбули саҳрои ноз,
Хосатарин гавҳари дарьёи роз.
Сунбули ӯ Сунбулаи рӯзтоб,
Гавҳари ӯ лаългари офтоб.
Хандаи хуш з-он назадӣ шаккараш,
То набарад оби садаф гавҳараш.
Гавҳари ӯ чун дили санге нахаст,
Санг чаро гавҳари ӯро шикаст?
Қард ҷудо санги маломатгараш,
Гавҳаре аз раҳгузари гавҳараш.
Ёфт фарохӣ гуҳар аз дурҷи танг,
Нест аҷаб зодани гавҳар зи санг.

Оре, аз он ҷо ки дили санг буд,
Хушкии савдош дар оҳанг буд.
Қай шуда ин санг муфарреҳгазой,
Гар нашудӣ дуршикану лаълсой.
Сими диёт буд магар сангро,
Қ-омаду хаст он даҳани тангро.
Ҳар гуҳаре,
к-аз даҳани санг хост,
Бо лабаш аз ҷумлаи дандон, баҳост.
Гавҳари сангин,
ки замин кони ӯст,
Қай дияти гавҳари дандони ӯст.
Фатҳ ба дандондияташ ҷонканон,
Аз буни дандон шуда, дандонканон.
Чун даҳан аз санг ба хуноба шуст,
Номи карам кард[75] ба худ бардуруст.
Аз буни дандон сари дандон гирифт,
Дод ба шукрона, ками он гирифт.
З-орзуи дошта дандон гузошт,
Қ-аз ду ҷаҳон ҳеҷ ба дандон надошт.
Дар сафи новардгаҳи лашкараш
Даст алам буду забон ханҷараш.
Ханҷари ӯ сохта дандоннисор,
Хун набувад ханҷари дандонадор.
Ин ҳама чӣ? То карамаш бингаранд,
Хор ниҳанд,
аз гули ӯ бар хӯранд.
Боғ пур аз гул,
сухани хор чист?
Ришта пур аз мӯҳра, думи мор чист?
Бо думи товус ками зоғ гир,
Бо дами булбул тарафи боғ гир![76]
Табъи Низомӣ,
ки бад-ӯ чун гул аст,
Бар гули ӯ нағзнаво булбул аст.

## НАТЪИ ДУЮМ

Эй тани ту поктар аз ҷони пок,
Рӯҳи ту парвардаи рӯҳе фидок.
Нуқтагаҳи хонаи раҳмат туӣ,
Хонабари нуқтаи заҳмат туӣ.
Роҳравони арабиро ту моҳ,
Тоҷварони аҷамиро ту шоҳ.
Раҳ ба ту ёбанду, ту раҳдеҳ наӣ,
Меҳтари деҳ худ туву дар деҳ наӣ.
Чун ту каримон, ки тамошо кунанд,
Рустии танҳо на ба танҳо кунанд.
Аз сари хоне, ки рутаб хӯрдаӣ,
Аз паи мо залла чӣ овардаӣ?
Лаб бикушо, то ҳама шаккар хӯранд,
З-оби даҳонат рутаби тар хӯранд.
Эй шаби гесӯи ту рӯзи наҷот,
Оташи савдои ту оби ҳаёт.
Ақл шуда шефтаи рӯи ту,
Силсилаи шефтагон мӯи ту.
Чарх зи тавқи карамат бандае,
Субҳ зи хуршеди рухат хандае.
Олами тар домани хушк аз ту ёфт,
Нофи замин нофаи мушк аз ту ёфт.
Аз асари хоки ту мушкин ғубор,
Пайкари он бум[77] шуда мушкбор.
Хоки ту аз боди Сулаймон беҳ аст,
Равза чӣ гӯям, ки зи ризвон беҳ аст.
Қаъба, ки саҷҷодаи такбири туст,
Ташнаи ҷуллоби табошири туст.
Тоҷи туву тахти ту дорад ҷаҳон,
Тахти замин омаду тоҷ осмон.
Соя надорӣ ту, ки нури маҳӣ,
Рав ту, ки худ сояи нураллаҳӣ.

Чор алам рукни мусулмонийят,
Панҷ дуо навбати султонийят.
Хоки залилон шуда гулшан ба ту,
Чашми ғарибон[78] шуда равшан ба ту.
То қадамат дар шаби гесӯфишон,
Бар сари гардун шуда доманкашон.
Пурзару дур гашта зи ту доманаш,
Хиштаки зар сӯзаи[79] пироҳанаш.
Дар садафи субҳ ба дасти сафо[80],
Ғолияи бӯи ту сояд сабо.
Лоҷарам он ҷо,
ки сабо тохта[81],
Лашкари анбар алам андохта[82].
Бӯй, к-аз он анбари ларзон диҳӣ,
Гар ба ду олам диҳӣ, арзон диҳӣ.
Сидра зи ороиши садрат зеҳест,
Арш дар айвони ту курсинеҳест.
Равзани ҷонат, чу бувад[83] субҳтоб,
Зарра бувад арш дар он офтоб.
Гарна зи субҳ оина берун фитод,
Нури ту бар хоки замин чун фитод?
Эй ду ҷаҳон, зери замин аз чиӣ?
Ганҷ наӣ, хокнишин аз чиӣ?
То ту ба хок андарӣ, эй ганҷи[84] пок,
Шарт бувад ганҷ супурдан ба хок?
Ганҷи туро фақри ту вайрона бас,
Шамъи туро зилли ту парвона бас.
Чархи муқаввас ҳадафи роҳи[85] туст,
Чанбари далваш расани чоҳи туст.
Ин ду тарафгарди[86] сапеду сиёҳ,
Роҳи туро пайк зи пайкони роҳ[87].
Ақл шафоҷӯю табибаш туӣ,
Моҳ сафарсозу ғарибаш туӣ.
Хезу шаби мунтазирон рӯз кун,
Табъи Низомӣ тарабафрӯз кун

# НАЪТИ САВВУМ

Эй маданӣ бурқаъу маккиниқоб,
Соянишин чанд бувад офтоб?
Гар маҳӣ, аз меҳр ту мӯе биёр,
В-ар гулӣ аз боғ ту бӯе биёр!
Мунтазиронро ба лаб омад нафас,
Эй зи ту фарьёд, ба фарьёд рас.
Сӯи аҷам рон, манишин дар араб,
Зардаи рӯз инаку шабдези шаб.
Мулк баророву ҷаҳон тоза кун,
Ҳар ду ҷаҳонро пур аз овоза кун!
Сикка ту зан, то умаро кам зананд,
Хутба ту хон, то хутабо дам зананд.
Хоки ту бӯе ба вилоят супурд,
Боди нифоқ омаду он бӯй бурд.
Боз каш, ин маснад аз осудагон,
Ғусл деҳ ин минбар аз олудагон.
Хонаи ғӯланд бипардозашон
Дар ғуладони адам андозашон.
Қам кун аҷре, ки зиёдат хӯранд,
Хос кун иқтоъ, ки ғоратгаранд.
Мо ҳама ҷисмем, биё, ҷон ту бош,
Мо ҳама мӯрем[88], Сулаймон ту бош.
Аз тарафе рахнаи дин мекунанд,
В-аз дигар атроф, камин мекунанд.
Шаҳна туӣ,
қофила танҳо чарост,
Қалб ту дорӣ, алам он ҷо чарост?
Ё Алие дар сафи майдон фирист,
Ё Умаре дар раҳи шайтон фирист.
Шаб ба сари моҳи ямонӣ дарор,
Сар чу маҳ аз бурди ямонӣ барор.
Бо ду-се дар банди камарбанд бош,
Қамзани ин камзадаи чанд бош[89].

Понсаду панҷоҳ бас айёми хоб,
Рӯз баланд аст ба маҷлис[90] шитоб!
Хез, бифармой Сирофилро,
То бидамад[91] ин ду-се қандилро!
Хилвати пардаи асрор шав,
Мо ҳама хуфтем, ту бедор шав!
З-офати ин хонаи[92] офатпазир
Даст баровар, ҳамаро даст гир!
Ҳар чӣ ризои ту ба ҷуз рост нест,
Бо ту касеро сари вохост нест[93].
Гар назар аз роҳи иноят кунӣ,
Ҷумла муҳиммот кифоят кунӣ.
Доира бинмой ба ангушти даст,
То ба ту бахшида шавад ҳар чӣ ҳаст.
Бо ту тасарруф кӣ кунад вақти кор,
Аз паи омурзиши муште ғубор.
Аз ту яке парда барандохтан,
В-аз ду ҷаҳон хирқа дарандохтан.
Мағзи Низомӣ,
ки хабарҷӯи туст,
Зиндадил аз ғолияи бӯи туст.
Аз нафасаш бӯи вафое бибахш,
Мулки Фаредун[94] ба гадое бибахш.

## НАЪТИ ЧАҲОРУМ

Эй гуҳари тоҷи фиристодагон,
Тоҷдеҳи гавҳари озодагон.
Ҳар чӣ зи бегонаву хайли туанд,
Ҷумла дар ин хона туфайли туанд,
Аввали байт арчи ба номи ту баст,
Номи[95] ту чун қофия охир нишаст.
Ин деҳи вайрон чу ишорат расид,
Аз туву одам ба иморат расид.

Он чӣ бад-ӯ хона навоин бувад,
Хишти пасин в-оби нахустин бувад.
Одаму Нӯҳӣ, на, беҳ аз ҳар дуӣ,
Мурсилаи як гиреҳ аз ҳардуӣ.
Одам аз он дона, ки шуд ҳайзадор,
Тавба шудаш гулшакари хушгувор.
Тавбаи дил дар чаманаш бӯи туст,
Гулшакараш хоки сари кӯи туст.
Дил зи ту чун гулшакари тавба х(в)ард,
Гулшакар аз гулшакарӣ тавба кард[96].
Гӯи қабулӣ зи азал сохтанд,
Дар сафи майдони дил андохтанд.
Одами навзахма даромад ба пеш,
То барад он гӯй ба чавгони хеш.
Борагиаш чун ақиби[97] хӯша рафт,
Гӯй фурӯ монду фаро гӯша рафт.
Нӯҳ, ки лабташна ба ҳайвон[98] расид,
Чашма ғалат карду ба тӯфон расид.
Махд Бироҳим, чӣ рой уфтод,
Нимраҳ омад ду-се ҷой уфтод.
Чун[99] дили Довуд нафастанг дошт,
Дархури ин зер бам оҳанг дошт.
Дошт Сулаймон адаби худ нигоҳ,
Мамлакатолуда[100] наҷуст ин кулоҳ.
Юсуф аз он чоҳ аёнӣ надид,
Ҷуз расану далв нишоне надид.
Хизр инон з-ин сафари хушк тофт,
Домани худ таршудаи чашма ёфт.
Мӯсӣ аз ин ҷом тиҳӣ дид даст,
Шиша ба кӯҳпояи Арнӣ шикаст.
Азми Масеҳо на ба ин дона буд,
К-ӯ зи дарун тӯҳматии хона буд.
Ҳам ту фалак[101] тарҳ дарандохтӣ,
Соя бар ин кор барандохтӣ.

Мӯҳр шуд ин нома ба унвони ту,
Хатм шуд ин хутба ба даврони ту.
Хезу беҳ аз чарх мадоре бикун,
Ӯ накунад кори ту, коре бикун!
Хатти фалак хиттаи майдони туст,
Гӯи замин дар хами чавгони туст.
То зи адам гарди фано барнахост,
Метаку мегоз, ки майдон турост.
Қист фано, к-об зи ҷомат барад,
Ё адами сифла, ки номат барад.
Пои адам дар адам овора кун,
Дасти фаноро ба фано пора кун!
Эй нафасат нутқи забонбастагон,
Марҳами савдои ҷигархастагон.
Ақл ба шаръи ту зи дарьёи хун,
Қиштии ҷон бурд ба соҳилдарун.
Қиблаи нӯҳ чарх ба кӯят дар аст,
Абҳари шашрӯза ба мӯят[102] дар аст.
Мулк чу мӯят ҳама дар ҳам шавад,
Гар сари мӯе зи сарат кам шавад.
Беқалам аз пӯст бурунхон туӣ,
Бесухан аз мағз дарундон туӣ.
З-он назад ангушти ту бар ҳарф пой,
То нашавад ҳарфи ту ангуштсой.
Ҳарфи ҳама халқ шуд ангуштрас,
Ҳарфи ту бе заҳмати ангушти кас.
Пистшакар гашт ғубори дарат,
Пставу унноб шуда шаккарат[103].
Як кафи писти ту ба саҳрои ишқ,
Барги чиҳилрӯза тамошои ишқ.
Тозатарин субҳи наҷотӣ маро,
Хоки туам, к-оби ҳаётӣ маро.
Хоки ту, худ равзаи ҷони ман аст,
Равзаи ту,
ҷону ҷаҳони ман аст.

Хоки ту дар чашми Низомӣ кашам,
Ғошия бар дӯши ғуломӣ кашам.
Бар сари он равзаи чун ҷони пок
Хезам чун боду нишинам чу хок.
То чу сар он[104] ғолияи тар кунанд,
Хоки маро ғолияи сар кунанд.

## ДАР МАДҲИ МАЛИК ФАХРУДДИН БАҲРОМШОҲ ИБНИ ДОВУД

Ман, ки дар ин доираи даҳрбанд
Чун гирехи нуқта шудам шаҳрбанд.
Дастраси пойкушоим нест,
Соя, вале фарри ҳумоим нест.
Пой фурӯ рафта бад-ин хок-дар,
Бо фалакам даст ба фитрок-дар.
Фарқ ба зери қадам андохтам,
В-аз сари зону қадаме сохтам.
Гашта зи бас равшании рӯи ман,
Оинаи дил, сари зонӯи ман.
Ман ки ба ин оина пардохтам,
Оинаи дида даранд охтам.
То зи кадом оина тобе расад,
Ё зи кадом оташам обе расад?
Чун назари ақл ба раи дуруст,
Гирди ҷаҳон даст баровард чуст.
Дид аз он моя[105], ки дар ҳиммат аст,
Поядеҳеро ки валинеъмат аст.
Шоҳи қавитолеи фирӯзчанг,
Гулбуни ин равзаи фирӯзранг,
Хизри сикандарманиши чашмарой,
Қутби расадбанди Маҷастикушой.
Он ки зи мақсуди вуҷуд аввал аст,
В-ояти мақсуд бад-ӯ мунзал аст.

Шоҳи фалактоҷи сулаймоннигин,
Мафхари офоқ малик Фахриддин,
Нисбати Довудии ӯ карда чуст,
Бар шарафаш номи Сулаймон дуруст.
Рояти Исҳоқ аз ӯ олӣ аст,
Зиддаш агар ҳаст, Симоилӣ аст.
Якдилаи шашҷиҳату[106] ҳафтгоҳ,
Нуқтаи нӯҳ доира Баҳромшоҳ.
Он ки зи Баҳромии ӯ вақти зӯр,
Гӯр бувад баҳраи Баҳроми Гӯр.
Мафхарӣ[107] шоҳон ба тавонотарӣ,
Номвари даҳр[108] ба донотарӣ.
Хоскунӣ мулки ҷаҳон бар умум,
Ҳам малики Армашу ҳам шоҳи Рум.
Салтанатавранги хилофатсарир
Румситонандаи Абхозгир.
Олиму одилтари аҳли вуҷуд,
Муҳсину мукримтари абнои ҷуд.
Дин фалаку давлати ӯ ахтар аст,
Мулк садаф, хоки дараш гавҳар аст.
Чашмаву дарьёст ба моҳиву дур,
Чашмаи осудаву дарьёи пур.
Бо кафаш ин чашмаи симобрез,
Хонда чу симоб гурезогурез.
Хандазанон аз камараш лаъли ноб,
Бар камари лаълкаши офтоб.
Офати ин панҷараи лоҷвард
Панҷа дар ӯ зад, ки дар ӯ панҷа кард.
Кӯси[109] фалакро ҷарасаш бишканад,
Шишаи маҳро нафасаш бишканад.
Хубсароғозтар аз хуррамӣ,
Нексаранҷомтар аз мардумӣ.
Ҷоми сахоро, ки кафаш соқӣ аст,
Боқӣ бодо, ки ҳамин[110] боқӣ аст.

## ДАР ХИТОБИ ЗАМИНБӮС ФАРМОЯД

Эй шарафи гавҳари одам ба ту,
Равшании дидаи олам ба ту.
Чарх, ки як пушт зафарсози туст,
Нӯҳ шикам обистани як нози[111] туст.
Гӯши ду моҳӣ забару зери ту,
Шуд садафи гавҳари шамшери ту.
Маҳ, ки ба шаб теғ дарандохтаст,
Бо сари теғат сипар андохтаст.
Чашмаи теғи ту чу оби Фурот,
Рехта қурробаи оби ҳаёт.
Ҳар кӣ ба тӯфони ту хобаш барад[112],
Вар ба масал Нӯҳ шуд, обаш барад[113].
Ҷоми ту Қайхусраву Ҷамшедҳуш,
Рӯи ту парвонаи хуршедкуш.
Шердилӣ кун, ки далерафканӣ,
Шер, хато гуфтам, шерафканӣ.
Чарх зи шерони чунин бешае,
Аз ту кунад бештар андешае.
Он дилу он заҳра киро дар масоф,
К-аз дилу аз заҳра занад бо ту лоф.
Ҳар чӣ ба зери фалаки азрақ аст,
Дасти муроди ту бар ӯ мутлақ аст.
Дастнишон аст туро чанд кас,
Дастнишини ту фариштасту бас.
Давр ба ту хотами даврон набишт,
Бод ба хоки ту Сулаймон набишт.
Эзид, к-ӯ дод ҷавониву мулк,
Мулк туро дод ,ту дониву мулк.
Хок ба иқболи ту зар мешавад,
Заҳр ба ёди ту шакар мешавад.
Май, ки Фаредун накунад бо ту нӯш,
Риштаи Заҳҳок бидорад зи дӯш.

Меҳӯр май, мутрибу соқи-т ҳаст,
Ғам чӣ хӯрӣ? Давлати боқи-т ҳаст.
Мулкҳифозию салотинпаноҳ,
Соҳиби шамшерию соҳибкулоҳ[114].
Гарчи ба шамшери салобатпазир,
Тоҷситон омадию тахтгир.
Чун хулафо ганҷфишонӣ кунӣ,
Тоҷ диҳӣ, тахтситонӣ кунӣ.
Ҳаст сари теғи ту болои тоҷ,
Аз маликон чун наситонӣ хироҷ?
Тахтбар он сар, ки бар ӯ пои туст,
Бахтвар он дил,
ки дар ӯ ҷои туст.
Ҷуғд ба даври ту ҳумоӣ кунад,
Сар ки расад пеши ту, поӣ кунад.
Мункири маъруфи ҳидоятшуда,
Аз ту шикоят ба шикоят шуда.
Дар суми рахшат зи заминрост беҳ,
Хасми ту чун наъл шуда чормех.
Ҳафт фалак бо гуҳарат[115] ҳуққае,
Ҳашт биҳишт аз аламат шуққае.
Ҳар кӣ на дар ҳукми ту бошад сараш,
Бар сараш афсор шавад афсараш.
Дар ҳама фан, соҳиби як фан туӣ,
Ҷони ду олам ба яке тан туӣ.
Гӯши сахоро[116] адабомӯз кун,
Шамъи суханро нафасафрӯз кун.
Хилъати гардун ба ғуломӣ фирист,
Бӯи қабулӣ ба Низомӣ фирист,
Гарчи сухан фарбеҳу ҷонпарвар аст,
Чунки ба хони ту расад, лоғар аст.
Бе гуҳару лаъл шуд ин баҳру кон,
Гавҳараш аз каф деҳу лаъл аз даҳон.
В-он ки ҳасуд аст, бар ӯ бе дареғ
Лаъл зи пайкон деҳу гавҳар зи теғ.

Чун фалакат толеи масъуд дод,
Оқибати кори ту маҳмуд бод!
Сохтаву сӯхта дар роҳи ту,
Сохта ман, сӯхта бадхоҳи ту.
Фатҳи ту сар чун алам афрохта,
Хасми ту сар чун қалам андохта.

## ДАР МАҚОМ ВА МАРТАБАТИ ИН НОМА

Ман, ки сарояндаи ин навгулам,
Боғи туро нағмасаро[117] булбулам,
Дар раҳи ишқат нафасе мезанам,
Бар сари кӯят ҷарасе мезанам.
Орияти кас напазируфтаам,
Он чӣ дилам гуфт, бигӯ, гуфтаам.
Шӯъбадаи тоза барангехтам,
Ҳайкале аз қолиби нав рехтам.
Субҳдаме чанд адаб омӯхтам,
Пардаи сеҳри[118] саҳарӣ дӯхтам.
Мояи дарвешию шоҳӣ дар ӯ
Махзани асрори илоҳӣ дар ӯ.
Бар шакари ӯ нанишаста магас,
Не магаси ӯ шакаролуди кас.
Нӯҳ дар ин баҳр сипар бифканад,
Хизр дар ин чашма сабӯ бишканад.
Бар ҳама шоҳон зи паи ин ҷамол
Қуръа задам, номи ту омад ба фол.
Нома ду омад зи ду номусгоҳ,
Ҳар ду мусаҷҷал ба ду Баҳромшоҳ.
Он заре аз кони куҳан рехта,
В-ин дуре аз баҳри нав ангехта.
Он ба дар оварда зи Ғазнӣ алам,
В-ин зада бар сиккаи румӣ рақам[120].

Гарчи дар он сикка сухан чун зар аст,
Сиккаи зарри ман аз он беҳтар аст.
Гар кам аз он шуд бунаву бори ман,
Беҳтар аз он аст харидори ман.
Шева ғариб аст, машав номуҷиб,
Гар бинавозиш, набошад ғариб,
Қ-ин сухани растатар аз нақши боғ
Ориятафрӯз нашуд чун чароғ.
Уст дар ин деҳ зи деҳ ободтар,
Тозатар аз чарху куҳанзодтар.
Ранг надорад зи нишоне, ки ҳаст,
Рост наёяд ба забоне, ки ҳаст[121].
Хони туро ин ду навола сухун,
Даст накардаст, бар ӯ даст кун.
Гар намакаш ҳаст, бихӯр, нӯш бод,
В-арна зи ёди ту фаромӯш бод.
Бо фалак он шаб, ки нашинӣ ба хон,
Пеши ман афкан қадаре устухон,
Қ-охир, лофи сагиат мезанам,
Дабдабаи[122] бандагиат мезанам.
Аз маликоне, ки вафо дидаам,
Бастани худ бар ту писандидаам.
Хидматам охир ба вафое кашад,
Ҳам сари ин ришта ба ҷое кашад.
Гарчи бад-ин даргаҳи пояндагон,
Рӯй ниҳоданд ситояндагон.
Пеши Низомӣ ба ҳисоб истанд,
Ӯ дигар аст[123], ин дигарон кистанд?
Ман, ки дар ин манзилашон мондаам,
Марҳалае пештарак рондаам.
Теғ зи алмоси забон сохтам,
Ҳар кӣ пас омад, сараш андохтам.
Теғи Низомӣ, ки сарандоз шуд,
Кунд нашуд, гарчи куҳансоз шуд.

Гарчи худ ин пояи беҳамсарист,
Пои маро ҳамсари болотарист.
Авҷ баланд аст, дар ӯ мепарам,
Бошад, к-аз ҳиммати худ бар хӯрам[124].
То магар аз равшании рои ту,
Сар ниҳам он ҷо,
ки бувад пои ту.
Гарди ту гирам, ки ба гардун расам,
То нарасонӣ ту маро, чун расам,
Буд басеҷам, ки дар ин як-ду моҳ,
Тоза кунам аҳди заминбӯси шоҳ.
Гарчи дар ин ҳалқа, ки пайвастаанд,
Роҳи бурун омаданам бастаанд.
Пеши ту аз баҳри фузун омадан,
Хостам аз пӯст бурун омадан.
Боз чу дидам, ҳама раҳ шер буд,
Пешу пасам дашнаву шамшер буд,
Лек дар ин хиттаи шамшербанд
Бар ту кунам хутба ба бонги баланд.
Оби сухан бар дарат афшондаам,
Рег манам ин[125] ки баҷо мондаам.
Заррасифат пеши ту, эй офтоб,
Бод дуои саҳарам мустаҷоб!
Гашта дилам баҳри гуҳаррези ту,
Гавҳари ҷонам камаровези ту.
То шабу рӯзаст, шабат рӯз бод,
Гавҳари шоҳит шабафрӯз бод[126].
Ин сарият бод[127] ба некахтарӣ,
Беҳтар бод он сарият з-ин сарӣ.

## ГУФТОР ДАР ФАЗИЛАТИ СУХАН

Ҷунбиши аввал, ки қалам баргирифт,
Ҳарфи нахустин зи сухан даргирифт.

Пардаи хилват чу барандохтанд,
Ҷилвати аввал ба сухан сохтанд.
То сухан овозаи дил дарнадод,
Ҷон, тани озода ба гил дарнадод.
Чун қалам омад шудан оғоз кард,
Чашми ҷаҳонро ба сухан боз кард.
Бе сухан овозаи олам набуд,
Ин ҳама гуфтанду сухан кам набуд.
Дар луғати ишқ, сухан ҷони мост,
Мо суханем, ин талал[128] айвони мост.
Хатти ҳар андеша,, ки пайвастаанд[129],
Бар пари мурғони сухан бастаанд[130].
Нест дар ин кӯҳнаи[131] навхезтар
Мӯйшикофе зи сухан тезтар.
Аввали андеша пасини шумор,
Ҳам сухан аст, ин сухан ин ҷо бидор!
Тоҷварон, тоҷвараш хондаанд,
В-он дигарон он дигараш хондаанд.
Гаҳ ба навое аламаш баркашанд,
Гаҳ ба нигоре[132] қаламаш даркашанд.
Ӯ зи алам фатҳ намояндатар,
В-аз қалам иқлим кушояндатар.
Гарчи сухан худ нанамояд ҷамол,
Пеши парастандае муште хаёл.
Мо, ки назар бар сухан афкандаем,
Мурдаи ӯему бад-ӯ зиндаем.
Сардпаён, оташ аз ӯ тофтанд,
Гармравон, об дар ӯ ёфтанд.
Ӯст дар ин деҳ зи деҳ ободтар,
Тозатар аз чарху куҳанзодтар.
Ранг надорад зи нишоне, ки ҳаст,
Рост наёяд ба забоне, ки ҳаст.
То сухан он ҷо ки барорад алам,
Ҳарф зиёд асту забон низ ҳам.

Гарна сухан риштаи ҷон тофтӣ,
Ҷон сари ин ришта куҷо ёфтӣ?
Мулки табиат ба сухан хӯрдаанд,
Мӯҳри шариат ба сухан кардаанд,
Қ-он сухани мову зари хеш дошт,
Ҳар ду ба саррофи сухан[133] пеш дошт,
Қ-аз сухани тозаву зарри куҳан,
Гӯй, чӣ беҳ, гуфт: — Сухан беҳ, сухан!
Пайки сухан раҳ ба сари хеш бурд,
Қас набарад, он чӣ сухан пеш бурд.
Сими сухан зан, ки дирам хоки ӯст,
Зар чӣ саг аст?! Оҳуи фитроки ӯст.
Садрнишинтар зи сухан нест кас,
Давлати ин мулк суханрост бас.
Ҳар чӣ на дил бехабар аст аз сухан,
Шарҳи сухан бештар аст аз сухан.
То сухан аст, аз сухан овоза бод,
Номи Низомӣ ба сухан тоза бод!

## БАРТАРИИ СУХАНИ МАНЗУМ АЗ МАНСУР

Чунки насахта сухани сарсарӣ,
Ҳаст бари гавҳариён, гавҳарӣ.
Нукта нигаҳ дор, бибин, чун бувад
Нукта, ки санҷидаву мавзун бувад[134].
Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд.
Хоса калиде, ки дари ганҷрост,
Зери забон марди сухансанҷрост.
Он ки тарозуи сухан сахта кард,
Бахтоваронро ба сухан пухта кард.
Булбули аршанд суханпарварон,
Боз чӣ монанд ба он дигарон.

З-оташи фикрат чу парешон шаванд,
Бо малак аз ҷумлаи хешон шаванд.
Пардаи розе, ки суханпарварист,
Сояе аз пардаи[135] пайғамбарист.
Пешу пасе баст сафи кибриё,
Пас шуаро омаду пеш анбиё.
Ин ду назар маҳрами як дӯстанд,
Ин ду чу мағз, он ҳама чун пӯстанд[136].
Ҳар рутабе, к-аз сари ин хон бувад,
Он на сухан[137], порае аз ҷон бувад.
Ҷони тарошида ба минқори гил,
Фикрати хоида ба дандони дил.
Чашмаи ҳикмат, ки сухандонӣ аст,
Обшуда з-ин ду-се якнонӣ аст.
Он ки дар ин парда навоеш ҳаст,
Хуштар аз ин ҳуҷра сароеш ҳаст.
Бо сари зонуи вилоятситон,
Сар ниниҳад бар сари ҳар остон.
Чун сари зону қадами дил кунад,
Дар ду ҷаҳон даст ҳамоил кунад.
Ояд фарқаш ба саломи қадам,
Ҳалқасифат пову сар орад ба ҳам.
Дар хами он ҳалқа, ки ҷусташ кунад,
Ҷон шиканад, боз дурусташ кунад.
Гоҳе аз он ҳалқаи зонуқарор,
Ҳалқа ниҳад гӯши фалакро ҳазор.
Гоҳ бад-ин ҳуққаи[138] фирӯзаранг
Мӯҳра яке даҳ ба дар орад зи чанг.
Чун ба сухан гарм шавад маркабаш,
Ҷон ба лаб ояд, ки бибӯсад лабаш.
Аз паи лаъле, ки барорад зи кон,
Рахна кунад байзаи ҳафт осмон.
Нисбати фарзандии абьёти ҷуст
Бар падари табъ бидорад[139] дуруст.

Хидматаш орад фалаки чанбарӣ,
Боз раҳад з-офати хидматгарӣ.
Ҳам нафасаш роҳати ҷонҳо шавад,
Ҳам суханаш муҳри забонҳо шавад.
Ҳар кӣ нигорандаи ин пайкар аст,
Бар суханаш зан, ки суханпарвар аст.
Муштарии сеҳри сухан хонамаш,
Зӯҳраи ҳорутшикан донамаш.
Ин буна, к-оҳанги саворон гирифт,
Пояи хор аз сари хорон гирифт.
Рои маро ин сухан аз ҷой бурд,
Қ-оби суханро суханорой бурд.
Меваи дилро кӣ ба ҷоне диҳанд,
Қай бувад обе, ки ба ноне диҳанд.
Эй фалак, аз дасти ту чун растаанд,
Ин гиреҳое, ки камар бастаанд.
Қор шуд аз даст, ба ангушти пой,
Ин гиреҳ аз кори сухан вокушой.
Симкашоне, ки ба[140] зар мурдаанд,
Сиккаи ин сим[141] ба зар бурдаанд.
Ҳар кӣ ба зар сиккаи[142] чун рӯз дод,
Санг ситуд дурри шабафрӯз дод.
Лоҷарам ин қавм, ки донотаранд,
Зертаранд,
арчи ба болотаранд.
Он ки сараш заркаши султон кашид,
Бозпасин луқма зи оҳан чашид.
В-он ки чу симоб ғами зар нахӯрд,
Нуқра шуду оҳани Санҷар нахӯрд.
Чун суханат шаҳд шуд, арзон макун,
Шаҳди суханро магасафшон макун!
То надиҳандат, маситон, гар вафост,
То нанпюшанд, магӯ, гар дуост.
То накунад шаръ туро номдор,
Номзади шеър машав, зинҳор!

Шеър туро сидранишонӣ диҳад,
Салтанати мулки маонӣ диҳад.
Шеъри ту аз шаръ бад-он ҷо расад,
Қ-аз камарат соя ба Ҷавзо расад.
Шеър барорад ба амирит ном,
Қ-аш шуарои умаро-ул-калом.
Чун фалак аз пой нашояд нишаст,
То сухане чун фалак орӣ ба даст.
Бар сифати шамъ сарафканда бош,
Рӯз фурӯ мурдаву шаб зинда бош.
Чун таки андеша ба гармӣ расид[143],
Тундрави чарх ба нармӣ расид[144].
Беҳ, ки сухан дерписанд оварӣ,
То сухан аз даст баланд оварӣ.
Ҳар чӣ дар ин парда нишонат диҳанд[145],
Гар написандӣ, беҳ аз онат диҳанд.
Сина макан, гар гуҳар орӣ ба даст,
Беҳтар аз он ҷӯй, ки дар сина ҳаст.
Ҳар кӣ алам бар сари ин роҳ бурд,
Гӯй зи хуршеду так аз моҳ бурд.
Гар нафасаш гармравӣ ҳам накард,
Як нафас аз гармравӣ кам накард.
Дар таки фикрат, ки равиш гарм дошт,
Бурд фалакро,
вале озарм дошт.
Борагӣ аз шаҳпари Ҷибрил сохт,
Бодзан аз боли Сирофил сохт.
Пайсипари кас макун ин киштаро,
Боз мадеҳ сар ба кас ин риштаро.
Суфраи анҷир шудӣ сифрвор,
Гар ҳама мурғе будӣ анҷирхор.
Ман ки дар ин шева мусиб омадам,
Диданӣ арзам, ки ғариб омадам.
Шеър ба ман савмаабуньёд шуд,
Шоирӣ аз мастаба озод шуд.

Зоҳиду роҳиб сӯи ман тохтанд,
Хирқаву зуннор[146] дарандохтанд.
Сурхгуле ғунчамисолам ҳанӯз,
Мунтазири боди шимолам ҳанӯз.
Гар бинамоям сухани тозаро,
Сури қиёмат кунам овозаро.
Ҳар чӣ вуҷуд аст зи нав то куҳан,
Фитна шавад бар мани ҷодусухан.
Санъати ман бурда зи ҷоду шикеб,
Сеҳри ман афсуни малоикфиреб.
Бобули ман Ганҷаи ҳорутсӯз,
Зӯҳраи ман хотири анҷумфурӯз.
Зӯҳраи ин мантиқи мизонӣ аст,
Лоҷарамаш мантиқи рӯҳонӣ аст.
Сеҳри ҳалолам саҳари қут шуд,
Насхкуни нусхаи Ҳорут шуд.
Шакли Низомӣ ки хаёли ман аст,
Ҷонвар аз сеҳри ҳалоли ман аст.

## ДАР ТАВСИФИ ШАБ ВА ШИНОХТАНИ ДИЛ

Чун сипар андохтани офтоб,
Гашт заминро сипар афкан бар об.
Гашт ҷаҳон аз нафасаш тангтар,
В-аз сипари ӯ сипарак рангтар[147].
Бо сипар афкандани ӯ лашкараш,
Теғ кашиданд ба қасди сараш.
Гов, ки删 

хармӯҳра бад-ӯ даркашанд,
Чунки биёфтад, ҳама ханҷар кашанд.
Тифли шаб оҳехт чу дар доя[148] даст,
Зангӯлаи рӯз фаро по-ш баст,
Аз паи савдои шаб андешанок,
Сохта маъҷуни муфарреҳ зи хок.

Хок шуда боди Масеҳон ӯ,
Об зада[149] оташи савдон ӯ.
Шарбату ранҷур ба ҳам сохта,
Хонаи савдо шуда пардохта.
Рехта ранҷур яке тоси хун,
Гашта зи сар то қадам анқосгун.
Ранги даруни̅ шуда берунришин,
Гуфта қазо кона мин-ал-кофирин.
Ҳар нафасе аз сари таннозие,
Бозии шаб сохта шаббозие.
Гаҳ қасаби моҳ гуломез кард,
Гоҳ дафи Зӯҳра дирамрез кард.
Ман ба чунин шаб, ки чароғе надошт,
Булбули он равза, ки боғе надошт.
Хуни ҷигар бо сухан омехтам,
Оташ аз оби ҷигар ангехтам.
Бо суханам чун сухане чанд рафт,
Бе касам андеша дар ин панд рафт.
Ҳотифи хилват ба ман овоз дод,
Вом чунон кун, ки тавон боз дод.
Об дар ин оташи покат чарост,
Бод ҷанибаткаши хокат чарост?
Хоки таборанда ба тобут бахш,
Оташи тобанда ба ёқут бахш.
Тир маафкан, ки ҳадаф рои туст,
Микраа кам зан, ки фарас пои туст,
Ғофил аз ин беш нашояд нишаст,
Бар дари дил рез, гар обет ҳаст.
Дар хуми ин хам ки кабуде[150] хуш аст,
Қиссаи дил гӯ, ки суруде[151] хуш аст.
Дур шав аз роҳзанони ҳавос,
Роҳи ту дил донад, дилро шинос,
Аршравоне, ки зи тан растаанд,
Шаҳпари Ҷибрил ба дил бастаанд,

В-он ки инон аз ду ҷаҳон тофтаст[152],
Қут зи дарьюзаи дил ёфтаст[153].
Дил агар ин мӯҳраи обу гил аст,
Ҳар ҳам аз иқболи ту соҳибдил аст.
Зинда ба ҷон, худ ҳама ҳайвон бувад,
Зинда ба дил бош, ки умр он бувад[154].
Дидаву ғӯш аз ғараз афзуниянд,
Қоргари пардаи беруниянд.
Пунба дароганда чу гил ғӯши ту,
Наргиси чашм обилаи ҳӯши ту.
Наргису гулро чӣ парастӣ ба боғ,
Эй зи ту ҳам наргису ҳам гул ба доғ,
Дида, ки оинаи ҳар нокас аст,
Оташи ӯ оби ҷавонӣ бас аст.
Табъ, ки бо ақл ба даллолагист,
Мунтазири нақди чиҳилсолагист.
То ба чиҳил сол, ки болиғ шавад,
Харҷи[155] сафарҳош муболиғ шавад.
Ёр кунун боядат, афсун махон,
Дарси чиҳилсолагӣ акнун махон!
Даст баровар зи миён, чора ҷӯй,
Ин ғами дилро дили ғамхора ҷӯй!
Ғам махӯр, албатта,
ки ғамхор ҳаст,
Гардани ғам бишкан, агар ёр ҳаст.
Бенафасеро[156] ки забуни ғам аст,
Ёрии ёрон мададе маҳкам аст.
Чун нафасе гарм[157] шавад бо ду кас,
Нест шавад сад ғам аз он як нафас.
Субҳи нахустин чу нафас барзанад,
Субҳи дуюм бонг бар ахтар занад.
Пештарин субҳ ба хорӣ расад,
Гарна пасин субҳ ба ёрӣ расад.
Аз ту наёяд ба туӣ ҳеҷ кор,
Ёр талаб кун, ки бароят зи ёр.

Гарчи ҳама мамлакате хор нест,
Ёр талаб кун, ки[158] беҳ аз ёр нест!
Ҳаст зи ёрӣ ҳамаро ногузир,
Хосса зи ёре, ки бувад дастгир.
Ин ду-се ёре, ки ту дорӣ таранд,
Хушктар аз ҳалқаи дар бар даранд.
Даст даровез ба фитроки дил,
Оби ту бошад,
ки шавӣ хоки дил.
Чун малик-ул-арш ҷаҳон офарид,
Мамлакати сурату ҷон офарид.
Дод ба тартиби адаб[159] резише,
Сурату ҷонро ба ҳам омезише.
З-ин ду ҳамогӯш дил омад падид,
Он халафе, к-ӯ ба хилофат расид.
Дил, ки бар ӯ хутбаи султонӣ аст,
Ақдаши ҷисмонию рӯҳонӣ аст.
Нури адимат зи суҳайли дил аст,
Сурату ҷон ҳар ду туфайли дил аст.
Чун сухани дил ба димоғам расид,
Равғани мағзам ба чароғам расид.
Гӯш дар ин ҳалқа забон сохтам,
Ҷон ҳадафи ҳотифи ҷон сохтам.
Чарбзабон гаштам аз он фарбеҳӣ,
Табъ зи шодӣ пуру аз ғам тиҳӣ.
Рехтам аз чашмаи чашм оби сард,
Қ-оташи дил оби[160] маро гарм кард.
Даст баровардам аз он дастбанд,
Роҳзанон оҷизу ман зӯрманд.
Дар таки он роҳ ду манзил шудам,
То ба яке так ба дари дил шудам.
Ман сӯи дил рафтаву ҷон сӯи лаб,
Нимаи умрам шуда то нимашаб.
Бар дари мақсураи рӯҳониам,
Гӯй[161] шуда қомати чавгониам.

Гӯй ба даст омада чавгони ман,
Домани ман гашта гиребони ман.
Пой зи сар сохтаву сар зи пой,
Гӯйсифат гаштаву чавгоннамой.
Қори ман аз дасту ман аз худ шуда,
Сад зи яке дида, яке сад шуда.
Ҳамсафарон ҷоҳилу ман навсафар,
Ғурбатам аз бекасиям талхтар.
Раҳ на, к-аз он дарбитавонам гузашт,
Пой дарун неву сари бозгашт.
Чунки дар он нақби забонам гирифт,
Ишқ нақибона[162] инонам гирифт.
Ҳалқа задам гуфт: — Бад-ин[163] вақт кист?
Гуфтам: — Агар бор диҳӣ, одамист.
Пешравон парда барандохтанд,
Пардаи таркиб дарандохтанд.
Лоҷарам аз хостарини сарой[164]
Бонг даромад[165], ки: — «Низомӣ дарой».
Хостарин маҳрами[166] он дар шудам,
Гуфт: «Дарун ой». — «Даруntар шудам».
Боргаҳе ёфтам афрӯхта,
Чашми бад аз дидани он[167] дӯхта.
Ҳафт халифа ба яке хона дар,
Ҳафт[168] ҳикоят ба як афсона дар.
Мулк[169] аз он беш,
ки афлокрост,
Давлатиё хок, ки[170] он хокрост,
Дар нафасобод дами нимсӯз,
Садрнишин гашта шаҳи Нимрӯз.
Сурхсаворе ба адаб пеши ӯ,
Лаълқабое зафарандеши ӯ.
Талхҷавоне язаке дар шикор,
Зертар аз вай сияҳе дардхор.
Қасди камин карда камандафкане,
Сим зиреҳ сохта рӯинтане.

Ин ҳама парвонаву дил шамъ буд,
Ҷумла парокандаву дил ҷамъ буд.
Ман ба қаноат шуда меҳмони дил,
Ҷон ба наво дода ба султони дил.
Чун алами лашкари дил ёфтам,
Рӯи худ аз оламиён тофтам.
Дил ба забон гуфт, ки эй безабон,
Мурғ, талаб, бигзар аз ин ошьён.
Оташи ман маҳрами ин дуд нест,
Қ-он намак, ин пора намаксуд нест[171].
Соям аз ин сарв тавонотар аст,
Поям аз ин поя ба болотар аст.
Ганҷаму дар кисаи Қорун наям,
Бо ту наям в-аз ту ба берун наям.
Мурғи лабам бо нафаси гарми ӯ,
Парри забон рехта аз шарми ӯ.
Сохтам аз шарм сарафкандагӣ,
Гӯши адаб ҳалқакаши бандагӣ.
Хоҷа дили аҳди маро тоза кард,
Номи Низомӣ фалаковоза кард.
Чунки падидам зи риёзат гузир,
Гаштам аз он хоҷа риёзатпазир.

## ХИЛВАТИ АВВАЛ ДАР ПАРВАРИШИ ДИЛ

Ройизи ман чун адаб оғоз кард,
Аз гиреҳи нӯҳ фалакам боз кард.
Гарчи гиреҳ дар гиреҳаш[172] буд ҷой,
Барнагирифт аз сари ин ришта пой.
То сари ин ришта ба ҷое расид,
Қ-он гиреҳ аз ришта бихоҳад бурид.
Хоҷа маалқисса, ки дар банди мост,
Гарчи худо нест, худованди мост.

Шаҳнаи роҳу ду ҷаҳони ман аст,
Гарна чаро дар ғами ҷони ман аст?
Гарчи басе соз надорад зи ман,
Шафқати худ боз надорад зи ман.
Гашт чу ман беадаберо ғулом,
Он адабомӯз маро кард ром.
Аз чу мане сар ба ҳазимат набурд,
Сӯҳбати хокӣ ба ғанимат шумурд.
Рӯзе аз ин Мисри Зулайхопаноҳ,
Юсуфие карду бурун шуд зи чоҳ.
Чашми шаб аз хоб чу бардӯхтанд,
Чашми чароғи саҳар афрӯхтанд.
Субҳ, чароғи фалакафрӯз шуд,
Қуҳлии шаб қирмизии рӯз шуд.
Хоҷа гиребони чароғе гирифт,
Дасти ману домани боғе гирифт.
Доманам аз хори ғам осуда кард,
То ба гиребон ба гул омуда кард.
Ман чу лаби лола шуда ханданок,
Ҷома ба сад ҷой чу гул карда чок.
Лола дили хеш ба ҷонам супурд,
Гулкамари худ ба миёнам супурд.
Гаҳ чу май олуда ба хун омадам,
Гаҳ чу гул аз парда бурун омадам.
Гул ба гулу шох ба шох аз шитоб,
Мешудам эдун,
ки шавад нашъи об.
То алами ишқ ба ҷое расид,
Қ-аз тарабе бӯи вафое расид.
Нуктаи[173] боде ба забони фасеҳ
Зиндадилам кард чу боди Масеҳ.
Зери замин рехт иморимро,
Так ба сабо дод саворимро.
Гуфт: «Фуруд ою зи худ дам мазан,
В-арна фуруд орамат аз хештан».

Ман, ки бар он об чу киштӣ шудам,
Сокин аз он[174] боди биҳиштӣ шудам
Оби равон буд, фуруд омадам,
Ташназабон бар лаби руд омадам.
Чашмае афрӯхтатар з-офтоб,
Хизр ба хазрош надида ба хоб.
Хобгаҳе буд суманзори ӯ,
Хобкунон наргиси бедори ӯ.
Доираи хатти сипеҳраш маҳом,
Ғолияи бӯи биҳишташ ғулом.
Гул зи гиребони суман[175] карда ҷой,
Хоркашон домани гул зери пой.
Оҳуву рӯбоҳ дар он марғзор
Нофа ба гул додаву нефа ба хор.
Тӯтӣ аз он гул,
ки шакарханда буд,
Бар сари сабзиш пар афканда[176] буд.
Тозагиё тӯтии[177] шаккар ба даст.
Оҳувакон аз[178] шакараш шермаст.
Ҷилвагар аз хиҷлаи гулҳо шамол,
Гулшакар аз шохи гиёҳо ғизол.
Хайрии маншур[179] мураккаб шуда,
Мирваҳаи анбари ашҳаб шуда.
Сурмаи бинанда чу наргиснамош,
Савсани[180] афъӣ чу зумаррадгиёш.
Қофилазан ёсуману гул ба ҳам,
Қофиягӯ қумрию булбул ба ҳам.
Савсани якрӯзаи Исозабон
Дода ба субҳ аз кафи Мусо нишон.
Фохта фарьёдкунон субҳгоҳ,
Фохтагун карда фалакро ба оҳ.
Бод нависанда ба дасти умед,
Қиссаи гул бар вараҳи мушкбед.
Гаҳ ба саломи чаман[181] омад баҳор,
Гаҳ ба сипос омад гул пеши хор.

Турки суман хайма ба саҳро зада,
Моҳча хайма ба сурайё зада.
Лола ба оташгаҳи роз омада,
Чун муғи ҳинду ба намоз омада.
Ҳиндуваки лолаву турки суман,
Саҳли араб буду Суҳайли Яман.
Завраки[182] боғ аз алами сурху зард
Панҷараҳо сохта аз лоҷвард.
Об зи нарми шуда қоқумнамой,
Турфа бувад қоқуми санҷобсой.
Шох зи нури фалак ангехта,
Дар қадами соя дирам рехта.
Соя сухангӯ ба лаби офтоб,
Зинда шуда рег зи тасбеҳи об.
Настаран аз бӯсаи сунбул ба захм,
Аз мижаи ғунча лаби гул ба захм.
Таркиши хайрӣ тиҳӣ аз тири хор,
Гоҳ сипар хоста, гаҳ зинҳор.
Сеҳрзада бед ба ларза танаш
Миҷмари лола шуда дудафканаш.
Хост паридан чаман аз чобукӣ,
Хост чакидан суман аз нозукӣ.
Най ба шакарханда[183] бурун омада,
Зардаи гул наъл[184] ба хун омада.
Он[185] гули худрой, ки худрӯй буд,
Аз нафаси бод сухангӯй буд.
Сабзтар аз барги турунҷ осмон,
Омада норинҷ ба даст он замон.
Чун фалак он ҷо алам ороста,
Сабза ба куштиш бадар[186] хоста.
Ҳар гиреҳ аз риштаи он сабзхон
Ҷони замин буду дили осмон.
Ахтари сарсабз магар бомдод,
Гуфт заминро, ки сарат сабз бод!

Ё фалак он ҷо гузар оварда буд,
Сабза ба беҷода гарав карда буд[187].
Чашма дурахшандатар аз чашми ҳур,
То барад аз чашмаи хуршед нур.
Сабза бар он чашма вузӯ сохта,
Шукри вузӯ кардаву пардохта.
Мурғ зи гул бӯи Сулаймон шунид,
Нолаи довудӣ аз он баркашид.
Чангали дурроҷ ба хуни тазарв
Силсила овехта[188] дар пои сарв.
Маҳзари[189] маншурнависони боғ
Фатвии булбул шуда бар хуни зоғ.
Бум, к-аз он бум шуда пайкараш,
Сирри дилаш гашта қазои сараш.
Боди ямонӣ ба суҳайли насим
Сохта кимухти заминро адим.
Лола зи таъҷил, ки биштофта,
Аз тапиши дил хафақон ёфта.
Сояи шамшоди шамоилпараст
Сӯи дили лола фурӯ бурда даст.
Нохуни симинсумани субҳфом
Бурда зи шаб нохунаи шаб тамом[190].
Субҳ, ки шуд Юсуфи зарринрасан
Чоҳканон дар занахи ёсуман.
Зардқасаб хок ба расми ҷуҳуд,
Қ-об чу Мӯсо яди байзо намуд.
Хок ба он об[191] даво сохта,
Ҳар чӣ фурӯ бурда, барандохта.
Нури саҳар ёфта майдон фарох,
Сояравиро ба сабо дода шох.
Соя газида лаби хуршедро,
Шона зада бод сари бедро[192].
Сояву нур аз алами шохсор,
Рақскунон бар тарафи ҷӯйбор.

Уд шуд он хор, ки мақсуд буд,
Оташи ғул миҷмари он уд буд.
Гардани гул минбари булбул шуда,
Зулфи бунафша камари гул шуда.
Мурғ зи Довуд хушовозтар,
Гул зи Низомӣ шакарандозтар.

## САМАРАИ ХИЛВАТИ АВВАЛ

Бод ниқоб аз тарафе баргирифт,
Хоҷа, сабук ошиқӣ аз сар гирифт.
Гулнафасе дид шакархандае,
Бар гулу шаккар нафасафкандае,
Фитнаи он моҳи қасабдӯхта,
Хирмани маҳро чу қасабсӯхта,
То камар аз зулф зиреҳ бофта,
То қадам аз фарқ намак ёфта.
Дидани ӯ чун намакангез шуд,
Ҳар кӣ дар ӯ дид, намакрез шуд.
То намакаш бо шакар омехта,
Шаккари ширинмамакон рехта.
Тӯтии боғ аз шакараш шармсор,
Чун сари тӯтӣ занахаш тавқдор.
З-он занахе гирд чу норинҷи хаш,
Ғабғаби симин чу турунҷи ба каш.
Мастнавозе чу гули бӯстон,
Тавбафиребе чу мули[193] дӯстон.
Лаб табаривор табархун ба даст
Мағзи табарзад ба табархун шикаст.
Сурхгуле сабзтар аз найшакар,
Хушкнаботе ҳама ҷуллоби тар.
Холи чу удаш, ки ҷигарсӯз буд,
Ғолиясои садафи рӯз буд.

Аз ғами он донаи холи сиёҳ
Ҷумлаи тан хол шуда рӯи моҳ.
Ҷазъ зи хуршед ҷигарсӯзтар,
Лаъл зи маҳтоб шабафрӯзтар.
Аз бунаи дил, ки ба фарсанг дошт,
Роҳ чу майдони даҳан танг дошт.
З-он дили сахташ, ки ҷигархора гашт,
Бар ҷигари ман дили ман пора гашт.
Лаб ба сухан, ханда ба шаккархӯрӣ,
Рух ба дуо, ғамза ба афсунгарӣ.
Баста чу ҳуққа[194] даҳани мӯҳрадор,
Роҳгузар монда яке мӯҳравор.
Ишқ чу он ҳуққаву он мӯҳра дид,
Булъаҷабӣ карду бисоте кашид.
Қисаи сурат зи миёнам кушод,
Тавқи тан аз гардани ҷонам кушод.
Қори ман аз тоқати ман даргузашт,
Қ-оби ҳаётам зи даҳан баргузашт.
Ақли азиматгари мо дев дид,
Нуқраи он кор ба оҳан кашид.
Дил, ки ба шодӣ ғами дил мегирифт,
Чашмаи хуршед ба гил мегирифт.
Мӯниси ғамхораи ғам вай бувад,
Чорагари майзада ҳам, май бувад.
Эй ба тапиш носият аз доғи ман,
Бехабар аз сабзаву аз боғи ман.
Сабза фалак буду назар тоби ӯ,
Боғ саҳар[195] буду сиришк оби ӯ.
В-он ки рухаш пардагии хос буд,
Оинаи сурати ихлос буд.
Баски сарам бар сари зону нишаст,
То сари ин ришта биёмад ба даст.
Ин сафар аз роҳи яқин рафтаам[196],
Роҳи чунин рав, ки чунин рафтаам[197].

Маҳрами ин роҳ наӣ, зинҳор,
Қори Низомӣ ба Низомӣ гузор.

## ХИЛВАТИ ДУЮМ ДАР ИШРАТИ ШАБОНА

Хоҷа яке шаб ба таманнои[198] ҷинс,
Зад ду-се дам бо ду-се абнои ҷинс.
Ёфт шабе чун саҳар ороста,
Хостаҳои ба дуо хоста.
Маҷлисе афрӯхта чун навбаҳор,
Ишрате осудатар аз рӯзгор.
Оҳи бухур аз нафаси равзанаш[199]
Шарҳдеҳи Юсуфу пироҳанаш.
Щаҳнаи шаб хуни асас рехта,
Бар шакараш парри магас рехта.
Пардашиносон[200] ба наво дар шигарф,
Парданишинон ба вафо дар шигарф.
Пои Суҳайл аз сари натъи адим,
Лаълфишон бар сари дурри ятим.
Шамъи ҷигар чун ҷигари шамъ сӯхт,
Оташи дил чун дили оташ фурӯхт,
Дар табақи миҷмари маҷлисфурӯз[201],
Уд шакарсозу шакар удсӯз.
Шиша зи гуллоб шакар[202] мефишонд,
Шамъ ба дасторча зар мефишонд.
Аз паи нуқлони маи бӯсахез
Чашму даҳон шаккару бодомрез.
Шаккару бодом ба ҳам нуктасоз,
Зӯҳраву Миррих ба ҳам ишқбоз.
Ваъда ба дарвозаи гӯш омада,
Ханда ба дарьюзаи нӯш омада.
Нефаи рӯбоҳ чу паланге ба зер,
Нофаи оҳу шуда занҷири шер.

Ёр гиребонкашу доманкашон,
Остӣ аз рақс ҷавоҳирфишон.
Шамъ чу соқӣ қадаҳи май ба даст,
Ташт майолудаву парвона маст,
Хоб чу парвона пар андохта,
Шамъ ба шукрона сар андохта.
Пардагии Зӯҳра дар он парда ҷуст,
Захма[203] шикаста ба адои дуруст.
Хоб рабоянда димоғ аз димоғ,
Нур ситонанда чароғ аз чароғ.
Он чӣ ҳама умр касе ёфта,
Ҳамнафасе дар нафасе ёфта.
Нузлфиристанда замон то замон,
Дил ба дилу тан ба тану ҷон ба ҷон,
Гуфтӣ аз он ҳуҷра, ки пардохтанд,
Рахти адам дар адам андохтанд.
Мурғи тараб нома ба пар боз баст,
Ҳафт пари мурғи сурайё шикаст.
Оташи мурғи саҳар аз бобзан
Бар ҷигари хушнамакон обзан,
Мурғ гаронхобтар аз субҳгоҳ,
Пои фалак бастатар аз дасти моҳ.
Ҳалқаи дар, пардаи бегонагон,
Зулфи парӣ ҳалқаи девонагон.
Дар хами[204] он ҳалқа дили муштарӣ,
Тангтар аз ҳалқаи ангуштарӣ,
Тохтан оварда паризодагон,
Ҳамчу парӣ бар дили озодагон[205].
Бар раҳи дил шохи суман кошта,
Хор ба нӯги мижа бардошта,
Меваи дил найшакари ҳаддашон,
Гулбуни ҷон норвани қаддашон.
Фундуқаи шаккару бодоми танг
Сабзхат аз пистаи уннобранг.

Дар шаби хат[206] сохта сеҳри ҳалол,
Бобулии ғамзаву ҳиндуӣ хол.
Ҳар нафас аз ғамзаву холе чунон
Гашта ҷаҳон Бобулу Ҳиндустон.
Чун назаре чанд писандида рафт,
Дил ба зиёратгарии дида рафт.
Ғамза забонтезтар аз хорҳо,
Ҷаъд гиреҳгиртар аз корҳо.
Шасти карашма чу камондор шуд,
Тир наандохта бар кор шуд[207].
Боди Масеҳ аз нафаси дил дамид,
Оби ҳаёт аз даҳани гил чакид.
Гул чу суман ғолия дар гӯш дошт,
Маҳ чу фалак[208] ғошия бар дӯш дошт.
Чун руху лаб, шаккару бодом рехт,
Гул ба ҳимоят ба шакар даргурехт.
Ҳар назаре, ҷони ҷаҳоне шуда,
Ҳар мижа бутхонаи ҷоне шуда.
Зулфи сияҳ бар сари сими сапед,
Мушкфишон бар вараҳи мушкбед.
Ғабғаби симин,
ки камар баст аз об,
Қавси қузаҳ шуд зи тафи офтоб.
Зулф Бироҳиму рух оташгараш,
Чашм Симоилу мижа ханҷараш.
Оташ аз ин дастаи райҳон шуда,
Ханҷар аз он наргиси фаттон[209] шуда
Бӯса чу май мояи афкандагӣ,
Лаб чу Масеҳо нафаси зиндагӣ.
Хай ба рух чун[210] гули насрин шуда,
Хирмани маҳ хӯшаи Парвин шуда.
Боз шуда кӯи гиребони ҳур,
Хатти саҳар ёфта туғрои нур.
Ҳиммати хосону дили омиён,
Шефта з-он нур чу сарсомиён,

Ғамза мунодӣ, ки даҳон хаста буд,
Чашм сухангӯ, ки забон баста буд.
Май чу гул ороиши иқлим шуд,
Ҷом чу наргис зари дар сим шуд.
Ақл дар он доира сармаст монд,
Оқибат аз сабр, тиҳидаст монд.
Дар даҳан аз ханда,
ки роҳе набуд,
Тоқатро тоқати оҳе набуд.
Сабр дар он парда, наво танг дошт,
Фитна сари зер дар оҳанг дошт.
Ёфта дар нағмаи Довуд соз,
Қиссаи Маҳмуду ҳадиси Аёз.
Шеъри Низомӣ шакарафшон шуда,
Вирди ғизолони ғазалхон шуда.

## САМАРАИ ХИЛВАТИ ДУЮМ

Умр бар он фарши азалбофта
Он чӣ шуда, боз бадал[211] ёфта.
Гӯш дар он номаи таҳьятрасон,
Дида дар он саҷдаи таҳьётхон.
Тангдил аз хандаи туркон шакар,
Сурмабар аз чашми ғизолон назар.
Турки қасабпӯши ман он ҷо чу моҳ
Карда диламро чу қасаб рахнагоҳ.
Маҳ, ки ба шаб даст барафшонда буд,
Он шаб то рӯз фурӯ монда буд.
Новаки ғамзаш чу сабукпар шудӣ,
Ҷон ба заминбӯса баробар шудӣ.
Шамъ зи нураш мижа пурашк дошт,
Чашми чароғ обила аз рашк дошт.
Ҳар ситаме, к-ӯ ба ҷафо даргирифт,
Дил ба табаррук ба вафо баргирифт.

Гаҳ шуда ӯ сабзаву ман ҷӯи об,
Гаҳ шуда ман гозуру ӯ офтоб.
З-он рутаб он шаб, ки баре доштам,
Бехабарам, гар хабаре доштам,
Қ-он маҳи нав, к-ӯ камар аз нур дошт,
Моҳи нав аз шефтагон дур дошт.
Шефтаи шефтаи хеш буд,
Рағбате аз ман, сад аз ӯ беш буд.
Дил ба таманно, ки чӣ будӣ зи рӯз,
Гар шаби моро нашудӣ пардасӯз.
Имшаб агар ҷуфти саломат шудӣ,
Ҳамнафаси рӯзи[212] қиёмат шудӣ.
Равшании он шаби чун офтоб
Ҷӯям бисьёру набинам ба хоб.
Ҷуз ба чунон шаб, тарабам хуш набуд,
То шаби хуш кард, шабам хуш набуд.
З-он ҳама шаб ё раб-ё раб кунам,
Бу, ки шабе ҷилваи[213] он шаб кунам.
Рӯзи сафед он на шаби доҷ буд,
Буд шаб, аммо шаби меъроҷ буд.
Моҳ, ки бар лаъли фалак кон канад,
Дар ғами он шаб, ҳама шаб ҷон канад.
Рӯз, ки шаб душманиаш мазҳаб аст,
Ҳам ба таманнои чунон як шаб аст.
Ман шуда фориғ, ки зи роҳи саҳар
Теғзанон субҳ даромад зи дар.
Оташи хуршед зи мижгони ман
Оби равон кард бар айвони ман.
Абр ба боғ омада бозикунон,
Ҷомаи хуршед намозикунон.
Ҳавзаи ин чашма, ки хуршед баст,
Чун ману ту, чанд сабӯро шикаст.
Чарх ситора зада бар сими ноб,
Зарри тило аз вараќи офтоб.

Субҳи гаронхусп сабукхез шуд,
Дашна ба даст аз паи хунрез шуд.
Ман зи масофаш сипар андохта[214],
Ҷон сипари дашнаи ӯ сохта[215].
Дар паи ҷонам саҳар аз ҷӯй част,
Ташнакушӣ карду бар ӯ пул шикаст.
Бонг баромад зи хароботи ман,
Қ-эй саҳар, ин аст мукофоти ман?
Пештарак з-ин ки касе доштам,
Шамъи шабафрӯз басе доштам.
Он шабу он шамъ намондам, чӣ суд,
Нест чунон шуд, ки ту гӯй, набуд.
Неш дар он зан, ки зи ту нӯш х(в)ард,
Пашм дар он каш, ки туро пунба кард,
Хомкушӣ кун, ки савоб он бувад,
Сӯхтани сӯхта осон бувад.
Субҳ чу дар гирьяи ман бингарист,
Бар шафақ аз шафқати ман хун гирист.
Сӯхта шуд хирмани рӯз аз ғамам,
Чашмаи хуршед фусурд аз дамам.
Бо ҳама заҳрам фалак уммед дод,
Мори шабам мӯҳраи хуршед дод.
Чун асари нури саҳар ёфтам,
Бехабарам, гарчи[216] хабар ёфтам.
Ҳар кӣ дар ин маҳди равон роҳ ёфт,
Бештар аз нури саҳаргоҳ ёфт.
Эй, зи хиҷолат ҳама шабҳои ту,
Рӯсияҳ аз рӯзи тарабҳои ту.
Ман, ки аз ин шаб сифате кардаам,
Он сифат аз маърифате кардаам.
Шаб, сифати пардаи танҳоӣ аст,
Шамъ дар ӯ гавҳари бинoӣ аст.
Уду гулобе,
ки бар ӯ баста шуд[217],
Нолаву ашки ду-се дилхаста шуд[218].

В-он ҳама хубӣ, ки дар он садр буд,
Нур хаёлоти шаби қадр буд,
Маҳрами ин пардаи зангинавард,
Қист дар ин пардаи зангор х(в)ард[219].
Субҳ, ки парвонагӣ омӯхтаст,
Хуштар аз он шамъ наяфрӯхтаст.
Кӯш, к-аз он шамъ ба доғе расӣ,
То чу Низомӣ ба чароғе расӣ!

## МАҚОЛАТИ АВВАЛ ДАР ОФАРИНИШИ ОДАМ

Аввал, к-ин ишқпарастӣ набуд,
Дар адам овозаи ҳастӣ набуд.
Муқбиле аз катми адам соз кард,
Сӯи вуҷуд омаду дар боз кард.
Бозпасин тифли паризодагон
Пештарини башаризодагон.
Он ба хилофат алам ороста,
Чун алам афтодаву бархоста.
Аллама одам сифати поки ӯ[220]
Хаммара тина шарафи хоки ӯ[221].
Он ба гуҳар ҳамқадару ҳамсафӣ,
Ҳам маҳаку ҳам зару ҳам сайрафӣ.
Шоҳиди нав фитнаи афлокиён[222],
Навхати фард оинаи хокиён.
Ёраи ӯ соиди ҷонро нигор,
Соидаш аз ҳафт фалак ёрадор,
Он зи ду гаҳвора барангехта,
Мағзи ду гавҳар ба ҳам омехта.
Пешкаши хилъати зиндониён,
Мӯҳтасибу соқии рӯҳониён.
Сарҳади хилқат шуда бозори ӯ,
Бикрии қудрат[223] шуда дар кори ӯ.

Тифли чиҳилрӯзаи каж-мажзабон,
Пири чиҳилсола бар ӯ дарсхон.
Хубхате ишқнабишт омада,
Гулбуне аз боғи биҳишт омада.
Нуре аз он дида, ки бинотар аст,
Мурғе аз он шох, ки болотар аст.
З-ӯ шуда мурғони фалак доначин,
З-он ҳамаро омада сар бар замин.
Ӯ ба яке дона зи роҳи карам,
Хулла дарандохтаву ҳулья ҳам.
Омада дар доми[224] чунин[225] донае,
Қамтар аз овозаи шукронае.
З-он ба дуоҳо ба вуҷуд омада,
Ҷумлаи олам ба суҷуд омада[226].
Бар дари он қиблае ҳар дидае,
Саҳв шуда саҷдаи шӯридае.
Гашта[227] гулафшони вай аз ҳашт боғ,
Бар ҳама гулбаргу бар иблис доғ.
Бе ту нишотеш дар андом не,
Дар ирамаш як нафас ором не.
Тоқати[228] он кори киёӣ надошт,
Қ-аз ғами кори ту раҳоӣ надошт.
Гармии гандум ҷигараш тофта,
Чун дили гандум ба ду бишкофта.
З-орзуи мо ,ки шуда нав бар ӯ,
Гандум хӯрдан ба яке ҷав бар ӯ.
Ӯ ки чу гандум сару пое надошт,
Безамию санги навое надошт.
То нафиканданд, наруст он умед,
То нашикастанд, нашуд рӯсафед.
Гандумгун гашта адимаш чу коҳ,
Ёфта ҷавдона чу кимухти моҳ.
Чун ҷаву гандум шуда хокозмой
Дар ғами ту,
эй ҷави гандумнамой.

Хӯрдани он гандуми номардумаш
Қарда бараҳна чу дили гандумаш.
Он ҳама хорӣ, ки зи бадхоҳ бурд,
Якдилии гандумаш аз роҳ бурд.
Гандуми сахт аз ҷигар афсурдагист,
Хурдии ӯ мояи бе хурдагист[229].
Мардум чун[230] хӯрдани ӯ соз кард,
Аз сар то пой даҳан боз кард.
Эй ба ту сарриштаи ҷон гум шуда,
Доми ту он донаи гандум шуда.
Қурси ҷавин мешикану мешикеб,
То нахӯрӣ гандуми одамфиреб[231].
Пайки дилӣ, пайрави шайтон мабош,
Шери амирӣ, саги дарбон мабош.
Чирк нашояд зи адими ту шуст,
То накунӣ тавбаи одам дуруст.
Узр беҳ онро,
ки хатое расид,
Қ-одам аз он узр ба ҷое расид.
Чун зи паи дона ҳаваснок шуд,
Муқтеи ин мазрааи хок шуд.
Дид, ки дар дона тамаъ хом кард,
Хештан афкандаи ин дом кард.
Об расонд ин гули пажмурдаро[232],
Зад ба Сарандеб саропардаро.
Рӯсияҳ аз ин гунаҳ[233] он ҷо гурехт,
Бар сари он хок сиёҳӣ бирехт.
Муддате аз нили хуми осмон,
Нилгарӣ кард ба Ҳиндустон.
Чун кафаш аз нили гунаҳ шуста шуд,
Нилгиё дар қадамаш руста шуд.
Турки хитоӣ шуда яъне чу моҳ,
Зулфи хито барзада зери кулоҳ.
Чун дилаш аз тавба латофат гирифт,
Мулки заминро ба хилофат гирифт.

Тухми вафо дар замини адл кишт,
Вақфии он мазраа бар мо навишт,
Ҳар чӣ бад-ӯ хозини фирдавс дод,
Ҷумла дар ин ҳуҷраи шашдар ниҳод.
Бар хӯр аз ин моя,
ки судаш туррост,
Қиштанаш ӯрову дурудаш туррост.
Нолаи уд аз нафаси миҷмар аст,
Ранҷи хар аз роҳати полонгар аст.
Қори туро бе ту чу пардохтанд,
Номзади лутф туро сохтанд.
Қиштии гул бош ба мавҷи баҳор,
То нашавӣ лангари бӯстон чу хор
Роҳ ба дил шав,
чу бидидӣ хазон,
Қ-об ба дил[234] мешавад оташ ба ҷон.
Сурати шерӣ дили шерит нест,
Гарчи дилат ҳаст, далерит нест.
Шер тавон баст зи нақши сарой,
Лек ба сад ҷӯб[235] наҷунбад зи ҷой.
Хилъати афлок намезебадат,
Хокию, ҷуз хок намезебадат.
Толеъи корат ба забунӣ дар аст,
Дил ба камӣ ғам ба фузунӣ дар аст.
В-арна чаро кард сипеҳри баланд,
Шаҳркушое чу туро шаҳрбанд?
Доиракирдор миёнбаста бош,
Дар фалакӣ, бо фалак оҳиста бош!
Тезтакӣ пешаи оташ бувад,
Боз намонӣ зи так он х(в)аш бувад,
Обсифат бошу сабуктар бирон,
Қ-об сабук ҳаст,
ба қимат гарон.
Гавҳари тан дар тунукӣ ёфтанд,
Қимати ҷон дар сабукӣ ёфтанд.

Бод сабукрӯҳ бувад дар тавоф
Худ ту гаронҷонтарӣ аз кӯҳи Қоф.
Гарна фиребандаи рангӣ чу хор,
Рух чу бунафша ба сӯи худ мадор.
Хона мусаққал ҳама ҷо рӯи туст,
Аз паи он дидаи ту сӯи туст.
Гарчи пазирандаи ҳар ҳад шудӣ[236],
Аз ҳама чун ҳеҷ муҷаррад шудӣ[237].
Ошиқи хешӣ туву суратпараст,
З-он чу сипеҳр оина дорӣ ба даст.
Гар ҷави сангӣ, намаки худ чашӣ,
Доман аз ин бенамакӣ даркашӣ.
Зулм раҳо кун, ба вафо даргурез,
Халқ чӣ бошад? Ба худо даргурез.
Некии ӯ бину бар он кор кун,
Бар бадии хештан иқрор кун!
Чун ту хиҷилвор барорӣ нафас,
Фазл кунад раҳмати фарьёдрас.

## ДОСТОНИ ПОДШОҲИ НАВМЕД ВА ОМУРЗИШ ЁФТАНИ Ӯ

Додгаре дид ба раъи савоб,
Сурати бедодгареро ба хоб,
Гуфт: «Худо бо туи золим чӣ кард,
Дар шабат аз рӯзи мазолим чӣ кард?»
Гуфт: «Чу бар ман ба сар омад ҳаёт,
Дарнигаридам ба ҳама коинот».
То ба ман уммеди ҳидоят кирост,
Ё ба худо чашми иноят кирост?
Дар дили кас шафқате аз ман набуд,
Ҳеҷ касеро ба карам зан(н) набуд.
Ларза дарафтод ба ман-бар чу бед,
Рӯй хиҷил[238] гаштаву дил ноумед.

Тарҳ ба ғарқоб дарандохтам,
Такья ба омурзиши ҳақ сохтам,
К: — Эй мани мискин, ба ту дар шармсор,
Аз хиҷилон даргузару даргузор,
Гарчи зи фармони ту бигзаштаам,
Рад мекунам, к-аз ҳама рад гаштаам.
Ё адаби ман ба шароре бикун,
Ё ба хилофи ҳама коре бикун!
Чун хиҷилам дид зи ёрирасон,
Ёрии ман кард каси бекасон.
Файзи карамро суханам даргирифт,
Бори ман афғанду маро баргирифт.
Ҳар нафасе,
к-он ба надомат бувад,
Шаҳнаи ғавғои қиёмат бувад.
Ҷумла нафасҳои ту, эй бодсанҷ,
Қайли зиён асту тарозуи ранҷ.
Қайли зиён солу маҳат буда гир,
Ин маҳу ин сол ба паймуда гир.
Монда тарозуи ту бе сангу дур,
Қайл тиҳӣ гаштаву паймона пур.
Санги замӣ санги тарозу макун,
Мӯҳраи гил мӯҳраи бозу макун!
Як дирам аст он чӣ бад-ӯ бандаӣ,
Як нафас аст он чӣ бад-ӯ зиндаӣ[239].
Ҳар чӣ дар ин парда ситонӣ, бидеҳ,
Худ наситон, то битавонӣ бидеҳ.
То бувад он рӯз, ки бошад беҳӣ,
Гарданат озоду даҳонат тиҳӣ.
Вомн[240] ятимон набувад доманат,
Боркаши пиразанон[241] гарданат.
Боз ҳил[242] ин фарши куҳанпударо,
Тарҳ кун ин домани олударо[243]!
Ё чу ғарибон паи раҳ тӯша гир,
Ё чу Низомӣ зи ҷаҳон гӯша гир!

## МАҚОЛАТ ДУЮМ ДАР АНДАРЗИ ШОҲ ВА МУҲОФИЗАТИ АДЛ

Эй малики ҷонварон, рои ту,
В-эй гуҳари тоҷварон пои ту.
Гар маликӣ, хонаи шоҳӣ талаб,
В-ар гуҳарӣ, тоҷи илоҳӣ талаб!
З-он сӯи олам, ки дигар роҳ нест,
Ҷуз ману ту, ҳеҷ[244] кас огоҳ нест.
З-он азали нур, ки парвардаанд,
Дар ту зиёдат назаре кардаанд.
Нақди ғарибиву ҷаҳон шаҳри туст,
Нақди ҷаҳон як ба як аз баҳри туст.
Мулк бад-ин кору киёӣ туруст,
Сина кун ин синакушой туруст.
Даври ту аз доира берунтар аст,
Аз ду ҷаҳон қадри ту афзунтар аст.
Оинадор аз паи он шуд саҳар,
То ту рухи хеш бубинӣ магар.
Ҷунбиши ин маҳд, ки меҳроби туст,
Тифлсифат аз паи хушхоби туст.
Мурғи дилу Исии ҷон ҳам туӣ,
Чун ту касе гар бувад, он ҳам туӣ.
Синаи хуршед, ки пуроташ аст,
Рӯи ту мебинад аз он дилх(в)аш аст.
Маҳ, ки шавад коста чун мӯи ту,
Ханда занад, чун нигарад рӯи ту.
Олам хуш хӯр, ки зи кас кам наӣ,
Ғусса махӯр, бандаи олам наӣ.
Бо ҳама чун хоки замин паст бош,
В-аз ҳама чун бод тиҳидаст бош!
Хок тиҳӣ беҳ, на даромехта,
Гард бувад хоки барангехта[245].
Дил ба худо барнеҳу хурсандие,
Ин-т, чудогона худовандие.

Гӯ, хабари дину диёнат куҷост,
Мо ба куҷоему амонат куҷост?
Он дил, к-аз дин асараш додаанд,
З-он сӯи олам хабараш додаанд.
Чораи дин соз, ки дуньёт ҳаст,
То магар он низ биёрӣ ба даст.
Дин чу ба дуньё битавонӣ харид,
Кун макуни дев набояд шунид.
Меравад аз ҷавҳари ин каҳрабо,
Хар чави санге ба мане кимиё.
Санг биандозу гуҳар меситон,
Хоки замин медиҳу зар меситон,
Он ки туро тӯшаи раҳ медиҳад,
Аз ту яке хоҳаду даҳ медиҳад.
Беҳтар аз ин мояситонит нест,
Суд кун охир,
ки зиёнит нест.
Кори ту парвардани дин кардаанд,
Додгарон[246], кор[247] чунин кардаанд.
Додгарӣ маслиҳатандешаест,
Растан аз ин қавм маҳинпешаест.
Шаҳру сипаҳро чу шавӣ некхоҳ,
Неки ту хоҳад ҳама шаҳру сипоҳ.
Хонабари[248] мулк ситамкорӣ аст,
Давлати боқӣ зи камозорӣ аст.
Оқибате ҳаст, биё пеш аз он
Кардаи худ бину биандеш аз он[249].
Роҳати мардум талаб, озор чист?
Ҷуз хиҷилӣ ҳосили ин кор чист?
Маст шуда ақл ба хушхоб-дар,
Киштии тадбир ба ғарқоб-дар.
Мулки заифон ба каф оварда гир,
Моли ятимон ба ситам х(в)арда гир,
Рӯзи қиёмат, ки бувад доварӣ,
Шарм надорӣ, ки[250] чӣ узр оварӣ?

Рӯй ба дин кун, ки қавипуштӣ аст,
Пушт ба хуршед, ки зардуштӣ аст.
Лӯъбати зарних шуд ин гӯи зард,
Чун зани ҳоиз паи[251] — Лӯъбат магард.
Ҳар чӣ дар ин пардаи нӯҳмеҳӣ аст,
Бозии ин лӯъбати зарниҳӣ аст.
Бод дар ӯ дам чу Масеҳ аз димоғ,
Боз раҳон равғани худ з-ин чароғ!
Чанд чу парвона пар андохтан,
Пеши чароғе сипар андохтан.
Пора кун ин пардаи исигарой,
То пари Исит бирӯяд зи пой[252].
Ҳар кӣ чу Исо раги ҷонро гирифт,
Аз сари инсоф ҷаҳонро гирифт.
Расми ситам нест ҷаҳон ёфтан,
Мулк ба инсоф тавон ёфтан.
Ҳар чӣ на адл аст, чӣ додат диҳад?
В-он чӣ на инсоф, ба бодат диҳад.
Адл баширест хирад шодкун,
Қоргарӣ мамлакат ободкун.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.

## ҲИКОЯТИ НӮШАРВОН БО ВАЗИРИ ХУД

Сайдкунон маркаби Нӯшервон
Дур шуд аз кавкабаи хусравон.
Мӯниси хусрав шуда дастуру бас,
Хусраву дастуру дигар ҳеҷ кас.
Шоҳ дар он ноҳияти сайдёб
Дид деҳе, чун дили душман хароб.
Танг ду мурғ омада дар якдигар,
В-аз дили шаҳ қофияшон тангтар.

Гуфт ба дастур, чӣ дам мезананд,
Чист сафире, ки ба ҳам мезананд?
Гуфт вазир: — «Эй малики рӯзгор,
Гӯям агар, шаҳ бувад омӯзгор.
Ин ду наво н-аз паи ромишгарист,
Хутбае аз баҳри заношавҳарист».
Духтаре ин мурғ ба он мурғ дод,
Ширбаҳо хоҳад аз ӯ бомдод.
Қ-ин деҳи вайрон бигузорӣ ба мо,
Низ чуни чанд супорӣ ба мо?
Он дигараш гуфт, к-аз ин даргузар
Ҷаври малик бин, бирав ғам мах(в) ар!
Гар малик ин аст, на бас рӯзгор,
З-ин деҳи вайрон диҳамат сад ҳазор.
Дар малик ин лафз чунон даргирифт,
Қ-оҳ бароварду фиғон даргирифт.
Даст ба сар барзаду лахте гирист,
Ҳосили бедод ба ҷуз гирья чист?
З-ин ситам ангушт ба дандон газид[253],
Гуфт: «Ситам бин, ки ба мурғон расид[254].
Ҷавр нигар, к-аз ҷиҳати хокиён,
Ҷуғднишонам бадали мокиён.
Эй мани ғофил шуда дуньёпараст!
Баски занам бар сар аз ин кор даст.
Моли касон чанд ситонам ба зӯр,
Ғофилам аз мурдану фардои гӯр.
То кайю кай дастдарозӣ кунам,
Бо сари худ бин,
ки чӣ бозӣ кунам?
Мулк бад-он дод маро кирдигор,
То накунам он чӣ наёяд ба кор.
Ман, ки мисамро ба зар андудаанд,
Мекунам[255] онҳо, ки нафармудаанд.
Номи худ аз зулм чаро бад кунам?
Зулм кунам, вой ки барх(в)ад кунам!

Беҳтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи худо ё зи худам шарм бод!
Зулм шуд имрӯз тамошои[256] ман,
Вой ба расвоии фардои ман.
Сӯхтанӣ шуд тани беҳосилам,
Сӯзад аз ин ғусса дилам бар дилам.
Чанд ғубори ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон[257] рехтан.
Рӯзи қиёмат зи ман ин турктоз
Боз бипурсанду бипурсанд боз.
Шармзадам[258] чун нанишинам хиҷил,
Сангдилам, чун нашавам тангдил.
Бингар, то чанд маломат барам,
Қ-ин хиҷилро ба қиёмат барам.
Бори ман аст он чӣ маро борагист,
Чораи ман бар ман[259] бечорагист[260].
З-ин гуҳару ганҷ, ки натвон шумурд,
Сом чӣ бардошт? Фаредун[261] чӣ бурд?
То ман аз ин амру вилоят ки ҳаст,
Оқибат-ул-амр чӣ орам ба даст?
Шоҳ дар он бора чунон гарм гашт,
Қ-аз нафасаш наъли фарас нарм гашт.
Чунки ба лашкаргаҳу роят расид,
Бӯи навозиш ба вилоят расид[262].
Ҳолӣ аз он хитта қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.
Дод бигустурду ситам дарнабашт,
То нафаси охир аз он барнагашт.
Баъди басе гардиши бахтозмой[263].
Ӯ шуда в-овозаи адлаш баҷой.
Ёфта дар хиттаи соҳибдилӣ,
Сиккаи номаш рақами одилӣ,
Оқибате нек саранҷом ёфт,
Ҳар кӣ дари адл зад, ин ном ёфт.

Умр ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад кирдигор.
Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранҷи худу роҳати ёрон талаб!
Дардситонӣ куну дармондеҳӣ,
То-т расонанд ба фармондеҳӣ.
Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,
Чун маҳу хуршед ҷавонмард бош!
Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.
Гунбади гарданда зи рӯи қиёс
Ҳаст ба некиву бадӣ ҳақшинос.
Тоат кун, рӯй битоб аз гуноҳ,
То нашавӣ чун хиҷилон узрхоҳ.
Ҳосили дунъё чу яке соат аст,
Тоат кун, к-аз ҳама беҳ тоат аст.
Узр маёвар, на ҳиял хостанд,
Ин сухан аст, аз ту амал хостанд.
Гар ба сухан кор муяссар шудӣ,
Кори Низомӣ ба фалак баршудӣ.

## МАҚОЛАТИ САВВУМ ДАР ҲАВОДИСИ ОЛАМ

Як нафас, эй хоҷаи доманкашон,
Оситие бар ҳама олам фишон.
Ранҷа машав, роҳати ранҷур бош,
Соате[264] аз мӯҳташамӣ дур бош!
Ҳукм чу бар оқибатандешӣ аст,
Мӯҳташамӣ бандаи дарвешӣ аст.
Мулки Сулаймон маталаб, к-он куҷост,
Мулк ҳамон аст, Сулаймон куҷост?
Хуҷла ҳамон аст, ки Узрош баст,
Базм ҳамон аст, ки Вомиқ нишаст.

Ҳуҷлаву базм инак танҳо шуда,
Вомиқ[263] афтодаву Узро шуда.
Соли ҷаҳон гарчи басе даргузашт,
Аз сари мӯяш сари мӯ кам нагашт.
Хок ҳамон хасми қавигардан аст,
Чарх ҳамон золими гарданзан аст.
Суҳбати гетӣ кӣ таманно кунад?
Бо кӣ вафо кард, ки бо мо кунад?
Хок шуд он кас ки бар ин хок зист,
Хок чӣ донад, ки дар ин хок чист?
Ҳар вароқе чеҳраи озодаест,
Ҳар қадаме фарқи маликзодаест.
Мо ки ҷавонӣ ба ҷаҳон додаем.
Пир ҷароем, к-аз ӯ зодаем.
Сом, ки симурғи писаргир дошт,
Буд ҷавон, гарчи писар пир дошт[266].
Гунбади пӯянда, ки поянда нест,
Ҷуз ба хилофи ту гироянда нест.
Гаҳ малики ҷонваронат кунад,
Гоҳ гили кӯзагаронат кунад.
Ҳаст бар ин фарши ду рангомада,
Ҳар касе аз кор ба тангомада.
Гуфта гурӯҳе, ки ба саҳро даранд,
К-эй хунук, онон ки ба дарьё даранд.
В-он ки ба дарьё дури сахтикаш аст,
Наъл дар оташ, ки биёбон х(в)аш аст,
Одамӣ аз ҳодиса беғам наянд,
Бар тару бар хушк мусаллам наянд.
Фарз шуд ин қофила бардоштан,
З-ин буна бигзаштану бугзоштан.
Ҳар кӣ дар ин ҳалқа фурӯ мондааст,
Шаҳрбурункардаву деҳрондааст.
Роҳраверо,
ки амон медиҳанд,
Дар адам аз дур нишон медиҳанд.

Мулк раҳо кун, ки ғururат диҳад,
Зулмати ин соя, чӣ нурат диҳад?
Умр ба бозича ба сар мебарӣ,
Бозӣ аз андоза бадар мебарӣ.
Гардиши ин гунбади бозичаранг
Н-аз паи бозича гирифт ин диранг.
Бештар аз мартабаи оқилӣ,
Ғафлат хуш буд, хушо ғофилӣ[267].
Чун назари ақл ба ғоят расид,
Давлати шодӣ ба ниҳоят расид.
Ғофил будан на зи фарзонагист,
Ғофилӣ аз ҷумлаи девонагист.
Ғофилӣ, маншин, вароқе мехарош,
Гар нанависӣ, қаламе метарош.
Сар макаш аз сӯҳбати соҳибдилон[268],
Даст мадор аз камари муқбилон!
Хор, ки ҳамсӯҳбатии гул кунад,
Ғолия дар домани сунбул кунад.
Рӯзи қиёмат ки барот оваранд,
Бодияро дар арасот оваранд,
Қ-эй ҷигаролуди забонбастагон,
Оби ҷигархӯрдаи дилхастагон,
Реги туро оби ҳаёт аз куҷо?
Бодияву файзу фурот аз куҷо?
Рег занад нола[269], ки хун хӯрдаам,
Рег марезед,
на хун кардаам!
Бар сари хоне намаке рехтам,
Бо ҷигаре чанд баромехтам.
То чу ҳамоғӯши ғаюрон шавам,
Маҳрами дастинаи ҳурон шавам.
Ҳукм чу бар ҳукм сиришташ[270] кунанд,
Мутриби халхол биҳишташ кунанд.
Ҳар кӣ кунад сӯҳбати нек ихтиёр,
Ояд рӯзеш зарурат ба кор[271].

Сӯҳбати некон зи ҷаҳон дур гашт,
Хони асал хонаи занбӯр гашт.
Давр нигар, к-аз сари номардумӣ,
Бар ҳазар аст одамӣ аз одамӣ.
Маърифат аз одамиён бурдаанд,
В-одамиёнро зи миён бурдаанд.
Чун фалак аз аҳди Сулаймон барист,
Одамӣ он аст, ки акнун парист.
Бо нафаси ҳар кӣ даромехтам,
Маслиҳат он буд, ки бигрехтам
Сояи кас фарри ҳумое надошт[272],
Сӯҳбати кас бӯи вафое надошт[273].
Тухми адаб чист? Вафо коштан,
Ҳаққи вафо чист? Нигаҳ доштан.
Барзгар он дона, ки мепарварад,
Ояд рӯзе, ки аз ӯ бар х(в)арад.

## ҲИКОЯТИ СУЛАЙМОН БО ДЕҲҚОН

Рӯзе аз он ҷо, ки фароғе расид,
Боди Сулаймон ба чароғе расид.
Мамлакаташ рахт ба саҳро ниҳод,
Тахт бар ин тахтаи мино ниҳод.
Дид ба навъе, ки дилаш пора[274] гашт,
Барзгаре пир дар он содадашт.
Хона зи муште ғала пардохта,
Дар ғаладони карам андохта,
Донафишон гашта ба ҳар гӯшае,
Руста зи ҳар донаи ӯ хӯшае.
Пардаи он дона,
ки деҳон кушод,
Мантиқи мурғон зи Сулаймон кушод.
Гуфт: «Ҷавонмард шав, эй пирамард,
К-ин қадарат буд, бибояст х(в)ард.

Дом наӣ, донафишонӣ макун,
Бо чу мане мурғзабонӣ макун.
Бел надорӣ, гили саҳро маҳор,
Об наёбӣ, ҷави деҳқон макор.
Мо, ки ба серобзамин коштем,
З-он чӣ бикоштем, чӣ бардоштем.
То ту дар ин мазрааи донасӯз
Ташнаву бе об чӣ орӣ ба рӯз?
Пир бад-ӯ гуфт: — «Маранҷ аз ҷавоб,
Фориғам аз парвариши хоку об.
Бо тару бо хушк маро нест кор,
Дона зи ман, парвариш аз кирдигор.
Оби ман инак араҳи пушти ман,
Бели ман инак сари ангушти ман.
Нест ғами мулку вилоят маро,
То манам[275], ин дона кифоят маро.
Он ки башорат ба худам медиҳад,
Дона яке ҳафтсадам медиҳам».
Дона ба анбозии шайтон макор!
То зи яке ҳафтсад оянд ба бор.
Донаи шоиста бибояд нахуст,
То гиреҳи хӯша кушояд дуруст.
Ҳар назареро,
ки барафрӯхтанд,
Ҷома ба андозаи тан дӯхтанд.
Рахти Масеҳо накашад ҳар харе,
Маҳрами давлат набувад ҳар саре.
Қаркадане гардани пиле х(в)арад,
Мӯр зи пои малахе нагзарад.
Баҳр ба сад рӯд шуд оромгир,
Ҷӯй ба як сел барорад нафир.
Ҳаст дар ин доираи лоҷвард,
Мартабаи мард ба миқдори мард.
Давлатие бояд соҳибдиранг,
К-аз қадаре бор наёяд ба танг.

Ҳар нафасе ҳавсалаи ноз нест,
Ҳар шикаме ҳомилаи роз нест.
Боз нагӯям, ки зи хомӣ бувад,
Боркашӣ кори Низомӣ бувад.

## МАҚОЛАТИ ЧАҲОРУМ ДАР ҲУСНИ РИОЯТИ ШОҲ БО РАИЯТ

Эй сипар афканда зи мардонагӣ,
Ғули ту байғулаи бегонагӣ.
Ғарра ба мулке, ки вафоиш нест,
Зинда ба умре, ки бақоиш нест.
Пайсипари ҷуръаи майхорагон,
Дастхуши бозии сайёрагон.
Мусҳафу шамшер бияндохта
Ҷому сурохӣ ивазаш сохта.
Оинаву шона гирифта ба даст,
Чун зани раъно шуда гесупараст.
Робиа бо робеъи он ҳафтмард
Гесӯи худро бинигар, то чӣ кард.
Эй, ҳунар аз мардии ту шармсор,
Аз ҳунари бевазане шарм дор!
Чанд кунӣ даъвии мардафканӣ,
Кам зану[276] кам зан, ки кам аз як занӣ[277].
Гардани ақл аз ҳунар озод нест,
Ҳеҷ ҳунар хубтар аз дод нест.
Тоза шуд ин обу на дар[278] ҷӯи[279] туст,
Нағз шуд ин холу на бар рӯи[280] туст.
Чарх найӣ, маҳзари некӣ писанд,
Нек дарандеш зи чархи баланд.
Ҷуз гуҳари нек[281] набояд намуд,
Суд тавон кард бад-ин моя суд.
Нест муборак ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан.

Рафт басе даъвӣ аз ин пештар,
То ду-се ҳиммат ба ҳам ояд магар?
Дод кун, аз ҳиммати мардум битарс.
Нимашаб аз тири[282] тазаллум битарс!
Ҳиммат аз он ҷо ки назарҳо кунад.
Хор мадораш[283] ки асарҳо кунад.
Ҳиммати олудаи он як-ду мард
Бо тани Маҳмуд, бубин, то чӣ кард?
Ҳиммати чандин нафаси беғубор,
Бо ту, бубин, то чӣ кунад рӯзгор[284]?
Роҳравоне, ки малоикпаянд,
Дар раҳи кашф аз кашафе кам наянд.
Теғи ситам дур кун аз роҳашон,
То нахурӣ тири саҳаргоҳашон.
Додгарӣ шарти ҷаҳондорӣ аст,
Шарти ҷаҳон, бин[285], ки ситамкорӣ аст.
Ҳар кӣ дар ин хона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

## ДОСТОНИ ПИРАЗАН БО СУЛТОН САНҶАР

Пирзанеро ситаме даргирифт,
Даст заду домани Санҷар гирифт.
К-Эй малик, озарми ту кам дидаам,
В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.
Шаҳнаи маст омада дар кӯи ман,
Зад лагаде чанд фарорӯи ман.
Бегунаҳ аз хона ба рӯям кашид,
Мӯйкашон бар сари кӯям кашид.
Дар ситамободи забонам ниҳод,
Мӯҳри ситам бар дари хонам ниҳод.
Гуфт: «Фалон нимашаб, эй кӯжпушт,
Бар сари кӯи ту фалонро кӣ кушт?»

Хонаи ман ҷуст, ки хунӣ куҷост,
Эй шаҳ, аз ин беш забунӣ куҷост?
Шаҳна бувад маст, ки он хун кунад,
Арбада бо пирзане чун кунад?
Ратлзанон даҳли вилоят баранд,
Пиразанонро ба ҷиноят баранд.
Он кӣ дар ин зулм назар доштаст,
Ситри ману адли ту бардоштаст.
Қӯфта шуд синаи маҷрӯҳи ман,
Ҳеҷ намонд аз ману аз рӯҳи ман.
Гар надиҳӣ доди ман, эй шаҳриёр,
Бо ту равад рӯзи шумор, ин шумор.
Доварию дод намебинамат,
В-аз ситам озод намебинамат.
Аз маликон қуввату ёрӣ расад,
Аз ту ба мо, бин, ки чӣ хорӣ расад?
Моли ятимон ситадан кор нест,
Бигзар, к-ин одати аҳрор нест.
Бар палаи пиразанон раҳ мазан,
Шарм бидор аз палаи[286] пиразан[287].
Бандаию даъвии шоҳӣ кунӣ[288],
Шоҳ наӣ, чунки табоҳӣ кунӣ[289].
Шоҳ, ки тартиби вилоят кунад,
Ҳукми раият ба риоят кунад.
То ҳама сар бар хати фармон ниҳанд,
Дӯстияш дар дилу дар ҷон ниҳанд[290].
Оламро зеру забар кардаӣ,
То туӣ, охир чӣ ҳунар кардаӣ.
Давлати туркон, ки баландӣ гирифт,
Мамлакат аз дод писандӣ гирифт.
Чунки ту бедодгарӣ парварӣ,
Турк наӣ, ҳиндуи ғоратгарӣ.
Маскани шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хирмани деҳқон зи ту бедона шуд.

З-омадани марг шуморе бикун,
Мерасадат даст, ҳисоре бикун.
Адли ту қандили шабафрӯзи туст,
Мӯниси фардои ту имрӯзи туст.
Пирзанонро ба сухан шод дор
В-ин сухан аз пирзане ёд дор.
Даст бидор аз сари бечорагон,
То нахӯрӣ ёсаҷи[291] ғамхорагон.
Чанд занӣ тир ба ҳар гӯшае,
Ғофилӣ[292] аз тӯшаи[293] бетӯшае.
Фатҳи ҷаҳонро ту калид омадӣ,
Н-аз паи бедод падид омадӣ.
Шоҳ бидонӣ, ки ҷафо кам кунӣ,
Гар дигарон реш, ту марҳам кунӣ?
Расми заифон ба ту нозиш бувад,
Расми ту бояд, ки навозиш бувад.
Гӯш ба дарьюзаи анфос дор,
Гӯшанишине ду-серо пос дор!
Санҷар, к-иқлими Хуросон гирифт,
Қард зиён, к-ин сухан осон гирифт.
Дод дар ин давр барандохтаст,
Дар пари симурғ ватан сохтааст,
Шарм дар ин торами азрақ[294] намонд,
Об дар ин хоки муаллақ намонд.
Хез Низомӣ, зи ҳад афзун гирӣ,
Бар дили хунобшуда хун гирӣ.

## МАҚОЛАТИ ПАНҶУМ ДАР ВАСФИ ПИРӢ

Рӯзи хуши умр ба шаб х(в)аш расид,
Хок ба бод, об ба оташ расид.
Субҳ баромад, чӣ шавӣ масти хоб,
Қ-аз сари девор гузашт офтоб.

Бигзар аз ин пай, ки ҷаҳонгирӣ аст,
Ҳукми ҷавонӣ макун, ин пирӣ аст.
Хушк шуд он дил, ки зи ғам реш буд,
Қ-он намакаш нест, к-аз ин пеш буд.
Шефта шуд ақлу табаҳ гашт рой,
Обила шуд дасту заман гашт пой.
Бо ту заминро сари бахшоиш аст,
Пой фурӯ каш, гаҳи осоиш аст.
Нест дар ин покию олудагӣ,
Хуштар аз осудагӣ, осудагӣ.
Чашмаи маҳтоби ту сардӣ гирифт.
Лолаи сероби ту зардӣ гирифт.
Мӯй ба мӯят зи Ҳабаш то Тироз,
Тозию турк омада дар турктоз.
Пири думӯй, ки шабу рӯзи туст,
Рӯзи ҷавонӣ адабомӯзи туст.
Қ-аз ту ҷавонтар ба ҷаҳон чанд буд,
Худ нашавад пир, дар ин банд буд.
Парраи[295] гул боди хазониш бурд,
Омада пириву ҷавониш бурд.
Айби ҷавонӣ напазируфтаанд,
Пирию сад айб, чунин гуфтаанд.
Давлат агар давлати ҷамшедӣ аст,
Мӯи сафед ояти навмедӣ аст.
Мӯи сапед аз аҷал орад паём,
Пушти хам аз марг расонад салом[296].
Мулки ҷавониву накӯӣ кирост,
Нест маро, ё раб, гӯӣ кирост.
Рафт ҷавонӣ ба тағофул ба сар,
Ҷои дареғ аст,
дареғи бих(в)ар.
Гумшудаи ҳар кӣ чу Юсуф бувад,
Гум шуданаш ҷои таассуф бувад.
Фориғӣ аз қадри ҷавонӣ, ки чист,
То нашавӣ пир, надонӣ ки чист?

Шоҳиди боғ аст дарахти ҷавон,
Пир шавад,
бишканадаш боғбон.
Гарчи ҷавонӣ ҳама худ оташ аст,
Пирӣ талх асту ҷавонӣ х(в)аш аст.
Шохи тар аз баҳри гули навбар аст,
Ҳезуми хушк аз паи хокистар аст.
Мӯи сияҳ ғолияи сар бувад,
Санги сияҳ сайрафии зар бувад.
Аҳди ҷавонӣ ба сар омад ,махусп,
Шаб шуду инак саҳар омад, махусп.
Оташи табъи ту чу кофур х(в)ард,
Мушки туро табъ[297] чу кофур кард.
Чунки ҳаво сард шавад як-ду моҳ,
Барфи сафед оварад абри сиёҳ.
Гозурӣ аз рангразӣ дур нест,
Кулбаи хуршеду Масеҳо якест.
Гозуркорӣ сифати об шуд,
Рангразӣ пешаи маҳтоб шуд.
Рангхар аст ин кураи лоҷвард,
Исӣ аз он рангразӣ пеша кард.
Чунки ҳаворо ҷаве аз ранг нест,
Ҷумла ҳаворо ба ҷаве санг нест.
Чун шабу чун рӯз дурангӣ мадор,
Сурати румӣ, рухи[298] зангӣ мадор.
То пай аз ин зангию румӣ турост,
Доғи ҷаҳуливу залумӣ турост.
Дар камари кӯҳ зи хӯи дуранг
Пушт буридаст миёни паланг[299].
То чу арӯсони дарахт аз қиёс
Гоҳ қасаб пӯшию гоҳе палос.
Дорӣ аз ин хӯи мухолиф басеҷ,
Гармию сад ҷуббаву сардиву ҳеҷ.
Он хӯру он пӯш чу шеру паланг,
К-оварӣ онро ҳамасола[300] ба ҷанг.

То шикаме нону даме об ҳаст,
Кафча макун бар сари ҳар коса даст.
Нон агар оташ нанишонад зи ту,
Обу гиёро кӣ ситонад зи ту?
З-он ки занӣ нони касонро сало,
Беҳ, ки хӯри чун хари Исо гиё.
Оташи ин хоки ҳами бодгард
Нон надиҳад, то набарад оби мард.
Гарна дар ин дахмаи зиндониён
Бетабиш аст оташи рӯҳониён.
Гургдамӣ, Юсуфи ҷонаш чарост?
Шердилӣ, гурбаи хонаш чарост?
Аз паи муште ҷави гандумнамой
Донаи дил чун ҷаву гандум масой!
Нонхӯриш аз синаи худ кун чу об,
В-аз дили худ соз чу оташ кабоб.
Хок хӯру нони бахилон махӯр,
Хок най[301], захми залилон махӯр.
Бар дилу дастат ҳама хоре бизан,
Тан мазану даст ба коре бизан.
Беҳ, ки ба коре бикунӣ даст х(в)аш,
То нашавӣ пеши касон досткаш.

## ДОСТОНИ ПИРИ ХИШТЗАН

Дар тарафи Шом яке пир буд,
Чун парӣ аз халқ тарафгир буд.
Пираҳани худ зи гиё бофтӣ,
Хишт задӣ,
рӯзӣ аз он ёфтӣ.
Теғзанон чун сипар андохтанд,
Дар лаҳад он хишт сипар сохтанд.
Ҳар кӣ ҷуз он хишт ниқобаш набуд,
Гарчи гунаҳ дошт[302], азобаш набуд.

Пир яке рӯз дар ин кору бор
Кор фаропеш дарафзуд кор,
Омад аз он ҷо, ки қазо соз кард,
Хубҷавоне[303] сухан оғоз кард,
К — ин чӣ забуниву чӣ афкандагист,
Коҳу гил ин пешаи харбандагист,
Хезу мазан бар сипари хок теғ,
К-аз ту надоранд яке нон дареғ.
Қолиби ин хишт дар оташ фикан,
Хишти нав аз қолиби дигар бизан!
Чанд кулӯхе ба такаллуф кунӣ,
Дар гилу обе чӣ тасарруф кунӣ.
Хештан аз ҷумлаи пирон шумор,
Кори ҷавонон ба ҷавонон гузор!
Пир бад-ӯ гуфт:
«Ҷавонӣ макун,
Даргузар аз кору гаронӣ макун!
Хиштзанӣ[304] пешаи пирон бувад,
Боркашӣ кори асирон бувад.
Даст бад-ин пеша кашидам, ки ҳаст
То накашам пеши ту
як рӯз даст,
Дасткаши кас наям аз баҳри ганч,
Дасткашӣ меҳӯрам аз дастранҷ.
Аз паи ин ризқ ваболам макун,
Гарна чунин аст,
ҳалолам макун!»
Аз сухани пири маломатгараш
Гирьён-гирьён бигузашт аз бараш
Пир бад-ин васф
ҷаҳондида буд,
К-аз паи ин кори писандида буд[305].
Чанд Низомӣ дари дуньё занӣ,
Хезу дари дин[306] зан,
агар мезанӣ.

## МАҚОЛАТИ ШАШУМ ДАР ЭЪТИБОРИ МАВҶУДОТ

Лӯъбатбозе паси ин парда ҳаст,
Гарна бар ӯ ин ҳама лӯъбат кӣ баст?
Дидаи дил маҳрами ин парда соз,
То чӣ бурун ояд аз ин парда боз?
Дар паси ин пардаи зангоргун
Ориятонанд[307] зи ғоят бурун.
Гавҳари чашм аз адаб афрӯхта,
Бар камари хидмати дил дӯхта.
Ҳеҷ дар ин нуқтаи паргор нест,
Қ-аз хати ин доира бар кор нест.
Ин ду-се маркаб ,ки ба зин кардаанд,
Аз паи мо дастгузин кардаанд.
Пештар аз ҷунбиши ин тозагон,
Навсафарону куҳановозагон,
Пойгаҳи ишқ на мо кардаем,
Дасткаши ишқ на мо хӯрдаем,
Дар ду ҷаҳон айбу ҳунар бастаанд,
Ҳар ду ба фитроки ту барбастаанд.
Нест ҷаҳонро чу ту ҳамхонае,
Мурғи заминро зи ту беҳ донае.
Бигзар аз ин мурғи табиатхарош,
Бар сари ин мурғ чу симурғ бош!
Мурғи қафаспар, Масеҳои туст,
Зери ту дар дораду болои туст.
Ё зи қафас чангали ӯ кун ҷудо,
Ё қафаси хеш бад-ӯ кун раҳо.
То буна чун сӯи вилоят барад,
Дар пари хешат ба ҳимоят барад.
Чун гузарӣ з-ин ду-се даҳлез хок,
Лавҳи туро аз ту бишӯянд пок.
Хатми сапедиву сиёҳӣ шавӣ,
Маҳрами[308] асрори илоҳӣ шавӣ.

Саҳл шавӣ бар кадами анбиё,
Аҳл шавӣ дар ҳарами кибриё.
Роҳи ду олам, ки ду манзил шудаст,
Нимраҳе[309] як нафаси дил шудаст.
Он кӣ асоси ту бар ин гил ниҳод,
Қаъбаи ҷон дар ҳарами дил ниҳод.
Нақши қабул аз дили равшан пазир[310],
Гарди гилеми сияҳи тан магир.
Сурмакаши дидаи наргис сабост,
Рангрази ҷомаи мис кимиёст,
Тан чӣ бувад? Резиши мушти гил аст,
Ҳамдилу ҳам дил, ки сухан дар дил ас
Бандаи дил бош, ки султон шавӣ,
Хоҷаи ақлу малики ҷон шавӣ.
Нармии дил металабӣ нефавор,
Нофасифат тан ба дуруштӣ супор.
Эй, ки туро беҳ зи хашин ҷома нест,
Ҳукм бар абрешему бодома нест.
Хубии оҳу зи хашинпӯстист,
Рикш аз он номзади дӯстист.
Мушк бувад дар хашин оромгир,
Гашт пароканда чу пӯшад ҳарир.
Гар шакарӣ бо нафаси танг соз,
В-ар гуҳарӣ, бо садафи санг соз.
Гоҳ чу шаб лаъли саҳаргоҳ бош,
Гаҳ чу саҳар захмгаҳи оҳ бош.
Бори ано каш ба шаби қиргун
Ҳар чӣ ано беш, иноят фузун.
З-аҳли вафо ҳар кӣ ба ҷое расид,
Бештар аз роҳи аноӣ расид.
Нузли бало офияти анбиёст,
В-он чӣ туро офият ояд, балост.
Захми бало марҳами худбинӣ аст.
Талхии май мояи ширинӣ аст.

Ҳорисии аждарҳо ганҷрост,
Хозинии роҳатҳо ранҷрост.
Сарв шав, аз банди худ озод бош,
Шамъ шав, аз хӯрдани худ шод бош.
Ранҷ зи фарьёдбарӣ соҳат аст,
Дар ақиби ранҷ басе роҳат аст.
Чарх набандад гиреҳе бар сарат,
То накушояд гиреҳе дигарат.
Дар сафаре, к-он раҳи озодӣ аст,
Шаҳнаи ғам пешрави шодӣ аст.

## ДОСТОНИ САГУ САЙЁД ВА РӮБОҲ

Сайдгаре буд аҷаб тезбин
Бодияпаймою мароҳилгузин.
Шерсаге дошт, ки чун пӯ гирифт,
Сояи хуршед ба оҳу гирифт.
Саҳмзада каркадан аз гарданаш?
Гӯр зи дандони гавазнафканаш.
Дар сафараш мӯнису ёр омада,
Чанд шабонрӯз ба кор омада.
Буд дили меҳрфурӯзаш бад-ӯ,
Поси шабу рӯзии рӯзаш бад-ӯ.
Гашт гум он шерсаг аз шерамард[311],
Мард бар он дил, ки ҷигар гурба х(в)ард.
Гуфт: «Дар ин раҳ, ки миёнҷӣ қазост,
Пои сагеро сари шере баҳост.
Гарчи дар ин ғам ҷигар аз ҷон гирифт,
Ҳам ҷигари хеш ба дандон гирифт».
Собирие, к-он на ба ӯ буд, кард,
Ҳар чави сабраш дираме суд кард.
Танзкунон рӯбаҳе омад зи дур,
Гуфт: «Сабурӣ макун, эй носабур,

Мешунавам, к-он ба ҳунар так намонд,
Бод бақои ту, гар он саг намонд!
Дӣ, ки зи пеши ту ба нахчир шуд,
Тезтакӣ карду адамгир шуд.
Ин ки саг имрӯз шикори ту кард
То ду маҳат бас бувад, эй шерамард
Хезу кабобе ба дили хеш деҳ,
Мағз ту хӯр, пӯст ба дарвеш деҳ».
Чарбхӯриш буд туро[312] пеш аз ин,
Рӯбаҳи фарбеҳ нахурӣ беш аз ин.
Эмини аз равғани аъзои мо,
Раст мизоҷи ту зи сафрои мо[313].
Дурӣ аз ӯ, ин чӣ ҷигар хорӣ аст?!
Ғам нахӯрӣ, ин чӣ ҷигар хорӣ аст?!
Сайдгараш гуфт шаб обистан аст,
Ин ғами якрӯза барои ман аст.
Шод бар онам,
ки дар ин дайри танг
Шодию ғам ҳарду надорад диранг.
Ин ҳама мирию ҳама бандагӣ
Ҳаст дар ин қолиби гардандагӣ.
Анҷуму афлок ба гаштан-даранд,
Роҳату меҳнат ба гузаштан-даранд.
Шоддилам з-он ки[314] дили ман ғамист,
Қ-омадани ғам сабаби хуррамист.
Гурги маро ҳолати Юсуф расид,
Гург наям, ҷома нахоҳам дарид.
Гар ситадандаш зи ман, эй ҳиласоз,
Бо чу ту сайде ба ман оранд боз.
Ӯ ба сухан дар, ки баромад ғубор,
Гашт саг аз пардаи гард[315] ошкор,
Омаду гирдаш ду-се ҷавлон гирифт,
Нефаи рӯбоҳ ба дандон гирифт.
Гуфт: «Бад-ин хӯрда, ки дер омадам
Рӯбаҳ донад, ки чу шер омадам.

Тавқи ман овезиши дини ту шуд.
Қандаи рӯбоҳ яқини ту шуд».
Ҳар кӣ яқинаш ба иродат кашад,
Хотами кораш ба саодат кашад.
Роҳи яқин ҷӯй зи ҳар ҳосиле,
Нест муборактар аз ин манзиле.
Пой ба рафтори яқин сар шавад,
Санг ба пиндори, яқин зар шавад.
Гар қадамат шуд ба яқин устувор
Гард зи дарьё, нам аз оташ барор!
Ҳар кӣ яқинро ба таваккал сиришт,
Бар карам-ур-ризқ алаллаҳ навишт.
Пашшаи хону магаси кас нашуд[316],
Ҳар чӣ ба пеш омадаш аз пас нашуд[317].
Рӯзии ту боз нагардад зи дар.
Кори худо кун, ғами рӯзӣ мах(в)ар.
Бар дари ӯ шав, ки аз инон беҳ ӯст,
Рӯзӣ аз ӯ хоҳ, ки рӯзидеҳ ӯст.
Аз ману ту ҳар кӣ бад-он даргузашт,
Ҳеҷ касе, беғаразе во нагашт.
Аҳли яқин тоифаи дигаранд,
Мо ҳама поем, гар эшон саранд.
Чун сари саҷҷода бар об афгананд,
Ранги асал бар маи ноб афгананд.
Умр чу якрӯза қарорат надод,
Рӯзии садсола[318] чӣ бояд ниҳод?!
Сурати моро,
ки амал сохтанд,
Қисмати рӯзӣ ба азал сохтанд.
Рӯзӣ аз он ҷот фиристодаанд,
Он хӯрӣ ин ҷо, ки туро додаанд.
Гарчи дар ин халқ басе ҷаҳд кард,
Бештар аз рӯзии худ кас нах(в)ард.
Ҷаҳд бад-ин кун, ки бар ин аст аҳд,
Рӯзию давлат нафизояд ба ҷаҳд.

То шавӣ аз ҷумлаи олам азиз,
Ҷаҳди ту мебояду тавфиқ низ.
Ҷаҳди Низомӣ нафасе буд сард,
Гармии тавфиқ ба чизеш кард.

## МАҚОЛАТИ ҲАФТУМ ДАР ФАЗИЛАТИ ОДАМӢ БАР ҲАЙВОНОТ

Эй ба замин-бар чу фалак нозанин,
Нозкашат ҳам фалаку ҳам замин,
Қори ту з-он ҷо, ки хабар доштӣ,
Бартар аз он шуд, ки ту пиндоштӣ.
Аввал аз он доя, ки парвардаӣ,
Шир нахурдӣ, ки шакар хӯрдаӣ.
Некӯият бояд, к-афзун бувад,
Некӯӣ афзунтар аз ин чун бувад?
К-аз сари он хома, ки ҳоридаанд
Нағз нигорит, нигоридаанд.
Риштаи ҷон бар ҷигарат[319] бастаанд
Гавҳари тан бар камарат[320] бастаанд.
Беҳ, ки заифӣ, ки дар ин марғзор,
Оҳуи фарбеҳ надавад бо низор.
Ҷонвароне ,ки ғуломи туанд,
Мурғи алафхораи доми туанд.
Чун ту ҳумоӣ, шарафи кор бош,
Кам хӯру кам гӯю камозор бош!
Ҳар кӣ ту бинӣ зи сапеду сиёҳ,
Бар сари корест дар ин коргоҳ.
Ҷуғд, ки шум[321] аст ба афсона-дар,
Булбули ганҷ аст ба вайрона-дар.
Ҳар чӣ дар ин парда нишониш ҳаст,
Дархӯри тан қимати ҷониш ҳаст.
Гарчи зи баҳри ту ба гавҳар каманд,
Чун ту ҳама гавҳарии оламанд.

Бешу камеро, ки кашӣ дар шумор,
Ранҷ ба қадри диёташ чашмдор[322].
Неку бади мулк ба кори туанд,
Дар баду нек оинадори туанд.
Қафш диҳӣ боздиҳандат кулоҳ,
Парда дарӣ, парда дарандат чу моҳ.
Хезу макун пардадарӣ субҳвор,
То чу шабат ном бувад[323] пардадор.
Пардаи занбӯр гули сурӣ аст
В-они ту ин пардаи занбӯрӣ аст.
Чанд парӣ чун магас аз баҳри қут,
Дар даҳани ин танаи анкабут?
Пардагиёне, ки ҷаҳон доштанд,
Рози ту дар парда ниҳон доштанд.
Аз раҳи он парда фузун омадӣ.
Лоҷарам аз парда бурун омадӣ.
Дил ,ки на дар парда видоаш макун
Ҳар чӣ на дар парда самоаш макун.
Шӯъбадабозӣ,
ки дар ин парда ҳаст,
Бар сарат ин парда ба бозӣ набаст.
Даст ҷуз ин парда ба ҷое мазан,
Хориҷ аз ин парда навое мазан,
Бишнав аз ин пардаву бедор шав,
Хилватии пардаи асрор шав.
Ҷисматро[324] поктар аз ҷон кунӣ,
Чунки чиҳил рӯз ба зиндон кунӣ.
Мард ба зиндон шараф орад ба даст,
Юсуф аз ин рӯй ба зиндон нишаст.
Қадри дилу пояи ҷон ёфтан,
Ҷуз ба риёзат натавон ёфтан.
Сими табоеъ ба риёзат шумор,
Зарри табиат ба риёзат барор[325].
То зи риёзат ба мақоме расӣ.
К-ат ба касе даркашад ин нокасӣ.

Тавсании табъ чу ромат шавад,
Сиккаи ихлос ба номат шавад.
Ақлу табиат, ки туро ёр шуд,
Қиссаи оҳангару аттор шуд,
Қ-ин зи табиш обиларӯят кунад,
В-он зи нафас[326] ғолиябӯят кунад.
Дар бунаи табъ начот андакест,
Дар қафаси марг ҳаёт андакест[327].
Ҳар чӣ хилофомади одат бувад,
Қофиласолори саодат бувад.
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қуввати пайғамбарист.
Гар нафасе нафс ба фармони туст,
Қафш биёвар, ки биҳишт они туст.
Аз чараси нафс баровар ғирев,
Бандаи дин бош, на муздури дев.
Дар ҳарами дин ба ҳимоят гурез,
То раҳӣ аз кашмакашӣ растахез.
З-оташи дӯзах,
ки чунон ғолиб аст,
Бӯи набӣ шаҳнаи Бӯтолиб аст[328].
Ҳаст ҳақиқат назари муқбилон,
Диръи паноҳандаи равшандилон.

## ДОСТОНИ ФАРЕДУН БО ОҲУ

Субҳдаме бо ду-се аҳли дарун,
Рафт Фаредун ба тамошо бурун.
Чун ба шикор омад дар марғзор,
Оҳуваке дид Фаредуншикор.
Гардану гӯше зи хусумат барӣ,
Чашму сурайне ба шафоатгарӣ.
Гуфтӣ аз он чо, ки назар чуста буд,
Аз назари шоҳ бурун части[329] буд.

Шоҳ бад-он сайд чунон сайд шуд,
Қ-аш ҳамагӣ бастаи он қайд шуд.
Рахш бар ӯ чун ҷигараш гарм кард,
Пушти камон чун шикамаш нарм кард.
Тир ба он поя аз ӯ даргузашт,
Рахш ба он пӯя ба гардаш нагашт.
Гуфт ба тир: «Он пари кинат куҷост?
Гуфт ба Рахш: «Он таки динат куҷост?
Ҳар ду дар ин бора на пас бораед,
Хӯрдаи он хӯрд гиёхораед».
Тир забон шуд ҳама, к-эй марзбон,
Ҳаст назаргоҳи ту ин безабон.
Дар канафи диръи ту ҷавлон занад,
Бар сари диръи ту кӣ пайкон занад?
Хуш набувад бо назари меҳтарон,
Бар дафи[330] ӯ ҷуз кафи хуньёгарон.
Доғи баландон талаб, эй хушманд,
То шавӣ аз доғи баландон, баланд.
Сурати хидмат сифати мардумист,
Хидмат кардан шарафи одамист.
Нест бари мардуми соҳибназар
Хидмате аз аҳд писандидатар.
Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!
Ганҷнишин мор,
ки дарвеш нест,
Аз сар то дум камаре беш нест.
Аз паи он гашт фалак тоҷи сар,
Қ-аз сари хидмат ҳама тан шуд камар.
Ҳар кӣ зимоми ҳунаре мекашад,
Дар раҳи хидмат камаре мекашад.
Шамъ, ки ӯ хоҷагии нур ёфт,
Аз камари хидмати занбӯр ёфт.
Хез, Низомӣ, ки на барбастаӣ
Аз паи хидмат чӣ камар бастӣ?

## МАҚОЛАТИ ҲАШТУМ ДАР БАЁНИ ОФАРИНИШ

Пештар аз пештарони вуҷуд,
Қ-об нахӯрданд зи дарьёи ҷуд,
Дар кафи ин мулк ясоре набуд,
Дар раҳи ин хок ғуборе набуд.
Ваъдаи таъхир ба сар н-омада,
Лӯъбате аз парда ба дар н-омада.
Рӯзу шаб овезиши пастӣ надошт,
Ҷону тан[331] омезиши ҳастӣ надошт.
Қашмакаши ҷавр дар аъзо ҳанӯз,
Қун макуни адл на пайдо ҳанӯз.
Файзи карам кард мувосои хеш,
Қатрае афганд зи дарьёи хеш.
Ҳоле аз он қатра, ки омад бурун,
Гашт равон ин фалаки обгун.
З-оби равон гард барангехтанд,
Ҷавҳари ту з-он араз омехтанд.
Чунки ту бархезӣ аз ин коргоҳ[332],
Бошад бархоста гарде зи роҳ.
Эй хунук, он дам[333], ки ҷаҳон бе ту буд,
Нақаши ту бе сурату ҷон бе ту буд.
Чашми фалак фориғ аз ин ҷустуҷӯй,
Гӯши замин раста аз ин гуфтугӯй.
То ту дар ин раҳ наниҳодӣ қадам,
Шукр басе дошт вуҷуд аз адам.
Фориғ аз обистаниат рӯзу шаб,
Номия иннину табиат азаб,
Боғи ҷаҳон заҳмати хоре надошт,
Хоки саросема ғуборе надошт.
Толеи Ҷавзо, ки камарбаста буд,
Аз варами рагзаданат раста буд.
Маҳ, ки сияҳрӯй шудӣ дар замин,
Ташти ту расвош накардӣ чунин.

Зӯҳра ҳанӯз об дар ин гил нарехт,
Шаҳпари Ҳорут ба Бобил нарехт.
Аз ту муҷаррад замию осмон,
Ту ба канору ғами ту дар миён.
То ба ту туғрои ҷаҳон тоза гашт,
Гунбади пирӯза пуровоза гашт.
Аз бадани чашми ту кавкаб параст,
Қавкабаи маҳди кавокиб шикаст.
Буд маҳу сол зи гардиш барӣ,
То ту накардиш таарруфгарӣ.
Рӯи ҷаҳон, к-оинаи пок шуд,
З-ин нафасе чанд[334] халалнок шуд.
Машъалаи субҳ ту бурдӣ ба шом,
Қозибу содиқ ту ниҳодиш ном,
Хоки замин дар даҳани осмон
То ки[335] ҷаро пеши ту бандад миён.
Бар фалакат меваи ҷон гуфтаанд,
Мешунаваш, к-он ба забон гуфтаанд.
Тоҷи ту афсӯс, ки аз сар беҳ аст,
Ҷул зи сагу тӯбра аз хар беҳ аст.
Лоф басе шуд, ки дар ин лофгоҳ,
Бар ту ҷаҳоне ба ҷаве хоки роҳ.
Худ ту кафе хок ба ҷоне диҳӣ,
Як ҷав каҳгил ба ҷаҳоне диҳӣ.
Эй зи ту болои замин зери ранҷ,
Ҷои ту ҳам зери замин беҳ чу ганҷ.
Равғани мағзи ту, ки симобӣ аст,
Сард бад-ин фундуқи санҷобӣ аст.
Т-от чу фундуқ накунад хона танг,
Бигзар аз ин фундуқи санҷобранг.
Рӯзу шаб аз қоқуму қундуз ҷудост,
Ин далаи песа палангаждаҳост.
Гурба наӣ,
дастдарозӣ макун,
Бо далаи деҳ далабозӣ макун!

Шер танидаст дар ин раҳ луоб,
Сар чу гавазнон чӣ ниҳӣ сӯи об[336]?
Гар фалакат ишваи обе[337] диҳад,
То нафиребӣ, ки саробе диҳад.
Тез марон, к-оби фалак дидаӣ,
Оби даҳан хӯр, ки намак дидаӣ.
То нашавӣ ташна ба тадбир бош[338],
Сӯхтахирман чу табошир бош[339]!
Юсуфи ту то забари чоҳ буд,
Мисри илоҳиш назаргоҳ буд.
Зардрух аз чархи кабуд омадӣ,
Чунки[340] бад-ин чоҳ фуруд омадӣ.
Ин ҳама сафрои ту бо рӯи зард,
Сиркаи абрӯи ту коре накард.
Пиҳи ту чун равғани садсола буд,
Сиркаи даҳсола бар абрӯ чӣ суд?
Хуни падар дида дар ин ҳафт хон,
Об марез аз паи ин ҳафт нон.
Оташ дар хирмани х(в)ад мезанӣ,
Давлати худро ба лагад мезанӣ.
Метаку метоз, ки майдон турост,
Қор бифармой, ки фармон турост.
Ин ду-се рӯзе, ки шудӣ ҷомгир,
Хуш хӯру хуш хуфту[341] хуш ором гир!
Ҳам ба ту бар[342] сахт ҷафо кардаанд,
З-он расанат суст раҳо кардаанд.
Қунда[343] шуда пову миён гашта кӯз,
Сӯхтаи равғани хешӣ ҳанӯз.
Лоҷарам ин ҷо дағали матбахӣ,
Рӯзи қиёмат алафи дӯзахӣ.
Пуршуда гир ин шикам аз[344] обу нон
Эй сабук,
онгоҳ набошӣ гарон.
Гар ба хӯриш беш касе зистӣ,
Ҳар кӣ басе хӯрд, басе зистӣ,

Умр кам аст, аз паи он пурбаҳост,
Қимати умр аз камии умр хост.
Кам хӯру бисьёрии роҳат нигар,
Беш хӯру беш чароҳат нигар!
Ақли ту бо хӯрд чӣ бозор дошт?
Ҳирс туро бар сари ин кор дошт.
Ҳирси ту аз фитна бувад, ношикеб,
Бигзар аз ин аблаҳи зиракфиреб.
Ҳирси туро ақл бад-он додаанд,
К-он нахӯрӣ, к-ит нафиристодаанд.
Тарсам аз ин пеша, ки пешат кунад,
Рангпазирандаи хешат кунад.
Ҳар баду неке, ки дар ин маҳзаранд,
Рангпазирандаи якдигаранд.

## ДОСТОНИ МЕВАФУРӮШ ВА РӮБОҲ

Мевафурӯше, ки Яман ҷош буд,
Рӯбаҳаке хозини колош буд.
Чашми адаб бар сари раҳ доштӣ,
Кулбаи баққол нигаҳ доштӣ,
Қисабуре чанд шигардӣ намуд,
Ҳеҷ шигарфиш[345] намекард суд.
Дида ба ҳам зад, чу шитобаш гирифт,
Хуфту ба хуфтан раги хобаш гирифт.
Хуфтани он гург чу рӯбаҳ бидид,
Хоб дар ӯ омаду сар даркашид.
Қисабур он хоб ғанимат шумурд,
Омаду аз киса[346] ғанимат бибурд[347].
Ҳар кӣ дар ин роҳ кунад хобгоҳ,
Ё сараш аз даст равад ё кулоҳ.
Хез, Низомӣ, на гаҳи хуфтан аст,
Вақти ба тарки ҳамагӣ гуфтан аст.

## МАҚОЛАТИ НУҲӮМ ДАР ТАРКИ ШУУНОТИ ДУНЬЯВӢ

Эй зи шаби васл гаронмоятар,
В-аз алами субҳ сабуксоятар,
Соясифат чанд нишинӣ ба ғам,
Хез, ки барпой накӯтар алам.
Чун маликон азми шуд омад кунанд,
Нақли буна пештар азх(в)ад кунанд.
Гар маликӣ азми раҳ оғоз кун,
З-ин ба навотар сафаре соз кун!
Пештар аз худ буна берун фирист,
1425 Тӯшаи фардои худ акнун фирист.
Хонаи занбӯр пур аз ангабин
Аз паи он аст, ки шуд пешбин.
Мӯр, ки мардона сафе мекашад,
Аз паи фардо алафе мекашад
Одами ғофил на агар кӯр нест,
Қамтар аз он наҳлу аз ин[348] мӯр нест.
Ҳар кӣ ҷаҳон хоҳад, к-осон хӯрад,
Тобситон барги зимистон хӯрад[349].
Ҷуз ману ту ҳар кӣ дар ин тоатанд,
1430 Сайрафии гавҳари як соатанд.
Ҳиммати кас оқибатандеш нест,
Бинишн кас[350] то нафасе беш нест.
Манзили мо, к-аз фалакаш бешӣ аст,
Манзилати оқибатандешӣ аст.
Нест ба ҳар навъе, ки бинам басе,
Оқибатандештар аз мо касе.
Оқибатандешӣ аз он хуштар аст.
Қомаи вақт арчи зи ҷон хуштар аст,
Мо, ки зи соҳибхабарони дилем,
1435 Гавҳарием, арчи зи кони гилем.
З-омаданӣ, омада моро асар,
В-аз шуданиҳо шуда соҳибхабар.

Хонда ба ҷон резаи андешанок,
Абҷади нӯҳ мактаб аз ин лавҳи хок,
Қас на ба ин доғ, ту будиву ман,
Навбари ин боғ, ту будиву ман.
Хоки ту он рӯз, ки мебехтанд,
Аз паи маъҷуни дил омехтанд.
Хоки ту омехтаи ранҷҳост,
Дар дили ин хок басе ганҷҳост.
Қимати ин хок ба воҷиб шинос,
Хоксипосӣ бикун, эй носипос!
Манзили худ бин, ки кадом аст роҳ,
З-омадану рафтан аз ин ҷойгоҳ.
З-омадани ин сафарат рой чист,
Боз шудан ҳикмат аз ин ҷой чист?
Аввал, к-ин мулк ба номат набуд,
В-ин деҳи вайрона мақомат набуд.
Фарри ҳумои малакӣ[351] доштӣ,
Авҷи ҳавои фалакӣ[352] доштӣ.
Гарчи пари ишқи ту ғоят надошт,
Роҳи абад низ ниҳоят надошт.
Монда шудӣ, қасди замин сохтӣ,
Соя бар ин обу гил андохтӣ.
Боз чу танг ой аз ин тангной[353]
Домани хуршед кашӣ зери пой.
Гарчи муҷаррад шавӣ аз ҳар касе,
Бар сари он низ намонӣ басе.
Ҷуз ба тараддуд сару корет нест,
Бар сари як ришта қароре нест.
Муфлиси бахшанда туӣ гоҳи ҷуд,
Тозаву дерина туӣ дар вуҷуд.
Бигзар аз ин модари фарзандкуш,
Он чӣ падар гуфт, бад-он дор ҳуш!
Дар падари худ нигар, эй сода мард,
Суннати ӯ гиру нигар[354] то чӣ кард?

Мунтазири роҳат натвон нишаст,
Қ-он ба чунин умр[355] наёяд ба даст.
Гар нафасе табъназоз омадӣ,
Умри ба бозӣ шуда ,боз омадӣ.
Ғам хӯру бингар зи кадомин гилӣ,
Шод нишаста ба кадомин дилӣ.
Он кӣ бад-ӯ гуфт фалак, шод бош,
Он на манам в-он на ту, озод бош!
Мо зи паи ранҷ падид омадем,
Н-аз ҷиҳати гуфтушунид омадем.
Бо ситаду дод ҷаҳоне, ки ҳаст,
Рост надорем ба ҷоне, ки ҳаст.
З-омаданат ранг ҷаро чун май аст,
Қ-омаданиро шуданӣ дар пай аст.
То каю то кай бувад ин рӯзгор,
Омадану рафтани бе ихтиёр.
Шак на дар он шуд,
ки адам ҳеҷ нест,
Шак ба вуҷуд аст, ки ҳам ҳеҷ нест.
Тез мапар, чун ба диранг омадӣ,
Зуд марав, дер ба ҷанг омадӣ.
Вақт биёяд, ки раворав зананд,
Сиккаи мо бар дирами нав зананд.
Тоза кунанд ин гили афкандаро,
Боз ҳам оранд парокандаро.
Эй ки аз ин рӯз наӣ шармсор,
Охир аз он рӯз яке шарм дор[356]!
Ин ҳама меҳнат, ки фаропеши мост,
Ин-т сабӯро[357], ки дили реши мост.
Маркаби ин бодия дин асту бас,
Ҷораи ин кор ҳамин асту бас.
Сахтии раҳ бину машав сустрон,
Сустгумонӣ макун, эй сахтҷон!
Оинаи ҷаҳд фаропеш дор,
Дарнигару поси рухи хеш дор!

Узр зи худ дору[358] қабул аз худой,
Ҷумла зи таслими қадар дармаой.

## ДОСТОНИ ЗОҲИДИ ТАВБАШИКАН

Масҷидие бастаи офот шуд,
Мӯътакифи[359] кӯи харобот шуд
Май ба даҳан бурду чу май мегирист,
К-эй мани бечора, маро чора чист?
Мурғи ҳаво дар дилам ором кард,
Донаи тасбеҳ маро дом кард.
Каъба маро раҳзани авқот буд,
Хонаи аслим харобот буд.
Толеъ бад буду бадахтар шудам,
Номзади кӯи қаландар шудам.
Чашми адаб зери ниқоб аз ман аст,
Кӯи харобот, хароб аз ман аст.
Танг ҷаҳон бар мани маҳҷур бод,
Гарди ман аз домани ман дур бод.
Гарна қазо буд ману лот кай?
Масҷидию кӯи харобот кай?
Ҳиммат аз он ҷо, ки назар карда буд,
Гуфт ҷавоне, ки дар он парда буд,
К-ин равиш аз роҳи қазо дур дор!
Чун ту қазоро ба ҷаве сад ҳазор.
Бар дари узр ою гунаҳро бишӯй,
Онгаҳ аз ин гуна[360] ҳадисе бигӯй
Чун ту раві узрпазират баранд,
В-арна худ оянду асират баранд.
Сабза чаридан забари[361] хок бас,
Найшакари сабзи ту афлок бас.
То набарад хобат, аз ӯ гӯша[362] кун
Андаке аз баҳри адам тӯша кун!

Хуш набувад дида ба хуноб-дар,
Зиндаву мурда ба яке хоб-дар.
Дин, ки туро дид чунин масти хоб,
Чеҳра ниҳон кард ба зери ниқоб».
Хез, Низомӣ, ки малик барнишаст,
Нимшаб[363] ин ҷо чӣ шавӣ пойбаст!

## МАҚОЛАТИ ДАҲУМ ДАР НАМУДОРИ ОХИРУЗЗАМОН

Эй фалак, оҳистатар, ин давр чанд,
В-эй замӣ, осудатар ин ҷавр чанд.
Аз паси ҳар шомгаҳе чоштияст,
Охири бардошт фурӯдоштияст.
Дар табақоти замӣ афканда бим,
Зилзилат-ус-соату шайун азим.
Шефтани хок сиёсат намуд,
Ҳалқаи занҷири фалакро бисуд.
Бод тани шефта дар ҳам шикаст,
Шефта занҷир бихоҳад гусаст[364].
Бо кӣ гарав баст замин, к-аз миён
Боз кушояд камари осмон?
Шом зи рангу саҳар аз бӯй раст,
Чарх зи чавгон, замӣ аз гӯй ҷаст[365].
Хок дари чархи барин мезанад,
Чарх миён баста замин мезанад.
Ҳодисаи чарх камин баркушод,
Як ба як андоми замин баркушод.
Пири фалак хирқа бихоҳад дарид,
Мӯҳраи гил ришта бихоҳад бурид.
Чарх ба зер ояду якто шавад,
Чархзанон хок ба боло шавад.
Раста шавад ҳар ду сар аз дарди мо,
Пок шавад ҳар ду раҳ аз гарди мо.

Ҳам фалак аз шуғли ту сокин шавад,
Ҳам замӣ аз макри ту эмин шавад.
Шарм гирифт анҷуму афлокро,
Чанд парастанд кафе хокро?
Морсифат шуд фалаки ҳалқавор,
Хок хӯрад мор саранҷоми кор.
Эй ҷигари хок ба хун аз шумо.
Қист дар ин хок бурун аз шумо?
Хок дар ин хунбараи ғам чарост,
Ранги хумаш[366] азрақи мотам чарост?
Гар натавонанд камин сохтан,
Ин гил аз ин хум ба дар андохтан.
Доман аз ин хунбараи дуднок,
Пок бишӯед ба ҳафт обу хок.
Хирқаи[367] анҷум зи фалак баркашед,
Ҳатти харобӣ ба ҷаҳон даркашед.
Бар сари хок аз фалаки тезгашт
Воқеае тез[368] бихоҳад гузашт.
Таъбияеро, ки дар ӯ корҳост,
Ҷунбиши афлок намудорҳост.
Сар биҷаҳад, чунки бихоҳад шикаст,
В-ин ҷаҳиш имрӯз дар ин хок ҳаст.
Душмани туст ин садафи мушкранг,
Дида пур аз гавҳару дил пурнаҳанг[369].
Ин на садаф, гавҳари дарьёӣ аст,
В-ин на гуҳар,
маъдани биноӣ аст.
Ҳар кӣ дар ӯ дид, димоғаш фусурд,
Дида чу афъӣ ба зумаррад супурд[370],
Лоҷарамаш нури назар ҳеҷ нест,
Дида ҳазор асту басар ҳеҷ нест.
Роҳи адамро написандидаӣ,
З-он ки ба чашми дигарон дидаӣ.
Пойтро[371] дарди саре мерасон,
Раҳ натавон рафт ба пои кас он.

Гар ба фалак баршавад аз зарру зӯр,
Гӯр бувад баҳраи Баҳроми Гӯр.
Дарнатавон баст аз ин кӯй дар,
Барнатавон кард аз ин бом сар.
Бош дар ин хонаи зиндониён,
Равзану дар баста чу буҳрониён.
Чанд ҳадиси фалаку ёди ӯ,
Хок ниҳӣ бар сари пурбоди ӯ.
Аз фалаку роҳи маҷарраш маранҷ,
Коҳкаширо ба яке ҷав масанҷ.
Барпар аз ин гунбади дулобранг,
То раҳӣ аз гардиши паргори танг.
Ваҳм, ки бориктарин риштаест,
З-ин раҳи борик хиҷилгаштаест.
Оҷизии ваҳми хиҷилрӯй бин,
Мӯй ба мӯй ин раҳи чун мӯй бин!
Бар сари мӯй, сари мӯе магир!
В-арна бурун ой чу мӯй аз хамир.
Чун беҳ аз ин моя ба даст оварӣ,
Бад бувад ин ҷо, ки нишаст оварӣ,
Пуштаи ин гил чу вафодор нест,
Рӯй бад-ӯ маслиҳати кор нест.
Ҳар кулаҳе[372] ҷои сарафкандагист,
Ҳар камар олудаи сад бандагист.
Ҳар ҳунаре таънаи шаҳрӣ дар ӯ[373],
Ҳар шакаре заҳмати заҳрӣ дар ӯ[374].
Оташи субҳе, ки дар ин матбах аст,
Нимшароре зи тафи дӯзах аст.
Маҳ, ки чароғи фалакӣ шуд танаш,
Ҳаст зи дарьюзаи хур [375] равғанаш.
Абр, ки ҷондоруи пажмурдагист,
Ҳам қадаре балғами афсурдагист[376].
Об, ки осоиши ҷонҳо дар ӯст,
Киштии донад, зи зиёнҳо дар ӯст.

Хонаи пурайб шуд ин коргоҳ,
Худ накунӣ ҳеҷ ба айбаш нигоҳ.
Чашм фурӯ бастаӣ аз айби хеш,
Айби касонро шуда оина пеш.
Айбнамоӣ[377] макун оинавор,
То нашавӣ аз нафасе айбдор.
Ё бадар афкан ҳунар аз ғайби хеш,
Ё бишикан[378] оинаи айби хеш.
Дида зи айби дигарон кун фароз,
Сурати худ бину дар ӯ айб соз.
Дар ҳама чизе ҳунару айб ҳаст,
Айб мабин то ҳунар орӣ ба даст.
Менатавон ёфт ба шаб дар чароғ,
Дар қафаси рӯз тавон дид зоғ.
Дар пари товус ки зарпайкар аст,
Сарзаниши пой куҷо дарх(в)ар аст.
Зоғ, ки ӯро ҳама тан шуд сиёҳ,
Дида сапед аст, дар ӯ кун нигоҳ.

## ДОСТОНИ ИСО

Пои Масеҳо, ки ҷаҳон[379] менабашт,
Бар сари бозорчае мегузашт.
Гургсаге бар гузар афтода дид,
Юсуфаш аз чаҳ бадар афтода дид.
Бар сари он ҷефа гурӯҳе назор[380]
Бар сифати каргаси мурдорхор.
Гуфт, яке ваҳшати ин дар димоғ
Тирагӣ орад чу нафас дар чароғ
В-он дигарӣ гуфт,
на бас ҳосил аст,
Кӯрии чашм асту балои дил аст.
Ҳар кас аз он парда[381] навое намуд
Бар сари он ҷефа ҷафое намуд.

Чун ба сухан навбати Исо расид,
Айб раҳо карду ба маъно расид.
Гуфт зи нақше, ки дар айвони ӯст,
Дур ба сапедӣ на чу дандони ӯст.
В-он ду-се тан карда зи биму умед,
З-он садафи сӯхта дандон сапед.
Айби касон мангару эҳсони хеш,
Дида фурӯ кун ба гиребони хеш.
Оина рӯзе, ки бигирӣ ба даст
Худ шикан, он рӯз, машав худпараст.
Хештанорой машав чун баҳор,
То накунад дар ту тамаъ рӯзгор.
Ҷомаи айби ту тунук риштаанд
З-он ба ту нӯҳ парда фурӯ ҳиштаанд.
Чист дар ин ҳалқаи ангуштарӣ,
Қ-он набувад тавқи ту чун бингарӣ.
Гар на сагӣ, тавқи сурайё макаш,
Гар на харӣ, бори Масеҳо макаш.
Қист фалак? Пиршуда бевае,
Чист ҷаҳон? — Дардзада мевае.
Ҷумлаи дуньё зи куҳан то ба нав,
Чун гузарандаст[382], наарзад ба ҷав.
Андӯҳи дуньё махӯр, эй хоҷа хез!
Гар ту хӯрӣ, бахши Низомӣ бирез.

## МАҚОЛАТИ ЁЗДАҲУМ ДАР БЕВАФОИИ ДУНЬЁ

Хезу бисоти фалакӣ дарнавард,
З-он ки вафо нест дар ин тахтанард.
Нақши мурод аз дари васлаш маҷӯй!
Хислати инсоф зи хаслаш маҷӯй!
Пой дар ин бахр ниҳодан, ки чӣ?
Бор дар ин мавҷ кушодан, ки чӣ?

Боз ба бат гуфт, ки саҳро хуш аст,
Гуфт: «Шабат хуш, ки маро ҷо хуш аст».
Эй ки дар ин киштии ғам ҷои туст,
Хуни ту дар гардани колои туст.
Бор дарафкан, ки азобат диҳад,
Нон надиҳад, то[383] ки ба обат диҳад.
Қунҷи амон нест дар ин хокдон,
Мағзи вафо нест дар ин устухон.
Нест яке зарра ҷаҳон нозкаш[384],
Пой зи анбозии ӯ боз каш[385].
Он чӣ дар ин моидаи хиргаҳист,
Қосаи олудаву хони тиҳист.
Ҳар кӣ дар ӯ дид, даҳонаш бидӯхт,
Ҳар кӣ бад-ӯ гуфт, забонаш бисӯхт.
Ҳеҷ на дар маҳмилу чандин ҷарас,
Ҳеҷ на дар косаву чандин магас.
Ҳар кӣ аз ин коса як ангушт х(в)ард,
Қосаи сар ҳалқаи ангушт кард.
Нест ҳама сола дар ин деҳ савоб,
Фитнаи андешаву ғавғои хоб.
Хилвати худ[386] соз адамхонаро,
Боз гузор ин деҳи вайронаро.
Равзани ин хона раҳо кун ба дуд,
Хонафурӯшӣ ба зан охир чӣ суд?
Даст ба олам чӣ даровардай?
Н-аз шиками худ бадар овардай!
Хат ба ҷаҳон даркашу беғам бизӣ,
Дур шав аз давру мусаллам бизӣ!
Роҳи ту дур омаду манзил дароз
Барги раҳу тӯшаи манзил бисоз.
Хоса дар ин бодияи девсор,
Дӯзахи маҳҷуркуши ташнахор,
Қ-оби ҷигар чашмаи ҳайвони ӯст,
Чашмаи хуршед намакдони ӯст.

Шӯраи[387] ӯ бенамакопро шароб,
Шӯрнамак дида дар ӯ чун кабоб.
Об наю з-ин намаки обгун,
Заҳраи дил обу дили заҳра хун.
Раҳ, ки дил аз дидани ӯ хун шавад,
Қофилаи табъ дар ӯ чун шавад?
Дар тафи ин бодияи девлох
Хонаи дил тангу ғами дил фарох[388]
Ҳар кӣ дар ин бодияе табъ сохт,
Чун ҷигар афсурду чу заҳра гудохт.
То чӣ кунӣ ин гили дӯзахсиришт,
Хезу бидеҳ дӯзаху бистон биҳишт.
То шавад ин ҳайкали хокӣ ғубор,
Пой ба поят сипарад рӯзгор.
Оқибатат чун ки ба мардум кунад,
Даст ба дастат зи миён гум кунад.
Чунки сӯи хок бувад бозгашт,
Бар сари ин хок чӣ бояд гузашт.
Зери кафи пои касеро масой,
К-ӯ чу ту судаст басе зери пой.
Қас ба ҷаҳон дар зи ҷаҳон ҷон набурд,
Ҳеҷ кас ин руқъа ба поён набурд.
Пой манеҳ бар сари ин хор, хез!
Хештан аз хор нигаҳ дор, хез!
Он чи мақоми ту набошад муқим
Бимгаҳе шуд, чӣ кунӣ ҷои бим?
Манзили фонист, қарораш мабин,
Боди хазонист, баҳораш мабин.

## ДОСТОНИ МӮБАДИ СОҲИБНАЗАР

Мӯбаде аз кишвари Ҳиндустон
Раҳгузаре кард сӯи бӯстон.

Марҳалае дид мунаққашработ,
Мамлакате ёфт музаввварбисот.
Ғунча ба хун баста чу гардун камар,
Лолаи камумр зи худ бехабар.
Аз чаман ангехта гул ранг-ранг,
В-аз шакар омехта май танг-танг.
Гул чу сипар хастаи пайкони хеш,
Бед ба ларза шуда бар ҷони хеш.
Зулфи бунафша расани гарданаш,
Дидаи наргис дирами доманаш.
Лола гуҳарсудаву фирӯза гул,
Якнафаса лолаву якрӯза гул.
Мӯҳлаташон як нафасе беш не,
Ҳеҷ касе ақибатандеш не.
Пир чу з-он равзаи минӯ гузашт
Баъди маҳе чанд бад-он сӯ гузашт.
З-он гулу булбул,
ки дар он боғ дид,
Нолаи муште зағану зоғ дид.
Дӯзахӣ афтода ба ҷои биҳишт,
Қайсари он қаср шуда дар киништ.
Сабза ба таҳлил бухоре шуда
Дастаи гул пуштаи хоре шуда.
Пир дар он тезравон бингарист,
Бар ҳама хандиду ба худ баргирист.
Гуфт, ба ҳангоми намояндагӣ,
Ҳеҷ надорад сари поянадагӣ.
Ҳар чӣ сар аз хокию обӣ кашад,
Оқибаташ сар ба харобӣ кашад.
Беҳ зи харобӣ чу дигар кӯй нест,
Ҷуз ба харобӣ шуданам рӯй нест.
Чун назар аз биниши тавфиқ сохт,
Орифи худ гашту худоро шинохт.
Сайрафии гавҳари он роз шуд,
То ба адам сӯи гуҳар боз шуд.

Эй ки мусулмонию габрит нест,
Чашмаиву қатраи абрит нест.
Қамтар аз он мӯбади ҳинду мабош,
Тарки ҷаҳон гӯю[389] ҷаҳон гӯ мабош.
Чанд чу гул хирасарӣ сохтан,
Сар ба кулоҳу камар афрохтан.
Хезу раҳо кун камари гул зи даст,
Қ-ӯ камари хеш ба хуни ту баст.
Ҳаст кулоҳу камар офоти ишқ,
Ҳарду гарав кун ба хароботи ишқ.
Гаҳ кулаҳат хоҷагии гил диҳад,
Гаҳ камарат бандагии дил диҳад.
Қӯш, к-аз ин хоҷагуломӣ раҳӣ,
Ё чу Низомӣ зи низоме раҳӣ.

## МАҚОЛАТИ ДУВОЗДАҲУМ ДАР ВИДОИ МАНЗИЛИ ХОК

Хезу видое бикун айёмро,
Аз паси доман фикан ин домро.
Мамлакате беҳтар аз ин соз кун,
Хуштар аз ин ҳуҷра даре боз кун.
Чун дилу чашмат ба раҳ овард сар,
Нолаву ашке ба раҳ овард бар.
То ба яке нам, ки бар ин гил занӣ,
Лофи валинеъматии дил занӣ.
Гар шутурӣ рақс кун андар раҳил,
В-арна маяфкан даба дар пои пил.
Чунки туро маҳрам якмӯй нест,
Ҷуз ба адам рой задан рӯй нест.
Табънавозону зарифон шуданд,
Бо кӣ нишинӣ, ки ҳарифон шуданд.
Гарчи басе табъзарифӣ кунад
Бо ту ба танҳо кӣ ҳарифӣ кунад?

Беҳ, ки биҷӯяд дили парҳезнок
Равшании об дар ин тирахок.
То нарасад тафриқаи[390] роҳ пеш,
Тафриқа кун ҳосили маълуми хеш.
Рахт раҳо кун, ки гаронравкасӣ,
Қ-аз сабукӣ зуд ба манзил расӣ.
Бар фалак ой, ар талаби дил кунӣ,
То ту дар ин хона чу ҳосил кунӣ?
Чун шудаӣ бастаи ин домгоҳ,
Рахна кунаш, то бидарой ба роҳ,
Қ-ин хати пайваста ба ҳамдар чу мим
Раҳ надиҳад то накунандаш дуним.
Захмгаҳи чархи мунаққат мабош,
Аз хати ин доира дар хат мабош.
Гар зи хати рӯзу шаб афзун шавӣ,
Аз хати ин доира берун шавӣ.
То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор.
Дар ҳама коре, ки гирой нахуст,
Рахнаи берун шуданаш[391] кун дуруст.
Шарт бувад дида ба раҳ доштан,
Хештан аз чоҳ нигаҳ доштан.
Рахна кун ин хонаи селобхез,
То бувадат фурсати роҳи гурез.
Рӯбаҳи як фан нафаси саг шунид,
Хона ду сурох ба воҷиб гузид.
В-огаҳиаш не, ки шавад роҳгир,
Дудаи ин гунбади рӯбоҳгир.
Ин чӣ нишотест[392], к-аз ӯ хушдилӣ?
Ғофилӣ аз худ, ки зи худ ғофилӣ.
Аҳд чунон шуд,
ки дар ин тангной,
Тангдил оию шавӣ боз ҷой.
Гар шиканӣ аҳди илоҳӣ кунун,
Ҷони ту аз ӯҳда кай ояд берун?

Роҳ чунон рав, ки зи ҷон дидаӣ,
Бар ду ҷаҳон зан, ки ҷаҳон дидаӣ.
Зер мабин, то иашавӣ поятарс,
Пас манигар, то нашавӣ соятарс.
Тӯша зи дин бар, ки иморат кам аст,
Об зи чашм ор, ки раҳ бенам аст.
Ҳам ба садаф деҳ гуҳари покро,
Боз раҳу боз раҳон хокро.
Даври фалак чун ту басе ёр гашт
Дастҷавитар зи ту бисьёр гашт.
Булъаҷабӣ соз дар ин душманӣ,
Т-ош замоне ба замин афканӣ.
У[393], ки дар ин поя ҳунарпеша нест,
Аз сипару теғи вай андеша нест.
Мор махон[394], к-ин расани печ-печ
Бо кашиши ишқи ту ҳеҷ аст, ҳеҷ.
Дар ғами ин шиша чӣ бояд нишаст,
Қ-аш ба яке санг тавонӣ шикаст.
Симкушон к-оташи зар куштаанд
Душмани худро ба шакар куштаанд.
То битавон аз дилӣ донишфурӯз
Душмани худро ба гуле куш чу рӯз.

## ДОСТОНИ ДУ ҲАКИМИ МУТАНОЗЕЪ

Бо ду ҳаким аз сари ҳамхонагӣ
Шуд сухане чанд зи бегонагӣ,
Лофи манӣ буду туӣ барнатофт,
Мулк яке буду дуӣ барнатофт.
Ҳақ ду нашояд, ки яке бишнаванд,
Сар ду набояд[395], ки яке бидраванд.
Ҷои ду шамшер ниёме, кӣ дид?
Базми ду Ҷамшед мақоме, кӣ дид?

Дар тамаъ он буд ду фарзонаро,
Қ-аз ду яке хос кунад хонаро.
Чун асабият камари кин гирифт,
Хона зи пардохтан оин гирифт.
Ҳар ду ба шабгир навое заданд,
Хонафурӯшона салое заданд,
Қ-аз сари носохтагӣ бигзаранд,
Сохтаи хеш ду шарбат хӯранд.
То кӣ дар ин поя қавидилтар аст,
Шарбати заҳри кӣ ҳалоҳилтар аст?
Мулки ду ҳикмат ба яке фан диҳанд
Ҷони ду сурат ба яке тан диҳанд.
Хасми нахустин қадаре заҳр сохт,
Қ-аз афанӣ санги сияҳро гудохт.
Дод бар ӯ к-ин маи ҷонпарвар аст,
Захр мадонаш, ки беҳ аз шаккар аст.
Шарбати ӯро ситад он шермард
Заҳр ба ёди шакар осон бих(в)ард.
Нӯшгиё пухту бад-ӯ дар нишаст,
Раҳгузари заҳр ба тарьёк баст.
Сӯхт чу парвонаву пар бозёфт,
Шамъсифат боз ба маҷлис шитофт.
Аз чамани боғ яке гул бичид,
Хонд фусуневу бар он гул дамид.
Дод ба душман зи паи қаҳр ӯ
Он гули пуркортар аз заҳр ӯ.
Душман аз он гул, ки фусунхон бидод,
Тарс бар ӯ чира шуду ҷон бидод.
Он ба илоҷ аз тани худ заҳр бурд
В-ин ба яке гул зи таваҳҳум бимурд.
Ҳар гули рангин, ки ба боғи замист,
Қатрае аз хуни дили одамист.
Боғи замона,
ки баҳораш туӣ,
Хонаи ғам дон, ки нигораш туӣ.

Санг дар ин хоки мутаббақ нишон,
Хок бар ин оби муаллақ фишон.
Бигзар аз ин обу хаёлоти ӯ,
Барпар аз ин хоку хароботи ӯ.
Бар маҳу хуршед маёвар вуқуф
Маҳ хӯру хуршед шикан чун кусуф.
Қ-ин маҳи заррин, ки дар ин хиргаҳ аст,
Ғули раҳи ишқи Халилуллаҳ аст.
Рӯзи туро субҳ ҷигарсӯз кард,
Чархат аз он рӯз бад-ин рӯз кард.
Гар дили хуршед фурӯз оварӣ,
Рӯзе аз ин рӯз буруз оварӣ.
Ашк фишон то ба гулоби умед
Бистурад ин лавҳи сиёҳу сафед.
То чу амалсанҷи саломат шавӣ
Чарби торозуи қиёмат шавӣ.
Дин, ки қавӣ дорад бозутро
Рост кунад ақли тарозутро.
Ҳеҷ ҳунарпешае озодмард
Дар ғами дине ғами дунё нах(в)ард.
Чунки ба дуньёст таманно туро
Дин ба Низомӣ деҳу дуньё туро.

## МАҚОЛАТИ СЕЗДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ ҶАҲОН

Пирии олам нигару тангиаш,
То нафиребӣ ба ҷавонрангиаш.
Бар кафи ин пир, ки барноваш аст,
Дастаи гул менигарӣ в-оташ аст.
Чашма сароб аст фиребаш мах(в)ар,
Қибла салиб аст, намозаш мабар.
З-ин ҳама гул бар сари хоре най,
Гар ҳама ҳастанд, ту боре най.

Чун бубарӣ з-ончи тамаъ кардаӣ,
Он барӣ аз хона, ки овардаӣ.
Чун буна дар баҳри қиёмат баранд,
Бедирамон ҷон ба саломат баранд.
Хоҳ бинеҳ мояву хоҳӣ бибоз.
Қ-он чӣ диҳанд, аз ту ситонанд боз.
Хонаи доду ситад аст ин ҷаҳон,
Қ-ин бидиҳад ҳоливу бистонад он.
Гарчи яке кирми бирешимгар аст,
Боз яке кирми бирешим х(в)ар аст.
Шамъ кун ин зардгули ҷаъфарӣ
То чу чароғ аз гули худ бар х(в)арӣ.
Тан бишкан нӯҳдарие, гӯ, мабош
Зар бифкан шашсарие, гӯ, мабош.
Пои карам бар сари зар неҳ, на даст,
То-т нахонанд чу гулзорпараст.
Зар, ки бар ӯ сиккаи мақсуд нест,
Он зару зарних ба нисбат якест.
Дӯстии зар чу ба сони зар аст,
Дар думи товус ҳамон пайкар аст.
Сиккаи зар чунки ба оҳан баранд,
Подшаҳон бештар оҳангаранд.
Сохт аз ӯ ҳиммати Қорун кулоҳ
Аз сари он рахна фурӯ шуд ба чоҳ.
Бори ту шуд, то-ш сари туст ҷой,
Борагият шуд чу ниҳӣ зери пой.
Додани зар гар ҳама ҷон додан аст,
Носитадан беҳтар,
аз он додан аст.
Дарситадан ҳирси ҷаҳонат диҳад,
Даршудан осоиши ҷонат диҳад.
Он[396] ки ситонию бияфшонияш,
Беҳтар аз он нест, ки настонияш.
Зар чу ниҳӣ равғани сафрогар аст,
Чун бихӯрӣ меваи сафробар аст.

Зар, ки зи машриқ бадар афшондаанд,
Бехабарон мағрибияш хондаанд.
Мағрибу он қавм саҳодушмананд,
Машриқу аҳлаш ба саҳо равшананд.
Ҳар чӣ диҳад машриқии субҳи бом,
Мағрибии шом ситонад ба вом.
Волии ҷони ҳама конҳо зар аст,
Ноиби дасти ҳама мурғон пар аст.
Он зари румӣ, ки ба санги Димишқ
Рост бароянд ба тарозуи ишқ.
Гарчи фурӯзандаву зебандааст,
Хок бар ӯ кун, ки фиребанда аст.
Кист, ки ин дузд кулоҳаш набурд,
В-офати ин ғул зи роҳаш набурд.

## ДОСТОНИ ХОЧӢ ВА СӮФӢ

Каъбараве азми раҳ оғоз кард,
Қоидаи каъбаравон соз кард.
З-ончи фузун аз ғарази кор дошт,
Маблағе як бадраи динор дошт.
Гуфт: «Фалон сӯфии озодмард,
К-остӣ аз олам кӯтоҳ кард.
Дар дилам[397] ояд, ки диёнат дар ӯст
Дар кас агар нест амонат, дар ӯст».
Рафту ниҳониш фаро хона бурд,
Бадраи динор ба сӯфӣ супурд.
Гуфт: — «Нигаҳ дор дар ин парда роз
То чу ман оям, ба ман ориш боз».
Хоҷа раҳи бодияро даргирифт,
Шайх зари орияро баргирифт.
Ё раб, зинҳор, ки худ чанд буд
То дили дарвеш дар он банд буд.

Гуфт: «Ба зар кори худ оростам,
Ёфтам он ганҷ, ки мехостам».
Зуд хӯрам то накунад бастагӣ,
Он чи худо дод ба оҳистагӣ.
Боз кушод аз гиреҳ он бандро,
Доди тараб дод шабе чандро.
Ҷумлаи он зар, ки бари хеш дошт,
Базли[398] шикам карду шикам пеш дошт.
Даст бад-он ҳуққаи динор кард,
Зулфи бутон ҳалқаи зуннор кард.
Хирқаи шайхона шуда шох-шох;
Тангдилӣ мондаву узре фарох.
Сайд чунон хӯрд, ки доғаш намонд,
Равғане аз баҳри чароғаш намонд.
Ҳоҷии мо чун зи сафар гашт боз,
Қард бар он ҳиндуи худ турктоз.
Гуфт: «Биёвар ба ман, эй тезҳуш!»
Гуфт: «Чӣ?» — Гуфто: «Зар».
Гуфто: «Хамӯш!»
Дар карам овезу раҳо кун илоҷ,
Аз деҳи вайрон, кӣ ситонад хироҷ?!
Сарф шуд он бадра ҳаво дар ҳаво
Муфлису бадра зи куҷо то куҷо?
Ғорате аз турк набурдаст кас,
Рахт[399] ба ҳинду насупурдаст кас.
Рукнии ту рукни диламро шикаст,
Хӯрдам аз он хӯрда, ки бар ман нишаст.
Мол ба сад ханда ба тороҷ дод,
Рафту ба сад гирья ба пой истод.
Гуфт: «Карам кун, ки пушаймон шудем,
Кофар будему мусулмон шудем.
Табъи ҷаҳон аз халал обистан аст,
Гар халале рафт, хато бар[400] ман аст».
То карамаш гуфт ба сад растахез: —
«Хез, ки дарвеш ба пой аст, хез!»

Симхудо чун ба худо боз гашт,
Симкушӣ карду аз он даргузашт.
Носеҳи худ шуд, ки бад-ин дар мапеч,
Ҳеҷ надорад, чӣ ситонам зи ҳеч?
З-ӯ чӣ ситонам, ки ҷаве несташ,
Ҷуз гаравидан гараве несташ?
Он чи аз он мол дар ин сӯфӣ аст,
Мими мутаввақ, алифи куфӣ аст.
Гуфт: «Нахоҳӣ, ки вуболат кунам,
В-ончи ҳаром аст, ҳалолат кунам».
Даст бидор, эй чу фалак зарқсоз,
З-остини кӯтаҳу дасти дароз.
Ҳеҷ дил аз ҳирсу ҳасад пок нест,
Мӯътамаде бар сари ин хок нест.
Дин саранақдест ба шайтон мадеҳ,
Ёраи Фағфур ба сагбон мадеҳ.
Гар диҳӣ, эй хоҷа гаромат туროст,
Моя зи муфлис натавон боз хост.
Манзили айб аст, ҳунаргӯша рав,
Домани дин гиру фарогӯша рав.
Чарх на бар бедирамон мезанад,
Қофилаи мӯҳташамон мезанад.
Шаҳнаи ин роҳ чу ғоратгар аст,
Муфлисӣ аз мӯҳташамӣ беҳтар аст.
Дидам аз он ҷо,
ки ҷаҳонбинӣ аст,
Қ-офати занбӯр зи ширинӣ аст.
Шер магар талх бад-он гашт х(в)ад,
Қ-аз паси маргаш нахӯрад дому дад.
Шамъ зи бархостанӣ барнишаст,
Маҳ зи тамомӣ талабидан шикаст.
Бод, ки бо хок ба гургоштист,
Эмин аз ин роҳ зи нодоштист.
Мурги шамарро магар огоҳӣ аст,
Қ-офати моҳӣ дирами моҳӣ аст.

Зар, ки тарозуи ниёзи ту шуд,
Фотеҳаи панҷ намози ту шуд.
Пок нагардӣ зи раҳи ин ниёз,
То чу Низомӣ нашавӣ покбоз.

## МАҚОЛАТИ ЧАҲОРДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ ҒАФЛАТ

Эй шуда хушнуд ба якборагӣ
Чун хару гове ба алафхорагӣ.
Фориғ аз ин маркази хуршедгард,
Ғофил аз ин доираи лоҷвард,
Аз паи соҳибхаборон аст кор,
Бехабаронро чӣ ғами рӯзгор?
Бар сари кор ой, чаро хуфтаӣ?
Қор чунон кун, ки пазируфтаӣ?
Маст чӣ хусбӣ, ки камин карданд[401],
Қоршиносон на чунин кардаанд[402].
Барнигар ин пуштаи ғам пеш бин,
Дарнигару оҷизии хеш бин.
Ақли ту пирест, фаромӯшкор
То зи ту ёд орад, ёдаш биёр.
Ғар шарафи ақл набудӣ туро,
Номи кӣ бурдӣ, кӣ сутудӣ туро?
Ақл Масеҳост, аз ӯ сар макаш,
Гар на харӣ, хар ба ваҳал дармакаш.
Ё зи раҳи ақл бирав, нур гир,
Ё зи дараш домани худ дур гир.
Маст макун ақли адабсозро,
Тӯъмаи гунҷишк макун бозро.
Май, ки ҳалол омада дар хар мақом,
Душмании ақли ту кардаш ҳаром.
Май ки бувад, к-оби ту дар ҷоми ӯст,
Ақл шуд он чашма, ки он номи ӯст.

Гарчи май андӯҳи ҷаҳонро барад,
Он махӯр, эй хоҷа, ки онро барад.
Май намаке дон ҷигаромехта,
Бар ҷигари бенамакон рехта.
Гар хабарат бояд, чизе мах(в)ар,
Қ-аз ҳама чизит кунад бехабар.
Бехабар он мард, ки чизе чашид,
Қ-аш қалами бехабарӣ даркашид.
Милкаши чашми хаёлот шав,
Кунданеҳӣ пои харобот шав.
Эй, чу алиф ошиқи болои хеш,
Илфи ту боваҳшати савдои хеш.
Гар «алифӣ», мурғи парафканда бош
Гар на чу «бе» ҳарфи сарафканда бош.
Чун алиф оростаи маҷлисӣ,
Ҳеҷ надорӣ чу алиф, муфлисӣ!
Хор най, к-авҷгарой кунӣ,
Беҳ, ки чу гул бесарупой кунӣ[404].
Тифл най, пой ба бозӣ макаш,
Умр най сар ба дарозӣ макаш.
Рӯз ба охир шуду хуршед дур,
Соя шавад[405] беш, чу кам гашт нур.
Рӯз шунидам чу ба поён шавад,
Сояи ҳар чиз ду чандон шавад.
Сояпарастӣ чӣ кунӣ ҳамчу боғ,
Сояшикан бош чу нури чароғ.
Гар ту зи худ соя тавонӣ бурид,
Айби ту чун соя шавад нопадид.
Сояншинӣ на фани ҳар кас аст,
Сояншин чашмаи ҳайвон бас аст.
Эй забару зери сару пои ту
Зери забар — пою сари[406] рои ту.
Субҳ бад-он медиҳадат ташти зар,
То ту зи худ даст бишӯӣ магар.

Чунки дар ин ташт шавӣ ҷомашӯй,
Об зи сарчашмаи хуршед ҷӯй.
Қурсаи хуршед, ки собуни туст,
Шӯхкани ҷомаи пурхуни туст.
Азбас оташ, ки табиат фишонд,
Дар ҷигари умри ту обе намонд.
Гар танат аз чирки ғараз пок нест,
Зар на ҳама сурх бошад, бок нест.
Гар сухан аз покии унсур шавад,
Меъдаи дӯзах зи куҷо пур шавад?
З-оташи танҳо на, ки аз гарму сард,
Ростии мард бувад диръи мард.
Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агарростӣ.
Гар чу тарозу шудаӣ росткор,
Ростии дил ба тарозу гумор.
Ҳар ҷаву[407] ҳар ҳабба, ки бозуи ту,
Кам кунад аз кайлу тарозуи ту.
Ҳаст яко-як ҳама бар ҷои хеш,
Рӯзи пасин ҷумла биёранд пеш.
Бо ту намоянд ниҳонитро,
Камдиҳию бешситонитро.
Худ макун ин теғи тарозу равон,
Гарна фузун медиҳу кам меситон.
Гул зи каҷӣ хор дар оғӯш ёфт,
Найшакар аз ростӣ он нӯш ёфт.
Ростӣ он ҷо, ки алам барзанад,
Ёрии ҳақ даст ба ҳам барзанад.

## ДОСТОНИ ПОДШОҲИ ЗОЛИМ БО МАРДИ РОСТГӮЙ

Подшаҳе буд раиятшикан
В-аз сари ҳуҷҷат шуда Ҳаҷҷоҷфан.

Ҳар чӣ ба таърих шаб аз рӯз зод,
Бар дили ӯ дарс шудӣ бомдод.
Рафт яке пеши малик субҳгоҳ
Розкушояндатар аз субҳу моҳ.
Аз камар андӯхта шаббозие,
В-аз саҳар омӯхта ғаммозие.
Гуфт: «Фалон пир туро дар нуҳуфт,
Хиракушу золиму хунрез гуфт».
Шуд малик аз гуфтаи ӯ хашмнок,
Гуфт: «Ҳам акнун кунам ӯро ҳалок».
Натъ биафканду бар ӯ рег рехт,
Дев зи девонагияш мегурехт.
Шуд ба бари пир ҷавоне чу бод,
Гуфт: «Малик бар ту ҷиноят ниҳод[408].
Пир вузӯ карду кафан баргирифт,
Пеши малик рафту сухан даргирифт.
Даст ба ҳам суд шаҳи тезрой,
В-аз сари кин дид сӯи пушти пой.
Гуфт: «Шунидам, ки сухан рондаӣ
Ҷинакашу хиракушам хондаӣ!
Огаҳӣ аз мулки Сулаймониям,
Деви ситамкора чаро хониям?»
Пир бад-ӯ гуфт: «На ман хуфтаам,
З-ончи ту гуфтӣ батарат гуфтаам.
Пиру ҷавон бар хатар аз кори ту,
Шаҳру деҳ озурда зи пайкори ту.
Ман, ки чунин айбшумори туам,
Дар баду нек оинадори туам.
Оина чун нақши ту бинмуд рост,
Худ шикан, оина шикастан хатост.
Ростиям бину ба ман дор ҳуш
Гар на чунин аст,
ба дорам бикуш».
Пир чу бар ростӣ иқрор кард.
Ростияш дар дили шаҳ[409] кор кард.

Чун малик аз ростияш пеш дид,
Ростии ӯ, кажии хеш дид.
Гуфт: «Ҳануту кафанаш баркашед,
Ғолияю хилъати мо даркашед»[410].
Аз сари бедодгарӣ гашт боз,
Додгаре гашт раиятнавоз.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Дар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту зафар аз кирдгор.
Гар сухани рост бувад ҷумла дур,
Талх бувад, талх, ки алҳаққу мур.
Чун ба сухан ростӣ орӣ ба ҷой,
Носири гуфтори ту бошад худой.
Табъи Низомию дилаш ростанд,
Қораш аз ин ростӣ оростанд.

## МАҚОЛАТИ ПОНЗДАҲУМ ДАР НАКӮҲИШИ РАШКБАРОН

Ҳар нафас ин пардаи чобукрақиб
Бозие аз парда барорад ғариб.
Натъ пур аз захмаву раққос не,
Баҳр пур аз гавҳару ғаввос не.
Аз дираму давлату аз тоҷу теғ,
Нест дареғ, ар ту нахоҳӣ[411] дареғ.
Гар расадат дам ба дами Ҷабраил,
Нест қазо мумсику қудрат бахил.
З-он буна чандон ки барӣ дигар аст,
Дахли вай аз харҷи ту афзунтар аст.
Пой дар ин раҳ неҳу рафтор бин,
Ҳалқаи ин дар зану асрор бин.
Сангаш ёқуту гиё кимиёст,
Гар нашиносӣ ту, ғаромат кирост?

Дасти тасарруф қалам ин ҷо шикаст,
Қ-ин ҳама ганҷина[412] дар ин парда ҳаст.
Ҳар дам аз ин боғ баре мерасад,
Нағзтар аз нағзтаре мерасад.
Риштаи дилҳо, ки дар ин гавҳар аст,
Мурсала аз мурсала зеботар аст.
Роҳравон, к-аз паси якдигаранд,
Тоифа аз тоифа зирактаранд.
Ақл шараф ҷуз ба маонӣ надод,
Қадр ба пирию ҷавонӣ надод.
Санг шунидам, ки чу гардад куҳан,
Лаъл шавад, мухталиф аст ин сухан.
Ҳар чӣ куҳантар, бартаранд ин гурӯҳ,
Ҳеҷ на, ҷуз бонг, чу бонуи кӯҳ.
Он ки туро дида бувад ширхор,
Шири ту заҳреш бувад ногувор.
Дар куҳан инсофи тавон кам бувад,
Пири ҳавохоҳи ҷавон кам бувад.
Гул, ки нав омад, ҳама роҳат дар ӯст,
Хор куҳан шуд, ки ҷароҳат дар ӯст.
Аз навӣ-ангур бувад тӯтиё,
В-аз куҳанӣ мор шавад аждаҳо.
Ақл, ки шуд косаи сар ҷои ӯ,
Мағзи куҳан нест пазирои ӯ.
Он ки расадномаи ахтар гирифт,
Ҳукм зи тақвими куҳан баргирифт.
Пирсагоне,
ки чу шерон чаранд,
Гургсифат нофи ғизолон даранд.
Гар кунам андеша зи гургони пир,
Юсуфиям бину ба ман бармагир.
Захми тунук[413] — захмаи пирон х(в)аш аст,
Оби ҷавонӣ чӣ кунам, к-оташ аст?
Гарчи ҷавонӣ ҳама фарзонагист,
Ҳам на яке шох зи девонагист.

Ёсумане чанд, ки бедӣ кунанд,
Даъвии ҳинду ба сапедӣ кунанд[414].
Ман, ки чу гул ганҷфишонӣ кунам,
Даъвии пирӣ ба ҷавонӣ кунам.
Худманишӣ кори халақ кардан аст,
Ҳасмии худ ёрии ҳақ кардан аст.
Он маҳи навро, ки ту дидӣ ҳилол,
Бадр ниҳаш[415] ном, чу гирад камол.
Нахл чу бар пояи боло расад,
Даст чунон каш, ки ба хурмо расад.
Дона, ки тарҳ аст фарогӯшае
Дона махонаш чу шавад хӯшае.
Ҳавза, ки дарьё шавад аз оби ҷӯй,
То ба ҳамон чашм набинӣ дар ӯй.
Шаб чу бубаст он ҳама чашм аз саҳар,
Рӯз дар ӯ дид ба чашми дигар.
Душмани доно, ки паи ҷон бувад
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад[416].
Най манигар, к-аз чӣ гиё мерасад,
Дар шакараш бин, ки куҷо мерасад.
Дил ба ҳунар деҳ, на ба даъвипараст,
Сайди ҳунар бош ба ҳар ҷо, ки ҳаст.
Оби садаф гарчи фаровон бувад,
Дур зи яке қатраи борон бувад.
Баски бубояд дилу ҷон тофтан,
То гуҳаре тоҷнишон тофтан[417].
Ҳар аламеро, ки қазо нав кунад,
Ҳифз ту бояд,
ки раво-рав кунад.
Барнашикастанд ҳанӯз ин работ,
Дарнанавиштанд ҳанӯз ин бисот.
Муҳтасиби сунъ машав зинҳор,
То нахӯрӣ дуррае иблисвор.
Ҳар кӣ на бар ҳукми вай[418] иқрор кард,
Чарх сараш дар сари ин кор кард.

## ДОСТОНИ МАЛИКЗОДАИ ҶАВОН БО ДУШМАНОНИ ПИР

Қисса шунидам, ки дар ақсои Марв
Буд маликзода ҷавоне чу сарв.
Музтариб аз давлатиёни диёр,
Мулк бар ӯ шефта чун рӯзгор.
Тозагияшро куҳанон дар ситез,
Пур хатар ӯ з-он хатари нимхез.
Як шаб аз он фитна бар андеша хуфт,
Дид, ки пираш дар он ҳол[419] гуфт,
К-эй маҳи нав, бурҷи куҳанро бикан,
В-эй гули нав, шохи куҳанро бизан.
То ба ту бар мулк муқаррар шавад,
Айши ту аз хӯи ту хуштар шавад.
Шаҳ чу сар аз хоби гарон баргирифт,
Он ду-се танро зи миён баргирифт.
Тоза бино карду куҳан дарнавашт,
Мулк бар он тозамалик тоза гашт.
Рахнакуни[420] мулк сарафканда беҳ,
Лашкари бадаҳд пароканда беҳ.
Сар накашад шохи нав аз[421] сарвбун,
То назанӣ гардани шохи куҳун.
То нашавад баста лаби ҷӯйбор,
Панҷаи даъвӣ накушояд чанор.
То накунӣ раҳгузари чашма пок,
Об назояд зи дилу чашми хок.
Бо ту бурун, аз ту дарунпарварист,
Гӯш туро нек насиҳатгарист.
Як нафас он теғ барор аз ғилоф,
Чанд ғулофаш кунӣ, эй бархилоф.
Он нафас аз ҳуққаи ин хок нест,
Ин ҳақи он ҳамнафаси пок нест.
Пеши чунин кас ҳамагӣ пеш каш,
Номи карам бар ҳамаи хеш каш[422].

Давлатиён, к-обу дирам ёфтанд,
Давлати боқӣ зи карам ёфтанд.
Тухми карам кишти саломат бувад,
Чун бирасад барғи қиёмат бувад.
Ё раб, аз он ганҷ, ки эҳсони туст,
Нақди[423] Низомӣ сара кун, к-они туст.

## МАҚОЛАТИ ШОНЗДАҲУМ ДАР ЧОБУКРАВӢ

Эй, ба насиме алам афрохта,
Пеши ғуборе алам андохта.
Деҳ наю дарвозаи деҳқон зада,
Мулк наю тахти Сулаймон зада.
Теғ наӣ, захми беандоза чист?
Кӯс наӣ, ин ҳама овоза чист?
Чун даҳани теғ дирамрез бош,
Чун шиками кӯс тиҳихез бош.
Мекашадат дев, на афкандаӣ,
Даст мадеҳ, мурда наӣ, зиндаӣ.
Пеши муғе пуштсалибӣ макун,
Даъвии шамшери хатибӣ макун.
Хутбаи давлат ба фасеҳе расад,
Атсаи одам ба Масеҳе расад.
Ҳар кӣ чу парвона даме хуш занад,
Яктана бар лашкари оташ занад,
Як-ду нафас хуш зану ҷоне бигир,
Хирқа дарандозу ҷаҳоне бигир.
Бахшиши ту чарбрабоӣ, ки ҳаст,
Нест худоӣ, ба худое, ки ҳаст[424].
Шер шав, аз гурбаи матбах матарс,
Талқ шав, аз оташи дӯзах матарс.
Гар дағалӣ, бош бар оташ ҳалол,
В-ар[425] зару ёқутӣ, аз оташ манол.

Чанд ғурур, эй дагали хокдон,
Чанд манӣ, эй ду-се ман устухон?!
Пештар аз мо дигарон будаанд,
Қ-аз талаби ҷоҳ наосудаанд.
Ҳосили он ҷоҳ, бубин, то чӣ буд,
Суд буд аммо ба зиён шуд, чӣ суд?
Гар ту заминреза чу хуршеду моҳ,
Пой ниҳӣ бар фалак аз қадру ҷоҳ[426].
Гарчи аз он доира дер уфтӣ,
Чунки заминӣ, на ба зер уфтӣ.
То сари худро набурӣ турравор,
Пой дар ин турра манеҳ зинҳор.
Мурғ наӣ, барнатавонӣ парид,
То наканӣ ҷон,
натавонӣ расид.
Бо фалак аз роҳи шигарфӣ дарой,
Т-от шигарфона дар афтад ба пой.
Бода ту хӯрдӣ, гунаҳи заҳр чист?
Ҷурм ту кардӣ, халали даҳр чист?
Даҳрнакӯҳӣ макун, эй некмард,
Даҳр ба ҷои ману ту бад накард.
Ҷаҳд басе карду шигарфӣ басе,
То кунад аз мо ба такаллуф касе.
Чун ману ту ҳеҷ касони деҳем,
Беҳуда бар даҳр чӣ товон ниҳем,
То набувад ҷавҳари лаъл обдор,
Мӯҳри қабулаш наниҳад шаҳриёр,
Санг басе дар тарафи олам аст,
Он чи аз ӯ лаъл шавад ,он кам аст.
Хору суман ҳар ду ба нисбат гиёст,
Ин хасаки дидаву он тӯтьёст.
Гарчи наёбад мадади оби ҷӯй,
Аз гули аслӣ наравад рангу бӯй,
Об гирифтам лутаф афзун кунад,
Хору хасакро ба суман чун кунад?

Гарна бад-ин қоида будӣ қарор,
Қалб шудӣ қоидаи рӯзгор.
Қори ба давлат на ба тадбири мост
То ба ҷаҳон давлати рӯзӣ кирост?
Мард зи бедавлатӣ афтад ба хок,
Давлатиёнро ба ҷаҳон-дар чӣ бок?
Зинда бувад толеи давлатпараст,
Бандаи давлат шав, ҳар чо ки ҳаст.
Мулк ба давлат на маҷозӣ диҳанд,
Давлати касро на ба бозӣ диҳанд.
Гирди сари давлатиён чарх соз,
То шавӣ аз чархзадан бениёз.
Бо ду-се камзан машав оромгир,
Муқбили айём шаву ном гир.
Бахтвар аз толеи ҷавзо барой,
Ҷавз шикан, он гаҳу бахт озмой.
Гар дари давлат занӣ, афтода шав,
Аз гиреҳи кори ҷаҳон[427] сода шав.
Содадил аст об, ки дилх(в)аш расид,
В-аз гиреҳе ӯд бар оташ расид.
Пайрави дил[428] бошу мадеҳ дил ба кас,
Худ тани ту заҳмати роҳи ту бас.
Чанд занӣ даст ба шохи дигар,
К-оҳи маро давлат аз ин бештар.
Ҷумлаи олам ту гирифтӣ равост,
Чун бигузорӣ,
талабидан чароист?
Ҳирс биҳил, к-ӯ раҳи тоат занад,
Гардани ҳирси ту қаноат занад.
Маркази ин гунбади фирӯзаранг
Бар ту фарох асту бар андеша танг.
Ё макун андеша ба чанг овараш,
Ё ба як андеша ба танг овараш.
Маърифате дар гили одам намонд,
Аҳли диле дар ҳама олам намонд.

Дар ду ҳунарномаи ин нуҳдабир
Нест яке сурати маънипазир.
Дӯстӣ аз душмани маънӣ маҷӯй,
Оби ҳаёт аз дами афъӣ маҷӯй.
Душмани доно, ки ғами чон бувад,
Беҳтар аз он дӯст,
ки нодон бувад.

## ДОСТОНИ ҚӮДАКИ МАҶРӮҲ

Қӯдаке аз ҷумлаи озодагон,
Рафт бурун бо ду-се ҳамзодагон[429].
Пояш аз он пӯя даромад зи даст,
Меҳри дилу мӯҳраи пушташ[430] шикаст.
Шуд нафаси он ду-се ҳамсоли ӯ
Тангтар аз ҳодисаи ҳоли ӯ.
Он ки варо дӯстарин буд, гуфт: —
Дар буни чоҳеш бибояд нуҳуфт.
То нашавад роз чу рӯз ошкор
То нашавем аз падараш шармсор.
Оқибатандештарин кӯдаке
Душмани ӯ буд дар эшон яке.
Гуфт: «Ҳамоно ки дар ин ҳамраҳон
Сурати ин ҳол намонад ниҳон.
Чунки маро з-ин ҳама душман ниҳанд
Тӯҳмати ин воқеа бар ман ниҳанд».
Зӣ падараш рафту хабардор кард,
То падараш чораи он кор кард.
Ҳар кӣ дар ӯ ҷавҳари доноӣ аст,
Бар ҳама чизеш тавоноӣ аст.
Банди фалакро кӣ тавонад кушод?
Он ки бар ӯ пой тавонад ниҳод.
Чун зи каму беши фалак даргузашт,
Қори Низомӣ зи фалак баргузашт.

## МАҚОЛАТИ ҲАФТДАҲУМ ДАР ПАРАСТИШУ ТАҶРИД

Эй, зи худо ғофилу аз хештан,
Дар ғами ҷон мондаву дар ранҷи тан.
Ин ману мангӯ, ки дар ин қолаб аст?
Ҳеҷ магӯ ҷунбиши ӯ то лаб аст.
Чун ҳами гардун ба ҷаҳон дармапеч,
В-онҷи на они ту ба он дармапеч.
Зӯри ҷаҳон беш зи бозуи мост[431],
Санги вай афзун зи тарозуи мост[432].
Қуввати кӯҳе зи ғуборе маҳоҳ[433],
Оташи деге зи шароре маҳоҳ[434].
Ҳар камаре, к-он ба ризо баста шуд[435]
То абад аз хидмати тан раста шуд[436].
Ҳирс рибохораи маҳрумӣ аст,
Тоҷи ризо бар сари маҳкумӣ аст.
Қисабуронанд дар ин раҳгузар,
Ҳар кӣ тиҳикисатар, осудатар.
Мӯҳташамӣ, дарди саре мепазир,
В-ар на, бирав домани ифлос гир.
Қӯсаи камриш диле дошт танг,
Ришкашон[437] дид ду касро ба ҷанг.
Гуфт: «Рухам гарчи забонифаш аст,
Эминам аз ришканон ҳам х(в) аш аст,
Маслиҳати кор дар он дидаанд,
Қ-аз ту хару бори ту бубридаанд.
То ту чу Исо ба дари дил расӣ,
Бехару бебор ба манзил расӣ.
Мӯъминӣ, андешаи габрӣ макун,
Дар тунукӣ кӯшу ситабрӣ макун.
Мавҷи ҳалок аст, сабуктар шитоб,
Ҷон бибару бор дарафган ба об.
Беҳ, ки тиҳимағзу хароб истӣ,
То чу каду бар сари об истӣ.

Қадр ба бехӯрдиаю хобӣ дар аст,
Ганҷи бузургон ба харобӣ дар аст.
Мурдаи мурдор наӣ чун заған,
Зоғ шаву, пой ба хун дармазан.
Гар тани бехун шудаӣ чун нигор
Эминӣ аз заҳмати мурдорхор.
Хун ҷигаре дон ба шаробе шуда,
Оташе аз шарм ба обе шуда.
То қадаре қуввати хун бишканӣ,
Зарбати оҳан хӯрӣ, гар оҳанӣ.
Хӯ мабар аз хурд ба якборагӣ,
Хӯрда нигаҳ дор ба камхорагӣ.
Шер зи камхӯрдани худ саркаш аст,
Хирахӯрӣ қоидаи оташ аст.
Рӯз ба як қурса чу хурсанд гашт,
Равшании чашми хирадманд гашт.
Шаб, ки сабӯҳӣ на ба ҳангом кард,
Хуни зиёдаш сияҳандом кард.
Ақл зи бисьёрхӯрӣ кам шавад,
Дил чу сипарғам сипари ғам шавад.
Ақли ту ҷонест, ки ҷисмаш туӣ,
Ҷони ту ганҷе, ки тилисмаш туӣ.
Қай диҳад ин ганҷ туро равшанӣ,
То ту тилисми дари ӯ нашканӣ.
Хок ба номӯътамадӣ гашт фош,
Сӯҳбати номӯътамаде гӯ мабош.
Гар ҳама умрат бағам орад ба сар,
Аз паи ту ғам нахӯрад, ғам мах(в)ар.
Гуфт: «Ба зангӣ, падар ин ханда чист?
Бар сиёҳе чун ту бибояд гирист».
Гуфт: «Чу ҳастам зи ҷаҳон ноумед,
Рӯй сияҳ беҳтару дандон сафед.
Нест аҷаб ханда зи рӯи сиёҳ,
Қ-абри сияҳ барқ надорад нигоҳ.

Чун ту надорӣ сари ин шаҳрбанд,
Барқ шаву бар[438] ҳама олам биханд.
Хандаи тӯтӣ лаби шаккар шикаст,
Қаҳқаҳан пур даҳани кабк баст.
Ханда, ки аз дил накушояд гиреҳ,
Гирья аз он хандаи бевақт беҳ.
Сӯхтану ханда задан барқвор,
Кӯтаҳии умр диҳад чун шарор.
Бетараб ин хандаи чун шамъ чист?
Бас, ки бар ин ханда бибояд гирист.
То назанӣ хандаи дандоннамой
Лаб ба гаҳи ханда ба дандон бихой.
Гирьяи пур маслиҳати дида нест,
Хандаи бисьёр писандида нест.
Гар куҳане бинию гар тозае,
Боядаш аз неку бад андозае.
Хезу гаме меҳӯру хуш менишин,
Гоҳ чунон бояду гоҳе чунин.
Дар дили хуш нолаи дилсӯз ҳаст,
Бо шабаи шаб гуҳари рӯз ҳаст.
Ҳеҷ кас обе зи ҳавое нахӯрд,
К-аз паси он об қафое нахӯрд.
Ҳар бунаеро чарасе додаанд,
Ҳар шакареро магасе додаанд.
Дояи донои ту шуд рӯзгор,
Неку бади хеш бад-ӯ вогузор.
Гар диҳадат сирка чу шира маҷӯш,
Хайри ту хоҳад, ту чӣ донӣ? — Ҳамӯш.
Собити ин роҳ муқиме бувад,
Ҳамсафари Хизр, Калиме бувад.
Нози[439] бузургон-т бибояд кашид,
То ба бузургӣ битавонӣ расид.
Ёрӣ мусоид ба гаҳи нох(в)ашӣ
Домкашӣ кард,
на доманкашӣ.

## ДОСТОНИ ПИР ВА МУРИД

Раҳраве аз ҷумлаи пирони кор
Мешуду бо пир муриде ҳазор,
Пир дар он бодия[440] як боди пок
Дод бизоат ба аминони хок.
Ҳар як аз он остие барфишонд,
То ҳама рафтанду яке шахс монд.
Пир бад-ӯ гуфт: «Чӣ афтод рой,
К-он ҳама рафтанду ту мондӣ ба ҷой?»
Гуфт мурид: — Эй дили ман ҷои ту,
Тоҷи сарам хоки кафи пои ту.
Ман на ба бод омадам аввал нафас,
То ба ҳамон бод шавам боз пас.
Мунтазири дод ба доде шавад,
В-омадаи бод ба боде шавад.
Зудраву зуднишин шуд ғубор,
З-он ба яке ҷой надорад қарор.
Кӯҳ ба оҳистагӣ омад ба ҷой,
Аз сари он аст чунин дерпой.
Пардадорӣ пешаи даврон бувад,
Боркашӣ кори сабурон бувад.
Боркаши зӯҳд шав,
ар тар най,
Бори табиат макаш ар хар най.
То хати зӯҳди ту музаввар нашуд,
Дида бад-ӯ тар шуду ӯ тар нашуд.
Зӯҳд, ки дар заркаши султон бувад,
Қиссаи занбилу Сулаймон бувад.
Шамъ, ки ҳар шаб ба зарафшонӣ аст,
Зери қабо зоҳиди пинҳонӣ аст.
Зӯҳд ғариб аст ба майхона-дар,
Ганҷ азиз аст ба вайрона-дар.
Зӯҳди Низомӣ, ки тирози х(в)аш аст,
Зернишини амалӣ заркаш аст.

## МАҚОЛАТИ ҲАЖДАҲУМ ДАР НАКУҲИШИ ДУРӮЁН

Қалбзане чанд, ки бархостанд,
Қолибе аз қалби нав оростанд.
Чун шикам аз рӯй бикун пушташон,
Ҳарф нигаҳ дор зи ангушташон.
Пеши ту аз нур мувофиқтаранд,
Дар[441] пасат аз соя мунофиқтаранд.
Содатар аз шамъу гиреҳтар зи уд,
Сода ба дидору гиреҳ дар вуҷуд.
Ҷаврпазирони иноятгузор,
Айбнависони шикоятшумор.
Меҳр даҳан дар даҳан омӯхта,
Кина, гиреҳ бар гиреҳ андӯхта.
Гарм, валек аз ҷигар афсурдатар,
Зинда, вале аз дили худ мурдатар.
Сӯҳбаташон бар маҳаки дил мазан,
Маст най, пой дар ин гил мазан.
Хозини кӯҳанд, магӯ розашон.
Ғамз нахоҳӣ мадеҳ овозашон.
Лофзанон, к-аз ту азизе шаванд,
Ҷаҳдкунон, к-аз ту ба чизе шаванд.
Чун бувад он сулҳ зи нодоштӣ,
Хашми худо бод, бар он оштӣ.
Ҳар нафасе, к-он ғаразомез шуд,
Дӯстии душманиангез шуд.
Дӯстие, к-он зи тӯиву манист,
Нисбати он дӯстӣ аз душманист.
Захри туро дӯст чӣ хонад? — Шакар,
Айби туро дӯст чӣ донад? — Ҳунар.
Дӯст бувад марҳами роҳатрасон,
Гарна, раҳо кун сухани нокасон.
Гурба бувад, к-аз сари ҳампӯстӣ,
Баччаи худро хӯрад аз дӯстӣ,

Дӯст кадом? — Он ки бувад пардадор,
Пардадаранд ин ҳама чун рӯзгор.
Ҷумла бар он к-аз ту сабақ чун баранд,
Сиккаи корат ба чӣ афсун баранд?
Бо ту инонбастаи сурат шаванд,
Вақти зарурат ба зарурат шаванд.
Дӯстии ҳар кӣ туро равшан аст,
Чун дилат инкор кунад, душман аст.
Тан чӣ шиносад, ки туро ёр кист,
Дил бувад огаҳ, ки вафодор кист.
Як дил дорию ғами дил ҳазор,
Як гули пажмурдаю сад неши хор.
Мулк ҳазор асту Фаредун яке,
Ғолия бисьёру димоғ андаке.
Парда дарад ҳар чӣ дар ин олам аст,
Рози туро ҳам дили ту маҳрам аст.
Чун дили ту банд надорад бар он,
Банд[442] чӣ хоҳӣ зи дили дигарон?
Гар на тунукдил шудаӣ в-ин хатост,
Рози ту чун рӯз ба саҳро чарост?
Ғар дили ту н-аз тунукӣ роз гуфт,
Шиша, ки май хӯрд чаро боз гуфт?
Чун бувад аз ҳамнафасе ногузир,
Ҳамнафасеро зи нафас во магир.
Пой ниҳодӣ чу дар ин доварӣ,
Кӯш, ки ҳамдаст ба даст оварӣ.
То нашиносӣ гуҳари ёри хеш,
Ёва[443] макун гавҳари асрори хеш.

## ДОСТОНИ ҶАМШЕД БО ХОСАГИИ МАҲРАМ

Хосагие маҳрами Ҷамшед буд,
Хосатар аз моҳ ба хуршед буд.

Кори ҷавонмард бад-он даркашид,
К-аз ҳама олам маликаш баркашид.
Чун ба вусуқ аз дигарон гӯй бурд
Шоҳ хазина ба дарунаш супурд.
Бо ҳама наздикии шоҳ он ҷавон
Дуртарӣ ҷаст чу тир аз камон.
Рози малик ҷони ҷавонмард суфт,
Бо касе ин роз наёраст гуфт.
Пирзане раҳ ба ҷавонмард ёфт,
Лолаи ӯ чун гули худ зард ёфт.
Гуфт, ки сарво, чӣ хазонхӯрдаӣ[444]
К-об зи ҷӯи маликон хӯрдаӣ?
Зард чароӣ, на ҷафо мекашӣ?
Тангдилӣ чист дар ин дилх(в)ашӣ?
Бар ту ҷавон гунаи пирӣ чарост?
Лолаи худрӯи ту хайрӣ чарост?
Шоҳи ҷаҳонро чу туӣ роздон[445]
Рух бикушо чун дили шоҳи ҷаҳон.
Сурх шавад рӯи раият зи шоҳ,
Хоса рухи хосагиёни сипоҳ.
Гуфт ҷавон: «Рои ту з-ин ғофил аст,
Бехабарӣ з-ончи маро дар дил аст.
Сабр маро ҳамнафаси дард кард,
Рӯи маро сабр чунин зард кард.
Шоҳ ниҳодаст ба миқдори хеш,
Дар дили ман гавҳари асрори хеш.
Ҳаст бузург ончи дар ин дил ниҳод,
Рози бузургон натавонем кушод.
Дар суханаш дил на чунон бастаам,
К-аз сари кам кори забон бастаам.
З-он накунам бо ту сари ханда боз,
То зи забон барнапарад мурғи роз.
Гар зи дил ин роз на берун шавад,
Дил ниҳам онро, ки дилам хун шавад.

В-ар бикунам рози шаҳон ошкор,
Бахт хӯрад бар сари ман зинҳор».
Пирзанаш гуфт: «Мабар номи кас,
Ҳамдами худ, ҳам дами худ дону бас.
Ҳеҷ касе маҳрами ин дам мадон,
Сояи худ маҳрами худ ҳам мадон.
Зард ба ин чеҳраи диноргун,
З-онки шавад[446] сурх ба ғарқоби хун.
Мешунавам ман, ки шабе чанд бор
Пеши забон гӯяд, сар зинҳор.
Сар талабӣ, теғзабонӣ макун,
Рӯз наӣ, розфишонӣ макун.
Мард фурӯбастазабон х(в)аш бувад,
Он саги девона забонкаш бувад.
Маслиҳати туст забон зери ком,
Тег писандида бувад дар ниём.
Роҳати ин панд ба ҷонҳо дар аст
Қ-офати сарҳо ба забонҳо дар аст.
То чу бунафша нафасат нашнаванд,
Ҳам ба забони ту сарат надраванд.
Дор дар ин ташт забонро нигоҳ,
То сарат аз ташт нагӯяд, ки оҳ.
Лаб макушой, ар чи дар ӯ нӯшҳост,
Қ-аз паси девор басе гӯшҳост.
Бад машунав, вақти гаронгӯшӣ аст,
Зишт магӯ,
навбати хомӯшӣ аст.
Чанд нависӣ? Қалам оҳиста дор,
Бар ту нависанд забон баста дор.
Обсифат ҳар чӣ шунидӣ, бишӯй,
Оинасон ончи бидидӣ, магӯй.
Ончи бубинанд ғаюрон ба шаб,
Боз нагӯянд ба рӯз, эй аҷаб.
Лоҷарам ин гумбади анҷумфурӯз
Ончи ба шаб дид, нагӯяд ба рӯз[447].

Гар ту дар ин парда адаб дидаӣ,
Рӯз магӯ онҷи ба шаб дидаӣ.
Шаб, ки ниҳонхонаи ганҷинаҳост,
Дар дили ӯ ганҷи басе синаҳост.
Барқравоне, ки дарунпарваранд,
Онҷи бубинанд аз ӯ бигзаранд.
Ҳар кӣ сар аз арш бурун мебарад,
Гӯй зи майдони дарун мебарад.
Чашму забоне, ки бурун дӯстанд,
Аз сар мӯянду зи тан пӯстанд.
Ишқ, ки дар парда каромот шуд,
Чун бадар омад, ба харобот шуд.
Ин гиреҳ аз риштаи дин кардаанд,
Панбаи ҳаллоҷ бад-ин кардаанд.
Ғунча, ки ҷон пардаи ин роз кард,
Чашмаи хун шуд чу даҳан боз кард.
Қай даҳан ин мартаба ҳосил кунад,
Қиссаи дил ҳам даҳани дил кунад.
Ин хӯриш аз косаи дил х(в)аш бувад,
Чун ба даҳон оварӣ оташ бувад.
Ин-т фасоҳат, ки забон бастагист,
Ин-т шитобӣ, ки дар оҳистагист.
Равшании дил хабар онро диҳад,
К-ӯ даҳани худ дигаронро диҳад.
Он луғати дил, ки баёни[448] дил аст,
Тарҷуматаш ҳам ба забони дил аст[449].
Гар дили хурсанди Низомӣ турост,
Мулки қаноат ба тамомӣ туост.

## МАҚОЛАТИ НУЗДАҲУМ ДАР ИСТИҚБОЛИ ОХИРАТ

Маҷлиси хилват нигар ороста,
Равшану хуш чун маҳи нокоста.

Шамъ фурӯзону шакар рехта,
Тахт зада, ғолия омехта.
Душмани ҷон аст туро рӯзгор,
Хештан аз дӯстияш вогузор.
Бин, ки ба занҷир каёнро кашид,
Ҳар кӣ дар ӯ дид забонро кашид[450].
Бо ту дуньёталаби дингузор
Бонг бароварда рақибони бор,
Қ-аз дари бедодгарон боз гард,
Гирди саропардаи ин роз гард.
Аз тафи ин бодия ҷӯшидаӣ,
Бар ту напӯшанд, ки пӯшидаӣ.
Сарднафас буд саги гармкин,
Рӯбаҳ аз он дӯхт магар пӯстин?
Дӯзахи гӯгирд шуд ин тирадашт,
Эй хунук он кас, ки сабуктар гузашт[451].
Обидаҳоне ба адаб гирд кун,
Дар тафи ин чашмаи гӯгирд кун.
Боз деҳ ин воми фалакдодаро,
Тарҳ кун ин хоки заминзодаро.
Ҷумла барандоз ба устодие
То ту фурӯ монию озодие.
Ҳар кӣ дар ин роҳ манӣ мекунад,
Бар ману ту роҳзанӣ мекунад.
Хасмии каждум батар аз аждаҳост,
Қ-ин зи ту пинҳон бувад, он бармалост.
Хона пур аз дузд ҷавоҳир бипӯш,
Бодия пурғул ба тасбеҳ кӯш.
Ғоратиёне, ки раҳи дил зананд,
Роҳ ба наздикии манзил зананд.
Тарсам аз он шаб, ки шабехун кунанд,
Хорат аз ин бодия берун кунанд.
Душмани хурд аст балои бузург,
Ғафлат аз ӯ ҳаст хатои бузург.

Бо адуи хурд машав хурдкин,
Хурд шавӣ, гар нашавӣ хурдбин.
Бо ҳама хурдӣ ба қадар моя зӯр,
Милкаши баччаи шер аст мӯр.
Қофилаи барда ба манзил расид,
Киштии пургашта ба соҳил расид.
То-т набинанд, ниҳон шав чу хоб,
То-т наронанд, равон шав чу об.
Пой дар ин савмиа нанҳоданист,
Чун биниҳӣ воситада доданист.
Гар наравӣ[452],
дар ҷигарат хун ниҳанд,
Ротибат[453] аз савмиа берун ниҳанд.
Гар сафар аз хок набудӣ ҳунар,
Чарх шабу рӯз накардӣ сафар.
То надарат дев гиребон-т хез,
Домани дин гиру дар имон гурез.
Шаръ туро хонд, симоаш бикун,
Табъ туро нест, видоаш бикун.
Шаръ насимест ба ҷонаш сипор,
Табъ ғуборе ба ҷаҳонаш гузор.
Шаръ туро сохта райҳон ба даст,
Табъпарастӣ макун, ӯро параст[454].
Бар дари ҳар кас чу сабо дарматоз,
Бо дами ҳар хас чу ҳаво дармасоз.
Ин ҳама чун соя, ту чун нур бош,
Гар ҳама дорӣ, зи ҳама дур бош.
Чанбари туст ин фалаки чанбарӣ,
То ту аз ин чанбар сар чун барӣ?
Гар ба ту бар қисса кунад ҳоли хеш,
Ё хабаре гӯядат аз соли хеш,
Танг бувад ғори ту бо ғаври ӯ,
Ҳеҷ бувад умри ту бо даври ӯ.
Охири гуфтори ту хомӯшӣ аст,
Ҳосили кори ту фаромӯшӣ аст.

То ба ҷаҳон — дар нафасе мезанӣ,
Беҳ, ки дари ишқи касе мезанӣ,
Қ-ин ду нафас бо чу ту афтодае
Хуш набувад ҷуз ба чунон бодае.
Ҳеҷ қабое набурид осмон,
То ду кулаҳвор набурд аз миён.
Ҳар чӣ кунӣ, олами кофарситез
Бар ту нависад ба қаламҳои тез.
В-он чӣ кушоӣ зи дари иззу ноз,
Бар ту ҳамон дар бикушоянд боз.
Чашми ту гар пардаи таннозӣ аст,
Бо ту дар ин парда ҳамон бозӣ аст.
Неку бад онон, ки басе дидаанд,
Нек бидон ,бад написандидаанд.
Ҳар кӣ раҳе рафт, нишоне бидод,
Ҳар кӣ баде кард, замоне бидод.
Сурат агар неку агар бад барӣ,
Номи ту он аст, ки бо х(в)ад барӣ.
Хор бувад номи гули хорпӯш,
Анбарӣ, ном омада анбарфурӯш.
Қалб машав,
то нашавӣ вақти кор
Ҳам зи худу ҳам зи худо шармсор.
Бонг бар ин даври ҷигартоб зан,
Санг бар ин шишаи хуноб зан.
Раҷм кун ин лӯъбати шангарфро,
Дар қалами насх каш ин ҳарфро.
Даст бар ин қалъаи калъӣ барор,
Пой дар ин аблақи хатлӣ дарор.
То фалак аз манбари нӯҳхиргаҳӣ
Бар ту кунад хутбаи шоҳаншаҳӣ.
Кори ту бошад алам андохтан,
Кори ман аст ин алам афрохтан.
Одамиям рафъи малак мекунам,
Даъвӣ аз он сӯи фалак мекунам.

Қиматам аз қоматам афзунтар аст,
Даврам аз ин доира берунтар аст.
Об наю баҳршукӯҳӣ кунам[455],
Ҷуғз[456] наю ганҷпажӯҳӣ кунам[457].
Чун фалакам бар сари ганҷ аст пой,
Лоҷарамам сахт баланд аст ҷой.

## ДОСТОНИ ҲОРУН-АР-РАШИД БО ҲАҶҶОМ

Даври хилофат чу ба Ҳорун расид,
Рояти[458] Аббос ба гардун расид.
Нимшабе пушт ба ҳамхоба кард,
Рӯй дар осоиши гармоба кард.
Мӯйтароше, ки сараш месутурд,
Мӯй ба мӯяш ба ғаме месупурд,
Қ-эй шуда огоҳ зи устодиям,
Хос кун имрӯз ба домодиям.
Хутбаи тазвиҷ пароканда кун,
Духтари худ номзади банда кун.
Табъи халифа қадаре гарм гашт[459],
Бозпазирандаи озарм гашт[460].
Гуфт: «Ҳарорат[461] ҷигараш тофтаст,
Ваҳшате аз даҳшати ман ёфтаст».
Бехудиаш кард чунин ёфагӯй,
В-арна накардӣ зи ман ин ҷустуҷӯй.
Рӯзи дигар нектараш озмуд,
Бар дирами қалб ҳамон сикка буд.
Таҷрибаташ кард чунин чанд бор,
Қоидаи мард нагашт аз қарор.
Қор чу беравнақӣ аз нур бурд,
Қисса ба дастурии дастур бурд,
Қ-аз қалами мӯйтароше дуруст,
Бар сарам ин омаду ин сар ба туст.

Мансаби домодии ман боядаш,
Тарки адаб бин, ки чӣ фармоядаш.
Дар даҳанаш ханҷару дар даст теғ,
Сар ба ду шамшер сипорам дареғ.
Ҳар гаҳе к-ояд чу қазо бар сарам,
Санг занад бар ману бар гавҳарам».
Гуфт вазир: «Эминӣ аз рои ӯ,
Бар сари ганҷ аст магар пои ӯ?»
Чунки расад бар сарат он сода мард,
Гӯ: «Зи қадамгоҳи нахустин бигард».
Гар бичахад, гардани гарро бизан,
В-ар на қадамгоҳи нахустин бикан.
Мири мутеъ аз сари тавъе, ки буд,
Ҷой бадал кард ба навъе, ки буд.
Чун қадам аз манзили аввал бурид,
Гунаи ҳаҷҷом дигаргуна дид.
Қамсухане дид[462], даҳандӯхта,
Чашму забоне адабомӯхта.
То қадамаш бар сари ганҷина буд,
Сурати шоҳиш бар оина буд.
Чун қадам аз ганҷи тиҳӣ соз кард,
Қулбаи ҳаҷҷомии худ боз кард.
Зуд қадамгоҳ-ш бишкофтанд,
Ганҷ ба зери қадамаш ёфтанд.
Ҳар кӣ қадам бар сари ганҷе ниҳод,
Чун ба сухан омад ганҷе кушод.
Ганҷи Низомӣ, ки тилисмафкан аст,
Синаи софеву дили равшан аст.

## МАҚОЛАТИ БИСТУМ ДАР ВАҚОҲАТИ АБНОИ АСР

Мо, ки ба худ даст барафшондаем,
Бар сари хоке чӣ фурӯ мондаем.

Сӯҳбати ин хок туро хор кард,
Хок чунин таъбия бисьёр кард.
Умр ҳама рафт ба паскастарем,
Қофила аз қофила вопастарем.
Ин ду фаришта шуда дар банди мо,
Дев зи бадномии пайванди мо.
Гармрави сард чу гулхангарем,
Сард паи гарм чу хокистарем.
Нури дилу равшании сина ку?
Роҳату осоиши порина ку?
Субҳи шабоҳанги қиёмат дамид,
Шуд алами субҳи равон нопадид.
Хандаи ғафлат ба даҳон даршикаст,
Орзуи умр ба ҷон даршикаст.
Аз кафи ин хок ба афсунгарӣ,
Чораи он соз, ки ҷон чун барӣ?
Барпар аз ин дом,
ки хунхораест,
Зиракӣ аз баҳри чунин чораест.
Гург зи рӯбоҳ ба дандонтар аст,
Рӯбаҳ аз он раст, ки беҳдонтар аст.
Ҷаҳд бар он кун, ки вафоро шавӣ,
Худ напарастию худоро шавӣ.
Хокдиле шав, ки вафое дар ӯст,
В-аз гули инсоф гиёе дар ӯст.
Ҳар ҳунаре, к-он зи дил омӯхтанд,
Лар зеҳи мансуҷи вафо дӯхтанд.
Гар ҳунаре дар тани мардум бувад,
Чун написандӣ гуҳаре гум бувад.
Гар биписандиш дигарсон шавад,
Чашмаи он об ду чандон шавад.
Мардуми парварда ба ҷон парваранд,
Гар ҳунаре дар тарафе бингаранд[463].
Хоки замин ҷуз ба ҳунар пок нест,
Ин ҳунар имрӯз дар ин хок нест.

Гар ҳунаре сар зи миён барзанад,
Беҳунаре даст бад-он дарзанад.
Қори ҳунарманд ба ҷон оваранд,
То ҳунарашро ба зиён оваранд.
Ҳамли риёзат ба тамошо кунанд,
Нисбати андеша ба савдо кунанд.
Номи карам сохта мушта зиён,
Исми вафо бандагие ройгон.
Гуфта саҳоро қадаре ришханд,
Хонда суханро тарафе лурканд.
Нақши вафо бар сариях мезананд,
Бар маҳу хуршед занах мезананд.
Гар нафасе марҳами роҳат бувад,
Бар дили ин қавм ҷароҳат бувад.
Гар зи лабе шарбати ширин чашанд,
Даст ба ширина ба рӯяш кашанд.
Бар ҷигари пухтаи анҷирфом
Сирка фурӯшанд чу ангури хом.
Чашми ҳунарбин на касеро дуруст,
Ҷуз халалу айб надонанд ҷуст.
Ҳосили дарьё на ҳама дур бувад,
Як ҳунар аз табъи касе пур бувад.
Даҷла бувад қатрае аз чашми кӯр,
Пои малах пур бувад аз дасти мӯр.
Айбхаранд ин ду-се номусгар,
Беҳунару бар ҳунар афсӯсгар.
Тиратар аз гавҳари гил дар гиланд,
Талхтар аз ғуссаи дил бар диланд[464].
Дуд шаванд, ар ба димоғе расанд,
Бод шаванд ар ба чароғе расанд.
Ҳоли ҷаҳон бин,
ки саронаш киянд,
Номзади номваронаш киянд?
Ин ду-се бадноми куҳан маҳди хеш
Мешиканандам ҳама чун аҳди хеш.

Ман ба сифат чун маҳи гардун шавам,
Нашканам, ар бишканам афзун шавам.
Ранҷ гирифтам зи ҳад афзун баранд,
Бо фалак ин руқъа ба сар чун баранд?
Бар сухани тозатар аз боғи рӯҳ,
Мункири дерина чу асҳоби Нӯҳ.
Эй, алами Хизр, ғазое бикун,
В-эй нафаси Нӯҳ, дуое бикун.
Дил, ки надорад сари бедодашон,
Бод фаромӯш кунад ар ёдашон.
Бо бадашон, к-он на ба андозаест,
Хомӯшии ман қавиовозаест.
Ҳуққа пуровоз ба як дур бувад,
Гунг шавад чун шикамаш пур бувад.
Хунбараи нима барорад хурӯш,
Лек чу пур гардад, гардад хамӯш.
Гар пурӣ аз дониш, хомӯш бош,
Тарки забон гӯю ҳама гӯш, бош!

## ДОСТОНИ БУЛБУЛ БО БОЗ

Дар чамани боғ чу гулбун шукуфт,
Булбуле бо боз даромад ба гуфт,
К-аз ҳама мурғон туӣ хомӯшсор,
Гӯй чаро бурдаӣ, охир биёр.
То туи лаббаста кушодӣ нафас,
Як сухани нағз нагуфтӣ ба кас.
Манзили ту дастгаҳи санҷарӣ,
Тӯъмаи ту[465] синаи кабки дарӣ.
Ман, ки ба як чашмзад аз кони ғайб
Сад гуҳари нағз барорам зи ҷайб.
Тӯъмаи ман кирми шикорӣ чарост,
Хонаи ман бар сари хоре чарост?

Боз бад-ӯ гуфт: «Ҳама гӯш бош,
Хомӯшиам бингару хомӯш бош.
Ман ки шудам коршинос андаке,
Сад кунаму боз нагӯям яке.
Рав, ки туӣ шефтаи рӯзгор,
З-он ки яке накнию, гӯӣ, ҳазор.
Ман ки ҳама маънияем, ин сайдгоҳ
Синаи кабкам диҳаду дасти шоҳ.
Чун ту ҳама захми забонӣ тамом,
Қирмхӯру хорнишин вассалом».
Хутба чу бар номи Фаредун кунанд,
Гӯш бар овози духул чун кунанд?
Субҳ, ки бо бонги хурӯс асту бас,
Хандае аз роҳи фусус асту бас.
Чарх, ки дар маърази фарьёд нест,
Ҳеҷ сар аз чанбараш озод нест.
Бармакаш овозаи назми баланд,
То чу Низомӣ нашавӣ шаҳрбанд.

## АНҶОМИ КИТОБ

Субҳкаллаҳ сабоҳ, эй дабир,
Чун қалам аз даст шудам дастгир,
Қ-ин намат аз чарх фузунӣ кунад,
Бо қаламам буқаламунӣ кунад.
З-ин ҳама алмос, ки бигдохтам,
Қизлике аз баҳри малик сохтам.
К-оҳани шамшериам[466] дар санг буд,
Кӯраи оҳангариям танг буд.
Давлат агар ҳамдамие сохтӣ,
Умр бад-ин низ напардохтӣ.
Дар дилам ояд,
ки гунаҳ кардаам,
К-ин вараҷе чанд сияҳ кардаам.

Он чӣ дар ин ҳуҷлаи хиргоҳӣ аст,
Ҷилвагари чанд саҳаргоҳӣ аст.
З-ин бара мехӯр, чӣ хӯрӣ дудҳо,
Оташ дарзан ба намаксудҳо.
Пеш рав, оҳистагие пеша кун,
Гар кунӣ андеша, баандеша кун.
Ҳар сухане, к-аз адабаш дурӣ аст,
Даст бар ӯ мол, ки дастурӣ аст.
В-он чӣ на аз илм[467] барорад алам,
Гар манам он ҳарф, дар ӯ каш қалам.
Гар на дар ӯ доди сухан додаме,
Шаҳр ба шаҳраш на фиристодаме.
Ин тарафам кард сухан[468] пойбаст,
Ҷумлаи атрофи маро зери даст.
Гуфт замона, на заминӣ биҷунб,
Ҳамчу замин[469] чанд нишинӣ, биҷунб.
Бикри маоним, ки ҳамтош нест,
Ҷома ба андозаи болош нест.
Нимтане то сари зонуш ҳаст,
Аз паи он бар сари зону нишаст.
Боядаш аз ҳулла қад оростан,
То адабаш бошад бархостан.
Аз назари ҳар куҳану тозае
Ҳосили ман чист, ҷуз овозае.
Гармии ҳангомаву зар ҳеҷ не,
Заҳмати бозору дигар ҳеҷ не.
Ганҷа гиреҳ карда гиребони ман,
Бегиреҳе ганҷи Ироқ они ман.
Бонг баровард ҷаҳон, к-«Эй ғулом,
Ганҷа кадом асту Низомӣ кадом?»
Шукр, ки ин нома ба унвон расид,
Пештар аз умр ба поён расид.
Қард Низомӣ зи паи збвараш,
Ғарқаи гавҳар зи қадам то сараш.

Бод муборак гуҳарафшони ӯ,
Бар малике, к-ин[470] гуҳар аст они ӯ.
Мурғи қалам нома ба парвоз кард,
Бар сари қиртос ду пар боз кард.
Пой зи сар карду зи лаб дур фишонд,
«Махзани асрор» ба поён расонд.
Буд ҳақиқат зи шумори дуруст
Бисту чорум зи рабеъи нахуст.
Аз раҳи ҳиҷрат шуда то ин замон
Понсаду ҳафтоду ду афзун бар он[471].

# ДЕВОНИ АШЪОР

## ҒАЗАЛИЁТ

Бо ту падид мекунам ҳоли табоҳи хешро,
То ту насиҳате кунӣ чашми сиёҳи хешро.
Сарзанишам макун,
ки ту шефтатар зи ман шавӣ,
Гар нигарӣ дар оина рӯи чу моҳи хешро.
Тарки фироқро ба ман роҳ мадеҳ[1] ту ҳону ҳон,
Чун ба ту раҳ надодаам шаҳнаи оҳи хешро.
Чун ба ту пушт додаам хиракушӣ чунон макун,
Қ-аз ту ба дигарӣ барам пушту паноҳи хешро.
Чоҳи занах чу кардаӣ маскани Юсуфи дилам,
Далви инояте фирист Юсуфи чоҳи хешро.
Хушк чун нофа мешавад,
хунам аз он ки мекунӣ
Доирае зи[2] мушки тар зулфи сиёҳи хешро.
Гарчи забони узри ман лол шуд аз хиҷолаташ[3],
Бар карамат навиштаам узри гуноҳи хешро.
Банда, Низомии ту шуд пеши ту қавлзан аз он[4]
Ҷомагие деҳ аз вафо човуши роҳи хешро.

* * *

Ҷавонӣ бар сари кӯч аст
дарьёб ин ҷавониро,
Ки шаҳрӣ боз кай бинад ғарибй корвониро.
Хамидапушт аз он гаштанд пирони ҷаҳондида,
Ки андар хок мегӯянд айёми ҷавониро[5].
Ба ҳарза медиҳӣ барбод умри нозанин,
к-аз вай
Ба ҳосил метавон кардан ҳаёти ҷовидониро.
Ба ҷон[6] нахридаӣ ҷонро аз он қадраш намедонӣ,
Ки ҳинду қадр нашносад матои ройгониро.
Агар ту шодмон бошӣ,
чӣ маъзуле расад ғамро,
В-агар худро кушӣ аз[7] ғам чӣ нуқсон шодмониро.
Низомӣ, гар диле дорӣ навои ошиқӣ баркаш,
Самои арғуниниро,
шароби арғувониро.

* * *

Эй қибла шуда, ҳама ҷаҳонро,
Роҳат зи ту сад ҳазор ҷонро[9].
Гулро гиреҳ аз[10] камар кушода,
То баста чу найшакар миёнро.
Хуш бош, дар ин нафас, ки ҳастӣ
Чун боз наёбӣ[11] ин замонро.
Бас тездав[12] аст маркаби умр,
Рӯзе ду-се бозкаш инонро.
Шоҳӣ ба ҷаҳон[13] туруст имрӯз,
Чун шоҳии олам Арслонро.
Эй Мисри[14] лаби ту хоси Юсуф,
Мастон* зи Низомӣ остонро.

---

* Мастон мухаффафи маситон мебошад.

* * *

Ҷав ба ҷав меҳнати ман з-ин[15] рухи гандумгун аст,
Ки ҳама шаб рухи чун коҳам аз он[16] пурхун аст.
Донаи[17] гандуми ӯ сунбули тар дорад бор,
Қамтарин хӯшаи ӯ сунбулаи гардун аст.
Ман нахӯрдам бар аз ӯ сабрам аз ӯ гандум хӯрд,
Қ-аз[18] биҳишти дари ӯ ҷисми раҳӣ[19] берун аст.
Аз тарозуи ду зулфаш чу ҷаве мушк харам,
Гандуме хоҳам афзун[20], ки сухан мавзун аст[21].
Ман чу гандум шудаам аз ғами ӯ[22] дил ба ду ним,
Ин ғам ӯро ба[23] яке ҷав, ки Низомӣ чун аст?

* * *

Захм чу бар дил расид, дида пур аз хун чарост?
Чун ту даруни дилӣ нақши ту берун чарост?
Худ ба ҷаҳон-дар маро як дилаке буду бас,
Мо ҳама чун якдилем, қасди шабехун чарост?
Чун ба тарозуи ишқ ҳарду баробар шудем,
Меҳри ту кам мешавад, ишқи ман афзун чарост?
Пештарак мар маро дӯсттарак доштӣ,
Ман на ҳамон дӯстам, душманӣ акнун чарост?
Бар ҳама хастадилон додгарӣ кардаӣ,
Чун ба Низомӣ расид
қисса[24] дигаргун чарост?

* * *

Эй пайки хуҷаста, ёр чун аст?
Ман, бедилам, он нигор чун аст?
Бар чист, чӣ мекунад, чӣ созад?
Хубиш чӣ гуна, кор чун аст?
Он наргиси ширмасти оҳу
Дар сунбули ҷуйбор[25] чун аст?

Аз чашмаи шукр[26] об хӯрда,
Дар гӯшаи лолазор[27] чун аст?
Чун ҷони азиз дорамаш дӯст,
Он душмани дӯстдор чун аст?
Ман бар сари оташам шабу рӯз,
Он наргиси обдор чун аст?
Дар хӯрдани хун накард тақсир,
Дар хӯрдани зинҳор чун аст?
Андар ҳама умр худ напурсид,
Қ-он шефтаро қарор чун аст?
Яъқуб шуд аз ғамаш, Низомӣ,
Қ-он[28] Юсуфи рӯзгор чун аст?

* * *

Рухат гулро[29] ниқоби хор дарбаст[30],
Гул аз дасти рухат зуннор дарбаст[31].
Ниқоби ғунча хунолуд бинам,
Магар, к-аз шарми ту рухсор дарбаст[32].
Матои зулфи ту чун рахт бикшод
Бунафша аз хиҷолат бор дарбаст[33].
Ба як нукта ҷамоли арғувонит,
Забони савсан аз гуфтор дарбаст[34].
Агар даъвӣ[35] кунӣ дар гӯши гул кун,
Ки наргис чашм аз ин бозор дарбаст[36].
Басе кӯшид булбул бо Низомӣ,
Чу бишнид ин ғазал,
минқор дарбаст[37].

* * *

Дидаро бо ту ошноиҳост,
В-аз ту дар дида рӯшноиҳост.
Покбозӣ кун ар харифи манӣ,
Ки фалак дар паи дағоиҳост.

Гар сари зулфи ту кашам, шояд,
Рӯз, рӯзи гиреҳкушоиҳост.
Бо ман ин як-ду рӯз дарпайванд,
Ки аз ин пас басе ҷудоиҳост.

* * *

Маро пурсӣ[38], ки чунӣ, чунам, эй дӯст!
Ҷигар пурдарду дил пурхунам, эй дӯст!
Ҳадиси ошиқӣ бар ман раҳо кун,
Ту Лайлӣ шав, ки ман Маҷнунам, эй дӯст!
Ба фарьёдам зи ту ҳар рӯз фарьёд,
Аз ин фарьёди рӯзафзунам, эй дӯст.
Шунидам ошиқонро менавозӣ,
Магар ман з-он миён берунам, эй дӯст!
Нагуфтӣ[39] гар бияфтӣ гирамат даст,
Аз ин афтодатар,
к-акнунам, эй дӯст!
Ғазалҳои Низомӣ бар ту хонам,
Нагирад дар ту ҳеҷ афсунам, эй дӯст.

* * *

Қариме ку, ки дар олам забун нест,
Асиру бастаи ин чархи дун нест.
Арӯси бахтро гар зеваре ҳаст,
Дар ин нӯҳ ҳуққаи оинагун нест.
Агар ин аст ҳастиҳо, ки дидам
Дар ин кон ҳеҷ нуре нест чун, нест.
Ду оламро ту, эй дил, кунҷ[40] пиндор,
Ки он аз кунҷи танг асту бурун нест.
Фалакро нофае гардад пур аз мушк,
Бар ин тангӣ бад-он гӯяд дарун[41] нест,
Ки пурмушки фалак будӣ замона,
Агар ранг аст бар он ранги хун[42] нест.

Низомӣ, тарки дуньё гӯ ҳамон гир,
Ки ин каждум дар ин тоси нагун нест.

* * *

Хонаи дил хароб шуд, дилбари ҷонситон куҷост?
Дузд хазина мебарад, ҳайбати посбон куҷост?
Қофила рафту ман чунин аз ҳама монда бозпас[43]
Маркаби тезпӯй ку, шаҳнаи корвон куҷост?
Бар дари дӯст инчунин[44] ман ҳама шаб, ки хуфтаам,
Гар раҳиям, навола ку, в-ар сагам устухон куҷост?
Ёфтаӣ, Низомиё, тӯшаи ин[45] ҷаҳон басе,
Оқибатат чу рафтан аст, тӯшаи он ҷаҳон куҷост?

* * *

Турраи мушкбӯи ту мазҳаби дилбарӣ гирифт,
Ғамзаи ҷаврҷӯи[46] ту расми ситамгарӣ гирифт.
Ҳар кӣ бидид рӯи ту баст миёни[47] бандагӣ,
Бахри кушоди кори ҷон назди ту чокарӣ гирифт.
Дар дами сидқи субҳдам фотиҳа бар ту медамам[48],
К-аз паи захмчашми бад бо ту дуогарӣ[49] гирифт.
Бо тару хушки ман бисоз ар[50] чӣ на дархурӣ туам,
Хушк мабод, к-аз ғамат дидаи ман тарӣ гирифт.
Дови[51] нахуст бо ту ҷон кам задаму бибохтам,
Беш даға мабоз чун ишқи ту доварӣ гирифт.
Пеш барой ҷони ман[52] лаъли ту мӯъҷиза намуд,
Ҳамчу Низоми Ганҷавӣ[53] пеши ту чокарӣ[54] гирифт.

* * *

Қорам зи ғамат ба ҷон расидаст,
Фарьёд бар осмон расидаст.
Нагзорам нохуне зи дастат,(?)
Чун корд ба устухон расидаст.

Ишқи ту дар ин ҷаҳон чӣ пӯшам[55],
Қ-овоза бад-он ҷаҳон расидаст.
Ҷонам зи паи ту рахт барбаст
Бе он ки ба корвон расидаст.
Гуфтӣ барат оям, эй Низомӣ,
Биштоб, ки вақти он расидаст.

* * *

Беҳтар аз ин гӯ сухан то шакар арзон шавад?
Беҳтар[56] аз ин даст гир, то ситам осон шавад.
Доди ман аз васли хеш тарсам онгаҳ диҳӣ,
Қ-ин сухане ҷандро ваъда ба поён шавад.
Бо ғами ту ҷурм нест, кори ту оҷизнавоз,
Зуд уқубат кунад, дер пушаймон шавад.
Гар ту парирух шабе азми Низомӣ кунӣ,
Хонаи мӯре чу ман[57] мулки Сулаймон шавад.

* * *

Хуш зӣ, ки замона ғам наярзад,
Андешаи бешу кам наярзад.
Вазнаш ҳама нимҷав насанҷад[58],
Додаш ҳама як ситам наярзад.
Дилгармии рӯзу рӯшноиш
Бо сардин субҳдам наярзад.
Гӯӣ, ки кам аз кам арзад охир
Не, не ғалатам, ки ҳам наярзад.

* * *

Дидӣ, ки аз ғами ту бар ман чӣ хорӣ омад,
Бе он ки ҳеҷ рахна дар дӯстдорӣ омад?
Рафтӣ чунон ки рӯзе рух боз пас накардӣ,
Эй он ки одати ту зинҳорхорӣ омад.

Бо ман агар насозӣ[59] хубест узрхоҳит,
Донӣ, ки расми хубон носозгорӣ омад.
Дар ишқи ту Низомӣ собир чӣ гуна бошад,
К-аз ту қароргоҳаш дар беқарорӣ омад.

* * *

Ғам махӯр, ёро, ки ҳақ[60] фарьёди ғамхорон расад,
Ёри корафтодаро ёрӣ ҳам аз ёрон расад.
Давлати ҷовид[61] хоҳӣ хезу шабро зинда дор,
Хуфта нобино бувад, давлат ба бедорон расад.
Гар ҳумой, авҷи хирманро[62] ба гунҷишкон супор,
В-ар дурустӣ[63] ғам махӯр шарбат ба беморон расад.
Ошиқон хӯрданд май з-он муфлисон гаштанд маст[64].
Бош то рӯзи пасин навбат ба ҳушьёрон расад.
Чун магас хӯрд ангабин,
парвонаро шамъ аз чӣ сӯхт,
Киса тарророн баранд, офат ба айёрон расад.
Ҷанги султонист ин ҷо тирборон чашм дор
Он[65] арӯсиҳо бувад,
к-он ҷо шакар борон расад.
Гар даруни боргоҳат ёр набвад з-он[66] маранҷ,
Чун ба сайд омад[67] малик,
навбат ба сагдорон расад.
Эй Низомӣ, пой дарнеҳ[68], даст аз ин давлат бидор,
То магар з-он[69] мамлакат коре ба бекорон расад.

* * *

Эй моҳ бад-ин хубӣ меҳмони кӣ хоҳӣ шуд?
В-эй ояти некӯи дар шони кӣ хоҳад шуд?
Болои сар аз анбар чатри малике дорӣ,
Бо чатри сияҳ имшаб султони[70] кӣ хоҳӣ шуд?
Қандат натавон хондан, к-аз найшакаре[71] хуштар
Дилбар натавон[72] гуфтан, дар ҷони кӣ хоҳӣ шуд?

Шаб тираву ту равшан аз чашми бад андешам,
Эй чашма, дар ин зулмат ҳайвони кӣ хоҳӣ шуд?
Ту меравию ҷонам хоҳад шудан аз ҳаҷрат[73]
Эй дарди Низомиро, дармони кӣ хоҳӣ шуд?[74]

* * *

Боз бинои тавбаро ишқ хароб мекунад,
Рӯзакушои ошиқон аз маи ноб мекунад.
Зад ба дили ман оташе ишқи буте, ки номи ӯ
Зӯҳраву офтобро заҳра чу[75] об мекунад.
Гарчи расад ба ҳар диле оташи ишқи ӯ бубин,
Тозанамактар аз[76] дилам ҳеҷ кабоб мекунад?
Чашми туам[77] ба ғамза гуфт они[78] туам ту сабр кун,
Ман ба худо, ки собирам,
умр[79] шитоб мекунад.
Гар кунадам уқубате маслиҳат аст гӯ бикун,
З-он ки зи пеш ронадам беҳ, ки азоб мекунад.
Гар ҳама чашмоҳуе сайд ба хобам мешавад,
Оҳуи чашми ӯ маро сайд ба хоб мекунад.
Гарчи хато бувад, хато куштани чун Низомиё,
Ошиқи ӯст, гӯ, бикуш, нек[80] савоб мекунад.

* * *

Зиҳӣ хубӣ баномэзад маро дилбар чунин бояд,
Чароғе бас шабафрӯзе маро гавҳар чунин бояд.
Лабу холи ҷаҳонсӯзат чу уду шаккаранд, эй ҷон,
Зиҳӣ уду шакар сӯзон маро миҷмар чунин бояд.
Намакро чошнӣ бошад, вале ширин нахоҳад шуд,
Ту бас шириннамакдонӣ, маро шаккар чунин бояд.
Ду оламро ба ёди ту ба як соғар дарошомам,
Чу ту соқӣ шавӣ пешам, маро соғар чунин бояд.
Насими зулфи мушкинат муанбар кард оламро,
Чӣ хушбӯист, мебинӣ, маро анбар чунин бояд.

Ба хидматгории зулфат Низомиро камар бастам,
Сари зулфи ту мегӯяд, маро чокар чунин бояд.

* * *

Дӯш маҳрӯи ман аз мушк ниқоб омада буд,
Қори ошуфтаи ман з-ӯ ба савоб омада буд.
Арақ ангехта аз гул, қасаб афканда зи моҳ,
Магар аз бими рақибон ба шитоб омада буд?
Натавонистам аз ӯ чашм буридан нафасе,
Гӯӣ, аз чашми ман он дурри хушоб омада буд.
Ду-ба ду мо ба яке хуфтаву осуда ба ҳам,
Бахти бедоршуда дар таку тоб омада буд.
Гуфт хоҳам шудам аз ман чӣ ситонӣ ба гарав,
Гуфтамаш бӯса, ки ҳангоми ҷавоб омада буд.
Оташе дар мани дилсӯхта зад вақти шудан,
Оби чашме, ки дар он чашмаи об омада буд.
Хӯрд савганд Низомӣ ба сари Ширвоншоҳ
Ки чу бедор шудам,
ёр ба хоб омада буд.

* * *

Боз ба чашми оҳувон[81] шер шикор мекунад,
Шердилони ишқро бо ғам ёр[82] мекунад.
Тири мижа ба шасти хам баркашаду[83] намезанад,
Турфатар он ки бар дилам нозада, кор мекунад.
Номи лабаш шунидаам[84], хирқа аз он даридаам,
Бодаи ночашидаам, бин[85] чӣ хумор мекунад?
Чунки вафо талаб кунам, аз дили оҳанини ӯ,
Бар мани обгинадил санг ба кор мекунад.
Ман ҳама рӯз мекунам ёди шаби висоли ӯ,
Ӯ ҳама шаб ба хуни ман рӯз шумор мекунад.
Гарна, ки ганҷи меҳнаташ шуд[86] ба хароба
ҷогузин[87]
Дар дили беқарори ман аз чӣ қарор мекунад?

Суҳбати вай Низомиё, арзад[88] агар ситам кунад[89],
Ҳар кӣ гуле талаб кунад[90], хидмати хор мекунад.

* * *

Эй камарам, ба хидматат шаб ба шаб устувортар,
Хидмати ман ба чашми ту рӯз ба рӯз хортар.
Дӯстии ту дар ҷаҳон кард ба коми душманам,
Ту хиҷил аз ҳама ҷаҳон, ман зи ту шармсортар.
Ранги рухам ҳамин бувад, к-аз ту сиёҳрӯ шудам,
Қас нашунид кори ту[91] аз ту сиёҳкортар.
Ман ба каноран омадам, ту ба миён наёмадӣ,
Умр шуду намешавад, хӯи ту созгортар[92].
Тар[93] чӣ шавӣ ба хуни ман, тарсам хушктар кунад,
К-аз намакеву шаккаре хуштару обдортар.
Гарчи Низомӣ аз сухан дар[94] ту бузургвор шуд,
Сӯи рикоби шоҳ шав,
к-ӯст[95] бузургвортар.

* * *

Имшаб аз хуфтан чӣ хезад, айш хуштар то ба рӯз,
Мерасем ин хобро шабҳои дигар то ба рӯз.
Гоҳ бар чашмат нишонам, гоҳ дар ҷонат кашам,
Гоҳ дар дил ҷой созам, гоҳ дар бар то ба рӯз.
Лӯъбати бодомчашме[96] шоҳиди шаккарлабе,
Нуқли мастон хуш бувад, бодому шаккар то ба рӯз.
Дӣ зи ҳиҷронат ниҳодам даст бар сар то ба шаб,
Имшаб аз васлат ниҳодам тоҷ бар сар то ба рӯз.
Бо ту ҷон кардам фидо, гуфтам[97],
ки ин даст они туст,
Нақш мезан, дов мехон[98], нард мебар то ба рӯз.
Зулфро чун тавба хам кун,
бӯса медеҳ то ба шаб,
Тавбаро чун зулф бишкан, бода мех(в)ар то ба рӯз.

Гӯш ба шеъри Низомӣ нeҳ, ки имшаб кор нест,
Ҳалқаи гӯши туро бо ҳалқаи дар то ба рӯз.

* * *

Шабе тира [99], раҳе мушкил, ҷанибатро инон
даркаш,
Замоне рахти ҳастиро ба хилватгоҳи ҷон даркаш.
Чу масти хилваташ[100] гаштӣ
фалакро хайма дарҳам зан[101],
Сутуни арш дарҷунбон, таноби осмон даркаш.
Уқобони шақоватро[102] зи боғи унс берун кун,
Ҳумоёни саодатро[103] ба доми имтиҳон[104] даркаш.
Гаронҷонӣ макун, ҷоно, ту дар базми сабукрӯҳон
Чу соқӣ гармрӯ гардад, сабук ратли гарон даркаш.
Тариқаш[105] бе қадам мерав, ҳадисаш безабон
мегӯ[106].
Ҷамолаш бе назар мебин[107], шаробаш бедаҳон
даркаш.
Биҳишту дузахаш бинӣ, машав машғули ин ҳар ду,
Қадам бар фарқи дузах нeҳ,
хате гирди ҷинон даркаш.
Чу хосалхоси ӯ[108] гаштӣ, зи сурат пой берун нeҳ,
Ҳазорон шарбати маънӣ ба якдам ройгон даркаш.
Низомӣ, ин чӣ асрор аст, к-аз хотир бурун додӣ[109]?
Касе рамзат[110] намедонад,
забон даркаш, забон даркаш.

* * *

Зи ишқат рӯй дар савдо ниҳодам,
Ба пешат роз бар саҳро ниҳодам.
Силоҳи фитна пӯшидам ба кӯят,
Саре дар маърази ғавғо ниҳодам.
Надидам дар[111] ту озарме, валекин
Гунаҳ бар чашми нобино ниҳодам.
Туро бас[112] ошиқам, хунам чӣ резӣ,
На расми ишқ, ман танҳо ниҳодам.

Ба нақдам гарчӣ н-ояд васл имрӯз,
Ба насья чашм бар фардо ниҳодам.
Зи бас гавҳар, ки дар чашми Низомист,
Хироҷи дида бар дарьё ниҳодам.

* * *

Тадбир кунам ҳар шаб то дил зи ту баргирам,
Чун рӯз барорад сар меҳри ту зи сар гирам.
Дил бо ту даромезам, к-омехтаӣ бо ҷон,
Ҷоне дигарам бояд, то ёри дигар гирам.
Эй ман, шуда қурбонат, чун ид муборак шуд,
Фоле, ки ба рӯи ту ҳангоми саҳар гирам.
Бо чун ту савор аз ман шамшерзанӣ н-ояд[113],
Гар ғошия фармоӣ, бар тораки сар гирам.
Дар базми нисори ту нузле чун мане бояд,
То гавҳари ашкамро дар ҳуққаи зар гирам[114].
Бардор зи роҳи дил ин расми ҷигархорӣ[115],
Ғар[116] на ҳама роҳатро дар хуни ҷигар гирам.
Обе, ки ҷигар дорад резам зи раҳи дида,
То гарди Низомиро аз роҳи ту баргирам.

* * *

Ғаромат аст, ғаромат шабе, ки бету гузорам,
Надомат[117] аст, надомат[118] даме, ки бету барорам.
Ба ногузирии васлат, ки нест аз ту гузирам,
Ба барқарории зулфат[119], ки нест бе ту қарорам.
Талаб кунам чу туеро, ман ин хаёл наварзам[120],
Талаб кунӣ чу манеро, ман ин умед надорам.
Ба назди ман ту бузургӣ, манам,
ки пеши ту хурдам,
Ба пеши ман ту азизӣ, манам, ки пеши[121] ту хорам.
На чашми он ки бубинам, на бахти он ки биёбам.
На пои он ки бипӯям[122], на дасти он ки барорам.

Ту фориғӣ зи Низомӣ, манам, ки дар талаби[123] ту,
Ба рӯз толеъ гирам, ба шаб ситора шуморам.

* * *

Ганҷ надорам, ки нисорат кунам,
Хезаму сар дар сари корат кунам.
Дил диҳаму ҷон канаму тан занам,
То ба чӣ талбис шикорат кунам.
Гар бипазирӣ зи азал то абад,
Пешкаши хоки диёрат кунам.
Ҳар ду ҷаҳон гар нашуморӣ ба айб
Нузли яке ғошиядорат кунам.
Гар қадаме пеши Низомӣ ниҳӣ,
Ғолияи худ зи ғуборат кунам.

* * *

Саркашӣ мекун, ки борат мекашам,
В-аз дили софе ғуборат мекашам.
Мастам аз ишқат, ки равшан бодаест,
Лоҷарам ранҷи хуморат мекашам.
Чун залилонам маяфкан бар канор,
К-аз азизӣ дар канорат мекашам.
Рӯзгорам мекушад дар ҷаври ту,
Ҷавр бин, к-аз рӯзгорат мекашам.
В-ой бар уммедам ар зоеъ шавад,
Меҳнате, к-аз интизорат мекашам.
Эй Низомӣ, булбули гулзори ту,
Ғул начида захми хорат мекашам.

* * *

Нигорино, дилам бурдӣ, фусунхонӣ макун чандин,
Забони ман фурӯ бастӣ, забондонӣ макун чандин.

Чу дил бурдан тамаъ будат ҳама кофардилӣ кардӣ,
Битарс аз ҷони маҳрумон фусунхонӣ макун чандин.
Раҳо кун то ба озодӣ замоне дар ту мебинам,
На ман duздам, на ту шаҳна,
нигаҳбонӣ макун чандин,
Чу ман дар хидмати зулфат
камар чун мӯр барбастам,
Ба ғорат кардани мӯре сулаймонӣ макун чандин.
Чу он бадмаст боз ояд сабукрӯҳона дар базмат,
Низомӣ, бода бар каф неҳ,
гаронҷонӣ макун чандин.

* * *

Санамо, ба чашми шӯхат, ки шабе ҳавои мо кун,
Дили дардманди моро ба висоли худ даво кун.
Ҳама ҳоҷати ман ин аст, ки бибӯсамат ба хилват,
Ба ду зулфи анбаринат ҳама ҳоҷатам раво кун.
Накунанд подшоҳон ба ҷуз аз гадонавозӣ,
Ту ба чашми подшоҳӣ, назаре бар ин гадо кун,
Чу ба бандагӣ камар баст, санамо, туро Низомӣ,
Ба дари нахосхона ба ғуломияш раҳо кун.

* * *

Парвонаро, гӯ, шамъ куш, к-омад чароғи ҷони ман,
Гулзорро, гӯ, хун гирӣ, к-омад гули хандони ман.
Имшаб ману майдони ту,
идди ману қурбони ту,
Қ-омад ба Ҳиндустони ту
Фағфури Туркистони ман.
Сарв аст он болои ӯ, ризвон надорад пои ӯ,
Ӯ миру ман мавлои ӯ,
ман банда, ӯ султони ман.
Рухро чу шамъ афрӯхта, парвонаро пар сӯхта,
Ман ташнаву лабдӯхта, ӯ чашмаи ҳайвони ман.

Гуфтам ба меҳр, эй нозанин,
шав бо Низомӣ ҳамнишин,
Гуфто, ки бошам баъд аз ин, ман они ӯ, ӯ они ман.

* * *

Эй гули хандони ман,
сарви хиромони ман,
Ман ҳама з-они туам, гар ту наӣ з-они ман.
Дил ба ту машғул шуд,
ҷон ба ту таслим гашт,
Ҳар чӣ, ки хоҳӣ бикун бар дилу бар ҷони ман.
Боз надорам ба теғ дасти ман аз зулфи ту,
То нашавад дасти ту банди гиребони ман
Сӯхтам аз ташнагӣ назди ту з-он медавам,
Қ-он лаби чун нӯш ҳаст чашмаи ҳайвони ман.
Пеши Низомӣ хиром,
то ба ту сар баркунад
Тоҷи мулук Ахситон соҳиби девони ман.

* * *

Ҷавонӣ кардам андар кори ҷонон,
Ки ҳаст андар дилам бозори ҷонон.
Чу шаккар мегудозам з-оби дида,
Зи шавқи лаъли шаккарбори ҷонон.
Зи ман бурд андак-андак зиндагонӣ
Хилофи ваъдаи бисьёри ҷонон.
Фиғон з-он сунбули пуртоби мушкин
Дамида бар рухи гулнори ҷонон.
Ҳама шаб зор гирьям то саҳаргоҳ,
Ҳаме бӯсам дару девори ҷонон.
Фиғон, эй мардумон,
фарьёд-фарьёд
Аз он ду наргиси хунхори ҷонон.

* * *

Чун ғунча диле дорам пурхун зи ҷафои ту,
Умрам ба карон омад дар аҳду вафои ту.
Ҳар ҷо, ки ғаме бинӣ, хоҳӣ зи барои ман,
Ҳар ҷо, ки диле бинам, хоҳам зи барои ту.
Гуфтӣ, ки чӣ мебояд, дору зи паи чашмат,
Гар дастрасе бошад хоки кафи пои ту.
Сад ҷома қабо кардам, дар орзуи васлат,
То баркашамат дарбар як дам чу қабои ту.
Дар хуни дили он кас то чанд шавӣ охир
Қ-ӯ аз дилу ҷон гӯяд, ҳамвора санои ту.

* * *

Эй ҳама[124] туркон шуда[125] ҳиндуи ту,
Бод ҷудо чашми бад аз рӯи ту.
Мӯй ба мӯй аз сару то пои ман
Бод фидои сари як мӯи ту.
Тир чаро бар мани мискин задӣ?!
Нест маро тоқати бозӯи ту[126].
Ту маи ноб аз дили ман мехӯрӣ,
Ман ҷигари хеш зи паҳлӯи ту.
Хоҳам[127] дар пот фитам ошкор,
Чанд ба дуздӣ нигарам сӯи ту.
Заҳра надорам, ки бубинам рухат[128],
Тиру камон дорад абрӯи ту.
Гарчи туро ошиқи содиқ басест[129],
Банда, Низомист, дуогӯи ту.

* * *

Ҷоно, ба ҷони ту, ки наям бенишони ту,
Рӯзам чу зулфи туст,
дилам чун даҳони ту.

Поям намеравад, ки ниҳам пой[130] дар рикоб,
Дастам намерасад, ки занам дар инони ту[131].
Дар дил макун, ки то бизиям дар миён ниҳон[132],
Он ч-аз вафо миёни ман асту миёни ту.
Ҷон медиҳам ба бӯса[133] намебоядат маҳар,
Аз баҳри суди хеш нахоҳам зиёни ту.
Гуфтӣ, Низомиё, ба ғами ман сабур бош[134],
Дар ман куҷост сабр[135],
магар аз забони ту.

* * *

Эй ки, гӯй аз дилбарон бирбудаӣ,
Хуштарак мерон, ки хоболудаӣ.
Ҷавр камтар кун, ки дар хун рехтан
Бар фалак ҳафтод гом афзудаӣ.
Аз амалҳое, ки дар девони туст,
Хештан куштан маро фармудаӣ?
Тири ғамзатро чу шаккар мехӯрам,
Гарчи пайконаш ба заҳр олӯдаӣ.
Аз Низомӣ устухоне монду бас,
Ҳар чӣ равған буд аз ӯ полӯдаӣ[136].

* * *

Ҳеҷ даргунҷад[137], ки фармонам[138] кунӣ,
Дарди ман биниву дармонам кунӣ?
То бадан тар мекунам аз оби чашм,
Ғарқа дар[139] хунобн ҳиҷронам кунӣ.
Қори дил бигзор[140], к-он аз[141] даст рафт,
Ҷаҳд кун то чораи ҷонам кунӣ.
Доғ кун, доғам, ки сайди лоғарам,
Он намеарзад, ки қурбонам кунӣ.
Чашм бар ҳалвои лаълат бастам,
Он[142] ҷигар дорӣ,[143] ки меҳмонам кунӣ.

Бар лабат мӯҳри Низомӣ мениҳам,
То бад-он хотам Сулаймонам кунӣ.

* * *

Боз гирифтӣ зи сар қоидаи дилбарӣ,
То шавад аз ишқи ту ҷони ман аз дил барӣ.
Аз дили барги гулат низ чу тунги шакар,
Пистаи ту дур кард заҳмати шаккаргарӣ![144]
Мижжа чу барҳам занӣ оҳ кашад ҳуриин,
Зулф чу дарҳам кунӣ, шӯр барорад парӣ.
Равнақи исломро турраи ту бишканад,
Шеваи дигар манеҳ бар намати кофарӣ.
Гар ту парирух зи кох[145] ҷониби саҳро равӣ,
Фитна шавад офтоб, моҳ шавад муштарӣ.
Мазҳаби девонагӣ ақл кунад ихтиёр,
Чун ту ба як сӯ ниҳӣ силсилаи анбарӣ.
Бода чу аз лаб диҳӣ рӯҳ шавад, ҷуръадон
Нола кунад чангу ной дида кунад соғарӣ.
Бо ҳама лутфу ҷамол бо ҳама хубиву фарр,
Ҳам битавонӣ агар сӯи раҳӣ бингарӣ.
То чу Низомӣ, касе хастаи ҳиҷрони туст,
Баста миёни умед пеши ту дар чокарӣ.

* * *

Бар оразаш нигаҳ кун то лолазор бинӣ,
В-аз рашки лолазораш дар сина хор бинӣ.
Гул дар чаман чӣ ҷӯӣ дар ғунча рух намояд,
Дар пеши рӯи ӯ бин то гул чу хор бинӣ.
Рӯзе, ки аз ду лаълаш афтад тамаъ ба бӯса[146],
Аз дурбоши чашмаш хун дар канор бинӣ.
Умрест, к-аз ғами ту дил беқарор дорам,
Сад сол агар биҷӯӣ,
бо ин қарор бинӣ.

Ҳамчун Низомӣ, аз худ гоме ба пеш дарнеҳ,
Қ-аз ҳаҷри васл ёбӣ ғам, ғамгусор бинӣ.

* * *

Дилам бурдию ҷон дар кор дорӣ,
Магар ҷои дигар бозор дорӣ?
Наёбӣ ошиқе чун ман дигар ҳеҷ[147],
Агарчи ошиқон бисьёр дорӣ.
Зи зулфу орази гулрангу мушкин
Чаро бо худ балоро ёр дорӣ?
Низомиро чунин бояд, к-аз ин пас
Зи васли хеш бархурдор дорӣ.

* * *

Ин давлати сармастам хушьёр шавад рӯзе,
В-ин бахти гаронхобам бедор шавад рӯзе[148].
Ҳам боз шавад ин дар ҳам рӯз шавад ин шаб,
Дилбар на чунин монад, дилдор шавад рӯзе[149].
Хасме, ки ба рағми мо имрӯз навозандаш,
Дар чашми азизи ӯ ҳам хор шавад рӯзе.
Қофар шудам аз дасташ, бошад, ки ба ин дастон
Зулфаш ба миёнам-бар зуннор шавад рӯзе[150].

* * *

Надиҳам ман ба ту дил гарчи бути дилбандӣ,
Ки дил аз ман бибарӣ бо дигаре пайвандӣ.
Гарчи ман оҷизам, аммо ту ситамгор мабош,
Бо ман он кун, ки агар бо ту равад, бипсандӣ.
Мулки Ҷамшед надорам, ки зи ту бӯса харам,
Инак-инак ману дил, гар ба диле хурсандӣ.
Чун гулоб аз ту ба ҳар анҷумане мегирьям,
Ту чу гул бар рухи ҳар хору хасе[151] механдӣ.

Хонамат равшании дидаву сармояи умр,
Ки бар рухсор чу моҳиву ба лаб чун қандӣ[152].

* * *

Табарро кун, дило, аз худпарастӣ,
Чу андар ҳалқаи мардон нишастӣ.
Шароби шавқ андар[153] ҷамъи мардон
Чу кардӣ нӯш, фориғ шав зи ҳастӣ.
Маҷӯ ёрӣ зи ҳар кас андар ин роҳ,
В-агар ҷустӣ, дари ёрӣ бубастӣ.
Зи ёр инсоф ҷустан ҳаст пиндор[154],
Зи худ инсоф деҳ, гар ёр ҳастӣ[155].
Хӯрӣ хуноба сад сол ар дар ин роҳ
Ҳама бод аст агар як дил бихастӣ.

* * *

Фурӯ хон номаи дардам, магар дармони ман созӣ[156].
Дили маҷрӯҳи ман бинӣ илоҷи ҷони[157] ман созӣ.
Ба фармонат камар бастам, тариқи ошиқ ин бошад.
Ту маъшуқӣ, раво набвад,
ки худ[158] фармони ман созӣ.
Агар гӯям, сабӯҳӣ кун, шароб аз хуни ман резӣ,
В-арат гӯям самоъе, деҳ, наво з-афғони ман созӣ.
Ба васлат ид месозам, валекин нест қурбонам,
Агар раҳме кунӣ бар ман, маро қурбони ман созӣ.
Магар дар ҳаҷрат, эй маҳ,
ман ба барги гул намеарзам,
Ки ҳар хоре, ки мебинӣ нисорафшони ман созӣ.
Чу пайдо шуд, ки дар олам надорам бе ту ҷону дил,
Ҳаромат бод, ҳар айше,
ки дар пинҳони ман созӣ[159].
Чу ман чашми Низомиро тамошогоҳи ту кардам,
Чӣ бошад гар хаёлатро шабе меҳмони ман созӣ.

* * *

Муштоқи ҷамоли туам, эй дӯст, куҷоӣ?
Ман банда туроям, ту худованд кироӣ?
Ба рӯю лаби ту ду гуво чашми ту дорам,
Довар, ки шавад, ҳам ту, ки хасмиву гувоӣ(?)
Рӯе, ки нахоҳам ту дар ойина бубинӣ,
Зинҳор, ки ин бехабаронро нанамоӣ.
Мушки ту, сабо маҳрами рози ту набошад,
Дар роҳи сабо зулф набинам, ки кушоӣ.
Обе, ки ҷигар тар кунад аз кӯи ту ояд,
Доим зада бошад раҳи ту чун ту дароӣ.

* * *

Ошиқ шудаам бар ту тадбир чӣ фармоӣ?
Аз роҳи салоҳ оям, ё аз раҳи расвоӣ?
То ҷону дилам бошад, чун ҷону дилат ҷӯям,
Ё ман ба канор афтам ё ту ба миён оӣ?
Дар дӯстият шаҳрӣ гаштанд маро душман,
Бар ман, кӣ кунад раҳмат гар ҳам ту набахшоӣ?
Ҳарҷо, ки туро бинам,
дасти ману зулфи ту,
Донӣ, ки қалам набвад бар ошиқи савдоӣ?
З-ин сон, ки манам бе ту дур аз ту мабодо кас,
На дастрасе бар ту на бе ту шикебоӣ.

* * *

Ҷоно, ҳама ояти накӯӣ,
Дар шаъни ту омадаст гӯӣ.
Бинвоз маро ба як-ду бӯса,
Қ-ин аст закоти хубрӯӣ.
Гуфтам, ки дилам куҷост, гуфто[160],
Он ҷо, ки наёбӣ ар биҷӯӣ.

Резам ба шафоат об аз чашм[161],
То даст ба хуни ман нашӯӣ.
Бо ту ба чӣ дил зияд Низомӣ,
На некдилӣ, на некхӯӣ?
Гар пурсадат аз навозиши ӯ
Бо Шоҳқизил чӣ нукта гӯӣ?

* * *

Ҳама шаб дар ин умедам, ки шабем ёр бошӣ,
На ману на ту гар имшаб на бад-ин қарор бошӣ.
Ба навозиши ҳама[162] кас ҳама дидаӣ чу наргис,
Чу ба толеъи ман ояд ҳама ғамза хор бошӣ.
Зада лофи дӯстдорӣ зи ту бо ҳазор душман,
Хиҷилам кунӣ зи душман ту чӣ дӯстдор бошӣ?
Ману як ҷаҳон мухолиф ту дари мувофиқат зан,
Зи хилофи кас натарсам чу ту созгор бошӣ.
Ту чӣ мурғӣ охир, эй ҷон, ба чӣ чизат[163] озмоям,
На ба дида сайд гардӣ на ба дил шикор бошӣ.
Ҳама шаҳр чун Низомӣ, ба умеди ту, валекин
Нарасад ҷуз Ахситонро, ки ту дар канор бошӣ.

* * *

Ман он наям, ки ту дидӣ, ту ониву беҳ аз онӣ,
Туро фузуда ҷамолу маро намонда ҷавонӣ.
Магӯ, ки[164] чун ту баҳоре табаддуле напазирад[165],
Ки ҳар чӣ буд ба боғам бибурд боди хазонӣ.
Туӣ Халилу ман оташ, чаро намирам пешат?
Ман ар бимирам шояд[166] ту боядам, ки бимонӣ.
Гарам[167] шикаста бихонӣ, чаро шикаста набошам?
Тан инчунин ки[168] ту дидӣ, дил ончунон[169], ки ту донӣ.
Ба мардумӣ, на ба фармон, риояти дили мо кун,
Нагӯямат, ба чӣ ғоят, бад-он қадар, ки ту донӣ?[170]

Низомӣ, аз сари хидмат[171], камар ба пеши ту
бандад,
Ки дар ҷабини ту бинад саодати дуҷаҳонӣ.

* * *

Чун мани деринаёреро чаро[172] ғамхор медорӣ?
Зиҳӣ сӯҳбат баномэзад чӣ[173] некӯ ёр медорӣ.
Маро бо[174] дарди ман бигзор,
агар з-ин дард мепурсӣ[175]
Мабар номам дар ин тимор, агар[176] тимор медорӣ.
Ба ҳар ранге, ки хоҳӣ буд[177],
ҳамранги ту хоҳам шуд,
Агар тасбеҳ мехонӣ в-агар зуннор медорӣ.
Туро ман дӯст медорам, ту медорӣ маро душман,
Ман аз ту фахр медорам, ту аз ман ор медорӣ.
Гар осон гирам ин ғамро ғаме мебоядат[178] осон,
В-агар душвор мегирам, зи ман душвор медорӣ.[179]
Низомӣ, дар ҳама вақте азизи худ туро донад,
Ту маъшуқӣ, туро зебад,
ки ӯро хор медорӣ?

* * *

Ғами ту хуҷаста бодо, ки ғамест ҷовидонӣ,
Надиҳам ғаме чунинро[180] ба ҳазор шодмонӣ.
Ғами ӯ зи хуррамӣ беҳ,
ту дар ин сухан чӣ, гӯӣ,
Заданаш беҳ аз навозиш ту дар ин зиён чӣ донӣ?
Манам он ки хидмати ту кунаму наметавонам,
Туӣ он ки чораи ман накуниву метавонӣ.
Ба забони ҳол гуфтӣ, ки бихоҳ васл аз ман
Ба чӣ эътимод хоҳам, ба кадом зиндагонӣ?
Дили ман куҷо пазирад,
ивази ту дигариро
Дигарӣ ба ту намонад ту ба дигарӣ намонӣ.

* * *

Шаб бегаҳ аст, эй моҳи ман,
меҳмони ман шав соате,
Ҳамхонаи ишқи туам, ҳамхони ман шав соате,
Эй чашмаи ҳайвонлақаб[181] в-эй зиндагониро сабаб,
Чун ҷонам овардӣ ба лаб, ҷонони ман шав соате.
Аз баҳри ман дар кин машав
шодимро[182] ғамгин машав,
Дар хуни ман чандин машав,
дар ҷони ман[183] шав соате.
Бингар ба рӯи зарди ман,
в-аз сина биншон гарди ман,
То чанд бошӣ дарди ман, дармони ман шав соате.
То кай чу оташ тофтан бар ман сафол андохтан,
Дар базм шодӣ сохтан, райҳони ман шав соате.
Эй чатри маҳ гесӯи ту, туғрои мушкинмӯи[184] ту
Эй ман ғуломи рӯи ту, султони ман шав соате[185].

* * *

Дар сарат кардам ҷавонӣ,
к-аз ҷавонӣ хуштарӣ,
Чун намирам пеши ту,
к-аз зиндагонӣ хуштарӣ.
Офати чашмӣ, валекин дил[186] зи рӯят равшан аст,
Меҳнати ҷонӣ, валек[187] аз шодмонӣ хуштарӣ.
Гуфтае бингар[188], чӣ гӯям ман,
надонам қадри ту
Ин қадар донам, бале, к-аз зиндагонӣ[189] хуштарӣ.
Сулҳу ҷангат як зи як дар коми ман[190] ширинтар
аст.
Қаҳр[191] хуш бошад, вале бо меҳрубонӣ[192] хуштарӣ.
Гавҳари умри Низомӣ, дар баҳои васли туст,
Қ-аз чунин арзон харидан,
ройгонӣ хуштарӣ.

## КАСОИД

Малик-ул-мулуки фазлам ба фазилати маонӣ,
Замиву замон гирифта ба мисоли осмонӣ.
Сухани[193] баландсавтам — ҷараси баландситоӣ,
Қалами ҷаҳоннавардам — алами ҷаҳонситонӣ.
Сари ҳимматам расида ба кулоҳи Кайқубодӣ,
Бари ҳашматам гузашта зи қабои[194] Гӯрхонӣ.
Расади ҷаҳонфурӯзам, фалаки муҳит чаҳорум,
Ҷасади ҳаётбахшам нафаси Масеҳи сонӣ
Ба вилояти сухан-дар, ки муайяд-ул-каломам,
Назада касе ба ҷуз ман дари соҳиб-ул-қиронӣ
Хирадам язак фиристад ба вусоқи хайлтошӣ,
Адабам талоя дорад ба ятоқи посбонӣ.
Сухан аз ман офарида чу футувват аз мурувват,
Ҳунар аз ман ошкоро чу тароват аз ҷавонӣ.
Ғазалам ба самъҳо-дар чу самои арғунунӣ,
Нукатам ба завқҳо-дар чу шароби арғувонӣ.
Ҳаракоти ахтаронро манам аслу ӯ туфайлӣ
Табақоти осмонро манам обу ӯ авонӣ.
Накунам ба хутба лаҳне чу кунам бувад[195] арӯсӣ,
Назанам ба хира табле чу занам бувад[196] ағонӣ.
Сақати хулосаи ман, чӣ табииву чӣ ақлӣ,
Дағали асораи ман, чӣ наботиву чӣ конӣ.
Ба қиёси шеваи ман,
ки натиҷаи нав омад
Ҳама расмҳои[197] тоза куҳан асту бостонӣ.
Бибарам ҳазор дилро ба бадеҳаву муаммо,
Бихарам ҳазор ҷонро ба ғулутаи ниҳонӣ.
Ба мукотиботи нағзам шараф орад Ибни Муқла,
Зи муғолитоти лафзам[198] ғалат уфтад Ибни Ҳонӣ.
Маҳаму чу маҳ нагирам калафи сиёҳрӯӣ,
Дураму чу дур надорам — бараси сапедронӣ.
Баласони Миср хоҳӣ, ба лисони ман назар кун,
Чӣ аҷаб ҳадиси ширин зи чунин рутаблисонӣ[199].

Ба дари замири фикрам[200], ки ҳарими ғайбӣ[201] омад,
Карам-ул-китоби хатма[202] зада мӯҳри човидонӣ.
Чу қавореи Забурӣ ба фасоҳат андар орам,
Бибарам забони мӯбад зи нашиди Зандхонӣ.
Ба ҳаловати[203] лаби ман, дили халқ тоза гардад[204],
Чу шукуфаи раёҳин зи ҳавои Меҳргонӣ.
Агар ин нишонгаҳро нағамоти ман набошад,
Кӣ занад раҳи муғаннӣ, кӣ хӯрад маи муғонӣ?
Мутафохирам бад-ин фан ба ҷаҳону[205] чун набошам,
Нукате[206] бад-ин латифӣ, сухане[207] бад-ин равонӣ.
Нафаси муҳити мавҷам, ки ба мадду ҷазр монад,
Кунад аз шудомади худ расаневу нардбоне.
Ба фурӯ шудан ба ҳалқам лутафе бувад бухорӣ,
Ба баромадан зи табъам халафе бувад духонӣ.
Чу садаф ҳалолхорам чу гуҳар ҳалолзода,
Зи ҳаромзодае ду шабу рӯз дар зиёнӣ.
Валад-уз-зуност ҳосид, манам, он ки ахтари ман
Валад-уз-зунокуш омад чу ситораи Ямонӣ.
Сухани Низомӣ, арчи фарасе сабукинон аст,
Чу гарон рикоби ғам шуд, чӣ кунад сабукинонӣ?
Пас аз ин ҳама маноқиб хиҷилам, хиҷил, пушаймон,
Ки санои хеш гуфтан бувад аз тиҳимиёнӣ.
Сари ин хазина[208] бар неҳ, дари он харита[209] бикшо,
Ки баранд буқъа-буқъа фузало ба армуғонӣ.
Шабаҳе на дар хазина, чи кунам гуҳарфишонӣ,
Гуҳаре на дар харита, чӣ кунам садафдаҳонӣ?
Манаму ману яке дил,
на ба май, ба хуни дида
Ду ба ду нишаста бо ҳам, ҳама шаб ба дӯстгонӣ.
Лагаде, ки мехӯрам ман, зи ҳалолхории худ,
Нахӯрад қафои нокас[210] зи қазиби хезронӣ.
Дилу дин шикаста в-он гаҳ ҳавасам зи номҷӯӣ,
Сару по бараҳна в-он гаҳ суханам зи марзбонӣ.
Зи ҳазизи хоки тира беҳ агар ҳаво нагирам,
Ки зи лангаре бароям, нарасам ба бодбонӣ.

На мушаъбаде[211] шигарфам, на музавваре бағоят,
Ки кунам ба ашку чеҳра бақамеву заъфаронӣ.
Чӣ сухан бувад, ки гӯям ба сухан саромадам ман,
Ҳама ҳарза медароям чу дарои корвонӣ.
Қасаби[212] луобрезам танаест[213] анкабуте,
Ҳилали иёрсанҷам қафасест устухонӣ.
Зи сагӣ ба ҷои онам, ки кашон-кашон барандам,
Ба куҷо, ба чоҳи дӯзах зи гиреҳиву гаронӣ[214].
Ба сарои зарби ҳиммат ба қурозае чӣ лофам,
Чӣ зияд[215] ба пои пилон алачуқӣ туркмонӣ.
Фани шеър худ чӣ бошад, ки бад-он кунам тафохур,
Чу мумасилест[216] мутлақ ба дурӯғи достонӣ.
Луғати ҳама улуме чу аз он намат бигардад,
Салаби дигар бипӯшад ба сиёқати маонӣ.
Намате, ки шеър дорад чу аз он забон бигардад,
Чӣ навиштан ояд аз вай[217], чӣ расад ба тарҷумонӣ.
Гаҳ аз оинаситезӣ[218] ба рухи ҳама бароям,
Чӣ зи рӯи сахтрӯӣ, чӣ зи роҳи сахтҷонӣ.
Гаҳе аз чароғтабъӣ[219] ба пуфе чунон биларзам,
Ки ба дасту по бимирам зи наҳеби нотавонӣ.
Ба иёри ин ҷаҳонӣ дираме наям, валекин
Дираме чаҳордонгам ба иёри он ҷаҳонӣ.
Маликову подшоҳо, равише кароматам кун,
Ки бад-он равиш бигардам зи бадиву бадгумонӣ.
Мададе кунам[220] зи файзат, ки ба завқи он ҳаловат
Кунам аҳли маърифатро ҳама сола мизбонӣ.
Ба ту истионат[221] орам, на ба ёрии халоиқ,
Зи ту иститоа ҷӯям[222] на зи ганҷи шойгонӣ.
Ба[223] тирозгоҳи хешам аламе бар остин кун,
Ки бар остони ҳикмат кунам остинфишонӣ.
Ҳарами ту омад ин дил зи ҳасад нигоҳ дораш,
Ки фаришта бо шаётин накунад ҳамошьёнӣ.
Адабам макун, ки хурдам,
халалам мабин, ки хокам[224],
Бибар аз ниҳоди табъам дудиливу даҳзабонӣ.

Зи гуноҳу узр бигзар бинавозу раҳмате кун,
Ба хиҷолате, ки бинӣ ба зарурате, ки донӣ.
Ҳама мумкин-ал-вуҷудӣ рақами[225] ҳалок дорад,
Ту, ки воҷиб-ул-вуҷудӣ адаб-ул-абад бимонӣ.
Бирасон бад-он нишонам, ки нишони ту биёбам,
Ғалатам нишон, ки ёбад зи нишонӣ бенишонӣ.
Ба туфайли тоати ту дили[226] хеш зинда дорам,
Чу набошад ин саодат на ману на зиндагонӣ.
Ба ҷаҳони худбахудпар ба ҷаҳормех бастам,
Ба карам ту метавонӣ, ки маро зи худ раҳонӣ.
Зи қабули ҳазрати худ
назаре бад-ин дил афкан,
Дили ғамрасидаеро бирасон ба шодмонӣ.
Агар аз Низомӣ омад[228] гунаҳе ту авф гардон,
Ки кас эминӣ надорад зи қазои осмонӣ.
Ту расондаӣ аз[229] аввал ба саодати вуҷудаш,
Чу нафас ба охир омад ба шаҳодаташ расонӣ.

## ХАЙЛХОНА

Ҳам ҷарас ҷунбиду ҳам дар ҷунбиш омад корвон,
Кӯч кун з-ин хайлхона сӯи дор-ул-мулки ҷон.
Чун[230] дарои[231] нолаи ту корвонсолори туст,
Мӯнисӣ кун бо ҷарас дар ҳалқаи ин корвон.
То бар[232] ин дар ҳалқаӣ[233],
аз дастьёзӣ[234] чора нест,
Чун ҷарас менолу мерав бо амону бе амон.
Дар миён ошӯб дорад з-он ҳаменолад ҷарас,
Ҳалқа боре аз чӣ нолад, к-ӯ тиҳӣ дорад миён.
Гар ҷарас маъзур шуд, к-аз дарди дил дорад нафир,
Ҳалқа з-ӯ[235] маъзуртар,
к-аз бедилӣ дорад фиғон.
Чор ҳарф омад ҷаҳон аз баҳри чорангушти[236] ту,
То ҷаҳор ангушт бинӣ аз замин то осмон,

То ҷаҳон ҳарфат накушт, ин ҳарфро даркаш қалам,
То фалак қалбат ниҳонд ин қалбро баркаш банон.
Аз ҷаҳон бардор дил, то аз ту бардоранд ҷаҳл,
Қ-ин гаронсайдат[237] нагирад мар туро сайди[238]
гарон.
Ҳар чӣ доман то гиребон дастьёри хоҷагист,
Ҷумларо дар остин неҳ остинро барфишон.
Давлат аз дин ҷӯй,
н-аз дуньё дар ин бустон, ки нест
Бӯи Юсуф бо бунафша, пирҳан бо арғувон.
Гар зи шаҳват кам кунӣ,
дар дил физоӣ, к-аз бухӯр
Ҳар чӣ хокистар-ш камтар, бештар бошад духон.
Шаҳнаи мо донаш, он гаҳ ҳирс дар ҳамсоягӣ,
Рустами мо зинда он гаҳ дев дар Мозандарон.
Роҳи ҳикмат пӯ, магар дар чашмаи ғайб уфтӣ.
Ғайбдон[239] гардӣ зи ҳикмат гар нагардӣ ғайбдон.
Ҳам заминро бо халоиқ номувофиқ шуд мизоҷ,
Ҳам фалакро бо кавокиб номуносиб шуд қирон.
З-ин қирон эмин шавӣ гар даст[240] дар Қуръон занӣ,
Маҳди Қуръон ҷӯй, к-омад Маҳдии охирзамон.
Ҳар чӣ н-аз Қуръон тарозӣ[241] баркушой аз[242] остин,
Ҳар чӣ н-аз имон бисоташ дарнавард[243] аз остон.
Чун дар ин мавкаб аморидори қолаллоҳ шудӣ,
Маркаб андар сояи қола расулуллоҳ рон.
Шаръ чун хидматгаре пеши ту мебандад камар,
Ройгонибандаеро бандае шав ройгон.
Мавҷгоҳи меҳнат аст ин[244] гар басар дорӣ махусп,
Хуфтан андар мавҷгоҳ донӣ[245] киро дорад зиён?
Чун дар ин киштӣ нишастӣ[246] рӯзу шаб бар пой бош,
Қ-аз сари пой истодан бар сар омад бодбон.
Одамирӯӣ, вале деву малак мамзуҷи[247] туст,
Сурате фардо шавӣ, к-имрӯз аз ӯ дорӣ нишон.
Фарқҳо бошад миёни одамиву одамӣ,
Қ-аз як оҳан наъл созанд аз дигар оҳан синон[248].

Асли ҳинду дар сиёҳӣ як насаб дорад, валек
Ҳиндуеро дузд ёбӣ ҳиндуеро посбон.
Натъи хок ин ташт шамъи хирарои[249] наҳси туст.
Пойкӯбӣ натъ то кай чун қазиби хезрон[250].
Гар ба азрақ сар дарорӣ сар барорӣ чун фалак,
Гар ба сурху зард кӯшӣ хок пӯшӣ чун хазон.
Мушк то маҷмӯъ бошад дар либоси ҳиндуяст[251],
Чун пароканда шавад, пӯшад ҳарину парниён.
Дар мураққаъҳои хоколӯд ёбӣ равшанӣ,
Пиразан з-ин рӯй кард оташ ба хокистар ниҳон.
Хониқаҳдори фалакро[252] гарчи кисват азрақ аст,
Тарраву қурсу ҷавин холӣ намегардад зи хон.
Мардум аз зар меҳ нагардад[253]
воҷиб аст ин мавъизат,
Буз ба так фарбеҳ нагардад дархӯр[254] аст ин достон.
Зар зи баҳри базл кардан н-аз паи зардӣ бувад,
Гар ту хурсандӣ ба зардӣ чӣ зару чӣ заъфарон.
Аз таҷаммул ҳеҷ н-ояд зар фидо кун, зар фидо,
То ҳамасола чу зар ҳам пир бошӣ ҳам ҷавон.
Хокроҳи шаръро дар сурмаи ҳиммат кунӣ,
Пештар з-он кун, ки гардад сурмадонат устухон.
То ҷанибаткаш ту бошӣ бар сари ин навбатӣ,
Доғи султон кун ба дил тавқи халифа каш ба ҷон.
Гардану рон ҳар ду тавқу доғ дорад лоҷарам,
Чошнӣ дар гардан омад,
фарбеҳӣ дар гирди рон.
Ин ду маншури сияҳ, к-афтод дар маншури чашм,
Қисвати[255] аббосӣ аст ин чатри салҷуқист[256] он.
Бар сари олам бимонад ин сиёҳӣ то абад,
Дар ҳама олам сапедӣ гар намонад, гӯ, мамон.
Аз сиёҳӣ то сапедӣ ин сиёҳирост ҳукм
З-ин сиёҳӣ низ зангӣ хуш бихандад шодмон.
Чанд аз ин султону султон
в-аз ту султон бандатар,
Бандаи ӯ шав, ки ӯ шуд соҳиби султоннишон.

То навозад соҳибат онҷо, ки бошӣ ҳукмкаш
Бандагонро менавоз ин ҷо, ки ҳастӣ[257] ҳукмрон,
Дасти лутферо[258], ки орӣ бар сари як зердаст,
Дар лаҳад хуршед ёбӣ дар қиёмат соябон.
Золимӣ кам кун, ки бар фитроки адлат бастаанд,
Чун[259] зи ту адле наёяд зулмро даркаш инон.
Золимонро дар қиёмат хасм бошад мамлакат,
Саръиёнро[260] дар масоҳат[261] чоҳ бошад нардбон.
Нони кас мастону оби кас мабар, гар оқилӣ
То фаришта аз шаётин хонданат ҷазьятситон.
Бо Ҳусайну Одам охир обу нон донӣ чӣ кард,
Хоки ҳар пое машав аз баҳри муште обу нон.
Гар ҳама ҷуллоб дорад оби ҷӯи кас махӯр,
В-ар ҳама тасбеҳ бошад нақши нони кас махон.
Шери ҳиммат шав махӯр ҷуз касби дасти хештан,
То ба нахчири ту бошад ваҳши саҳро меҳмон.
Заъфи худ мебину даъвои тавоной макун,
Эй амири банда буда, в-эй табиби нотавон?
Чунки оби дида дорӣ аз заъифӣ, бок нест,
Беҳ,[262] ки марворидро борик бошад ресмон.
Парда бардор аз замин, бингар чӣ бозӣ меравад,
Бо азизони замона зери парда ҳар замон.
То ба хирман хор ёбӣ дар кулоҳи Яздиҷурд,
То ба доман хок бинӣ бар сари Нӯшервон.
Андар ин ғарқоба[263] ҳам рӯзе барандозӣ салоҳ,
Гар чу моҳӣ диръ пӯшӣ чун кашаф баргустувон.
То нагардӣ кӯдакона зери ин маҳди кабуд,
Қ-аждаҳои кӯдак аст ин дояи номеҳрубон.
Ҳам зи бозиҳои ин зарроқи кофурист ин-к
Мор бар кофур хуспад аждаҳо бар ганҷдон.
Чун натарсам, к-он мушаъбадмӯҳра бар ман[264] мезанад,
З-он ки дар бозуи ӯ ҳам мӯҳра бинам ҳам камон.
Қуррат-ул-айне чу ман в-он гоҳ замона кӯрчашм,
Кӯрии чашми замона хушдилам з-ин имтиҳон[265].

Мункирони фазлро ҷуз нохуна, нохун мабод,
Қ-аз чунон сагмардумӣ[266] бошад дареғ аз[267] устухон.
Гарчи андар Ганҷа чун ганҷури муҷрим оҷизам,
Дар Яман муҷрим[268] шафеъам дар Хубан хунираҳон.
То дар ин хокам ба беобӣ қаноат карданист,
Ғусл з-оби дида созам шарбат аз оби даҳон.
Симро равнақ нахезад то бурун н-ояд зи санг,
Лаълро қимат набошад то бадар[269] н-ояд зи кон.
Сӣ гузашт аз умр, бархез эй, Низомӣ гӯша гир,
Ман насиҳат кардамат, боқӣ ту донӣ, ҳону ҳон.
Чанд, гӯӣ, Қаъбаро, к-инак ба хидмат мерасам,
Чун нахонандат ҳанӯз аз дур хидмат мерасон.

## ПИРӢ

Дар ин чаман, ки зи пирӣ хамида шуд камарам,
Зи шоххои бақо баъд аз ин чӣ баҳра барам?
На сояест зи нахлам, на мевае касро,
Ки тундбоди ҳаводис бирехт баргу барам.
Сипеҳр бо қади хамгашта меканад лаҳадам,
Баёзи мӯй зи кофур медиҳад хабарам.
Зи нофа мушти тар ояд падиду ин аҷаб аст,
Ки нофа гашт аён аз саводи мушки тарам.
Ду ришта пур зи гуҳар буд дар даҳан моро,
Ҷафои чарх гусасту бирехт он гуҳарам.
Гуҳар бирехт зи дурҷам ситорасон, ки дамид
Зи савби машриқи ҳирмон ситораи саҳарам.
Расид рӯз ба охир чу ҷуғд мехоҳам,
Қ-аз ин хароба ба маъмураи фано[270] бипарам.
Қадам хамида,
сарам сӯи хок моил шуд,
Ки дар ҳадиқаи исмат ниҳоли борварам.
Дуто шудам, ки наёлоядам ба хун доман,
Ки хунфишон шуда чашм аз таровиши ҷигарам.

Нишаст барфи гарон бар сарам зи мӯи сапед,
Зи паст гаштани боми вуҷуд дар хатарам.
Зи қуллае, ки бар ӯ барф бошад, об ояд,
Ҳамин бувад сабаби об, к-ояд аз басарам.
Шудам зи заъф бад-он сон, ки гар чу соя ба хок
Маро кашанд, наёбад касе аз он асарам.
Зи ман касе накунад ёд з-он ки натвонам,
Зи заъфи ҳол,
ки бар хотири касе гузарам.
Қамонсифат ба дуто гашт қоматам, гӯӣ,
Зи бим тири аҷал рафта дар паси сипарам.
Ба сӯи авҷи фароғат чӣ сон кунам парвоз,
Аз ин ҳазиз, ки бишкаста аст болу парам.
Ба бӯстони ҷаҳон рехт меваи уммед
Зи сангу жола бар ҳар сӯй шохаи шаҷарам.
Ниҳол чун самар афшонд рост гардад, лек
Хамид нахли қадам чун фишонда шуд саҳарам[271].
Сарам фурӯ шуд якборагӣ миёни ду дӯш,
Ки аз муҳобати шамшери марг бар ҳазарам.
Зи дидаҳои заиф аз муҳаббати аҳбоб,
Ба чеҳра ашк фишонам, ки озими сафарам.
Муқими гӯшаи байтулҳазан шудам, к-аз заъф
Бувад муҳоли гузаштан зи остони дарам.
Бар ин саҳифаам он ҳарфи охири калима,
Ки не вуқуф зи маънист, не хабар зи ҷарам. (?)[272]
Баёзро накунад фарқ дидаам зи савод
Ба чеҳра гарчи фурӯзанд шамъи моҳу хурам.
Гузашт умру накардам ба ҷуз гунаҳкорӣ,
Миёни мардум аз он рӯй монда пеш сарам.
Чунин ки ларза ба дастам фитод аз раъша,
Ба базми даҳр чӣ сон соғари нишот хӯрам.
Ба меҳмониям омад аҷал чӣ чора кунам,
Ки ҷуз ҳаёт насозад қабул моҳазарам.
Ҳаловате набарад коми ҷон зи хони ҳаёт,
Ки таъми[273] заҳр диҳад ширу шираву шакарам.

Видоъ мекунадам зиндагӣ дар ин манзил,
Хамида гашт қади ман, ки мекашад ба барам.
Зи баски рафтаам аз кор ҳар нафас бим аст,
Ки музмаҳил шавад аҷзо ҳама зи якдигарам.
Ба афту хез чу ангушти ҳосибам дар роҳ
Аҷаб шумар, ки бад-ин ҳол, сол мешумарам.
Дигар насозадам обу ҳавои ин гулшан,
Ки оби Хизру дами Исавӣ кунад зарарам.
Чу абр об фишонам зи дидаи ҳасрат,
Ки рафт рӯзи ҷавонӣ чу барқ аз назарам.
Фитода накди ҷавонии ман зи ман дар роҳ,
Ба қадди хамшуда дар зери пой аз он нигарам.
Чу соя гар накунам эътимод бар девор,
Чӣ эҳтимол, ки бархостан бувад зафарам.
Ба рангу бӯй чу тифли фиребхӯрда, зи даст
Рабуд накди ҷавонӣ сипеҳри ишвагарам.
Зи мулки хушдилӣ ояд навиди айш, вале
Зи гӯш пунбаи мӯи сафед сохт карам.
Ба афту хез, ки дар раҳ фитодаам паи ризқ
Ба чашми ақл намудор мӯри донабарам.
Ба захми санги ҳаводис паи шикастани қадр
Шикаст ҷавҳарии осмони бадгуҳарам.
Ҳунар нуҳуфт маро зери чашми айбталаб,
Ки бадтар аст зи ҳар айб ҳолиё ҳунарам.
Маро, ки ҳаст дил аз нури маърифат равшан,
Ба қадди ҳалқа намудор ҳолаи қамарам.
Ҳазор иқда ба корам фитоду пайдо нест,
К-аз ин миён чӣ кушояд зи умри мухтасарам.
Паи фикандани нахли бақо ба гулшани даҳр
Сипеҳри хамшуда бар пой мезанад табарам.
Хабар зи маъниву огоҳиям зи сурат нест,
Ки рафт аз дилу дида маониву суварам.
Гуноҳкорам аз он сон,
ки сокинони ҷаҳим
Зи ман канора кунанд ар сақар шавад мақарам.

Ниҳоли хамшудаи бӯстони исьёнам,
Ки даҳр хушк кунад баҳри оташи сақарам.
Ба ғайри ҳарфи хато нуктае нашуд марқум,
Зи нӯки килки қазо бар саҳифаи қадарам.
Ба оби ашки надомат тавон сутурд ин ҳарф,
Вале чӣ суд, қазо нест тобеъи қадарам!
Дар ин қазья қазорост ҳақ ба ҷонибу ман
Зи ҳар чӣ он гузарад дар хаёл аз он батарам.
Ба ҷурми умри талафкарда гар касе кушадам,
Бувад ба фатвии муфтии ақл хун ҳадарам.
Агар забона кушод оташи шарораи ман,
Муҳити чарх ба ҷӯш ояд аз тафи шарарам.

## СУЛТОНИ ҚАЪБА

Султони Қаъбаро бин бар тахти ҳафт кишвар,
Дебои сабз бар тан,
чатри сиёҳ бар сар.
Ӯ бар сарири шоҳӣ чун хусравон мураббаъ,
Паргори ҳалқаи ӯ чун осмон мудаввар.
Туркест тозиандом в-аз баҳри дилситонӣ
Бар оразн сапедаш холи сияҳ зи анбар.
Аз холи муфради ӯ офат чу холи муфрад
В-аз ҳалқаи дари ӯ фитна чу ҳалқа бар дар.
Мушкинтарозуи ӯ меъёри сангу зар шуд,
Мушк аз иёрисангаш ҷав-ҷав шуда баробар.
Ҳар ҷо, ки ҳаст мушке ҷо дар ҳарир дорад,
Он мушкхол аз он шуд зери ҳарири ахзар.
Лабайк баркашида аҳромиёни роҳаш,
Чун ҳарбиён ба ғавғо, чун хокиён ба маҳшар.
Дар торами сутунаш, тимсол шохи тӯбӣ
Дар новадони симаш, нӯшоб ҳавзи кавсар
Гар киштии ҷаҳонро суккони ӯ набошад,
Маллоҳ дур бошад бе бодбону лангар.

Дар ҷадвали иноят паргори шашҷиҳатро
Меҳроби ӯст марказ, девори ӯст мистар.
Аз сафвати ҳаримаш рӯҳи сафо мусаффо,
В-аз нофаи заминаш нофи замон муаттар.
Ӯ бар бисоти сангин шоҳинсифат нишаста,
Нагзашта аз сиёсат болои ӯ кабӯтар.
Ё раб, бувад, ки гардад чашму дили Низомӣ,
Аз дидани ҷамолаш пеш аз аҷал мунаввар.
То дар ҳарими Каъба, ё раббикаъба гӯяд,
Ин шукрҳо, ки дорад аз шоҳи адлгустар.
Дорои мулки олам яъне ки Нусратуддин
Ҳам корсози давлат, ҳам пешкори лашкар.
Бубакр бин Муҳаммад, Маҳмуд бин Маликшоҳ,
Ҷамшед бин Фаредун, Мансур бин Музаффар.
Шоҳи баландроят, шери зафарвилоят
Хуршеди наҷму ҳайҷо, Дорои тахту афсар.
Сархайли тоҷдорон, сархайли шаҳриёрон,
Ҳамрояти Фаредун, ҳамрутбати Сикандар.
Шуғли раият аз вай бар хушдилӣ муҳайё,
Кори мамолик аз вай бар эминӣ муқаррар.
Чун абри навбаҳорӣ бар дӯстон зарафшон,
Чун шери марғзоре бар душманон диловар.
Гар фоли фатҳи ҳар кас аз ахтар асту толеъ,
Равшан бад-ӯст толеъ,
фаррух бад-ӯст ахтар.
Гар хашми ӯ биҷӯшад, ҳолӣ зи ҳайбати ӯ
Ларзад сарири хоқон, афтад кулоҳи қайсар.
Чун лутфи ӯ бихандад аз ганҷдони ҷудаш,
Шоҳон кунанд зинат хубон баранд зевар.
Ҳар гардане, ки баргашт аз тавқи хидмати ӯ,
Ё хоҷаи расан шуд, ё кадхудои ҷанбар.
То сурати хаёлаш дар мулк дарнаёмад,
Шахсе ки дар ду олам касро нагашт бовар.
Эй аз сахои дастат дарвеш гашта дарьё,
В-аз ганҷдони ҷудат саҳро шуда тавонгар.

Аз поймардии ту бозуи адл фарбеҳ,
В-аз дастбозии ту андоми зулм лоғар.
Хасмафган аст хашмат бе ҳабсу банду зиндон,
Душманкуш аст қаҳрат бе захми тиру ханҷар.
Аз ростбозии ту бар тахтанарди даврон
Нарроди шашҷиҳатро мӯҳра шуда мушашдар.
З-ин пештар басе дур дар пои шаҳ фишондам,
В-аз пас дар он тарозу на санг дида на зар.
Базли Низомӣ аз ту хоҳам, ки рад нагардад,
Эй ҳар чӣ дур дорад бо базли ту муҳаққар.
То шаб ба рӯз гардад, шабҳот рӯз бодо,
Бодо шабат зи шаб беҳ, рӯзат зи рӯз беҳтар.
Сарсабз бош доим, бар тахти подшоҳӣ,
В-ахтори офаринаш бодо туро мусаххар!

## МУШАШДАР

Вақти он аст, ки ин мӯҳра мушашдар гардад,
Қаъбатайни фалак аз руқъа муабтар гардад.
Ин сиёҳиву сапедӣ, ки хати рӯзу шаб аст,
Ба бароти ману ту хатти[274] музаввар гардад[275].
Мӯҳлате ҳаст ҳанӯз ин фалаки гардонро,
Ки инонгардкунон[276] гирди ҷаҳон бар гардад.
Қошки бар сари мо[277] чарх сабуктар гаштӣ,
К-осиё зудтар истад, чу сабуктар гардад.
Об гирди кураи хок тарашшӯҳ гирад,
Бод зери кураи нор мунаввар гардад[278].
Гар ба шери фалакӣ панҷа занад гови замин,
Дорад он захра[279],
ки бо шер баробар гардад?
Сагдилонанд дар ин мазраа ,метарсам аз он-к
Шер баддил шаваду гов диловар гардад.
Мурғи зирак напарад бар сар[280] ин чархи кабуд,
К-эй басо бурҷ, ки зиндони кабӯтар гардад.

Хизр шав то чу зи Бағдоди чаҳон кӯч кунӣ,
Қадами ту пули ин Дачлаи ахзар гардад.
Ту худоро шав агар худ ҳама олам дарьёст,
Ба худо гар сари мӯе қадамат тар гардад?
Дар муҳити фалак он кун, ки чу киштӣ ронӣ,
Пой бар чодаи таслими ту лангар гардад[281].
Чашми афъӣ чу зумуррад нигарад, кӯр шавад
Гӯши Иблис чу Қуръон шунавад, кар гардад.
Гоми аввал чу Халил аз дари таслим дарой,
То ҳама роҳзане пеши ту раҳбар гардад[282].
Бонг бардору лагад зан, ки дили ғофили ту
Он чунон хуфт, ки бедор ба маҳшар гардад[283].
Қубба олитар аз он шуд, ки садо боз диҳад,
Гар худ овози ту овозаи Санчар гардад[284].
Як қадам рост бинеҳ то шавӣ озод чу сарв,
Ки тарозу ба чаве мушк муаттар гардад.
Бармаёвар сар аз он дар[285], ки дурӯғ ангоранд,
Ҳар кучо ростие аз ту мушаҳҳар гардад.
Бал чунон зӣ, ки агар[286] низ дурӯғе гӯй,
Ростгӯёни чаҳонро зи ту бовар гардад[287].
На диле, к-оҳ кунад, оташи Мусо ёбад,
Ё касе, к-об хӯрад Хизри паямбар гардад.
Эй басо, талхии дарьё, ки ҳамебояд дид,
То хушобе ба садаф[288] донаи гавҳар гардад[289].
Бибар ин тирагӣ аз гавҳарат, эй гавҳари ту,
Қам аз он кирм, к-аз ӯ хона мунаввар гардад.
То чу парвона шавӣ бар сари ин ҳафт чароғ
Шамъи хуршед ба хуни ту муанбар гардад.
Саре он рост бар ин доираи чавгоншакл,
Ки чу гӯй аз паи хидмат ҳама бар сар гардад.
Шаҳна к-инсоф диҳад, давлати мирӣ ёбад
Мир чун одил бошад шаҳи кишвар гардад.
Лашкарат бояд нонбахш,
ки он мӯри заиф
Чун ба нон бора бувад соҳиби лашкар гардад.

Қирми хунхора машав, то нашавӣ андакумр,
Ки басе зӣ набувад, ҳар кӣ басе х(в)ар гардад.
Қирми бодома шаву ҳар чӣ хӯрӣ пок барор,
То луоби даҳанат бар сарат афсар гардад.
Ёварӣ кун ҳамаро то ҳама ёри ту шаванд,
Ту[290] ҳама ёркушӣ, бо ту кӣ ёвар гардад.
Он амал кун, ки шавад нафси ту чун соқи набот,
Он на к-он нафси наботе ба санавбар гардад[291].
Кӯш то шаҳвати худро ба ҷавонӣ шиканӣ,
К-аждаҳо гардад море, ки кӯҳантар гардад[292].
Мулки ту рахна зи хун хӯрдани мазлумон аст,
Ҳайзи хуршед хӯрад маҳ, ки муҷаддар гардад
Вой он рӯз, ки дар кашмакаши мазлумон
Бар сарат ҳар сари мӯе сари ханҷар гардад.
Бо ту касро набувад дар ду ҷаҳон дурӯӣ.
Ҳама инсофи ту дар шукри ту довар гардад.
Аждаҳое, ки кунад бозуи Баҳман ба ду ним,
Ҳам ба ду нимшуда бозуи Ҳайдар гардад.
Мумтаркиб чу Довуд шав аз нармдилӣ,
То ки дар дасти ту пӯлод мухаммар гардад.
Такья барзан ба маҳалли уламо чун Исо,
То ба фатвои фалакдори ту, минбар гардад.
Фол мезан магар[293] ахтар ба гузаштан бошад,
То худ ахтар чӣ бувад[294] фол бадахтар гардад[295].
То паси марг қиёсе ба таъбият накунӣ,
Чун ту дигар шавӣ, аҳволи ту дигар гардад.
Ҳар кӣ ин ҷо раҳӣ, он ҷо ҳама султон хезад,
Ҳар чӣ ин ҷо хашин, он ҷо ҳама бефар гардад.
Қурси хуршед дар ин ташти фалак собунест,
Ки аз ӯ[296] ҷомаи арвоҳ мутаҳҳар гардад.
Ман бад-ин қурсаи собун зи ҷаҳон шӯям даст,
Гар нашӯӣ ту, машӯ,
к-аспи ту лоғар гардад[297].
Эй Низомӣ, сар аз ин чанбари азрақ барзан,
Пеш, к-аз гавви гиребони ту чанбар гардад[298].

Ба сухан ганҷи саодат ба каф овар, ки сухан
Кимиёест, ки бар хок[299] ниҳӣ,
зар гардад.
Зодаи табъӣ, агар табъ парастӣ,
чӣ аҷаб,
Тифли навхоста пиромуни модар гардад.

## ҚИТЪА

### ДАР МАРСИЯИ ҶАВОНЕ ГӮЯД

Эй шуда, ҳамсари хубони биҳишт,
Он чунон оразу он гоҳ бари хишт(?)
Ба занах умр ба сар бурдӣ хуш,
Дӯзахӣ ношуда, рафтӣ ба биҳишт.
Хат наоварда ба ту умр, ҳанӯз
Ин қазо бар сарат охир кӣ навишт?
Чӣ аҷаб, гар шавад,
эй ҷони ҷаҳон,
Хок аз дидаи ман хуноғишт.
Сабзазори хатат андар хок аст,
Об кай боз тавон дошт зи кишт.

* * *

Хушо, ҷоне, к-аз ӯ ҷоне биёсуд,
На дарвеше,
ки султоне биёсуд.
Накӯӣ ба накӯрӯӣ бимонод,
Ки аз лабҳош дандоне биёсуд.
Муборак матбахе фархундадеге,
К-аз нохондамеҳмоне биёсуд.
Ба умри худ парешонӣ мабинод,
Диле, к-аз вай парешонӣ биёсуд.

## РУБОИЁТ

Гар дил диҳаме[300], к-аз ту шикоят куname,
Донӣ, ки шикоят ба чӣ ғоят куname.
Гар пардадарӣ набошад андар ҳақи ту,
З-онҳо, ки ту кардаӣ, ҳикоят куname.

* * *

Дар хӯша магар саркашие медиданд,
З-он рӯй ба оқибат сараш бубриданд.
Ҳам пӯст аз ӯ ба чӯб берун карданд,
Ҳам бар сараш осиё бигардониданд.

* * *

Рухсори ту мушк асту сари зулфи ту хун,
Ман ҷуз ба далел н-оям аз ӯҳда бурун,
Рух мушк, вале н-омада дар нофа ҳанӯз,
Хун зулф,
вале омада аз нофа бурун.

* * *

Адл аст, ки буньёди зафарҳо бошад,
Зулм аст,
ки мӯҷиби зарарҳо бошад.
Ҷуд аст, ки пардадори ҳар айб бувад,
Бухл аст,
ки сарпӯши ҳунарҳо бошад.

* * *

Чун нест умеди умр аз шом ба чошт,
Боре ҳама тухми некӯӣ бояд кошт.

Чун оламро ба кас нахоҳанд гузошт,
Боре дили дӯстон нигаҳ бояд дошт.

* * *

Онро, ки ғаме бувад, ки натвонад гуфт,
Ғам аз дили худ ба гуфт натвонад руфт.
Ин турфа гулест, к-он зи боғи ту шукуфт,
Не ранг тавон намуду не бӯй нуҳуфт.

* * *

Он донаи дур, эй санами ҳурнажод,
Қ-аз дурҷи ту бирбуд замона ба кӣ дод?
Моно, ки бибурду пеши дарьё биниҳод,
Бинмуд бад-ӯ ки дур чунин бояд зод.

* * *

Гар оҳ кашам, куҷост фарьёдрасе,
В-ар сабр кунам умр намондаст басе.
Бар ёди ту мезанам ба ҳар дам нафасе,
Қасро надиҳад худой савдои касе.

* * *

Бе ёр будан азиммушкил коре,
Бечора касе, ки ӯ надорад ёре.
Ин як-ду-се дамро, ки ба ҷон натвон ёфт,
Гар дил дорӣ, мадор бедилдоре.

# ФАРҚУ БАДАЛИ НУСХАҲО

## ИҚБОЛНОМА

1 В — раҳоидеҳи
2 Д — Зиҳӣ донишаш
3 Б — Шиносанда
4 Б — б. 8 нест
5 Д — буд аз
6 Д — ҷавҳари ҷуди
7 Д — боду
8 Д — обу
9 Д — Бар — ӯ
10 Д — ҳар чӣ
11 ДБ — шева
12 Д — бб. 15-16 нест
13 Д — аз
14 Б — нашояд
15 Д — бб. 18 нест
16 Д — гардун
17 Д — хате
18 ДБ — пуррие
19 Д — наздаш
20 Д — н — ояд
21 Д — вом
22 Д — зиҳӣ
23 Д — буду
24 Д — нобудани
25 Д — яке
26 Д — рӯи
27 Д. Макун
28 Д — маро
29 ДБ — бузурге
30 Д — бинад бад-он
31 Д — кирдори
32 Д — гуфти
33 Д — бад-ин ҳафтфарш
34 Д — к — он
35 Д — б. 68 нест
36 Д — аз
37 Д — б. 71 нест
38 Д — давид
39 Д — б. 80 нест
40 Д — омад
41 Б — таърихҳои
42 Б — Дар
43 Д — б. 94 нест
44 Д — Раҳидам
45 Д — Сароянда рафту ниюшанда
46 Д — ҷой
47 Д — диҳад
48 Д — Дарояд
49 Д — он
50 Д — бб. 110-111 нест
51 Д — бб. 113-114 нест
52 ДБ — монда
53 Б — б. 177 нест
54 Д — бб. 119-126 нест
55 Б — Барангехта
56 Д — бб. 127-134 нест
57 Д — ҳиммати

58 Д — б. 137 нест
59 Д — бозй
60 Д — дар
61 Д — Барорostam
62 Д — хостам
63 Д — бб. 152-156 нест
64 Д — б. 158 нест.
65 Б — бб. 160, 161 нест
66 Д — дини
67 Д — бб. 171-176 нест
68 Д — бб. 177, 178 нест
69 Д — б. 180 нест
70 Б — бар он кас
71 Д — бб. 184-186 нест
72 Б — дар
73 Б — б. 194 нест
74 Д — бб. 187-196 нест
75 Д — бб. 197-203 нест
76 Б — Пасташ
77 Д Б — гардун
78 Д — б. 216 нест
79 Д — бар
80 Б — лангари
81 Д — б, 288 нест
82 Б — Бар
83 Б — Бар
84 Д — б. 237 нест
85 Д — б. 241 нест
86 Д — бб. 240 — 246 нест
87 Д — бб. 247 — 256 нест
88 Д — бб. 257 — 266 нест
89 Б — гарон
90 Д — бб. 267 — 276 нест
91 Д — бб. 277 — 279 нест
92 Д — ганҷ
93 Б — аз
94 Б — Бар сари
95 Д — б. 287 нест
96 Д — дар
97 Д — дар
98 Д — б. 293 нест
99 Д — тобад
100 Д — б. 298 нест
101 Д — кардан.
102 Д — бб. 300—304 нест
103 Д — бб. 307—309 нест
104 Д — Ҷаҳонро ҷаҳон
105 Д — бб. 316 нест.
106 Б — ранҷ
107 Б — аз
108 Д — бб. 322 — 326 нест
109 Б — мебинам аз
110 Д — Ба назди ту
111 Д — Ба ёди
112 Д — Бипӯшй
113 Б — Мақоме
114 Д — бб. 343 — 346 нест
115 Д — Бароти
116 Д — б. 354 нест
117 Д — кори
118 Д — ёдгори
119 Д — касе
120 Б — худро аз он
121 Б — б. 369 нест
122 Д — лавҳи
123 Д — бб. 373, 374 нест
124 Д — ин
125 Д — меҳтарй
126 Д Б — беш будй
127 Д. Ба ҷои байти 394, ин байт омада:

*Дуо кардй онро, ки буд бениёз,*
*Кй ӯяст бар бандагон корсоз.*

128 Д — коҳилон
129 Д — чун
130 ДБ — В-аз
131 Д — маст
132 Д — баст
133 Д — бб. 411 — 416 нест
134 Б — Хаким ар зи чора
135 Д — бб. 417 — 426 нест
136 Б — бар ин ҷома зад
137 Д — бб. 433 — 436 нест.
138 Д — Халакро чу

139 Д — сина
140 Д — Биёр,
141 Д — Зи қавм
142 Д — бари
143 Д — ҷӯяд
144 Б — аз
145 Д — меҳре
146 Д — ҳар
147 Д — Ҷаҳон
148 Б — бар
149 Д — б. 473 неси
150 Д — зи
151 Б — дур
152 Д — набурдӣ
153 Д — ногуфтанӣ кас нагӯяд
154 Б — Суханро зи ёрон
155 Д — шуд аз рӯи
156 Д — он нолаву оҳанг он ной руст.
157 Д — мағзи
158 ДБ — Нахустин
159 Д — б. 494 нест
160 Д — дид
161 Б — овози он
162 Б — супурд
163 Д — қиссан
164 ДБ — гард
165 Д-б. 502 нест
166 Д — танҳо
167 ДБ — баркушой
168 Д — ҷуз аз ростгӯӣ
169 Д — субҳгоҳ
170 Д — нағмаи рӯд бар ёди шоҳ.
171 ДБ — дар дил
172 Д — дар
173 Б — ҳисни
174 Д — Хиромои
175 Б — Баромад
176 Б — дар
177 Д-б. 551 нест
178 Д — дари
179 Д — б. 557 нест
180 Д — гирьяи; Б — гунаи
181 Д — бб. 564 — 565 нест
182 Д — б. 568 нест
183 Д — пинҳон
184 Д — аз хона, Б — ҳол
185 Д — В — аз
186 Д — б. 589 нест
187 Д — роҳи
188 Д — фишонд
189 Д — шамъу
190 Д — б. 597 нест
191 Б — он гуфтаро
192 Д — бб. 603 — 606 нест
193 Б — орад
194 Д — б. 607 нест
195 Б — рӯз
196 Д — бинмой
197 Д — чунон
198 Д — б. 615 нест
199 Д — хосон
200 Д — Як замон сер аз он оҳуи
201 Б — бар
202 Д — он
203 Д — тақсири
204 Д — Кӣ шӯяд ба мағзи бад
205 Д — б. 626 нест
206 Д — бб. 627, 628 нест
207 Д — бб. 633, 634 нест
208 Б — б. 637 нест
209 Б — Бале
210 Б — чӣ
211 Д — б. 640 нест
212 Д — он
213 Д — бб. 652 — 654 нест
214 Б — ниҳод
215 Б — ҳамто
216 Д — бб. 657 — 658 нест
217 Б — марғзор
218 Д — бб. 664 — 670 нест
219 Д — бб. 674 — 686 нест
220 Д — б. 693 нест

221 Д — лид ӯ
222 Д — б. 698 нест
223 Д — парастори
224 Д — б. 706 нест
225 Д — дорад
226 Д — бб. 725 — 726 нест
227 Б — ба
228 Д — бб. 727 — 736 нест
229 Б — Бароварда
230 Б — саҳни
231 Д — бб. 737 — 747 нест
232 Д — б. 755 нест.
233 Б — онон
234 Д — кисае зуд
235 Д — бб. 770 — 776 нест
236 Д — кӯра барсохт
237 Д — афшонд
238 Д Б — ки
239 Д — б. 795 нест
240 Д — бурдаш
241 Д — б. 803 нест
242 Д — бб. 806 — 807 нест
243 Б — Қамар баст
244 Д — канизак
245 Д — дид,
246 Д — дад.
247 Д — бари
248 Д — Малол
249 Б — молро
250 Д — бб. 843 — 844 нест
251 Д — Салоҳ
252 Д — б. 849 нест
253 ДБ — корвоне
254 Д — бб. 856 — 858 нест
255 Б — гардандароз
256 Б — Дар
257 Д — бб. 868 — 870 нест
258 Д — б. 876 нест
259 Д — хонаву ҳеч кас,
260 Б — уд
261 Д — б. 888 нест
262 Д — назди
263 Б — хона
264 Д — б. 895 нест
265 Д — Б — аз он
266 Д — бб. 903 — 904 нест
267 Д — б. 908 нест
268 Д — бб. 910 — 919 нест
269 Д — наррашер.
270 Д — сабру
271 Д — бб. 932 — 933 нест
272 Д — бб. 950 — 951 нест
273 Д — б. 957 нест
274 Д — Якеро
275 Д — ҳама
276 Д — б. 976 нест
277 Д — б. 981 нест
278 Д — бб. 984 — 985 нест
279 Д — Бидонист
280 Д — б. 988 нест
281 Д — анҷумангоҳ гашт.
282 Д — Бар
283 Д — бб. 999 — 1004 нест
284 Д — б. 1008 нест
285 Д — рада дар рада
286 Д — касе
287 Б — ҳунарро
288 Д — бб. 1018 — 1020 нест
289 Д — б. 1028 нест
290 Б — аз он
291 Б — пардахо
292 Д — бб. 1032 — 1033 нест
293 Д — гӯру
294 Д — нола
295 Б — баст он нола аз обдаст,
296 Б — шуд
297 Д — бб. 1044 — 1046 нест
298 Б — овози
299 Д — бб. 1053 — 1056 нест
300 Д — б. 1059 нест
301 Д — б. 1066 нест
302 Д — дигарбора
303 Б — як — як
304 Д — хест
305 Д — б. 1083 нест
306 Д — аз
307 Б — ба

308 Д — б. 1099 нест
309 Д — б. 1106 нест
310 Д — фаррухсарир
311 Б — шакли
312 Д — қалъиву
313 ДБ — Аз он рахнаи
314 ДБ — Дар
315 Д — б. 1147 нест
316 Д — ба ҷои байти 1164, ин байт омада:

*Муғанӣ биё чангро соз кун,*
*Тарабро ба рӯяш даре боз кун.*

317 Д — бб. 1170 — 1172 нест
352 Д — гар
353 Д — захмаш
354 Б — Гирифтори онро
355 Д — бб. 1441—1452 нест.
356 Д — бб. 1455 — 1456 нест
357 ДБ — нур
358 Д — б. 1502 нест
359 Д — Ҳама барфу
360 Д — пой
361 Д — ба болои
362 Д — з — он
363 Д — хавфу
364 Д — донад
365 Д — мухолифнамой
366 Д — б. 1558 нест
367 ДБ — рози
368 ДБ — ҳар
369 Д — парда
370 Д — гашт
371 Д — бб. 1627 — 1636 нест
372 Б — бӯи
373 Д — бб. 1637 — 1647 нест
374 Д — Сабақ бурд бар дониши илми Рум.
375 Д — Сари ваҳшиёнро дарорӣ
376 Ҳукми
377 Д — ҳукми
378 Д — бб. 1677 — 1679 нест
379 Д — бб. 1687 — 1690 нест
380 ДБ — Равон аст
381 Д — хондаст
382 Б — ба
383 Б — Маркаб
384 Д — шавад
385 Д — бб. 1714 — 1721 нест
386 Д — Зи ҳар шуғли худ
387 Д — ояти
388 Д — бб. 1736 — 1738 нест
389 Д — бб—1742—1744 нест
390 Д — бб—1760—1764 нест
391 Д — бб. 1773 — 1776 нест
392 Д — 1778 — 1784 нест
393 Б — барояд
394 Д — бб. 1787 — 1794 нест
395 Д — бб. 1797 — 1806 нест
396 Б — лашкар дар он
397 Б — даҳьяк
398 ДБ — андозае
399 Д — бб. 1833 — 1836 нест
400 Д — бувад
401 Д — шавад
402 Б— бади халқ
403 Д — бб. 1853 — 1856
404 Д — фурӯ
405 Д — ҷаҳоне ба
406 Б —теғ
407 Д — такбири
408 Д — гар бипечем
409 Д — бб. 1906 нест
410 ДБ — Аз ин
411 Д — Чу охир наёбӣ
412 Д — саросар ба
413 Д — ҷой

414 Д — бб. 1928 — 1931 нест
415 Д — селе дароянд зи дар
416 Д — бб. 1935 — 1946 нест
417 Д — Набоянд
418 Д — номварнома дилшод
419 Д — дилписанд
420 Д — мӯҳрро
421 Д — раҳи
422 Д — бб. 1978 — 1982 нест
423 Д — сазои
424 Д — бб—1984—1987 нест
425 Д — бб 1991 — 1994 нест
426 Д — чарбгӯй
427 Д — он
428 Д — бувад
429 Д — бувад
430 Д — бб—2014—2021 нест
431 Д — равонаспи
432 Б — Ки раҳ санглох аст
433 Д — баробар
434 Д — бб. 2043 — 2044 нест
435 Д — бо
436 Д — найранги
437 Д — як аз
438 Д — хазораш
439 Б — Лашкаркашӣ
440 Д — сахт
441 Д — то
442 Д — пешаш
443 ДБ — дид, к-омад
444 Д — дарандохтӣ
445 Д — хобро
446 ДБ — авчи
447 Д — бб. 2158 — 2160 нест
448 Д — сахт
449 Д — рахт
450 Б — бурун бар
451 Д — бб. 2190 — 2191 нест
452 Д — рӯд пок
453 Д — Дарунаш
454 Б — шунида
455 ДБ — з — он
456 Д — сан аз он ҷо
457 Д — магар
458 Б — навъе
459 Д — шахсе
460 Д — он
461 Д — равон
462 Д — Паси
463 Д — ранҷи
464 Д — гуфтӣ
465 Д — Бар он
466 Д — бб. 2274 — 2276 нест
467 Д — б. 2280 нест
468 Д — саҳни боғ
469 Д — 2289 — 2292
470 Б — ӯ
471 Д — 2294 нест
472 Б — дигар
473 Д — боғи
474 Д — гавҳари
475 Д — б. 2300 нест
476 Д — Дарун шуд худованди
477 Д — зеб,
478 Д — ҷой
479 Д — бб. 2309 — 2316 нест
480 Д — бб. 2326 — 2327 нест
481 Д — раҳ з-он
482 Д — бб. 2336 — 2343
483 Д — бб. 2347—2356 нест
484 Д — бб. 2357—2366 нест
485 Д — бб, 2371— 2372 нест,
486 Д — буд.
487 Б — баромад
488 Д — бб. 2380—2382 нест
489 Д — ҷӯш
490 Д — ба мағриб
491 Б — барандохт
492 Д — Навои
493 Д — Саводе
494 Д — гумраҳишон ба
495 Б — деҳмизбонро
496 ДБ — Баровард
497 Д — он ҷо
498 Д — б. 2432

499 Б — баст
500 ДБ — дарорад ба
501 ДБ—андеша дар роҳ
502 Д — бб, 2456 — 2457 нест
503 Б — буд тохтанд,
504 Б — дарангехтанд.
505 Д — часпида
506 Д — бб. 2460 — 2461 нест
507 Д — оҳистакор
508 Д — Биёвард шарти бузургӣ ба кор
509 Б — деҳ
510 ДБ — мояи
511 Д — бб. 2508 — 2510 нест
512 Д — бум
513 Д — марзи ин
514 Б — доди ту
515 Д — бб, 2523 — 2326 нест
516 Б — бо рангу
517 Д — бб. 2546 — 2551 нест
518 Д — бб. 2562 — 2566 нест.
519 Д — карду
520 Д — Бад — он қаҳрамонӣ
521 Д — оганда
522 Д — бб. 2160 — 2616 нест
523 Д — Ҳамон
524 Д — саворони майдону мардони кор.
525 Д — бехуд
526 Д — ҳусни
527 Б — сайли
528 Б — Чу
529 Б — Ба бозомадан
530 Д — бб. 2661 — 2663 нест
531 Б — сайли
532 Д — сахтӣ
533 Д — гузаргоҳ
534 Д — мардон
535 Д — тундоб
536 Д — жарфдарьёи
537 Д — бб—2692—2694 нест
538 Д — сахтгирӣ шуда
539 Д — чуз
540 Д — бб. 2722—2726 нест
541 Б — Чунон
542 Б — х (в) ард
543 Б — густохчанг
544 Д — бб. 2737 — 2775 нест
545 Б — гашт
546 Д — бар
547 Д — мапурс он ки
548 Д — Хиромон сӯи хидмати, Б — барн
549 Д — бб. 2757 — 2763 нест
550 Б — Дар он шаб, ки бархост з — он
551 Д — бб. 2767 — 2769 нест.
552 ДБ — Даромад
553 ДБ — худ дар
554 ДБ — сиришт
555 Д — хоқон зи кори сипеҳр
556 Д — тангмеҳр
557 ДБ — подшоҳӣ
558 ДБ — илоҳӣ
559 Д — рӯзи эшон
560 Д — равоқ
561 Д — чаҳон
562 Д — рахна
563 Д — рахна
564 Д — таркиби
565 Д — овон
566 Д — б. 2790 нест
567 Б — чу оташ бувад мавчи
568 ДБ — Зи
569 Д — доной баргуфт
570 Д — накде
571 Д — бб. 2806 — 2812 нест
572 Д — Шаҳоҳанги
573 Д — Расид
574 ДБ — якбар
575 Д — б. 2821 нест
576 Д — б. 2823 — 2824 нест
577 Д — бб. 2826 — 2832 нест
578 Д — рой
579 Д — Бисечид рахро

582 Д — дилаш; Б — танаш
583 Д — б. 2861 нест
584 Д — Яке
585 Д — дарнавард
586 Д — бб—2864—2865 нест
587 Д — Яке
588 Д — бб. 2867 — 2872 нест
589 Д — Баъди байти 2873, ин байт омада:

*Ки он оби зайбақ баду шӯр буд,*
*Нахӯрд он ки хӯрд он на дастур буд.*

590 ДБ — тобанданур
591 Д — беҳи; Б — меҳи
592 Б — ҳастияш
593 Д — сутӯҳ.
594 Д — сарафроз
595 ДБ — баркушоданд роз.
596 ДБ — бар
597 Д — дорад
598 Д — девном
599 ДБ — Зи бинӣ нишоне на бар
600 ДБ — Баъди байти 2889, ин байт омада:

*Ба дасте ба боло ҷаҳоне бихард,*
*Касеро на андеша аз гарму сард.*

601 Д — хӯр ҳеч
602 ДБ — муште
603 Б — бб. 2901 дар поварақӣ омада.
604 Б — дандон
605 Д — бб. 2889 — 2905 нест
606 ДБ — яке ҷонвар з-он
607 ДБ — Ҳам эшон хӯрандаш
608 Б — лашкар
609 Д — ҳоли
610 Д — Баъди байти 2916, ин байтҳо омада:

*Зи рӯю зи оҳан зи арзиз тез*
*Баровард коригарон дар ситез,*
*Ба як моҳ дар кор нерӯ намуд,*
*Ҳунар бар ҳунарҳои худ барфузуд.*

611 ДБ — Битобид хуршед
612 Д — майдони
613 Д — ба сони биҳиштон
614 Б — биёростанд.
615 Д — Ҳама
616 Д — ахтар
617 Д — ҳамон
618 Д — шавад.
619 Д — якеро
620 Д — ҳама
621 ДБ — надонем
622 Д — буқъа
623 Д — Ҳамон
624 Д — к — ин ҷо бибояд
625 Д — камар
626 Д — рӯшинос.
627 Д — шоддил
628 Д — Замон нақши пурнақши
629 Д — басеро
630 Д — ҷонгазой
631 Д — гавҳарнамой
632 Д — бб. 3020 — 3023 — нест
633 Д — бб. 3026 — 3036 — нест
634 Д — ки
635 Д — бархезу
636 Д — чуст н-омад
637 Д — бб. 3066 — 3067 нест
638 Б — Тамошокунон

639 Д — бб. 3086 — 3089 нест
640 Д — даромад
641 ДБ — намонад
642 Д — шохи
643 ДБ — гавҳару
644 Д — тоҷи
645 Д — кардам
646 Д — раҳондам.
647 Д — кардаам,
648 Д — кардаам.
649 ДБ — навашт.
650 Д — тахтаи
651 ДБ — наяндохтам
652 Д — дом.
653 Б — Наёяд
654 Д — Пойгоҳ.
655 Д — Баъди байти 3152, ин байт омада:

*Дар ин сиву шаш сол*
*каму беши ман*
*Басе ибрат омад*
*фаропеши ман.*

656 ДБ — аз ин тангной
657 ДБ — ба фарҳангу рой
658 Д — Мудово кунад
659 Д — ҳол
660 Д — Баъди байти 3170, ин байт омада:

*Басе кардаам кори*
*нокардани,*
*Равоне чунон бошад*
*озурдани.*

661 Д — кард
662 Д — хок мебоядам
663 Д — расонанд; Б — супорид
664 Д — боз
665 Д — Даворо ба даргоҳи
666 Д — басе
667 Б — дил
668 Д — чорачӯ
669 Д — чор чӯ
670 Д — рафт аз паси пушти кӯҳ
671 — тар кунад
672 Д — бари
673 Д — дили ман
674 Д — зи боғ
675 Д — вомонда
676 Д — боғи
677 Д — шуғли
678 Д — ҳарифони
679 Д — саҳронавард
680 Д — шабҳои
681 Д — бб. 3262 — 3273 нест
682 Д — ҷонситонанда
683 Д — надорад
684 Д — сӣ
685 Д — ҳафтбоғ
686 Д — ки дасти аҷал диду
687 ДБ — кӯшидани ҷон
688 Б — ҳол
689 ДБ — аз
690 Д — тохтан
691 Д — он
692 Д — бб. 3321 — 3325 нест
693 Б — маҳ
694 Д — бб. 3340 — 3346 нест
695 Б — гарде ба
696 Д — бб. 3347 — 3354 нест
697 Д — зи
698 Д — омаданд,
699 Д — омаданд.
700 Д — тӯфони
701 ДБ — наҷунбонд
702 Д — дур афтад
703 Д — хештан
704 Д — бб. 3400 — 3406 нест
705 Б — бехи
706 Д — бб. 3411 — 3420 нест
707 Б — Гузар карду омад

708 Д — бб. 3446—3448 нест.
709 Д — ба як роҳ
710 Д — бияфканд
711 Д — бб. 3456 — 3459 нест
712 ДБ — ранҷи
713 ДБ — ҷунбонам
714 Д — бб. 3474 — 3476 нест
715 Д — Бар ин достон
716 ДБ — дарьёи
717 Д — бб. 3484 — 3485 нест
718 Д — бб. 3488 — 3491 нест.
719 Б — ҳамчу товуспаррам
720 Д — б. 3502 нест
721 Б — монанд
722 Д — райҳони кашм
723 Д — насрини мағз
724 Б — роҳ
725 Д — бб. 3515 — 3516 нест
726 В — Ниҳонӣ дилаш
727 Д — зӯрмандаш
728 Д — Нишаста
729 Д — Ба ҷои байтҳои 3424 — 3425, ин байтҳо омада:

*Дар он хон, к-афсурда гардад зи ҷӯш,*
*Чӣ заҳри ҳалоҳил, чӣ доруи нӯш,*
*Ҳама зиракон гирди болини ӯ*
*Нишаста зи сар то ба поини ӯ.*

730 ДБ — бинед
731 Д —худро ба дарьёи
732 Д — бб. 3533 — 3542 нест.
733 Д — Нусратуддин
734 Д — Баъди байти 3551, ин байт омада; Б — поварақ;

*Фалак зад ба зудӣ зи раи хирад*
*Аз он ҳалқаи гӯш маҳ тавқи х (в) ад.*

735 Д — хозанони
736 ДБ — баландофарин
737 Б — нӯшханд
738 Д — бб. 3559 — 3565 нест
739 Д — олам
740 Д — 3571 нест
741 Д — надидаст, Б — набудаст
742 Д — б. 3574 нест.
743 Д — бб. 3577 — 3579 нест
745 Д — Баъди байти 3589, ин байт омада; Б — поварақ;

*Дар ин доварӣ бахт ёри ту бод,*
*Саодат мададбахши кори ту бод!*

746 Д — гавҳар чунон
747 Д — мани гавҳароварда аз кони
748 Д — Чу кон гавҳар афшонданаш
749 Д — дурри
750 Б — кун
751 Д — б. 3607
752 Д — бошад халал ҳадду
753 Д — сарандозро
754 Д — кӯҳан медиҳад бар
755 Д — бб. 3627 — 3640 нест
756 Д — бисьёрҳуш,
757 Б — димоғ
758 Д — Зи
759 Д — фирӯзҳолӣ
760 Д — б. 3651 нест
761 Д — достон
762 Д — арҷманд
763 ДБ — бб. 3658 — 3659 нест.

# МАХЗАН-УЛ-АСРОР

1 Б — яктой
2 Б — бинои ақл
3 Б — ҳаёт,
4 Б — дайргаҳи
5 ДБ — ҳарф
6 ДБ — б. 19 нест.
7 ДБ бб. 21—22 нест
8 Д — санъат
9 Б — рӯй
10 ДБ — қадам
11 Д — Зарра
12 Д — б 34 нест
13 Б — даҳон
14 ДБ — Лавҳ
15 Д — Бади
16 Д — хабар
17 Б — нишонд; Д — кушод
18 Д — ниҳод.
19 Д — дарнавашт; Б — раҳнавашт
20 Д — заданд,
21 Д — заданд.
22 ДБ — бб. 53—53 нест
23 Д — ба
24 Д — Аз
25 ДБ — бб. 63—65 нест
26 Д — ба ту гар
27 Д — замин ин бистари
28 Д — чашмаи
29 Д — дахр
30 Д — фароз
31 ДБ — сабо
32 ДБ — ту шуд
33 ДБ — тӯтиё
34 ДБ — Ба ҷои байти 94, ин байт омада:

*Ғунча камар банд, ки мо бандаем,*
*Гул ҳама тан, ҷон ки ба ту зиндаем.*

35 Д — банд
36 ДБ — зинда
37 ДБ — Зинда
38 ДБ — фурӯш
39 ДБ — бб. 102—104 нест
40 Д — Ин чӣ сухан, ин чӣ забондонӣ
41 Д — Ҳар кӣ нигиндони
42 Д — бб. 132—136 нест
43 Б — гаронсоз
44 ДБ — бб. 138—140 нест
45 Б — саҳар
46 ДБ — Худ
47 ДБ — гашт,
48 ДБ — гашт.
49 Д — хок
50 Б — ҷумла
51 Д — б. 154 нест
52 Д — рост,
53 Д — хост.
54 ДБ — б. 160 нест
55 Д — симинбарӣ
56 Д — сабукрез
57 Д — з-он
58 Д — бб. 174—175 нест
59 ДБ — омада
60 ДБ — Ӯ мутаҳайир
61 Б — Ҳалқа зада
62 ДБ — раҳаш
63 Д — хилват
64 Д — б. 191 нест
65 Б — тамошои назар тохта.
66 ДБ — сифоташ
67 ДБ — Ҷой
68 ДБ — хӯрда
69 ДБ — дили
70 ДБ — худо
71 ДБ — ба ноз
72 Д — некахтарӣ
73 соҳиби

74 Д — пайғамбарӣ
75 Д — карда
76 Д — б. 233 нест.
77 ДБ — қавм
78 ДБ — азизон
79 Д — суда
80 ДБ — вафо
81 Д — тохтаст
82 Д — андохтаст.
83 ДБ — чу шавад
84 Д — эй ҷони
85 Б — оҳи
86 Б — тарафдори
87 Д — Роҳбаронанд чу пайкони роҳ; Б — Роҳ баранд аз ту ба пайкони роҳ.
88 ДБ — девем
89 Д — б. 283 нест
90 Д — майдон
91 ДБ — Бод дамидан
92 ДБ — гунбад
93 Д — б. 280 нест
94 Б — Сулаймон
95 Д — Ҳукми
96 Д — б. 303 нест
97 ДБ — Борагии ӯ зи паи
98 Д — бад-ин хон
99 ДБ — Худ
100 Д — Мулк талаб карду
101 ДБ — малак
102 Д — руят
103 ДБ — хурмо садафу гавҳарат
104 Д — сар аз
105 ДБ — поя
106 Д — шаштарафу
107 Д — Сарвари
108 Б — давр
109 ДБ — Гӯши
110 Д — ҷаҳон
111 Д — рози
112 Д — бибурд,
113 Д — бибурд
114 Д — тоҷу кулоҳ
115 ДБ — камарат
116 ДБ — саборо
117 ДБ — нағзнаво
118 Д — Парда зи сеҳри
119 ДБ — Пояи
120 Д — б. 412 нест
121 ДБ — бб. 416—418 нест
122 Д — Дида паи
123 Б — Ман дигарам,
124 ДБ — бигзарам
125 Д — З-он ки манам, ман
126 Д — б. 442 нест
127 Б — ҳаст
128 Д — бадан
129 ДБ — пайваста шуд,
130 ДБ — баста шуд.
131 Д — пуштае; Б — бешае
132 Д — сарире
133 Д — сахо; Б — араз
134 ДБ — Нуктаи санҷида чӣ мавзун бувад.
135 Д — Сояи он сояи
136 Д — Ин ҳама мағз омад в-ин пӯстанд; Б — Он ҳама мағзанд, дигар пӯстанд.
137 ДБ — рутаб
138 Д — ҳалқа
139 Б — барорад
140 Б — зи
141 Б — кор
142 Б — нуктае
143 Б — расад,
144 Б — расад.
145 Б — Ҳар чӣ барӣ ному нишонат диҳанд,
146 Б — Ҳар ду ба ман хирқа
147 Б — сипараш ман шуда берангтар.
148 Б — омехт чу парвона

149 Б — Обзани
150 Б — кабудаш
151 Б — сурудаш
152 Б — тофтанд
153 Б — ёфтанд
154 Б — бб 561—562 нест
155 Б — Накди
156 Б — Он нафасеро
157 Б — тоза
158 Б — тоза
159 Д — Дод ба таркиби карам
160 Д — деги
161 Б — ҳалқа
162 Б — рақибона
163 Б — дар ин
164 Б — Аз ҳарами хосатарини сарой,
165 Б — баромад
166 Б — ҳоҷиби
167 Б — ӯ
168 Б — Ҳашт
169 Б — Мулке
170 Б — Давлат он бод, к-аз
171 Б — Аз намаки тоза намаксуд нест,
172 Б — гиреҳам
173 Д — Накҳат
174 Б — Сокини он
175 ДБ — чаман
176 Д — сарафканда; Б — пароканда
177 ДБ — шер чу
178 Б — Оҳуваконаш зи
179 Б — мансур
180 ДБ — Сӯзани
181 ДБ — эзид
182 Б — Равзани
183 ДБ — Найшакар аз ханда
184 ДБ — лаъл
185 Д — Аз
186 Д — дар ӯ
187 Д — Аз нафасаш бод сухангӯй буд.
188 Силсилае рехта
189 Аз ҳама
190 б. 687 нест
191 Д — Хоки раҳаш гашта
192 Д — б. 692 нест
193 Д — рухи
194 Д — Баста ба ҳалқа
195 ДБ — сухан
196 Б — рафтанд,
197 Б — рафтанд.
198 Д — тамошои; Б — яке раҳ
199 Д — равшанаш
200 Д — Парданавозон
201 Д — оташафрӯз,
202 Д — Шиша гулобези гуҳар
203 Д — Нағма
204 ДБ — Ғами
205 ДБ — афтодагон
206 Д — Дар хати шаб
207 Д — б. 762 нест
208 Д — суман
209 ДБ — хандон
210 Д — чу рух бар; Б — чу ба гул қатраи
211 ДБ — боз зи сар
212 ДБ — субҳи
213 ДБ — чораи
214 ДБ — андохтам,
215 ДБ — сохтам.
216 Д — сахт
217 ДБ — бастаанд,
218 ДБ — дилхастаанд.
219 ДБ — доираи лоҷвард
220 ДБ — ӯст,
221 ДБ — ӯст.
222 Д — б. 834 нест
223 ДБ — раҳмат
224 Д — роҳи
225 Б — чунон

226 Д — б. 845 нест
227 Д — Гашт
228 Д — Оқибат
229 Д — б. 858 нест
230 ДБ — Гандуму ҷав
231 ДБ 831 нест
232 ДБ — парвардаро,
233 ДБ — Рӯи сиёҳ аз гунаҳ
234 ДБ — сар
235 ДБ — сол
236 Б — шавӣ,
237 Б — шавӣ.
238 Б — сияҳ
239 Д — бб. 914—815 нест
240 Д — Доми
241 ДБ — бевазанон
242 Б — деҳ
243 Д — б. 919 нест
244 Д — ҷуз ту
245 Д — б. 935 нест
246 Б — Қоркунон
247 Д — дод
248 Д — Хонакани
249 Д — б. 949 нест
250 Д — ту
251 Дб — паси
252 Д — б. 959 нест
253 Д — гирифт,
254 Д — гирифт.
255 Д — Чун кунам
256 Д — таманнои
257 Д — Хуни дили бегуна-ҳон
258 Б — шармзада
259 Б — бурдани
260 Д — б. 993 нест
261 ДБ — Наримон
262 Д — б. 997 нест
263 ДБ — чархозмой
264 Б — Як нафас
265 Б — Вомиқаш
266 б. 1025 нест
267 Д — Ҷоҳилие буду хуш он ҷоҳилӣ

268 ДБ — хидмати равшан-дилон
269 Д — лоф
270 Б — парастиш
271 Д — бб. 1049—1051 нест
272 ДБ — надод,
273 ДБ — надод.
274 ДБ — Тоза
275 ДБ — зиям
276 Б — куну
277 Д — Қам зи зану кам зану кам аз занӣ.
278 Б — об, ки дар
279 Д — рӯй
280 Б — хок, ки дар кӯи
281 Д — хеш
282 Б — бонги
283 ДБ — магираш
284 ДБ — вақти кор
285 ДБ — бас
286 Д — бунаи
287 Д — хештан
288 Д — макун
289 Д — шудӣ, майли табо-ҳӣ макун.
290 Д — Дӯстият бар дилу бар ҷон ниҳанд.
291 Д — Нохаҷ
292 Б — Фориғӣ
293 Д — тешаи
294 Д — тоқи мутаббақ
295 ДБ — Пардаи
296 ДБ — б. 1158 нест
297 Б — ранг
298 ДБ — дили
299 Д — б. 1176 нест
300 Д — ҳамарӯза
301 Д — Ҷон бидеҳу
302 Д — кард; Б — буд,
303 Д — Чиразабоне; Б — нағзҷавоне
304 ДБ — Хишт задан

305 ДБ — б. 1208 нест
306 Д — дил
307 Б — Ғоратиёнанд
308 Б — Махзани
309 ДБ — Нимаи раҳ
310 Д — Равшан гашта дили равшанпазир
311 Б — шерсаги шермард
312 Б — лабат
313 Б — Баъди байти 1263, ин байт омада:
**Эминам аз дому дағалҳои ту.**
Фориғам аз киштани савдои ту.
314 Д — Шод бар онам, ки
315 Д — ғайб
316 Б — машав,
317 Б — пеш оядат аз пас машав.
318 ДБ — даҳсола
319 Д — гуҳарат
320 Д — ҳунарат
321 ДБ — ҳашв
322 Д — бо 1307 нест
323 Б — шавад
324 Д — ҷисмат чун
325 Б — супор; Д — ин байт нест
326 Д — вафо; Б — ҳушӣ
327 Д — б. 1327 нест
328 Д — бб. 1331—1333 нест
329 Б — раста
330 Б — раҳи
331 Б — дил
332 Б — домгоҳ
333 Б — шаб
334 Б — сард
335 Б — Гарна
336 Д — б. 1389 нест
337 Д — ба обе
338 Д — бастаи таъбири рост,
339 Д — табошири мост
340 ДБ — Чун ту
341 Б — ҳусну
342 Д — Бар ту дило
343 Д — Ланг
344 Д — Пуршикамӣ зери шикам
345 Д — қавомис; Б — қавомиш
346 Б — кулба
347 Д — он кулба ба якбор бурд.
348 ДБ — кирму в-аз он
349 Д — ӯ ғами гармо ба зимистон хӯрад.
350 Д — Айши касе
351 Д — Парри ҳумои ҳамалӣ
352 Д — ҳумои азалӣ; Б — ҳавои азалӣ
353 Д — тангҷой
354 ДБ — бину бубин
355 Б — рӯз
356 Д — б. 1466 нест
357 ДБ — сабурӣ
358 ДБ — бину
359 ДБ — Номзади
360 ДБ — шева
361 ДБ — сари
362 Д — хоб, ту андеша
363 ДБ — нимсар
364 Д — б. 1493 нест
365 Б — раст
366 Д — рухаш
367 Д — Хутбаи
368 ДБ — сахт
369 ДБ — пур зи санг
370 Д — В-он ки аз ӯ хурд ҳам охир бимурд.
371 ДБ — Пои туро
372 ДБ — аламе
373 ДБ — ӯст,
374 ДБ — ӯст.

375 ДБ — мо
376 Д — б. 1533 нест.
377 ДБ — Айбнависӣ
378 Д — бинигар
379 Д — замин
380 ДБ — қатор
381 ДБ — Сурати ҳар мурғ
382 Д — гузарон аст,
383 ДБ — Бештарак з-он
384 ДБ — нозбахш,
385 ДБ — боз бахш.
386 ДБ — хуш
387 Д — Шӯрии
388 Д — бб. 1582—1585 нест
389 ДБ — ҷаҳон гир
390 ДБ — бадрақаи
391 Д — бозомаданаш
392 Д — бисот аст,
393 Д — он
394 ДБ — Ғам чӣ хӯрӣ
395 Д — набошад
396 ДБ — Зар
397 ДБ — дилаш
398 Д — нуқли
399 ДБ — Хона
400 ДБ — аз
401 Б — мекунанд,
402 Б — мекунанд.
403 ДБ — ба
404 Д — б. 1782 нест
405 ДБ — бувад
406 ДБ — забартар зи фалак
407 Д — Дархури
408 ДБ — Баъди байти 1812, ин байт омада:

*Бештар аз хондани он деврой*
*Хезу бирав т-ош биёрӣ ба ҷой.*

409 ДБ — Ростии пир дар ӯ
410 ДБ — хилъаташ андаркашед.
411 ДБ — надорӣ
412 Д — асрор
413 ДБ — ҷавон
414 Д — б. 1855 нест
415 ДБ — бувад
416 ДБ — б. 1863 нест
417 ДБ — ёфтан
418 ДБ — ту
419 ДБ — хоб
420 ДБ — Рахнагарӣ
421 ДБ — нави
422 Д — бб. 1885—1887 нест
423 ДБ — Қори
424 Д — б. 1900 нест
425 ДБ — Гар
426 Д — б. 1906 нест
427 ДБ — ҳафт фалак
428 ДБ — Пири хирад
429 Б — Баъди байти 1940, ин байт омада:

*Пой чу дар роҳ ниҳод он писар,*
*Пӯя ҳаме карду даромад ба сар.*

430 ДБ — пояш
431 ДБ — туст,
432 ДБ — туст.
433 Д — маҷӯй,
434 Д — маҷӯй.
435 Д — бастаанд
436 Д — растаанд
437 Д — Ришканон
438 Д — дар
439 Д — Бори
440 ДБ — қофила
441 ДБ — В-аз
442 Б — қуфл

443 ДБ — Тарҳ
444 ДБ — кардай
445 ДБ — ишқдон
446 Д — То нашавад
447 Д — бб. 2080—2083 нест
448 Б — миёни
449 Д — бб. 2093—2095 нест
450 Б — б. 2100 дар поваракӣ омада
451 Д — бб. 2100—2105 нест
452 ДБ — Гар нашавӣ
453 ДБ — Рахти ту
454 Д — б. 2125 нест
455 ДБ — нигар
456 ДБ — Ҳабба
457 ДБ — нигар
458 Д — Давлати
459 Д — шуд,
460 Д — шуд.
461 Д — ки оташ
462 Д — ёфт
463 Д — бо 2194 нест
464 Д — б. 2209 нест
465 Д — Хӯрдани ман
466 Д — Оҳану шамшер,
467 ДБ — шаръ
468 ДБ — чунин
469 ДБ — Чун заманон
470 Д — к-он
471 Б — б. 2264 дар поваракӣ оварда.

# ДЕВОНИ АШЪОР

1 ВД — ман (ба ҷои калимаи «мадеҳ» дар чопи Ваҳиди Дастгардӣ «ман» омадааст, ки иштибоҳи чоп мебошад).
2 СН — чу
3 СН — хиҷолатат
4 СН — баҳри ту қавлзан аз он. Ин мисраъ дар ҳар ду нусха ғалат омадааст.
5 СН — Баъди ин байт, байтҳои зер илова шудаанд.

*Зи нақду насьяи олам*
*ҳамин умр аст сармоя,*
*Ҳаққаш бигзор дар тоат*
*биёмӯзаш маониро.*
*Чу медонӣ ки бояд рафт*
*аз ин ҳушьёрдилтар шав,*
*Набояд бурд чун мастон*
*ба ғафлат зиндагониро.*

6 СН — зар
7 СН — дар
8 СН — ба
9 СН — Баъди ин байт, байтҳои зер илова шудаанд.

*Омехта навбаҳори ҳуснат,*
*Бо барги бунафша*
*арғувонро.*
*Сарви ту ба ояти баландӣ.*
*Оварда ба саҷда осмонро.*

10 СН — ба гарав камар
11 СН — То боз, ки ёбад
12 СН — тезрав
13 СН — Шоҳии бутон
14 СН — муҳри
15 СН — з-он
16 СН — ӯ
17 СН — Гунаи
18 СН — Аз
19 СН — рахтам аз он

20 СН — Гандум ин хоҳад мавзун
21 **СН— Баъди ин байт,** байтҳои зер илова шудаанд:

*Ғами ӯ чанд хӯрам чун*
*ғами гандум деҳқон,*
*Вақти он к-аз гули ӯ бар*
*нахӯрам акнун аст.*
*Холи як донаи ӯ гандуми*
*аз мушк ниҳон*
*Сад чу ман мурғ дар он*
*доми шикор афзун аст.*

22 СН — шабу рӯз чу гандум зи ғамаш
23 СН — на
24 СН — қасд
25 СН — мушкбор
26 СН — Он чашмаи сероб
27 СН — навбаҳор
28 СН — Он
29 СН — бар гул
30 СН — барбаст,
31 СН — барбаст
32 СН — барбаст,
33 СН — барбаст.
34 СН — барбаст.
35 СН — даъват
36 СН — барбаст.
37 СН — барбаст.
38 СН — гӯй,
39 СН — Ту гуфтӣ
40 СН — Ҳеч
41 СН — дарун
42 ВД — чун (ғалати матбуот аст)
43 СН — кас бимондаам
44 СН — оташи чунин
45 СН — хуштари ин
46 СН — сеҳрсози
47 СН — камар ба
48 СН — бод медиҳӣ
49 ВД — дағоғарӣ (иштибоҳи нашриёт аст).
50 СН — гар
51 ВД — Далви (иштибоҳи нашриёт аст)
52 СН — Исми дигарӣ ба ҷон
53 СН — Низомият басе
54 СН — роҳбарӣ
55 ВД — кӯшам
56 СН — Хуштар
57 СН — зи ту
58 СН — насанчанд,
59 СН — ки дарнасозӣ
60 СН — ёрест гӯ
61 СН — шабхез
62 СН — ҳар хирман
63 СН — Тандурустӣ
64 СН — Мастанд аз ин пас оқилон растанд беҳ
65 СН — Қ-он
66 СН — Парда боре худ намеёбӣ
67 СН — ояд
68 **СН — Пой дарнеҳ, эй** Низомӣ,
69 СН — ин
70 СН — чатру сипаҳ имшаб меҳмони
71 СН — гулшакаре
72 СН — Дар дил натавон
73 СН — дардат; Баъди ин мисраъ, мисраи зер омада:

*Чун дарди мане боре*
*дармони кӣ хоҳӣ шуд?*

74 СН — Ба ҷон ин мисраъ, ин байт омада:

*Мағзар ба чунин вақте,*
*мағзор Низомиро.*
*Ӯ они ту аст, эй ҷон, ту*
*они кӣ хоҳӣ шуд?*

75 СН — ба
76 СН — Бо намаке тар
77 СН — Наргиси ту
78 СН — к-он
79 СН — ишқ
80 СН — сахт
81 ВД — ошиқон
82 ВД — бе дилу
83 СН — ҳамекашад, мекашаду
84 СН — Рӯи буте надидаам,
85 СН — ночашида бин то
86 СН — сар
87 СН — харобаҳо фиганд,
88 СН — варзу
89 СН — кашӣ
90 СН — бибоядам,
91 СН — коргар.
92 СН — созвортар
93 СН — Гар
94 СН — аз
95 ВД — бу, ки
96 СН — бодомчашму
97 СН — гарав, хуш бош,
98 СН — айш мекун,
99 СН — Ҷаҳон тирасту
100 СН — хазраташ
101 СН — Баъди ин байт байти зер илова шуда:

*Қамингоҳест бар роҳаш,*
*ҳало то дил натарсонӣ,*
*Каминро бар ту бикшоянд,*
*мардона камон даркаш.*

102 СН — табиатро
103 СН — шариатро
104 СН — доми ӯ ниҳон
105 СН — Раҳи ӯ
106 СН — ҷамолаш бебасар мебин,
107 СН — Ҳадисаш безабон бишнав,

108 СН — ҳақ
109 СН — баён кардӣ
110 СН — рамзаш
111 СН — аз
112 СН — гар.
113 СН — бояд
114 СН — Ба ҷои ин байт, байти зер омада:

*Гӯ базми висолатро нуқле*
*чу мане бошад,*
*То гавҳари ҷонамро з-ин*
*ҳуққа ба дар гирам.*

115 СН — ҷигар хӯрдан,
116 СН — в-ар
117 СН — малолат,
118 СН — малолат.
119 СН — беқарории ҳиҷрат
120 СН — ту ин савоб надонӣ
121 СН — назди
122 СН — биёям
123 СН — ҳаваси
124 СН — шуда
125 СН — ҳама
126 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Ту ҳама шаб хуфтаву*
*ман то саҳар*
*Наъразанон гирди сари*
*кӯи ту.*

127 СН — Хезам
128 СН — бибӯсам лабат,
129 ВД — касест
130 СН — бо ту
131 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Он сар, ки бо ту бар сари*
*болин ниҳодаам.*
*Ё зону аст ҷояш ё остони*
*ту.*

132 ВД — то ки манам дар миёни ҳаҷр
133 СН — васл
134 СН — барат оям ҷасур бош,
135 СН — хуш нест ин пайём,
136 ВД — ин ду байти охир нест
137 СН — мегунҷад,
138 СД — қурбонам
139 СН — з-ин
140 СН — саҳл аст,
141 СН — дар
142 СА — З-он
143 ВД — дорам
144 ВД, СН — Дар ҳар ду нусха ин байт аз ҷиҳати маъно торик ва мубҳам аст.
145 СН — ҳусн
146 СН — бусе
147 СН — Набошад ошиқе ҳаргиз чу ман ҳеч,
148 СН — Баъди ин байт, байти зер изофа шуда:

*Нохуфтани ин шабҳо*
*зоеъ нашавад донам,*
*Ҳам сабр кунам, к-охир*
*бар кор шавад рӯзе.*

149 СА — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Оҳистатар, эй душман, к-ӯ*
*дӯст шавад моро,*
*В-осӯдатар, эй хасмон, к-ӯ*
*ёр шавад рӯзе.*

150 СН — Баъди ин байт, байти зер афзуда:

*Чун аҳди Низомиро имрӯз*
*шикаст он бут.*
*Тарсам, ки зи паймонаш*
*безор шавад рӯзе.*

151 СН — Нокасу кас
152 СН — Баъд ин байт, байтҳои зер илова шуда-анд:

*Мани парвонасифатро ба*
*чароғе накушанд,*
*Ту чу шамшеркашӣ. рав,*
*ки сипар афкандӣ,*
*Чун кушодаст Низомӣ ба*
*ту-бар кисаи умр,*
*Ту ба як бӯса ҷаро ин ҳама*
*дар мебандӣ?*

153 СН — хӯр дар
154 СН — бедод
155 СН — Баъди ин байт, байти зер афзуда:

*Чунон бояд, ки мӯр аз ту*
*наранҷад.*
*Макун бо бандаи ҳақ ҷуз*
*дурустӣ.*

156 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Расидӣ, эй Низомӣ, ту*
*бад-ин ҷо,*
*Буту бутхонаро, дарҳам*
*шикастӣ.*

157 ВД — дарди
158 СН — бо
159 СН — Ин байт нест
160 СН — ӯ гуфт
161 СН — оби чашме
162 СН — дигар
163 СН — ки ба умрат
164 СН — Магар зи
165 СН — Латофате бипазирад
166 СН — пешат
167 СН — Маро
168 СН — чунончӣ
169 СН — чунин

170 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Зи баҳри он ки бубинам*
*ҷамоли хуби ту рӯзе*
*Кунам ҳамеша чу Мусо*
*ба хидмати ту шубонӣ.*

171 СН — давлат
172 СН — ба ғам
173 СН — ки
174 СН — дар
175 СН — дарди ман пурсӣ,
176 СН — бечорагӣ
177 СН — шуд ба
178 СН — хаме меоядат
179 Ин байт дар ҳар ду нашр ба шакли ғалат омада, маънояш торик мебошад.
180 СН — чунин ғамеро
181 СН — ба лаб
182 СН — в-аз шодиям
183 ВД — хони
184 СН — маҳабрӯи
185 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Эй савсану, эй сарв ҳам,*
*сарсабз чун боғи ирам,*
*Бистон Низомиро зи ғам,*
*бӯстони ман шав соате.*

186 СН — чашму дилӣ, чашмам ба
187 СН — чону дилӣ, к-аз
188 СН — Нуктаи неку
189 СН ҳар чӣ донӣ
190 СН — чангатро чӣ гӯям як ба як
191 СН — Меҳр
192 СН — номеҳрубонӣ
193 СН — Нафаси
194 СН — паранди
195 СН — Назанам ба хира табле чу занам.
196 СН — Накашам ба хутба лаҳне чу кашам,
197 СН — тарзҳои
198 СН — чустам
199 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Чу расӣ ба Тӯри ҳиммат*
*«аранӣ» бигӯву бигзар,*
*Ки наярзад ин таманно ба*
*ҷавоби лантаронӣ».*

200 ВД — минбар
201 СН — Исӣ
202 СН — Хайма
203 ВД — иҷозати
204 ВД — боз хандад,
205 СН — худову
206 СН — Нукатам
207 СН — суханам
208 СН — ҷарида
209 СН — қасида
210 СН — болиш
211 СН — мутаввакс
212 СН — Асаби
213 СН — шабакест
214 СН — қареҳиву каронӣ
215 СН — бувад
216 СН — мисол гашт
217 СН — аз вай ояд
218 СН — табаҳсарой
219 СН — чунон заифӣ
220 СН — диҳам
221 СН — истиғоса
222 СН — хоҳам
223 СН — Зи
224 СН — хомам
225 СН — сифати
226 СН — тани
227 СН — Зи
228 СН — ояд

229 СН — расондияш ба
230 СН — Худ
231 СН — дароиву
232 СН — дар
233 СН — ҳалқа даре
234 СН — даступой
235 СН — он
236 СН — ҳар чаҳор ангушти
237 СН — гаронбанда
238 СН — бинад
239 СН — Айбдон
240 СН — чун чанг
241 ВД — тирозаш
242 СН — барфишон з-он
243 СН — он
244 СН — он
245 СН — мавҷ гирдобе
246 СН — нишинӣ
247 СН — ҳамзоди
248 СН — аз яке дигар синон
249 СН — хиразои
250 Ин байт дар ҳар ду нашр ба шакли ғалат дарҷ ёфта, тасҳеҳи он барои мо муяссар нашуд.
251 СН — дар палоси оҳуяст
252 СН — Хониқаҳ дорулфалакро
253 СН — Дин ба зар боло нагирад
254 СН — пай
255 СН — Рояти
256 СН — маҳчаи салчуқ аст он
257 СН — бошӣ
258 СН — адлеро
259 СН — Гар
260 СН — Ҳашвиёнро
261 СН — масофат
262 СН — З-он
263 СН — гирдоб
264 СН — хам
265 СН — ман худ аз он
266 СН — мардумон
267 СН — ин
268 СН — баҳри
269 СН — бурун
270 СН — баҳо
271 СН — самарам
272 Ин байт дар ҳар ду нусха ба шакли ғалат омада, тасҳеҳи он барои мо муяссар нашуд.
273 СН — коми
274 СН — ҳар ду
275 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Хокрези кураи об*
*ташаннуҷ гирад*
*Об гирди кураи хок*
*музаввар гардад.*

276 СН — миёнгардкунон
277 СН — сипари
278 ВД — ин ду байт афто да
279 СН — панҷа
280 СН — нашавад шод бар
281 СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Нафас ар пир шавад,*
*саҳл набошад з-он рӯй,*
*К-аждаҳо гардад море, ки*
*кӯҳантар гардад.*

282 ВД — Ин байт нест
283 ВД — Ин байт нест
284 ВД — Ин байт нест
285 СН — фан
286 СН — Ту чунон бош, к-агар

[287] СН — Баъд ин байт, байти зер омада:

*Чун ту дар банди раҳӣ*
*дона ба анбор бинеҳ,*
*Ки гиёҳее ба яке хӯша*
*тавонгар гардид.*

[288] СН — садафе.
[289] ВД — Баъди ин байт, 7 байт аз матн афтодааст.
[290] СН — Чун
[291] ВД — Ин байт нест
[292] ВД — Баъди ин байт, 6 байт афтодааст.
[293] СН — Фолро бад марон
[294] СН — кунад
[295] ВД — Баъди ин байт, 2 байт афтода.
[296] СН — бад-ӯ
[297] ВД — Ин мисраъ нест.
[298] СН — Баъди ин байт, байти зер илова шуда:

*Панҷ навбат занӣ овораи ин*
*ҳиҷрат шав (?)*
*То магар мулки сухан*
*бар ту муқаррар гардад.*

[299] СН — санг
[300] СН — диҳадам

## ЛУҒАТ

### А

*Абнои аср* — мардумони аср, одамони замон.
*Абҳар* — гули наргис.
*Авранг* — тахт, ҷоҳ.
*Автод* — ҷамъи ватад-меххо.
*Автор* — ҷамъи тор-торхо.
*Адим* — пӯст, чарми пухташуда.
*Азаб* — танҳо, муҷаррад.
*Азрақ* — нилгун, сабзпӯш.
*Акдиш* — дурага; омехта.
*Алачуқ* — чодар, хайма, юрт.
*Аёғ* — коса.
*Айба* — ҷомадон; пинҳон, чуқурӣ.
*Акфилкифот* — донишманд, баландмақом.
*Алифи кӯфиён* — ҳар чизи каҷу килебро гӯянд, зеро ҳарфи алифи хатти кӯфӣ каҷ аст.
*Амалсанҷи саломат* — киноя аз растагорӣ, халосшавӣ аст.
*Анбоз* — шарик, рафиқ, ҳамто.
*Амуд* — гурз.
*Аналҳак* — ман ҳаққам.
*Ано* — азобу машаққат, заҳмат.
*Анқос* — ҷамъи никс-мидод ва сиёҳии давот.
*Араз* — ҳар чизе, ки собиту қоим набошад, тағйирёбанда.
*Арзиз* — қальагӣ.
*Асӣ* — гунаҳгор, осӣ.
*Атф* — меҳрубонӣ, моил шудан ба сӯи чизе.
*Афан* — бадбӯй, гандида; захр.
*Ахбия* — ҷамъи хабоъ-хиргоҳ, хайма.
*Ашҳаб* — шер; кори сахт.
*Аҳад* — яккаву танҳо, воҳид.
*Аҷз* — оҷиз, бечора, нотавон.
*Аҷро* — иҷорахӯр, зиёдахӯрон.
*Аҷрэм* — ҷамъи ҷирм — ҷисмҳои осмонӣ.

## Б

*Бадром* — ороста, бо зебу зинат, хуррам, дилкушо.
*Байғора* — таъна, сарзаниш.
*Базма* — базм, шодмонӣ.
*Баласон* — номи буттаи хушбӯе, ки ба ҳино монанд аст.
*Бардалаҷӯз* — сармои сахт, чиллаи зимистон.
*Барда* — асир, ғулом, банда.
*Бахта* — пӯстканда.
*Баюс* — интизор.
*Бақам* — чӯби рангмолон.
*Баҳоим* — ҷамъи баҳима-чорпоён.
*Бесурок* — шутури ҷавони боқувват.
*Бемортут* — тани бемор, касалманд.
*Бирка* — ҳавз, кӯл.
*Бахрид* — мухаффафи бихарид.
*Бодомаҳ* — пиллаи абрешим.
*Бора* — асп.
*Бору* — қалъа, ҳисор, бурҷ.
*Боҳур* — тамӯз, гармои сахт.
*Буна* — молу мулк, чизу чораи хона.
*Буруз* — ошкор шудан, берун омадан.
*Буқъа* — қитъаи замин.

## В

*Вадеъат* — амонат
*В-ан*-мухаффафи в-андар.
*Варз* — кишт, зироат.
*Вашиҷома* — ҷомаи абрешимӣ.
*Вақоҳат* — бешармӣ, беҳаё, беадаб, густохӣ.
*Васхал* — дармондан, пой дар гил мондан.
*Вусуқ* — бовар, хотирҷамъ.

## Г

*Газофа* — зиёдатӣ.
*Гарданкашон* — паҳлавонон.
*Гарева* — кӯҳ, доманаи кӯҳ.

*Гарро* — банда, ғулом.
*Говарс* — курмак.
*Гозур* — либосшӯ.
*Гуллаҳ* — мӯи бофта, зулф.
*Гусӣ* — мухаффафи гусел.
*Гуроз* — хуки ваҳшӣ; хоккаш, бел.

## Д

*Даббех* — чарми мулоими пухташуда.
*Дама* — боди барфолуд, боди хунук.
*Дастур* — вазир.
*Дасткаш* — роҳнамо, роҳбалад.
*Дарой* — зангӯла.
*Дарюза* — гадоӣ кардан.
*Дахма* — қабр.
*Дағо* — ҳилагар, фиребгар.
*Даҳандарра* — хамьёза.
*Даҳо* — зиракӣ, ҳушмандӣ, кордонӣ.
*Даҷҷол* — дурӯғгӯй, фиребгар.
*Деҳмеҳтар* — сардори деҳа.
*Диръ* — зиреҳ.
*Дият* — хунбаҳо.
*Доҷ* — зулмат, торикӣ.
*Дужхим* — бадқаҳр, бадхӯй, хунхор.
*Дурра* — тозиёна, тасма.
*Дурбош* — найзаи душоха, ки пешхизматҳо ба даст гирифта, пеш-пеши подшоҳ рафта «дур бош» гӯён роҳ мекушодаанд.
*Дурроа* — ҷомаи суф.
*Дустгонӣ* — шаробе, ки бо дӯстон хӯранд, коса, зарф, пиёла.
*Дӯсида* — часпида.

## Е

*Ера* — бозӯбанд; қувват, бозӯ; хироҷ.
*Есаҷ* — тири пайкондор.
*Ёфа* (ёва) — гумшуда, нопадидшуда, гумроҳ.

## З

*Зайбақ* — симоб.
*Залла* — сарқут, боқимондаи хӯрок; нонрезаҳо.
*Залум* — торикӣ зулмат.
*Заман* — барҷомонда.
*Заминзерхишт* — кинoя аз мурдагон аст.
*Замӣ* — мухаффафи замин.
*Замҳарир* — сармои сахт.
*Занаб* — гуноҳ, айб.
*Занбил* — сабадча, замбар.
*Заръгаҳ* — киштзор.
*Зарурат* — зарар расондан.
*Захмагаҳ* — ҳадаф, мақсад.
*Зил* — соя.
*Зур* (Завр) — номи дигари шаҳри Бағдод.
*Зуҷоҷ* — обгина, шиша.

## И

***Ибни Муқла*** — хаттоти машҳури араб.
Ибни Ҳонӣ — фақеҳи машҳури араб.
*Ибра* — хироҷ, ҷои убур, роҳ.
*Илф* — улфат, дӯст.
*Имоди Хӯй* — яке аз дӯстони наздики Низомии Ганҷавӣ.
*Иннин* — номард, ҳез.
*Исоба* — чодар, дастор, салла.
*Истионат* — ёрӣ кардан.
*Иститоа* — тавоноӣ, қудрат
*Иқтоъ* — замини вақф; замини бахшида.

## К

*Кадар* — тоза, сиёҳ.
*Кадевар* — подшоҳ, кадхудой, соҳиб.
*Кайл* — паймона, зарф.
*Канаф* — ҳимоят, паноҳ; канаб.
*Карк* — каркадан.
*Катм* — парда. ҳиҷоб.

*Қашаф* — сангпушт.
*Қашкина* — нони ҷавин.
*Қимухт* — пӯсти даббохшуда.
*Қиробанда* — хидматгор, ғулом.
*Қитобулхатма* — қуръон.
*Қома* — матлаб, мақсад, орзу.
*Қуном* — хонаи ҳайвонҳои ваҳшӣ.
*Кӯҳпояи Арнӣ* — номи дигари кӯхи афсонавии Тӯр аст.

## Л

*Лахт* — гурз.
*Лавид* — деги калон.
*Лиман* — ул-мулк-мулк аз барои ман аст.
*Лифофа* — рӯмол, дастор.
*Леҷоҷ* — мунокиша, ҷанҷоли дутарафа.
*Лурканд* — замини пасту баланд, замини чуқур ва кандагӣ.

## М

*Мабдаъ* — эҷод, ихтироъ, пайдоиш, ибтидо.
*Мадду ҷазр* — пасту баланд шудани об.
*Магардод* — барнагардонад.
*Ман* — ченаки вазне, ки баробар ба 16 кило мебошад.
*Мандал (мандала)* — хати доира.
*Маниш* — ақл, ҳӯш; табиат, хӯй, бузургӣ.
*Маносик* — ибодатгоҳ.
*Мансак* — қароргоҳ, ҷои ибодат.
*Манчуқ* — моҳчаи байрақ.
*Марваҳат* — биёбон, бодкаш, бодзан.
***Мардумгиёҳ*** **— номи як навъи алафи кимиёӣ, женьшень.**
*Марқашишо* — санги сурма.
*Масобеҳ* — ҷамъи субҳ.
*Масоф* — ҷанг.
*Мастабат* — ҷамъомад, маҳали ҷамъшавии мардум.
*Масх.* — дигар шудани шаклу сурат.
*Мақсура* — ҷои имом дар масҷид, ҳуҷраи хурд.
*Маҷас* — набз.
*Маҷарра* — галласитораҳо, каҳкашон.

*Маҷус* — муғ, оташпараст.
*Меразам* — ранг мекунам; разидан-ранг кардан.
*Мил* — санги сурма; бурҷ, нишон ва аломати роҳи дарьё.
*Мисоқ* — аҳду паймон, устуворӣ.
*Миқраа* — тозиёна.
*Мобақӣ* — боқимонда, зиёдатӣ.
*Моворд* — хушбӯиҳо.
*Мозоғ* — ишора ба ояи Қуръон.
*Муайиб* — айбдор, маюб.
*Мувосо* — осоиш, оромӣ.
*Мудбир* — тадбиркунанда, соҳибтадбир.
*Музаввир* — тазвиркунанда, фиребдиҳанда.
*Мумассил* — қассоскунанда; мумассал-сурат, пайкар.
*Мунаққат* — бисьёрнуқта
*Мур(р)* — захр, талхӣ.
*Мурсала* — фиристодашуда; ороиши занон.
*Мусаҷҷид* — ҳуҷҷат.
*Мусиб* — ростқавл; тири ба ҳадафрасида.
*Мутаббақ* — табақадор, пӯшидашуда, бархампечидашуда.
*Мутаввақ* — тавқдор, тоҷдор.
*Мутанозеъ* — низоъкунанда, ҷанҷолӣ.
*Мутафохир* — фахркунанда.
*Мушаъбад* — шӯъбадабоз, найрангбоз.
*Муғолитат* — ба ғалат андохтан.
*Муқаббаб* — қуббадор.
*Муқаввас* — қавсдор, камондор.
*Муқарнас* — қалъа, бинои баланд.
*Муқтеъ* — қатъшуда; вомонда, бозмонда.
*Муҳит* — уқьенус.
*Муҷрим* — гунаҳкор. оҷиз. нотавон.
*Мӯътакиф* — касе, ки ҳамеша дар масчид машғули ибодат бошад.

## Н

*Набҳарат* — қалбакӣ, носара.
*Наванд* — аспи тундрав.
*Навардидан* — тай кардан.
*Навбаҳор* — номи буткадае, ки харобаҳои он то имрӯз дар шаҳри Балх боқӣ мондаанд.
*Надоват* — тарӣ, рутубат.

*Назор* — хароб, лоғар.
*Накӯҳидан* — сарзаниш кардан, танбеҳ додан.
*Намат* — тариқ, роҳ, равиш.
*Насх* — ботил шудан, нест шудан, мансух шудан.
*Натъ* — пӯстак, фарши пӯстӣ.
*Нахосхона* — бозори ғуломфурӯшӣ.
*Нашид* — ғазалу қасидасарой.
*Наҳеб* — тарсу бим.
*Наҳл* — занбӯри асал.
*Начим* — шутури сара.
*Нефа* — пӯсти шиками ҳайвонот, миён.
*Ниём* — ғилоф.
*Нитоқ* — камарбанд.
*Нол* — най.
*Номия* — боланда, нумӯкунанда, сабзиш, тараққӣ.
*Носик* — ибодаткунанда.
*Носият* — пешонӣ, чабин.
***Ноқа*** **— шутури тундрав.**
***Нузл*** **— бахшиш, эҳсон; таом.**
*Нӯҳдари тан* — киноя аз нӯҳ сӯрохи бадан.

## О

*Омочгаҳ* — нишонгоҳ, ҳадаф.
*Ос* — орд, гард, нарм; санги осиё.

## П

*Пала* — камбизоат, камбағалӣ, каффаи тарозу, зина.
*Патьёра* — бало, ваҳшат.
*Пешмир* — фидоӣ, қурбонӣ, пешмарг.
*Пист* — талқон, орди гандумбирьён.
*Пиҳ* — чарбу, равған.
*Полуда* — навъе аз хӯрок.
*Пӯзиш хостан* — узр хостан, бахшиш талабидан.

## Р

*Раста* — саф, қатор.
*Рақибон* — посбонон.
*Рақш* — пӯсти нақшдор.

*Рацм* — лаънатшуда; сангсоршуда, дашном.
*Рифқ* — рафоқат, меҳрубонӣ, лутфу накӯӣ.
*Ровақ* — соф, тоза.
*Роиз* — ром, дастомӯз, муаллим.
*Рустӣ* — ризқу рӯзӣ.
*Рутаб* — хурмои тар.
*Руқъа* — нома.

## С

*Сабика* — тароша ва резан тилло.
*Садра* — сина; тахт.
*Сайрафӣ* — заршинос, ҷавҳарӣ.
*Сайфур* — абрешими сиёҳ.
*Салаб* — ҷома.
*Самеъ* — шунавой.
*Самғ* — чӯби балут, ширави чӯби балут.
*Санҷ* — шакли арабишудаи санг аст.
*Сарсом* — ошуфтагӣ, беақлӣ, беҳушӣ.
*Саръ* — касалии дарди сар.
*Сарӣ* — ба маънии саро — дуньё ва калимаи сароят низ аз ин решаи калима буда, мухаффафи сарой аст.
*Сафир* — овоз.
*Сахра* — санг.
*Сахтан* — санҷидан; озмудан.
*Сақл* — паҳлу, тиҳигоҳ, наздик.
*Сaққо* — обкаш.
*Сиблат* — бурут
*Сибъ* — ҷамъи сабӯъ,— даррандагон, ҳайвонҳои ваҳшӣ.
*Сиголиш* — душманӣ, бадандешӣ.
*Сидра* — дарахти афсонавие, ки гӯё дар биҳишт ё дар осмони ҳафтум будааст.
*Сиёқ* — тарз, роҳ равиш; навъе аз ҳисоб.
*Симкуш* — толиби молу зар, ҷамъкунандаи симу зар.
*Сипарғам* — як навъи райҳони худрӯ.
*Сирф* — шароби тоза.
*Сисанбар* — навъе аз пӯдина, наъноъ
*Ситабр* — калон, азим, бузург.
*Ситадан* — гирифтан.
*Ситр* — парда.
*Ситф* — китф, дӯш.

*Сифри аъзам* — Қуръон ва номи ҳар як китоби муқаддас.
*Сов* — бочу хироч.
*Соҳат* — майдон.
*Соҳибрасад* — муначчим.
*Сuниш* — реза, гард. хароша.
*Сутудон* — дахма, мақбара, оромгоҳ.
*Сутург* — бузург, калон, тунду хашмнок.
*Сутурдан* — пок кардан тоза кардан.
*Сутӯҳ* — табоҳ, ҳалок.
*Сӯза* — хиштаки чома, поргӣ.

## Т

*Табарьяк* — як бар даҳ.
*Табарзад* — набот.
*Табарро* — безорӣ, дурӣ чустан.
*Табархун* — чӯби сурхранг.
*Табира* — табл, духул, доира.
*Таблӣ* — навъе аз нон.
*Табошир* — навъе аз дору, ки аз найшакар тайёр мекунанд.
*Такосуф* — ифлос, олӯда, кусуф.
*Талал* — харобазор, осори боқимондаи иморат.
*Таловиш* — таровиш.
*Талқ* — фулузот, чисмҳои маъданӣ.
*Тандис* — ҳайкал, мучассама, бут.
*Тарг* — кулоҳи оҳанӣ.
*Тароз* — равиш, нақш, роҳ.
*Тархон* — номи яке аз қабилаҳои турк, сардори сипоҳ.
*Тафта* — гармшуда, сурхшуда, тофташуда.
*Тахалхул* — чудо шудани чизе аз чизи дигар.
*Ташнеъ* — бадгӯй, зиштхӯй.
*Таъбид* — боадаб, тарбиятьёфта, пухтакор.
*Таҳаррук* — ҳаракаткунанда.
*Таҳийят* — муждарасон, салом, бақо хостан ба касе.
*Тақаддус* — пок, муқаддас.
*Тини асфар* — гили саршӯй, ки баъзе занон бо нияти даро» шудани мӯяшон бо он сар мешӯянд.
*Тиннин* — аждаҳо.
*Тироз* — номи имрӯзаи он вилояти Чамбули РСС Қазоқистон мебошад.
*Турра* — гесӯ; кунгура, девори баланд.
*Тутуқ* — парда, чодир.

## У

*Увҷ* — номи марди афсонавие, ки гӯё қаддаш бисьёр баланд будааст ва умри зиёде дидааст.
*Ушр* — даҳьяк.
*Уқобайн* — ду чӯби баланд, ки гунаҳгоронро бар он мебастанд; чӯби дор

## Ф

*Фарас* — асп.
*Фақр* — фақир, хоксор.
*Фаҳл* — ҳайвони нар.
*Фаръ* — аслу насаб, баромад, саршавӣ.
*Фидок* — ишора аз ояи Қуръон аст.
*Фундуқ* — дарахте, ки меваааш ба мағзи бодом монанд аст.
*Фурҷа* — даҳанаи об; лангаргоҳ; соҳил; бандар.

## Х

*Ха* — офарин, таҳсин.
*Хад* — рӯй, рухсора.
*Хайлхона* — лашкаргоҳ; хайма, хиргоҳ.
*Халақ* — ҷомаи фарсуда ва кӯҳнашуда.
*Халоқат* — маломат, дурӯғгӯй.
*Ханида* — писандида; шӯҳрат; хондашуда.
*Хариф* — тирамоҳ.
*Хасл* — дов, шарту паймон.
*Хасф* — абр.
*Хафақон* — таппиши дил.
*Хашин* — дурушт, ноҳамвор.
*Хезрон (хайзурон)* — навъе аз наи ҳиндӣ; решаи дарахти сарв.
*Хилт* — яке аз моддаҳои чоргона; хун, сафро, балғам, ва савдо, ки гуё ҳамаи бемориҳо аз он сар мезадааст.
*Хозин* — хазинадор.
*Худманишӣ* — худпарастӣ.
*Хунбара* — кӯзаи даҳантанг.
*Хусрав* — подшоҳ, сардор.

## Ч

*Чахида* — ситеза кардан, ҷанҷол кардан.
*Човуш* — пешрави лашкар.

## Ш

*Шабаҳ* — санги сиёҳ.
*Шакина* — хум, кӯлӣ, ғалладон.
*Шамар* — ҳавз, кул.
*Шамус* — май, шароб.
*Шаноат* — зиштӣ, бадӣ, қабоҳатӣ.
*Шара* — ҳирс, тамаъ.
*Шашсарӣ* — номи зари холиси шашгӯша.
*Шуун* — ҷамъи шаън-ҷоҳу ҷалол, мартаба.
*Шӯх* — чирк, ифлосӣ.
*Шойгон* — лоиқ, муносиб, арзанда.
*Шуққа* — порчаи коғаз.

## Я

*Язак* — қаровул, посбон.
*Ярақ* — аспи саворӣ.

## Ғ

*Ғамз* — ғаммозӣ кардан, айбҷӯӣ.
*Ғино* — соз.
*Ғолия* — хушбӯие, ки аз мушку анбар тайёр кунанд.
*Ғошия* — пӯшиш.
*Ғул* — дев; бало.
*Ғулак* — кӯза.
*Ғулутат* — сухан ва каломи ғалат.
*Ғурм* — меши кӯҳӣ.

## Қ

*Қаб* — васла, порғӣ.
*Қазиб* — чӯб, шохи дарахт.

*Қаловуз* — пешоҳанги лашкар.
*Қаннуҷ (қаннавҷ)* — номи шаҳре дар Ҳиндустон.
*Қасоса* — кушанда.
*Қобила* — зан.
*Қорура* — зарфе, ки пешоби беморро дар он месанҷанд.
*Қуроза* — реза ва сӯдаи зару сим.
*Қуръа задан* — фол дидан.

## Ҳ

*Ҳайатшинос* — ситорашинос.
*Ҳайлоҷ* — номи ҳисобе, ки нуҷумшиносон аз рӯи он фол мебинад.
*Ҳамол* — шарик, наздик, ҳамто.
*Ҳанут* — хушбӯиҳое, ки бар кафани мурда мепӯшанд.
*Ҳаюн* — шутури тездав.
*Ҳаҷҷом* — рагзан, хунгир, нештарзан; сартарош.
*Ҳирфа* — пеша, касб.
*Ҳисн* — қалъаи аз санг деворшуда.
*Ҳоил* — шиддатнок, воҳиманок.
*Ҳосид* — ҳасадбар, бахил.
*Ҳулла* — либос, пӯшок.
*Ҳуллигари хок* — киноя аз дамидани сабза дар рӯи замин.
*Ҳулӣ (ҳулья)* — забузинат, зевар, ороиш.
*Ҳуққа* — сандуқча, қуттӣ.

## Ҷ

*Ҷабарут* — бузургӣ, азамат.
*Ҷабҳа* — тараф, муқобил.
*Ҷазъ* — мӯҳраи сафеду сиёҳи Яманӣ, ки ишора аз сафедиву сиёҳии чашм аст.
*Ҷарра* — номи навои мусиқӣ.
*Ҷаҳулӣ* — ҷоҳилӣ, нодонӣ.
*Ҷибоят* — пул, молият, хайриёт.
*Ҷизьят* — боҷу хироҷе, ки аз мардуми ғайри мусулмон рӯёнида мешуд; гизят.
*Ҷимом* — курраасп.
*Ҷиноҳ* — қанот, пар.
*Ҷифа* — мурдор, чизи гандида.
*Ҷубба* — либос, қабо, болопӯш.

## МУНДАРИЧА

### ИҚБОЛНОМА

Ба номи эзид бахшоянда . . . . . . . . . . 25
Ниёиш ба боргоҳи бори таоло . . . . . . . . 26
Дар наъти пайғамбари акрам . . . . . . . . 28
Тоза кардани достон ва ёди дӯстон . . . . . . 30
Дар андоза ҳар коре нигаҳ доштан . . . . . . 31
Дар ситоиши мамдӯҳ . . . . . . . . . 41
Хитоби заминбӯс . . . . . . . . . . 43
Оғози достон . . . . . . . . . . 46
Дар ин ки чаро Искандарро Зулқарнайн гӯянд? . . 48
Достони Искандар бо шубони доно . . . . . 54
Афсонагӯии шӯбон . . . . . . . . . . 58
Афсонаи Аршимедис бо канизаки чинӣ . . . . 60
Афсонаи Морияи Қубтия . . . . . . . . 64
Афсонаи хуросонӣ ва фиреб додани халифа . . . 69
Бозгашти афсона . . . . . . . . . . 73
Афсонаи бенаво ва тавонгарии вай ба толеи писар . 76
Инкор кардани ҳафтод ҳаким сухани хирмисро ва ҳалок шудан . . . . . . . . . . . . . 78
Ағонӣ сохтани Афлотун бар молиши Арасту . . . 86
Ҳикояти ангуштарӣ ва шубон . . . . . . . 88
Аҳволи сукрот бо Искандар . . . . . . . 94
Гуфтори ҳакими Ҳинд бо Искандар . . . . . 98
Хилват сохтани Искандар бо хафт ҳаким . . . . 108
Гуфтори Арасту дар офариниши нахуст . . . . 119
Гуфтори Волис дар офариниши нахуст . . . . 117
Гуфтори Балинос дар офариниши нахуст . . . . 121
Гуфтори Сукрот дар офариниши нахуст . . . . 122
Гуфтори Фарфариус дар офариниши нахуст . . . 123
Гуфтори Ҳирмис дар офариниши нахуст . . . . 124
Гуфтори Афлотун дар офариниши нахуст . . . . 125
Гуфтори Искандар дар офариниши нахуст . . . 126

Гуфтори Ҳаким Низомӣ дар офариниши нахуст . . 127
Расидани Искандар ба пайғамбарӣ . . . . . 129
Хирадномаи Арасту . . . . . . . . . 135
Хирадномаи Афлотун . . . . . . . . . 142
Хирадномаи Суқрот . . . . . . . . . 147
Ҷаҳонгардии Искандар ба даъвии пайғамбарӣ . . 152
Расидани Искандар ба арзи ҷануб ва даҳ сарпарастон . 173
Гузор кардани Искандар дигарбора ба Ҳиндустон . 182
Расидани Искандар ба ҳадди шимол ва бастани садди Яъҷуҷ . . . . . . . . . . 200
Бозгаштани Искандар аз ҳадди шимол ба азми Рум . 211
Васиятномаи Искандар . . . . . . . . 215
Савгандномаи Искандар ба сӯи модар . . . . 221
Расидани номаи Искандар ба модараш . . . . 232
Нолидани Искандарус дар марги падар ва раҳо кардани подшоҳӣ . . . . . . . . . . 234
Анҷомиши рӯзгори Арасту . . . . . . . 237
Анҷомиши рӯзгори Ҳирмис . . . . . . . 239
Анҷомиши рӯзгори Афлотун . . . . . . . 240
Анҷомиши рӯзгори Волис . . . . . . . 241
Анҷомиши рӯзгори Балинос . . . . . . . 242
Анҷомиши рӯзгори Фарфириус . . . . . . 243
Анҷомиши рӯзгори Суқрот . . . . . . . 244
Анҷомиши рӯзгори Низомӣ . . . . . . . 245
Ситоиши малик Изуддин Масъуд ибни Арслон . . 246
Анҷомиши «Иқболнома» . . . . . . . . 249

## МАХЗАН-УЛ-АСРОР

Муноҷоти аввал . . . . . . . . . . 259
Муноҷоти дуюм . . . . . . . . . . 262
Дар наъти расули акрам . . . . . . . 263
Дар меъроҷ . . . . . . . . . . . 265
Наъти аввал . . . . . . . . . . 269
Наъти дуюм . . . . . . . . . . 271
Наъти саввум . . . . . . . . . . 273
Наъти чаҳорум . . . . . . . . . . 274
Дар мадҳи малик Фахруддин Баҳромшоҳ ибни Довуд . 277
Дар хитоби заминбӯс фармояд . . . . . . 279
Дар мақом ва мартабати ин нома . . . . . 281
Гуфтор дар фазилати сухан . . . . . . . 283
Бартарии сухан манзум аз мансур . . . . . 285

Дар тавсифи шаб ва шинохтани дил . . . . . . 289
Хилвати аввал дар парвариши дил . . . . . . . . 294
Самараи хилвати аввал . . . . . . . . . . . . 299
Хилвати дуюм дар ишрати шабона . . . . . . . 301
Самараи хилвати дуюм . . . . . . . . . . . . 304
Мақолати аввал дар офариниши одам . . . . . 307
Достони подшоҳи навмед ва омурзиш ёфтани ӯ . . 311
Мақолати дуюм дар андарзи шоҳ ва муҳофизати адл 313
Ҳикояти Нӯшарвон бо вазири худ . . . . . . . 315
Мақолати саввум дар ҳаводиси олам . . . . . . 318
Ҳикояти Сулаймон бо деҳқон . . . . . . . . . . 321
Мақолати чаҳорум дар ҳусни риояти шоҳ бо раият . 323
Достони Пиразан бо Султон Санҷар . . . . . . . 324
Мақолати панҷум дар васфи пирӣ . . . . . . . . 326
Достони пири хиштзан . . . . . . . . . . . . 329
Мақолати шашум дар эътибори мавҷудот . . . . . 331
Достони сагу сайёд ва рӯбоҳ . . . . . . . . . 333
Мақолати ҳафтум дар фазилати одамӣ бар ҳайвонот . 336
Достони Фаредун бо оҳу . . . . . . . . . . . 338
Мақолати ҳаштум дар баёни офариниш . . . . . 340
Достони мевафурӯш ва рӯбоҳ . . . . . . . . . 343
Мақолати нуҳум дар тарки шууноти дуньявӣ . . . 344
Достони зоҳиди тавашикан . . . . . . . . . . 347
Мақолати даҳум дар намудори охируззамон . . . 348
Достони Исо . . . . . . . . . . . . . . . . 351
Мақолати ёздаҳум дар бевафоии дуньё . . . . . 352
Достони мӯбади соҳибназар . . . . . . . . . . 354
Мақолати дувоздаҳум дар видои манзили хок . . 356
Достони ду ҳакими мутанозеъ . . . . . . . . . 358
Мақолати сездаҳум дар накӯҳиши ҷаҳон . . . . 360
Достони ҳоҷӣ ва сӯфӣ . . . . . . . . . . . . 362
Мақолати чаҳордаҳум дар накӯҳиши ғафлат . . . 365
Достони подшоҳи золим бо марди ростгӯй . . . 367
Мақолати понздаҳум дар накӯҳиши рашкбарон . . 369
Достони маликзодаи ҷавон бо душманони пир . . 372
Мақолати шонздаҳум дар чобукравӣ . . . . . . 373
Достони кӯдаки маҷрӯҳ . . . . . . . . . . . . 376
Мақолати ҳафтдаҳум дар парастишу таҷрид . . . 377
Достони пир ва мурид . . . . . . . . . . . . 380
Мақолати ҳаждаҳум дар накӯҳиши дурӯён . . . 381
Достони Ҷамшед бо хосагии маҳрам . . . . . . 382
Мақолати нуздаҳум дар истиқболи охират . . . 385
Достони Ҳорун-ур-рашид бо Ҳаҷҷом . . . . . . 389

Мақолати бистум дар вақоҳати абнои аср . . . . 390
Достони булбул бо боз . . . . . . . . . . . 393
Анҷоми китоб . . . . . . . . . . . . 394

ДЕВОНИ АШЪОР

Ғазалиёт . . . . . . . . . . . . . 398
Қасоид . . . . . . . . . . . . . . 423
Қитъа . . . . . . . . . . . . . . 438
Рубоиёт . . . . . . . . . . . . . . 439

*Низами Ганджави*

Собрание сочинений
в пяти томах. Том V

**КНИГА О СЧАСТЬЕ
СОКРОВИШИЦА ТАЙНЫ
ДИВАН ГАЗЕЛЕЙ**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Қ. Қиром*
Рассом *Р. Азимов, В. Пулатов*
Муҳаррири расмҳо *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳон *М. Алиева, М. Ҳайдарова*

БИ № 341

Ба матбаа 13.12.83 супурда шуд. Ба чопаш 7.09.84 имзо шуд. Формати 70×100 1/32. Қоғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 19,35+0,32 вкл. Ҷузъи рангаи шартӣ 25,46. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 23,03+0,34 вкл. Адади нашр 20000. Супориши № 2220. Нархаш 2 с. 10 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. Душанбе, хиёбони Ленин, 37.